**Мубашшир Акбарзод**

# СУХАН З-ОСМОНҲО ФУРУД ОМАДАСТ

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 Тоҷик 7-4
А – 12

**Муҳаррир**
***Ҳоҷӣ Мурод***

А – 12 **Мубашшир Акбарзод. Сухан з-осмонҳо фуруд омадаст.** Маҷмӯаи мақолаҳо.
– Душанбе, «Адиб», 2008, 288 саҳ.

Маҷмӯа силсилаи мақолаҳоеро дарбар мегирад, ки аз назари дониши мукаммалу дарки аниқи мавзӯот ба таҳрир омадаанд. Дар аксари таълифот бештар масъалаҳое мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки то кунун дар накди адабиёт ба дараҷаи кофӣ арзёбӣ нагардидаанд. Муаллиф то дараҷае кӯшидааст, ки ҳар як нуктаро дар мавриду дар ҷои худаш бигӯяд ва аз зина ба зина овардани таҳрифот хулосаи андешаҳояшро рӯи саҳифа биёрад. Маҷмӯа дастури бакифоятест барои шогирдони мактабҳои миёнаву донишгоҳҳо.

ISBN 978-99947-57-90-9

© Мубашшир Акбарзод, 2008

## ДАР ПАЙИ НИГОҲ ВА ҲАРФИ ХОСА

Маро ҳар номи тозае дар адабиёт хушҳол месозад ва махсусан дар нақди адабӣ, зеро дар солҳои охир пардохти моддии заҳмати адабӣ ночиз шуд ва танқид, ки нисбат ба ҳамаи навъҳои адабӣ ба таъмини моддӣ бисёртар эҳтиёҷ дорад, бе ин пуштвона наздик ба нобудӣ расид. Ман танқиди асил, илмӣ ва холисонаро дар назар дорам, на ба ном тақризу мақолаеро, ки бо ғаразҳои гуногуни ғайриадабӣ навишта шуда, аҳамиятеро барои адабиёту нақди адабӣ доро нестанд. Аз ин рӯ ин номи тоза – Мубашшир Акбарзод, ки тайи чаҳор-панҷ соли охир бо тақризу мақолаҳои худ ба чашм мерасад, боиси хушнудӣ ва умедвории ман аст, ки шояд соҳиби ин ном, соҳибқалами нисбатан ҷавонсол дар ин ҷодаи пурмашаққат раҳнаварди собитқадам бошад, зеро аз қадамҳои аввалинаш пайдост, ки ӯ сифати асосии мунаққиди адабӣ – чашми шинохти асари ҳунарро дорад, яъне завқи салим дошта, аз фан ва ҳунари шеър ба хубӣ огоҳ аст, шеъри асилро аз қалбу дурӯғин тамиз дода метавонад. Аммо дафъатан бояд бигӯям, ки барои барор ёфтан дар танқиди адабии муосир фақат бо завқи салим, донистани фан ва ҳунари шеър иктифо кардан ҳаргиз басанда нест, зеро танқиди замони нав ба иборат танҳо завқӣ, ҳунарӣ ё фаннӣ набуда, аз дастовардҳои илмҳои дигар, аз ҷумла ҷомиашиносӣ, равоншиносӣ, зебоишиносӣ, таърих, фалсафа, табиатшиносӣ истифода карда, на танҳо заминаҳои пайдоиши асари бадеӣ, балки муҳити такомули эҷодкори онро дар назар дошта, риштаҳои пайванди ононро бо дирӯзу имрӯзу фардо муайян менамояд.

Ин ҳоло савияест, ки танқиди адабӣ дар намунаҳои худ дар Урупо ва Осиё ба он даст ёфтааст, танқиди адабии тоҷикӣ ва ҳамчунин кишварҳои ҳамфарҳанги мо Эрону

Афғонистон низ ба ин поя расида, донишмандони мо зарурати ҳамин гуна баррасии илмии ҳамаҷонибаи эҷоди бадеиро тақозо ва пайгирӣ мекунанд. Аммо аз касе, ки барои мунаққиди адабӣ шудан камар бастаасту фазилатҳои аввалияро надорад, дуюмиро талаб кардан бефоида аст, зеро шинохт ки аз асари бадеӣ солим набошад, баррасӣ низ ҳамон гуна ноқис ва беморгуна хоҳад буд.Вале мо дар айни ҳол бо ҷавоне рӯбарӯем, ки фазилатҳои аввалияро ба дараҷаи қонеъкунанда дар бар дорад – ҳунарро шинохтааст, илми арӯз ва қофияро медонад, ки мутаассифона, на танҳо баъзе шоирон, ҳатто мунаққидони шеър онҳоро фаро нагирифтаанд, ҳол он ки бе донистани онҳо ба таҳқиқи шеър пардохтан корест, ки масали наҷҷорӣ кардани бӯзинаро ба хотир меорад.

Ба ман дар навиштаҳои Мубашшир Акбарзод он чиз хуш меояд, ки ӯ ҳангоми баррасиҳояш, чи аз шоирони баркамол, аз ҷумла Бозор Собир, Алимуҳаммад Муродӣ ва чи аз ҷавонтарҳо Суруш, Салими Зарафшонфар, Адиба, Озар, Мухлиса ва дигарон бозёфтҳои шоиронаи онҳоро, ки дар тасвир, сохтани ташбеҳу истиораи зебо, иҳоми дилнишин ҷой доранд, нишон дода, маҳорати суварнигорӣ, маъниофаринӣ, асолати сухан ва услубро таъкид намуда, аз нуқсҳои фаннии ашъори онҳо, ки аксаран аз хатоҳои вазну қофия, таносуби сухан иборатанд, сарфи назар намекунад. Сабаби нуқсҳо маълуманд – ба хубӣ надонистани илми арӯзу қофия, ки дар асоси хатти ниёкон, форсии имрӯза сохта шудааст ва баъзе шоирони мо, ки бар ин хат тасаллути комил надоранд, ба иштибоҳ роҳ медиҳанд. Барои ман дар баробари ангушт гузоридан ба ин нуқсон нишон додани бозёфтҳо муҳимтар аст, зеро завқи салимро тарбият медиҳад, вале танҳо нишон додан басанда нест, сари онҳо муфассалтар мулоҳиза бояд ронд, онҳоро дар ҷараёни шеъри имрӯз дид ва ба ҷамъбастҳои фарох бояд расид.

Акнун ман мехоҳам, ки Мубашшир Акбарзод бар замми он донишҳои завқӣ, ҳунарӣ ва фаннии андӯхтааш, ки заминаи таҳқиқи ҳунарии ӯро фароҳам хоҳанд овард, нигоҳи илмии ҳамаҷонибаро, ки болотар зикр кардам, дар худ пар-

вариш ва густариш диҳад, то он ки на фақат ба муайян намудани омилҳои иҷтимоӣ ва ҳунарии эҷоди асари бадеӣ, пешина ва пайомадҳо, мавқеи он дар ҳаёти адабӣ ноил гардад, балки дар баробари ин аз худ чеҳраи мунаққидеро аён намояд, ки ба масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир аз дидгоҳи нақди адабӣ менигарад ва баррасӣ менамояд. Ба ин тариқ на танҳо хусусиятҳои баргузидаи асари бадеӣ ва эҷодкори он падидор мегарданд, балки чеҳраи худи мунаққид ҳам ҳамчун шахсияти эҷодӣ равшану мушаххас ба назар мерасад.

Ман умедворам Мубашшир Акбарзодро дар баробари баррасиҳояш ҳамчун шахсияти баркамоли эҷодӣ бубинам, ки бар ҷаҳони имрӯз, ки ҷаҳони адабӣ ҳам порае аз он аст, нигоҳи хоса ва ҳарфи гуфтании худро дорад.

***Аскар Ҳаким,***
***Шоири халқии Тоҷикистон***

# СУХАНШИНОС НАЙ

Баъди табдили алифбои форсӣ дар ҷумҳурии мо зарурати баргардонидани осори беш аз ҳазорсолаи гузашта ба хатти имрӯзӣ пеш омад. Дар ин самт корҳои зиёде ба анҷом расиданд, ки дар амалӣ шуданашон саҳми суханварон ва шарқшиносон бузург аст. Бо ҳуруфи кирилӣ ба табъ расидани осори устодони бузурги адабиёти форсии тоҷикӣ – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Хайём, Мавлонои Балхӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Соиб, Саййидо, Бедил ва дигарон, ки ташнакомони каломи бадеъро сероб кардаанд, муште аз ин харвор мебошад.

Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои назаррас осори баргардонидашудаи классикони адбиётамон аз камбуду норасоиҳо холӣ нестанд. Дар бораи ин мавзӯъ бисёрҳо навиштаанду гуфтаанд. Аммо ғалатхонии таҳиягарону мураттибони осори гузашта боиси ғалатнависии эшон ба хатти имрӯзӣ шудааст, ки мисолашро метавон қариб дар ҳамаи китобҳои баргардоншуда дарёфт.

Соли 2000-ум дар Хуҷанд китоби муҳаққиқ Камол Ёқубӣ – «Хат каҷ бошаду маъноящ рост, гуфтаанд-ку!» ба табъ расид, ки доир ба дурустию нодурустии намунаҳои ба хатти кунунии тоҷикӣ таҳияшудаи ашъори Шӯхии Хуҷандӣ баҳс мекунад. Муаллиф дар китоби худ аз таҳиягарони ашъори Шӯхӣ хурдагирӣ карда, бар он кӯшидааст, ки саҳву хатоҳои эшонро тасҳеҳ намояд ва шакли дурусти пораҳои шеъриро нишон диҳад. Ҳадафи интиқоди ӯ мақолаҳои адабиётшиносон – А. Насриддинов «Шайдо ва Шӯхӣ», У. Каримов «Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ» ва намунаи ашъори ӯ, ки дар китоби «Гулшани адаб» (ҷ. 5) дарҷ шудааст, мебошад.

Агар Ёқубӣ баъзан пораҳоеро, ки таҳиягарони пешин ғалат сабт кардаанд, ба шакли дуруст оварда бошад, дар

аксар маворид нусхаи дурусти таҳияшударо ба шакли ғалат даровардааст. Мо пиромуни ин намегаштем ва чизе навиштанӣ набудем, чун аз таҳияи намунаи ашъори Шӯхӣ солҳо гузаштааст. Вале ғалатхонию ғалатнависии Ёқубӣ дар навбати худ моро бар он водошт, ки ба ин мавзӯъ бо дидаи таҳқиқ назар афканем. Чун зарурати муқоисаи матни ашъори Шӯхӣ, ки дар китоби Ёқубӣ омадааст, бо нусхаи аслии девони шоир пеш омад, аз нусхаҳои маҳфузи ганҷинаи дастнависҳои Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ ҶТ (таҳти рақамҳои 863 ва 2313) истифода намудем.

Дар ибтидо мехоҳем аз кори хайри Камол Ёқубӣ, яъне ба шакли дуруст даровардани намунаи ашъори Шӯхӣ, ки бо қалами У. Каримов ва таҳиягарони «Гулшани адаб» шакли нодуруст гирифтаанд, ёдовар шавем. Ин амали ӯ шоёни таҳсин аст. Дар поён аввалан шакли нодуруст (аз таҳиягарони пешин) ва баъдан гунаи дурусти мисраъу байтҳоро бо тасҳеҳи Ёқубӣ меорем.

1. Дар боғи даҳр боиси озоркашӣ наям –
   Дар боғи даҳр боиси озори кас наям.
2. Гирдбодам дар биёбони муҳаббат боди шавқ –
   Кард бодам дар биёбони муҳаббат боди шавқ.
3. Парвозгарди асл ба хаёли бутон нагашт –
   Парвоз кард дил, ба хайёли бутон нагашт.
4. Ки асли занҷири бедоди ӯ ҳазор шақ аст –
   Ки дил зи ханҷари бедоди ӯ ҳазор шақ аст.
5. Ғафлат тамомгун маконро гирифтааст.
   Ғафлат тамом кавну маконро гирифтааст.

Ба ҷуз ин Ёқубӣ ба чанд байту мисраъи нусхаҳои пешин эрод гирифтааст. Аммо ба сабаби он ки ҳамагӣ ғалати чопиянд, зикри ҳамаашонро раво надонистем. Мутаносибан меорем, ки дар ин нусхаҳо оина – сина, гӯй – гӯӣ, субҳу – субҳи, гӯӣ – рӯй, бале – вале зикр шудаанд. Ин бешубҳа ғалати чоп аст.

Дар баробари тасҳеҳи намунаҳои ғалат дар навишти худ Ёқубӣ ба ғалатхонию ғалатнависии ашъори Шӯхӣ роҳ на-

медод. Дар натиҷаи муқоисаи навиштаи Ёқубӣ бо нусхаҳои девони Шӯхӣ маълум шуд, ки нуқсони баргардонидаҳои ӯ аз нусхаи У. Каримов ва «Гулшани адаб» бештар аст, ки камтар не. Барои исботи гуфтаҳо аввал назаре меафканем ба намунаҳое, ки дар нусхаҳои таҳияшудаи пешин бехато буданд, аммо Ёқубӣ аз надоштани завқи маънишиносӣ ба онҳо ғалат ворид кардааст. Барои ин дар поён аввал баргардони саҳеҳу пораҳо (аз У. Каримов ва «Гулшани адаб») ва баъд нусхаи таҳрифшудаи онҳоро, ки аз Ёқубист, меорем:

1. Бисоз бо ҷигари ташна чун сароб ин ҷо –
   Бисоз бо ҷигарташна (?) чун сароб ин ҷо.

Дар гунаи дувум вазн хароб шудааст!

2. Мо ба сад селоб сархатти таҳаммул додаем –

Ёқубӣ ин мисраъро ба гунаи зайл оварда, маънӣ ва вазнро хароб кардааст.

   Мо ба сад селоби сархат(?) таҳаммул додаем.

3. Баски дар кӯи муҳаббат бегуноҳам куштааст –
   Баски дар кӯи муҳаббат бепаноҳам гаштааст(?)

4. Хӯрда ин ҷо тешаҳо бар фарқи худ фарҳодҳо.

Ин ҷо Ёқубӣ «тешаҳо»-ро «нешҳо» сабт намудаву маъниро ғалат кардааст.

5. Сайри ин дайри куҳан карда зи маҳ то моҳӣ.

Дар нусхаи Ёқубӣ «моҳӣ» ба шакли «моҳе» омадааст, ки ғалати маҳз аст.

Акнун намунае аз ғалатҳои У. Каримов ва «Гулшани адаб»-ро меорем, ки Ёқубӣ хостааст дурусташон намояд, вале «тасҳеҳ»-и ӯ низ носаҳеҳ ва аз буда, бадтар сурат гирифтааст:

1. Дидем боргоҳ ки бар сар тоҷи шӯълавар –
   Дидем борҳо, ки бар сар тоҷи шӯълавар.

Дар ҳарду нусха вазн халал ёфтааст. Дар гунаи дувум «бар» бояд «ба» хонда шавад, то вазн солим гардад.

2. Фармуд сана алфа миъята арбаъа сабъин –

Фармуд санаи «алфин моатин арбаин сабъин (?!)

Пайдост, ки ҳам таҳиягарони пешин ва ҳам Камол Ёқубӣ аз арӯзи форсӣ ва қонуну қоидаҳои забони арабӣ бегонаанд, вагарна шеъри шоирро ин гуна хор намекарданд. Инак, шакли дурусти ин мисраъро меорем:

Фармуд сана: алфа миат арбаъа сабъин.

3. Тири як таркаш бувад ин ҷумла кофарзодаҳо.

Ёқубӣ агарчи «бувад»-ро ба «буванд» табдил кардааст, аммо «таркаш»-ро «туркаш» хондааст, ки хандаовар аст.

4. Бувад мустоқ таҷаррӣ фиҳаланҳор.

Ёқубӣ «таҷаррӣ»-ро «таҷрӣ» хонда, вазни ин мисраъро дуруст кардааст, аммо «мисдоқ»-ро ҳамоно ғалат, ба шакли «мистоқ» гузоштааст.

5. Хона аз рӯи ту фирдавсинизом аст ин ҷо.

Дар нусхаи Ёқубӣ «фирдавси низом» омадааст, ки низ ғалат аст. Дурусташ «фирдавснизом» аст.

6. Об гаштани эътибори посбониро бубин.

Ёқубӣ ба таври худ ислоҳ кардааст:

Об гаштан эътибори посбониро бубин.

Асли байт ин аст:

То шудам хоки раҳаш, Фағфуру Искандар зи рашк
Об гаштанд, эътибори посбониро бубин.

7. Табларза офтоби ҷаҳонро гирифтааст,
Ҳангоми гармсоз дар ин рӯзгор ку?

Ёқубӣ «ҳангомагармсоз»-ро, ки шакли дурусти калима аст, ба гунаи хандазои «ҳангомаи карамсоз» оварда, вазнро хароб кардааст, ки ин гувоҳи суханношиносии ӯст.

Дар намунаи ашъори Шӯхӣ, ки дар «Гулшани адаб» омадааст, мисраъе ҳаст: «Маҳбус ба зиндони салосил будан». Ёқубӣ аз таъбири шоиронаи «зиндони салосил» «салосил»-ро унвони зиндоне пиндошта, ба таъкид бо ҳарфи калон зикр кардааст, ки ин аз бехабарию ноогаҳии ӯ дарак медиҳад.

Баъди ин ҳама даъвои доноӣ ба ғалаткорӣ роҳ додани Камол Ёқубӣ касро ба андеша мебарад. Дар ҳар саҳифаи китоби ӯ метавон ба чанд ғалат бархӯрд. Инак намунае аз ғалатнависии муаллифи ин китоб пешкаш мешавад, ки аз онҳо дараҷаи донишу фаҳмиши ӯро метавон дарёфт.

Бо сабаби бегонагӣ аз арӯз ва нашинохтани маънӣ мисраъи «Ду чашмам чашмасори хунфишонӣ»-ро ба чунин шакл оварда, вазну маъниро хароб кардааст:

Дар чашмам чашмасори хунфишонӣ.

Мисоли дигар:

Неъмати дунё нахоҳад баҳрагир (?) хони ишқ,
Ҳаст то хуни дил (?) лахти ҷигар алвони ишқ.

Ин ҷо бо нарасидани ду овоз вазни ҳарду мисраъ халал ёфтааст. Шакли дурусташ ин аст:

Неъмати дунё нахоҳад баҳрагири хони ишқ,
Ҳаст то хуни дилу лахти ҷигар алвони ишқ.

Дониши Ёқубӣ он қадр аст, ки ҳарфи шамсиро наметавонад аз қамарӣ бишносад. «Хайрушшуҳадо»-ро «Хайрулшуҳадо» (?) зикр карданаш нишондиҳандаи дараҷаи саводи ӯст. Аз надонистани қоидаҳои арӯзи форсӣ ӯ дар бештарин мавридҳо ба хато меравад. Мисол:

Таърихи вафоти ӯ чунин бувад (?)

«Буд»-ро «бувад» хондани Ёқубӣ, ки навишти форсии ҳарду якест, боиси он шудааст, ки ба вазни шеър халал ворид гардад.

Дар девони Шӯхӣ (2313) моддаи таърихе мавҷуд аст: «Таърихи вафоти ҳазрати эшони Имло, отоҳуллоҳу дараҷата-л-аъло»:

Соли хатми қутб, гӯӣ, буд соли фавти ӯ
Хатми ақтобе аз он рӯ гашта таърихи вафот.

Ёқубӣ қисми арабии ҷумлаи болоро, ки дуоъи хайр аст, ба сабаби ноогоҳӣ исми шахс пиндошта, ба чунин шакли музҳик ва нокомил овардааст: «Таърихи вафоти ҳазрати эшони Имло Отоаллоҳ(?!):

Соли хатми қутб гӯӣ буд соли фавти ӯ,
Хатми иқтибос(?) аз он рӯ гашта таърихи вафот.

Шакли дурусти ибора «хатми ақтоб» аст.

Дар бораи китоби Камол Ёқубӣ гуфтаниҳо зиёданд, аммо бо ин чанд ҷумла матлабро ба поён мебарем, то сухан ба дарозо накашад. Намедонем, ки ҳадафи муаллиф аз навиштани он чист. Агар мақсудаш нишон додани дурустнависии осори гузаштагон ба хатти имрӯзӣ бошад, аз ишораҳо маълум шуд, ки сахт ба иштибоҳ рафтааст ва равшан гардид, ки ӯ марди ин кор нест.Беҳуда нагуфтаанд:

Кори ҳар буз нест хирман кӯфтан,
Гови нар мебояду марди куҳан.

Агар Камол Ёқубӣ даъвои доноӣ дорад, чаро дар навиштааш камсаводии хешро нишон додааст? Ӯ ки ба таҳиягарони осори Шӯхӣ эрод мегирад, чаро худ хато мекунад? Агар ҳадаф ба хонандаи имрӯз пешкаш намудани матни саҳеҳи ашъори Шӯхӣ бошад, чаро худи Ёқубӣ ин корро накардааст?

Ба фикри ин ҷониб, агар ӯ вақтеро ки ба навиштани ин хурданома сарф кардааст, ба таҳияву тадвини матни беғалати осори Шӯхӣ мебахшид, амали савобе мебуд, зеро хонандаи имрӯз тавассути ӯ метавонист ба намунаҳои ашъори шоир ҳам ба таври комил ва ҳам солим ошно гардад. Аммо Ёқубӣ ин бори сангинро худ бардошта натавониста, ба сари дигарон санг заданист, ки ин аз рӯи инсоф нест. зеро ин кор бо матн саҳлу осон нест. Ба таҳияи осори манзуми ниёгонамон, ба андешаи мо, танҳо мутахассисони суханшинос, ки бо илми фасоҳату балоғат, қофияву арӯз ошноии хуб доранду матншиноси комиланд, ҳаққи даст ёзидан доранду бас, зеро ба сабаби надонистани қонуну қоидаи камтарин метавонем худ ба иштибоҳ равем ва хонандаро гумроҳ созем. Аз ин рӯ, дар ин ҷода ба ҳадди имкон эҳтиёткор бояд буд, то касе нагӯяд: «Суханшинос наӣ...»

*2002*

# ШЕЪРИ ДАРДУ ИШҚУ ЗЕБОӢ

## Салими Зарафшонфар, «Сад най фиғон», – Душанбе, нашриёти «Деваштич» – 2003

Салими Зарафшонфарро ҳаводорони шеъри тоҷикӣ солҳост, ки ҳамчун шоири хушзеҳну зебобаён мешиносанд. Аз нахустин гомҳо дар арсаи эҷод ӯ қудрати суханварии худро бо боварӣ ба доварии сухансанҷон намоиш дода буд. Маҷмӯаи нахустини ашъораш бо номи «Хунбаҳо» (1990) аз ҷониби дӯстдорони шеъри ноб гарм пазироӣ ёфт. Перомуни ашъораш, гарчи то имрӯз накди бевоситае дар даст нест, бо боварии том метавон гуфт, ки Салим бо ҳамон дафтари нахустинаш тавонист ҷои худро миёни шоирони боистеъдоди тоҷик пайдо кунад.

Инак, дафтари дувуми ин шоир, ки чанде пеш аз чоп баромад, дар пешорӯи мо қарор дорад. Банда мехоҳам доир ба ҳусну қубҳи шеъри ӯ аз ин маҷмӯа сидқан ибрози андеша кунам. Ин ҷо дар бораи сохтори китоб чизе намегӯям, зеро мақсуд танҳо баҳо додан ба ҳунари шоирии муаллифи он аст.

Шеъри нахустини маҷмӯа худ суханест аз дарду сӯзи шеър, пораест саропо шеър ва моломоли дард. Шоир дар ин шеър аз лабону даҳони маъшуқ ширинӣ металабад, то комаш ширин гардаду битавонад, ки (ба таъбири худаш «шӯрбахту шӯрқисмат» аст) шеъре ширине бигӯяд.

Ҳар қадр бештар ба хондани ин ашъор менишинем, ҳамон қадр ба тасвирҳову маъниҳои тоза рӯбарӯ меоем. Барои исботи ин фикр метавон аз ин дафтар мисолҳои зиёдеро берун овард. Ба таври мисол шоир мегӯяд: кусуфу хусуфи хуршеду моҳ аз дуди оҳи ман аст:

Ҳар **кусуфу хусуф** эҷодест
З-**оҳи** бар меҳру маҳ равонаи ман.

Ё абрҳои парешони домони уфуқро ба шеърҳои парокандаи Рӯдакӣ монанд карданаш хеле дилнишин аст:

Сабт андар сафҳаи уфқ аст **абр**
Пора-пора чун **ҳиҷои Рӯдакӣ**.

Дар шеъри «Барфрез» шоир боридани барфро хеле зебо тасвир карда, аз он ба худ покӣ металабад. Ӯ барфро гарди симини домони фариштаҳо, ки аз Каҳкашон ба зер мерезад, ё аз файзи субҳи босафо медонад, ки мехоҳад чун Хизр ба баракати дасташ рухсораи сайёраро пок созад. Мутаносиб сохтани субҳ бо Хизр ҷолиби таваҷҷӯҳ аст:

... Ё дар фарози Каҳкашон
Шояд малоик дар раҳанд.
В-аз чини доманшон туро
Чун гарди симин метаканд.
Ё Хизри мӯиспеди субҳ
Бинмояд афшонат ба хок,
К-аз файзи дасти ӯ шавад
Рухсораи сайёра пок?

Ин гуна тасвирҳои зебо дар ҳар шеъри ин маҷмӯъа ба назар мерасанд ва ин аз зеҳни дарроку табъи салими Салим хабар медиҳад. То ки ҳарф мустанад бошад, чанд пораро ба гунаи мушт аз харвор пеш меорам. Мехонем:

Он қадар май рехтам
Бар гулӯи сотгин,
Маст гардиду фитод
Аз кафи ман бар замин.

Ин пора худ шеъри мукаммал аст ва дигар эҳтиёҷ ба иловаю изофа надорад; шоир ба қадаҳ он қадр шароб рехтааст, ки бо таъсири он (гӯӣ) қадаҳ маст шуда, аз дасташ афтодааст. Чи ёфти зебо ва бофти шевое!

Шеъри дигари Салим, ки «Маро аз зимситон бистон!» ном дорад, қудрати тасвиргарӣ ва маҳорати суханварии ӯро

хеле равшан намоиш медиҳад. Бо хондани ин шеъри дарднoки ошиқона манзараи зебое пеши чашм ба ҷилва меояд. Дар саропои он сухан аз ишқу зебоии зан аст, ки шоир хеле ҷолиб тасвираш кардааст. Аз ин рӯ, дилгир нест, балки хеле ҳам хонданию хотирмон аст. Банда аз таҳлили ин шеъри нисбатан тӯлонӣ худдорӣ мекунам ва хонданашро ба хонанда ҳавола месозам. Танҳо ба зикри поёни ин шеър иктифо мекунам, ки шоир аз беруни дар хитобан ба маъшуқ мегӯяд:

Дарат бикшо, дарат бикшо,
Маро аз зимситон бистон.
Маро аз зимситон бистону роҳам деҳ
Ба тобистони оғӯшат.

Дар зимистон ба тобистон расидан ё тобистонро дар зимистон пайдо кардан худ шеър аст ва аз тезии зеҳни гӯяндааш гувоҳӣ медиҳад.

Дар шеъри дигар шоири мо бо кӯлбори дил дарюзагари кӯи шоҳдухтарест ва ӯро аз «кохи ғурур» берун хонда, аз ӯ танҳо умеди бӯсаву муҳаббат дорад, зеро чунон ки зикр шуд, кӯлбораш танҳо дил аст ва он дил ҷойгоҳи муҳаббат. Мехонем:

Дарюзгар ҳастам ба кӯят,
Эй шоҳдухти ҳурталъат.
Кашкули дил бигрифта бар даст
Аз раҳматат уммедворам.

Берун шав аз кохи ғурурат,
Эй шоҳдухти ҳурталъат.
В-аз рӯи шавқат,
Баҳри Худо бинмой хайрам
Як каф муҳаббат,
Як танга бӯса.

Дар шеъри «Нимрӯз» низ муаллиф бо сеҳри қалам тасвири зебоеро пеши назари хонанда ба ҷилва меорад. Ӯ

нимрӯзии деҳро бо тамоми ҷузъиёташ ба қалам дода, шеърро бо ин банди зебо ба поён мебаранд:

Таҳи яккабеде
Ғанаб рафта яксон
Ғарамҳои беда
Мисоли ғарибон.

Ҳамгунӣ ёфтан миёни ғарами беда ва ҷамъи ғарибоне, ки аз офтоби сӯзони тобистон ба сояи дарахте паноҳ меҷӯянд, худ бозгӯи ҳунари шоирии Салим аст ва баёни зебои ӯ нишони табъи салими ӯст.

Дар шеъри «Кӯҳ» шоир кӯҳро чун пире мебинад, ки ҳамеша ғарқи андеша асту гӯӣ бо ёди ҳодисаи ғамангез арақи сард аз сару рӯяш мерезад. Ҳамаи ташбеҳот дар ин шеър дилангезанд, хосса он ки нигоранда селаи мурғонро, ки сари кӯҳ мепаранду боз ба он бармегарданд, ба хаёлоти пири андешаманд монанд мекунад:

Ҳамгуни хаёлот бувад сели мурғон,
Гоҳ аз сари ӯ мепараду гоҳ ба сӯяш.
Монандаи пирест ба андешаи худ ғарқ,
Хуршеди пагоҳӣ бизанад панҷа ба мӯяш.
Пиндорӣ, ки аз ҳодисаи таҳлукаборе
Ёд ораду резад арақи сард зи рӯяш.

Ҷавҳари асосии ашъори Салим,ки дар ин маҷмӯъа гирд омадаанд, дард, дарди ишқ, дарди меҳану ҳаммеҳанон аст. Шеърҳои зиёде, ки ӯ аз сари дард дар сӯги қурбониён ва харобаҳои ин марзу бум гуфтааст, тақвияти ин фикранд. Метавон гуфт, ки ин дард ҳамеша ҳамнишини шоир будааст. Аз он ки (чанд соли охир)чашми ӯ ба дидани қабрҳо одат кардааст, ҷамъи абрҳои осмонро ҳам чун қабрҳо мебинад:

Пушта-пушта пушту пеш
Хуфта сокин абрҳо
Тираву андӯҳбор
Ҳамчуноне қабрҳо.

Ба ин монанд дар чанд шеъри дигар низ ӯ аз дард сухан мегӯяд:

Гаҳ хоксифат шинам дар зовияи ғамҳо
Гаҳ бодсифат гардам дар бодияи ғамҳо.
Бахшанд гарам шодӣ, чун байни ду соҳил рӯд,
Ҳамвора бувад он ҳам дар ҳошияи ғамҳо.

Яъне шоир ҳеч гоҳ наметавонад аз чанги ғам раҳо гардад. Ин аст, ки ӯ бо ҷони ранҷур, ғамҳои худро, ки ҳатто шабона ҳам оромаш намегузоранд, бо баҳонаи он ки нимашаб асту ҳама дар хобанд, ба дунёи хоб «раҳнамоӣ» мекунад:

Нимашаб. Кӯдакон ҳама хобанд,
Бехабар аз замон ҳама хобанд.
Низ хобед, аллаё, охир,
То ки хобад замонаке шоир,
Эй ғамон – кӯдакони ман, алла...

Дар силсилаи «Қаламсайре перомуни «Шоҳнома» шоир аз фарри ориёӣ, аз ситоиши Ҳакими Тӯсӣ, Рустами Дастон, Зардушт ва накӯҳиши Маҳмуд ғамрезаҳову ёдномаҳое манзум кардааст, ки саропо рӯҳи ватанхоҳиву тафаккури миллӣ доранд. Ин қисмат низ хеле ҷолибу хонданист ва барои кӯтоҳ кардани риштаи сухан аз тавзеҳаш худдорӣ мекунам ва дубора ба баррасии ҳунари шоирии Салим бармегардам.

Бешубҳа, яке аз унсурҳои асосии шеър (ё умуман каломи мавзун) назди суханвар таносуби калом аст. Бо боварӣ метавон гуфт, ки ин дарахт низ дар замини андешаву баёни Салим солиму побарҷост. Аз ин ҷинс дукони шеъри ӯ музайян аст ва банда танҳо бо намунае аз он иктифо меварзам:

**Фарш** пазмони **қадаммониш** монд,
**Арш** пазмони **навои** Рӯдакӣ

Хусусияти дигаре, ки анқариб дар ҳамаи ашъори шоир ба назар мерасад, ҳамнишинию ҳамовозии каламот ё ҷузъе аз ин каламот аст:

**Лотариқат** ҳама **тариқатҳост,**
**Ноҳақиқат** ҳама **ҳақиқатҳост.**

Ва дигар:

**Бурд бурди** мо нашуд аз **бурдбориҳои** мо,
**Бохт ёри** мо шуда аз **«бахтёриҳо»**-и мо.
Хешро гум карда мо дар пахтазору ёфта
**Серхориҳо** касон аз **серкориҳои** мо.
Хорҳо аз пои худ накшидаему гаштааст
Хоки пое **гулнигор** аз **гулнисориҳои** мо...

Метавон гуфт, ки ин ҷиҳат оҳангнокии шеъри ӯро афзудаву гӯшнавозтар кардааст.

Бетардид, Салим донандаи хуби авзони шеъри форсист. Вале бо вуҷуди ин, дар порае аз шеъри ӯ нақси вазн эҳсос мешавад:

Аз он баландиҳои дастнорас,
Аз он баландиҳои пойнорас
Маро ба сӯи хештан бихон,
Маро ба пастиҳои нотавониям намон.

Агар ба калимаҳои «дастнорас»-у «пойнорас» анҷоми «ат»-ро бипайвандем, вазн комил хоҳад шуд вагарна он дар қолаби маъмулие намегунҷад.

Дар ду мисраъи зер, ки аз ду байтанд, кофия риоя нашудааст:

... Шеъри сафеди олӣ,
... Пайғоми илҳоми кӣ?

Норасоии дигаре, ки баъзан дар шеъри Салим эҳсос мешавад, ба назар нагирифтани шакли дурусти навишти ка-

лима аст. Бо талаби вазни шеър «тило»-ро «тилло», «мижа»-ро «мижжа», «бардоштан»-ро «бибардоштан» ба қалам доданаш мувофиқи ҳунару мақоми шоирии ӯ нест.

Инак, он мисолҳо:

Рӯҳи Суғд аст ӯ, ки резад то абад
Ашки **тиллогун** барои Рӯдакӣ.

* * *

На дӯшбори **мижжаи** шуои офтоб
Бувад ғубору гарди хокдон, парии ман.

Ё

Чи сон метавонад
чунин як ароба
**бибардоштан** ҷуссаеро
бад-ин вазъу ин вазн?.

Махсусан, калимаи «субҳгоҳ»-ро бо тақозои вазни шеър ба шакли «субҳонгоҳ» (?!) овардани шоир ҷои андеша дорад:

Шед ҳар **субҳонгаҳ** аст
Раҳнавард аз ин фазо.

Ҳамчунин баъзе калимаву таъбиротро дар шакли гуфтугӯияшон ба шеър ворид кардани ӯ ҳусни шеърашро халалдор кардааст. Мисол:

Хайёли ман ба **ким-куҷо**
Зи пушти села меравад.

Ва ё «нишинад»-ро ба гунаи «шинад» оварданаш номатлуб аст:

Чунон бар мардумон се маҳ
суруру сур бахшоям,
Ки баъди марги ман се маҳ
ҷаҳон дар сӯги ман **шинад.**

Гузашта аз ин, баъзе байту мисраъҳо ба наср наздиканд, то шеър. Масалан:

Маро дар кӯчаҳо бигзор, **ҷуста**
**Наёбад** қисмати шуми ман имшаб.

Ё:

Вале аз **нуқтаи баҳамрасӣ**
ману турост.

Дар баъзе байту мисраъҳо **и**-и дароз бо талаби вазн тахфиф шудааст, ки инро дар илм «сактаи малеҳ» гӯянд.

Пиндор**ӣ,** ки аз ҳодисаи таҳлукаборе
Ёд ораду резад араќи сард зи рӯяш.

Ва ё:

Бо зарби рақси шод**и**зо
Ғамҳои дилро пахш кун.
Аз он баланд**и**ҳои дастнорас

Бо вуҷуди чунин норасоиҳои ҷузъӣ шеъри Салим дар ҳадди саломат аст. Ӯ хуб медонад, ки дар дунёи шеъру шоирӣ чиро бояд ҷуст ва чиро бояд гуфт. Бо умеди тавфиқи ҳарчи бештари ин шоири борикбину нозукбаён сухани худро бо ин орзуи нек ба поён мерасонам:

Шеър андар дилаш фурӯзон бод,
Шӯълаи вожаҳош сӯзон бод!

*2003*

# ШОИРӢ ҲУНАРМАНДИСТ

Чанде пеш маҷмӯаи нави ашъори Адиба бо номи «Ҳиҷрони офтоб» ба дастам афтод. Баъди он ки ин дафтарро сатр ба сатр хондам, андешидам, ки перомуни ҳусну қубҳи он накде холисонаву содиқона рӯи коғаз биёрам.

Адиба шоираи хушзеҳну навҷӯй аст. Анқариб дар ҳар шеъраш мисрае ё байте аз навӣ мужда медиҳад. Ёфти зебову бофти шево ва калимоту таъбирҳои шоирона шеърашро ба назар хубтару назарработар ҷилва медиҳад. Аз чанд мисоле ки дар поён меорем, ин ҳунару истеъдоди ӯ равшантар аён хоҳад шуд. Дар офаридани шеър Адиба бештар ба ботини ашёву ҳодисот назар дорад, то ба зоҳирашон. Ин кор, яъне аз берун воқифи ҳоли дарун будан сода нест ва чашми ботинбинро тақозо дорад. Хушбахтона, шоираи мо аз ин чиз бебаҳра нест ва бо зеҳни дарроки худ метавонад чизеро дарёбад, ки барои дигарон ҳайратовар бошад. Чавҳари асосии бисёре аз ашъори шоираро тасвири зебо дар асоси ташбеҳу истиора ташкил медиҳад.

Инак, мо пораҳои шоиронаи дафтари шеъри Адибаро сафҳа ба сафҳа баррасӣ мекунем. Байтеро мехонем:

Тангаи тиллои шаб резад парешон рӯи рӯд,
Ё ки марҷонаш гусаста моҳтоби симтан.

Ба таъбири шоира силсилаи марҷони моҳ гусастаасту чун тангаҳои тилоӣ ба рӯи рӯд рехтааст. Манзури ӯ ин аст, ки аз нури моҳ соҳати рӯд равшан шуд. Аммо Адиба ин манзараро шоирона тасвир кардааст, ки хеле зебост.

Дар шеъре дорои ёду хотира будани нигоҳ ё чашмро дарёфтани шоира шеърашро дилнишин кардааст:

Ҳасрати ҳуснат нахоҳад рафт аз ёди нигоҳ,
Атласи рангат чунин рангин наояд дар сухан.

Дар ҷои дигар бо гиря гузаштани умрашро ӯ бо диду баёни дилангез тасвир кардааст:

Умри ман дар гиря меҳан дошт,
Чун ниҳоле қад кашидам аз дили нола.

Яъне, хостгоҳу ҷойгоҳи ману умрам нолаву гиря аст. – Умрро, ки худ диданӣ нест, дар меҳанаш (гиря) дидан исботи шоирии Адиба аст.

Чунон ки гуфтем, Адиба бештар ба унсурҳои зеҳнӣ таваҷҷуҳ дорад ва онҳоро бо чашми ҳуш хуб мебинад. Ин қудрати ӯ ӯро аз шоирони ҳамсолаш мумтоз кардааст. Вақте ки «рӯфтан» мегӯем, коре пеши назар меояд. Аммо шабу рӯзро рӯфтани вақт бо дасти насим, ки ин суханвар тасвирашро ба қалам додааст, бешубҳа зебову хотирмон аст:

Шабу рӯзи маро аз кӯчаву аз хона
мерӯбад насими вақт.

Гӯши ҳуши шоира қудрате дорад, ки садои суратро ва он ҳам бедор, бишнавад:

Садои сурати девор бедор...

Чашмони вафову имон ва ба онҳо мил кашиданро танҳо метавон тасаввур кард. Лоиқи таҳсин аст, ки Адиба онро хуб дарёфтааст. Ӯ бо сухани сода нагуфтааст, ки ёри ман вафову имонро аз ёд бурд, балки хеле зебову шуниданӣ баён кардааст, ки

Ва ба чашмони вафову имон
Ёри ман мил кашид.

Ёд (ба ёд овардан)-и маъшуқро ба моҳӣ ва хотираро (мантиқан) ба баҳр монанд кардан ва чашму ашкро ба он мутаносиб сохтани шоира тасаввуршуданиву зебост:

Дар мавҷ-мавҷи хотира моҳии ёди ту
Аз рӯзгори обии чашмам нишона аст.

Дар ҷои дигар маргро ба инсон ва зиндагиро ба тасбеҳ мушобеҳ сохтанаш пазируфтанист:

Рӯзгорам ба кафи марг
чу тасбеҳ буд.

Воқиан чунин аст, ки ҳар рӯзи ҳаёти инсон чун донае аз тасбеҳ аз дасти марг мегузарад.

Дар пораи дигар шоира танҳо дилашро ҳақиқат дониста, ба чароғ ва дигар ҳама ҳастияшро дурӯғин номида, ба хонаи торик монанд кардааст. Ин манзараеро пеши чашм ба ҷилва меорад, яъне хонаи торике, ки чароғ равшанаш мекунад:

Ҳарчи дорам ман, дурӯғин аст,
Як дили бечораам ҳақҳ аст
Чун чароғи хонаи торик...

Дар пораҳои зер мутаносибан ашкро ба чароғ, ишқро ба паранда ва дилро ба лона ташбеҳ кардани шоира қобили таваҷҷуҳ аст:

Шабҳо ба чароғи ашк ҷустам
Чашмони азизу меҳрубонаш.

Ва:

Агарчи ишқи паршикастаам
ба лонаи дилат нарафтааст.
Ҳанӯз ношикастаам.

Номро соҳибчеҳра тасвир кардан ва умеди ба об шустани онро доштани Адиба хотирнишин аст:

Ва чаро об надорад ҳунаре
шустани тирагӣ аз чеҳраи ном?

Шоира мегӯяд: «Об, ки кораш шустану пок кардан аст, чаро наметавонад нангро аз рӯи ном бишӯяд».

Дар байте ошиқона ӯ аз маҳбуби худ илтиҷо мекунад, ки ғамҳои ӯро аз ёдаш бибарад. Дар ин ҷо ҳам бо зеҳни шоирона бодро соҳибдаст ёфта, мехоҳад андӯҳашро рӯи дасто-

ни он бигузорад. Боду андӯҳ агарчи унсурҳои зеҳниянд, шоира тавонистааст онҳоро дар сурате диданӣ пеши назари хонанда ҷилвагар созад.

Чунин ёфту баёни зебо қобили таҳсин аст. Инак, он байт:

Бо лабат пайванд, ҷоно, ҷони ширини маро,
Рӯи дасти бод мон андӯҳи дерини маро.

Ба таъбири Адиба тирагии бахти ӯ чандон аст, ки метавонад офтобро дар дили худ пинҳон кунад. Вале ӯ аз ин намеандешад ва ҳамзамон «шафақдидоре»-ро баҳри мунаввар доштани рӯҳаш мехонад:

Офтобе гум шавад дар тирагии бахти мо,
Эй шафақдидор, дар айвони ҷони мо биё.

Ин чиз манзараи ба айвони хона равшанӣ андохтани хуршедро пеши чашм меорад. Ин ҷо ду чизи муқобили ҳамдигар – равшанию торикиро метавон эҳсос кард.

Табдили имрӯз ба фардо коре ғайриихтиёри инсонҳост. Вале шоира онро тарзе байн кардааст, ки гӯӣ фардо ранге хубтару дилкаштар дорад магар, ки мардум «бо шавқ» ба сӯяш мешитобанд. Сабаби табодули имрӯзу фардоро чунин дарёфтани ӯ хеле аҷиб аст:

Ба пушти парда, эй фардо, чӣ рангу сурате дорӣ,
Ки халқе ҷониби кӯи ту бо шавқу шитоб оянд?

Дар ҷои дигар ба ин маънӣ мегӯяд: «Агарчи ману ту рӯзгори хуш доштему имрӯз аз ҳам ҷудоем, нақши ман аз лавҳи хотират зудуда нахоҳад шуд»:

Ман, ки аз зиндагии сабзи ту хориҷ шудаам,
Чамани хотираат ёд кунад аз қадамам.

Ин ҷо хотираро, ки рангоранг аст, ба чаман монанд кардани шоира шеърашро зеботар кардааст. Аммо агар ба ҷои «ман, ки» – «гарчи» гуфта мешуд, қуввати таносуби калому баён бештар мегашт.

Нолаву дардро бо чашми сар наметавон дид. Аммо вақте ки Адиба «Ноларо дар кӯчаҳои дард саргардон макун» мегӯяд, гарчи оҳанги инкор дорад, пеши назар касе меояд, ки дар кӯчаҳо овора аст.

Чунон ки дидем, чунин тасвиру таъбирҳои зебои шоирона дар ашъори Адиба зиёданд. Ӯ ҳангоми эҷоди шеър пайваста бо монанд кардани чизе ба чизе таъбирҳои дилнишине чун **моҳии ёд, чароғи ашк, чеҳраи ном, лонаи дил, дасти бод, айвони ҷон, чамани хотира**-ро ба кор бурдааст, ки ҳама ангезае доранд.

Аммо бо ин ҳама хубӣ шеъри Адиба нуқсону норасоҳое низ дорад, ки наметавон онҳоро нодида гирифт. Нахустин ноҳамворие, ки дар баъзе аз ашъори шоира ба назар мерасад, нақси вазни шеър аст. Дар чанд шеъри ӯ дувазнӣ ба назар мерасад, ба мисли шеърҳои «Ба ёди Маҳастӣ», «Эй фариштаи нокомӣ». Иллаташ ин аст, ки ҳарду вазн ба якдигар хеле наздиканд. Аз ин рӯ, гӯянда натавонистааст аз аввал то ба охир мувозанатро нигоҳ дорад. Ин гуна норасоии вазн дар ғазали сафҳаи 82, ғазали сафҳаи 99 ва чанд ҷои дигар мушоҳида мешавад.

Ба гумони ин ҷониб яке аз сабабҳои вайронии вазни баъзе аз шеърҳои Адиба риоя накардани қолаби калимаҳост. Дар мисолҳои зер ӯ вожаҳои **асотир, мечинад, қил, Азроил, сандуқ, уқёнус, Маҷнун, берун**-ро, ки бо «и» ва «у»-и дароз навиштаву хонда мешаванд, ба шакли кӯтоҳ овардааст, ки ин боиси харобии вазн гаштааст:

Эй омада аз асот**и**ри пидром.

* * *

Ва соат суратамро меч**и**над аз рӯи оина.

* * *

Вой аз ин ҳоли забун, вой зи қолу қ**и**ли мо.

* * *

Азро**и**ли ман фақат ҳамин дил.

* * *

Лек дар санд**у**қи ман гуҳари ишқ набуд.

* * *

Боз дар чеҳраи оина равон
Мавҷи уқён**у**си ожанги ман аст.

* * *

Маҷн**у**не дигар намеояд, ало Лайло.

* * *

Офтоб аз ҳарами торикӣ
Бер**у**н омад, ҳама ҷо равшан шуд.

Дар баробари ин дар баъзе калимаҳое, ки дар мисолҳои зер ишора мешаванд, садонокҳои кӯтоҳро бояд дароз хонд, то вазн дуруст ояд, аммо ин чиз хилофи қоида аст:

Тарҷ**у**маи тирабахтии ман...

* * *

Ман зи айвони баланди б**и**но
Ба сари кӯча нигаҳ мекорам.

* * *

Ҳалқаи хуршеди дилро тӯҳфаи б**е**ҳин барад.

* * *

... Баъдҳо **и**нони чашми ман ба хоб.

* * *

Назди тур**у**шрӯе қимат маро чу каҳ шуд.

* * *

Дили ор**и**фхӯяшро вафои ишқ нозир шуд.

Гузашта аз ин калимаи «шавҳар»-ро ба шакли «шуҳар» (бо у-и кӯтоҳ) овардани шоира қолабшикании норавое беш нест:

Ва зане хок ба чашмони вафои **шуҳараш** мепошид.

Ғалати дигаре, ки баъзан дар шеъри Адиба эҳсос мешавад, махсуси қофия аст. Калимаҳои «рафта»-ро бо «шикаста» (с. 20) ва «дошт»-ро бо «надошт» (с. 28) ҳамқофия карданаш ҷои андеша дорад. Навъи дигари қофияи ғалат, ки дар ашъори шоира ба назар мерасад, риоя накардани тарзи навишти калимаҳои ҳамқофия аст, ки бо ҳарфҳои гуногун (дар хатти форсӣ) анҷом меёбанд. Аз ин даст калимаҳои **ҳаёту нишот, абасу ҳавас, никоҳу нигоҳ**-ро, ки Адиба ҳамқофия сохтааст, метавон намунаи равшани ин ғалат донист. Иштибоҳи дигари шоира дар қофиябандӣ аз он иборат аст, ки баъзан аз ҳарфи «ъайн» (ъ) дар охири калима сарфи назар кардааст. Калимаҳои «ӯ»-ро бо «тулӯъ» ва «накӯӣ»-ро бо «тулӯъе» ҳамқофия кардани ӯ ғалати маҳз аст:

... Эй ёр, эй ҳаёти пур аз абри ҳаҷри ӯ...
Эй офтоби ман, ба ту хоҳам тулӯ, тулӯ.

* * *

... Ҳар зарраву тори ту накӯӣ буд...
Ҳар лаҳза барои ту тулӯе буд.

Бар замми ин дар мисоли нахустин «тулӯ»-и аввал securelyвазнро хароб кардааст. Ғалати дигар ҳиҷоҳои дарозро бо якунимҳиҷоҳо ҳамқофия сохтани Адиба аст, дар ҳоле ки онҳо ҳамвазн нестанд. Инро дар мисоли ҳамқофия ба қалам додани калимаҳои «асил» бо «дил»-у «маҳмил»... ва «дилгир» бо «хотир»-у «ҳозир»-у «нозир» метавон мушоҳида кард. Чизи дигаре, ки шеъри Адибаро сактадор мекунад, боз ҳам ба назар нагирифтани ҳарфи «ъайн» (ъ) ҳангоми ба ҳам пайвастани калимаҳост:

Маро аз навбаҳор **а**три нафиси ёсуман бояд...

Ё:

Манам **и**шқи комили ту ба умеди он дили ту...

Мувофиқи қоидаи арӯз аз мисолҳои мазкур калимаи «навбаҳор» бо «атр» ва «манам» бо «ишқ» бояд якҷо хонда шавад. Аммо ҳарфи «ъайн», ки дар ибтидои калимаҳои «атр»-у «ишқ» қарор дорад, садди ин роҳ мешавад.

Дар ҷо-ҷое вазни шеър талаб кардааст, ки Адиба дар миёни мисраъ «ва»-ро истифода намояд, чун дар ин маврид наметавон «у»-ро ба кор бурд. Аммо ин кори норавост ва ҷуз фасоҳатшиканӣ дар шеър чизи дигаре нест. Мисол:

... Хазон бинад нишоти ман ва оташ ҷони каҳ ёбад.

Нуқсони дигари баъзе аз ашъори шоира номутаносибии калом, дурии мантиқии мисраъҳо, номафҳумии андеша ва нотамомии фикр аст. Аз ҷамъи ин намунаҳо якеро пеш меорем:

Дар дили торики худ хуршедро мехон саҳар,
Аз булӯри ашк кохи ишқро бунёд кун.

Мисраи якум фаҳмост. Аммо аз ашк қаср сохтан мантиқан ғалат аст, зеро он (ашк) агар баҳр ҳам шавад, наметавонад ба боло қад кашад, агарчи ашкро ба булӯр монанд кардани шоира ситуданист. Баъзан истифодаи бемавқеи каламот маънии шеъри Адибаро торик кардааст:

... Оҳи саҳарпазирам аз тирагии саҳоби ту.

Маълум нашуд, ки «оҳи саҳарпазир» чи гуна оҳест.

Бо ин чанд мисол ки оварда шуд, аз нақли нақси шеъри Адиба худро ба канор мегирем. Метавон гуфт, ки ин суханвар бинишу ковиши хосси худро дорост ва умед аст, ки дарояндаи наздик бо бартараф кардани нуқсонҳое, ки дар шеъраш ҷой доранд, ба ҷойгоҳе ки дархури табъи шоирияш аст, хоҳад расид.

*2004*

## ҚАЛАМИ САБЗИ БАҲОР

Перомуни ҳусну қубҳи ашъори шоирони ҷавони мо ва дараҷаи ҳунару маҳорати онҳо, суханшиносону маънишиносон андешаҳои худро баён кардаанд. Дар ин самт хостем доир ба ашъори се тан аз шоирони ҷавони имрӯз, ки дар ҳавзаи адабии Хуҷанд фаъолият доранд, чанд сухан рӯи коғаз биёрем. Инҳо Мухлиса, Тило ва Гулноз мебошанд, ки ашъорашон дар маҷмӯаи дастҷамъӣ ба табъ расидааст.

Ашъори Мухлиса, зери унвони «Чакомаи борон» аз чанд шеъри сафед, чаҳорпора ва ғазал гирд омадааст. Шеърҳои нимоияш бештар оҳанги Сипеҳрӣ, чаҳорпораҳо таъсири Фурӯғ ва ғазалҳо бӯи ғазали гузаштаву имрӯз доранд. Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки шоира сухани худашро ҳамеша дар қолаби дигарон мегӯяд.

Дар шеъри «Рисолат» субҳ (гӯянда) ба мардумон аз омадани худ мужда медиҳад ва чун касеро мутаваҷҷеҳи худ намеёбад, дубора оҳанги бозгашт мекунад:

Ман дар ин маҳфили бедард чи бегона касам,
Меравам, ҳеҷ намеоям.

Яъне, чун ин қавмро, ки дар торикӣ мезияд, мехоҳад бо анвори худ мунаввар созад ва чун ононро бетафовут дармеёбад, аз кӯшиши худ ноумед мегардад. Шоира, ба қавли худаш, аз табори Офтоб аст.

Дар шеъри «Чашмобачашм» Мухлиса дили худро ба офтобу оина монанд мекунад, ба оинае, ки «бад»-ро наметавонад «бад» бинад.

Дили хуршедии ман
Ба ҷуз оина дигар чизе нест.
Вожаи «бад дидан»
Кайҳост, ки аз барномаи нигоҳи ман
Ихтисор шудааст.

Дар ин шеър шоира худашро, ки «сода» аст, дар муқобили ошиқи «мураккаб»-и худ, ки созгораш нест, қарор медиҳад ва хулоса мекунад, ки ин содаву мураккаб дархури ҳамдигар нестанд:

Қоҳ-қоҳ зад,
Ончуноне ки ман мураккабиро аз ту нахоҳам омӯхт,
Яъне ту ҳеч «ман» нахоҳӣ шуд,
Яъне ман ҳеч гоҳ бар «ту» нахоҳам баргашт.

Дар ин шеър муқобилгузории ман (сода)-у ту (мураккаб) хеле равшану махсус ба назар мерасад. Ибораҳои «коргоҳи дил», «утоқи тафаккур», «варақҳои хаёл» ва чанде дигар шеърро боз ҳам зеботар кардаанд:

Дилам аз коргоҳи дили ту огоҳ аст.
Медонам,
Ту дар утоқи тафаккури худ
Дигарбора маро сохтаӣ.
Ҳамчунон ҳастии хеш ҳарзагиву коғазиву бемаъно.
Дар варақҳои хаёлоти сиёҳат хати полавзи маро
Бо ҳавас мехонӣ.

Вай аз номеҳрубонии ёр гила мекунад, аммо зебо:

Дар маҳфили чашмони ту меҳрубонӣ ҳузур надорад.

Дар шеъри дигар («Суол») ӯ дилашро китоби «Авасто», нигоҳашро хатти меҳӣ, садояшро ҳамзамони Борбад медонад, ки барои замон ноошност.

Дилам китоби Авастост,
Ки ҳарфҳои қадимаш барои мардуми имрӯз
Равону хоно нест.
Нигоҳам аз хати меҳӣ нишонаест,
ки таҳқиқ нахӯрда...
Садои куҳнаам аз маҳфили зебои Борбад ояд.

Аз ин рӯ худро бо ин бӯи ғуруб гумшудае дар миёни ноошноён медонад ва шеърашро чунин ба поён мебарад:

Бигӯ, ки бо ҳама пажмурдагию бӯи ғуруб
Чӣ гуна ҳаққи зистан дорам?

Дар шеърҳои чаҳорпора низ Мухлиса то андозае ба муваффақият даст ёфтааст. Аз мухтассоти ин навъи ашъори шоира яке мукаммал будани сохтори онҳост. Дар онҳо андеша оғоз меёбад, мавриди таҳлил қарор мегирад ва хулоса карда мешавад. Метавон гуфт, ки ҳамаи чаҳорпораҳои шоира мукаммалу мушаххасанд, яъне рӯйдодеро дар шакли комил ба хонанда мерасонанд. Ба таври мисол:

Кош як субҳи ҳумоюноғоз
Ҳалқаи дар бикушоӣ ба салом.
Ҳадя орӣ ба ман аз хандаи гул,
Аз дилам ғам бирабоӣ батамом...

Ибораҳои шоиронае чун «чашми гул», «шабнами ниёз», «ғурури гарми офтоб», «коғази сапеди рӯз», «маҳмили андеша», «себи хуршед», «чашми оина», «рангҳои навмедӣ» таъсири шеъри шоираро боз ҳам бештар кардаанд.

Дар шеъри шоира вожаи «зиндагӣ» ба худи зиндагӣ баробар аст, балки болотар аз он, ки мегӯяд, он аз ҳафт ҳарфу маънӣ иборат аст: Офтоб, Моҳ, Об, Сабза, Ишқ, Ту ва худи Зиндагӣ.

Маро дигар зи ёдҳо садо макун,
Ки ман зи ёд рафтаам:
Зи ёди Офтобу Моҳ,
Зи ёди Обу Сабзаву зи ёди Ишқ,
Зи ёди Ту,
Зи ёди ҳар чи номи ӯст Зиндагӣ.

Агарчи Мухлиса ҳанӯз дар оғози роҳи шоирӣ қарор дорад, аксари шеърҳояш хонданию хотирнишинанд. Дар ин самт ғазалҳояшро низ метавон ёдовар шуд. Дар аксари ашъори шоира, аз ҷумла дар ғазалҳояш сухан олудаи дарду

яъс аст. Ӯ бардошти худро аз зиндагӣ, ки ҳама дард аст, ҳасратбор ба қалам медиҳад. Ғазалаш дарднок аст, аммо бо оҳангу шакли худ равону хонданист.

Туӣ, ки ҳастии нурат таҷалии ноз аст,
Биё, биё, ки дил оинаи нигаҳбоз аст.
Биё, қаламрави сабзи баҳор механдад
Ба бебаҳории мову ту ки аз оғоз аст...

Таносуби калом дар шеър чизи асосист. Метавон гуфт, ки ин унсур низ дар шеъри Мухлиса устувор аст ва калимоташ бо ин ё он восита ба ҳамдигар мутаносибанд. Дар мисолҳои зер метавон ба садоқати ин фикр бовар кард.

Муждаи навинам ман ҳастии қадимеро,
Бӯи куҳнагӣ дорад тозаофариниям.

Ё:

Зодрӯзи оҳи кист ҷашни шодмониям,
Фасли шодбори кист шоми ғамқариниям?

Бо ошноӣ ба шеъри ин шоира ба хулоса метавон расид, ки ӯ аз роҳу равиши шоирӣ огоҳ аст. Хуб медонад, ки чӣ бояд гуфт ва чигуна бояд гуфт. Ин аз фазилатҳои шеъри Мухлиса аст.

Тило низ аз ҷавоншоирони ҳанӯз ношинохта аст. Мафҳум ва вазифаи шеърро хуб дарк кардааст ва дар ин кори мушкил пайваста мекӯшад. Саъй бар он дорад, ки дар шеъраш сухани зиёд ҷой надошта бошад. Дар шакл бештар ба шеъри суннатӣ гароиш дорад. Ғазал дар ашъораш нисбат ба дигар анвои шеър бештар аст. Чаҳорпора, шеъри озоду сафед низ мегӯяд. Метавон гуфт, ки тавфиқаш дар ин анвоъ нисбат ба сабки куҳан намоёнтар аст. Мисраъу байт ва таъбирҳои зебову дилнишин дар ашъораш ба назар мерасанд. Ин исботи он аст, ки Тило воқиан шоириро дарёфтааст. Шеъраш равону хонданист.

Дар ғазалҳои Тило мисраъу байтҳои дилнишин кам нестанд:

Дилам он кӯзаи саҳве, ки пур аст аз гили дард,
Асали хандаи ман рӯкаши ин гил бошад.

Ҳикояти куҳанро дар чаҳорчӯби як байт ҷой кардан, дилро ба кӯза, дардро ба гиле, ки андаруни кӯза аст, хандаро ба асал (барои рӯпӯш кардани дард) монанд кардаву таносуби ин калимотро нигоҳ доштанаш гувоҳи шоирии ӯст.

Дар ҷои дигар нози маҳбубаро сабаби беқарории худ медонад ва онро зебо баён мекунад:

Беқарориям бағалпарвардаи нози ту аст,
Бинамат ҳар рӯзу фикри дидани фардо кунам.

Дар байти зер мақоли мардумиро ба риштаи назм кашида, чашми дилро ба Исо ва ҷигарро ба Мӯсо нисбат додааст, ки дилнишин афтодааст:

Ишқ кори чашму дил буду ҷигар хун мекунам,
Ҷурм Исо кардаву ман ҷавр бар Мӯсо кунам.

«Лаб кушодани орзу» ва «ғунча шудани ҳарфи иҷозат» баёни зебову пазируфтанист, ки ҳусни шеъри шоирро афзудааст:

Орзуи бӯсахоҳам лаб кушод,
Дар лабат ҳарфи иҷозат ғунча шуд.

Нуқтаи ҷолибе, ки дар шеъри Тило бештар ба назар мерасад, устувории таносуби калом аст. Дар байти зер дирӯзу фардоро бо ноумедию таманно бе ягон восита мутаносиб овարданаш сазовори таҳсин аст.

Ман, ки дирӯзам, ба фардо чун расам,
Ноумедам, бар таманно чун расам.

Ҳамоҳангии дохилии вожаҳо бо риояти таносуби онҳо тарафи дигари шеъри Тилост. Инро чун намуна аз харвор дар байти зер метавон мушоҳида кард, ки гӯянда дар он ҷомро ба ҷома, улфатро ба кулфат ва мутаносибан, хусравониро бо гадоӣ ба қалам додааст, ки хусусан истифодаи ду вожа дар мисраи аввал бамаврид аст.

Туву ҷоми хусравонӣ, ману ҷомаи гадоӣ,
Туву улфати рақибон, ману кулфати ҷудоӣ.

Тавре ки зикр шуд, ғазали Тило равону хотирмон ва ёфту бофташ зебову шоирона аст. Аз ин даст метавон ғазалеро бо байти зайл овард, ки аз аввал то охир шеър аст.

Хатти сияҳ менавишт муншии девони шаб,
З-он ҳама хун мегирист модари гирёни шаб.

Дар қолаби нав низ бозёфтҳои шоир назаррасанд. Дар шеъре мегӯяд, ки ман шоир будам, вале шеър надоштам... Модарам шоир буд: пухтану дӯхтану меҳрубонию навозишаш шеъре буд. Падарам ҳам шоир буд: ба коғази замин бо қалами каланд шеър менавишт. Ба замин тухми маънӣ мекошт, тухмиҳои шеъраш ҳосил медоданд...

Ман шоир будам,
Вале шеър надоштам.
Коғаз сиёҳ мекардам, вале холӣ буд.
Суханам таносуб надошт,
Вазни арӯз намедонистам.
Акнун шеъри сафед мегӯям,
Яъне боз коғаз сиёҳ мекунам.
Боз ҳамон нақсҳо
Фақат вазнаш саҳеҳ аст,
Чунки надорад.
Модарам шоир буд,
Балки шоири хуб буд,
Пухтанаш шеъре буд зебо,
Дӯхтанаш шеъре буд оливу бехато.

Ва дар охир хулоса мекунад: «Дар хона фақат ман шоир набудам».

Тавре ки дида мешавад, масъалагузорӣ, таҳлил ва хулосаи он ҷолиб афтодааст.

Чаҳорпораи «Орзу» низ яке аз шеърҳои хуби Тилост. Дар он шоир орзуҳояшро ба маҳбуби худ дар либоси шеър

хеле зебо баён кардааст. Интихоби вазни мувофиқ оҳангнокию таъсири шеърро афзудааст. Инак, банде аз он шеърро мехонем:

Эй кош, ки соғари ту бошам,
То гоҳ ба лаб барӣ лабамро.
Эй кош, ки бистари ту бошам,
То бо ту саҳар кунам шабамро.

Тило дар интихоби вазни шеър, ки ба мавзӯъ вобастагӣ дорад, муваффақ аст. Хусусияти дигаре, ки дар ғазалиёташ ба мушоҳида мерасад, бештар дорои радиф будани онҳост. Шоир хуб дарёфтааст, ки радиф ҳусн бар ҳусни ғазал меафзояд, агар калом мутаносибу мантиқӣ бошад. Ҳамзамон ҷои тазаккур ва қобили таассуф аст, ки дар шеъри ӯ ҳам, агарчи кам, норавонию ноҳамвориҳое ба назар мерасанд. Ғалати асосӣ дар қофия мушоҳида мешавад. Калимаи «шеър»-ро бо «тир», «нишот»-ро бо «ҳаёт» (аз назари қофиябандии классикӣ) ҳамқофия сохтанаш норавост.

Ману ту **шеър** надорем, аз чӣ менозем,
Камону **тир** надорем, аз чӣ менозем?

* * *

Ту омадӣ, ҷаҳони ман **нишот** дошт,
Нишоти ӯ нишоне аз **ҳаёт** дошт.

Ҳамчунин «ойин»-ро бо «зомин» ҳамқофия оварданаш дуруст нест:

Ман куҷо дар қайди **ойин** будаам,
Кай ба бахти хеш **зомин** будаам.

Дар ҷои дигар ҳиҷои дувуми калимаи «ширин»-ро кӯтоҳ овардааст, ки номатлубу гӯшхарош садо медиҳад:

Чи баланду пасти дунёву чи талху **ширини** он
Ту биҷӯӣ, эй дил, аз ҳарфу ҳиҷои мӯсафедон.

Дар маҷмӯъ шеъри Тило хубу зебост ва умед аст, ки ӯ минбаъд дар ин майдони ҳунар пайроҳаи худашро меёбад. Ба ин маънӣ ӯро ҷустуҷӯ дар пеш аст.

Сухани Гулноз ҳанӯз берабт аст ва бояд, ки ӯ дар ин ҷодаи мушкилгузар пайваста биёмӯзаду биёмузад. Дар шеъри Гулноз бозёфтҳои ибтидоии вожашиносӣ, масалан, дар шеърҳои «Танҳоии маҳтобӣ», «Баҳор», «Талотуми сукути барфрез» албатта, ба назар мерасанд. Байтҳо, мисраъ ва пораҳое хонданӣ дорад. Масалан:

Қудсиён н-омада буданд ҳанӯз,
То ки ман рушд кунам
Аз ниҳоли тани ту.
(«Оташ»)

Ё

Дуруд, эй шаб,
Дуруд, эй моҳи ҳамқисмат,
Дуруд, эй равзани вогаштаи рӯ сӯи дарёям,
Дуруд, эй оина...
(«Дуруд эй шаб»)

... То ҳанӯзам эй ҳанӯз аз зиндагонӣ бехабар,
Чашми сар бикшодаву чашми дилат накшода буд...
(Ғазали «Чашм»)

Метавон хулоса кард, ки ағлаб мавҳумбаёнӣ ва парокандагуфториҳояш мӯҷиби нохушояндии мисраъҳои мавзуни ӯ шудаанд.

Дар маҷмӯъ, дар шеъри ин се тан аз шоирони ҷавон ҳама чиз – ҳам барору нобарорӣ ва ҳам парвозу пиндорҳои шоирӣ ба чашм мерасанд. Муҳим ин аст, ки онҳо ба маҷрои шеъри имрӯз ворид шуда, барои расидан ба шеъри асил пайваста мекӯшанд. Дар ин ҷода ба онҳо барор мехоҳем.

*2004*

# ШОИРУ ШЕЪРЕ АГАР ҲАСТ...

## Бозор Собир – «Аз “Гули хор” то “Симхор”» (гулчини ашъор). Маскав, 2003, 255 с.

Чандин вақт ният доштам, ки перомуни ашъори яке аз шоирони тавонои имрӯзамон устод Бозор Собир нақде холисона рӯи коғаз биёрам. Инак, баъди чоп шудани китоби навбатии шоир – «Аз «Гули хор» то «Симхор»« ин имкон бароям муҳайё шуд.

Ба ростӣ ин шоир дар роҳи ҷустуҷӯю дарёфти тасвиру маъниҳои тоза яке аз чирадасттаринҳост. Дар миёни шоирони имрӯзи мо кам касеро метавон пайдо кард, ки чунин қудрат дошта бошад. Бозор Собир бешак шоири тавоност.

Камина аз ин китоб намунаҳоеро интихоб кардам, ки метавонанд ҷолиби таваҷҷуҳи хонанда бошанд. Дар ин мақола мехоҳам ҳунари шоирии устод Бозор Собир ва тавоноии ӯро дар офариниши шеър ба қадри тавони худ баррасӣ намоям. Ин ҷо сухан ҳам аз ҳусн ва ҳам аз қубҳи шеъри ин шоир хоҳад буд.

Маҷмӯаи «Аз «Гули хор» то «Симхор» навъе гулчини ашъори ин сароянда аст. Он аз маснавӣ, тарҷеъбанд, ғазал, чаҳорпора, шеъри нимоӣ, сафед ва чанд рубоию ҷуфтбайт мураттаб шудааст. Дар саросари ин ашъор сухан аз дарду ғам аст. Баррасии мавзӯоти ашъори шоир кори дигар аст. Чун имкон маҳдуд аст, инҷониб танҳо дар бораи маҳорату ҳунари шоир ва тавфиқу нокомиҳои ӯ дар ин ҷода мехоҳам ибрози андеша кунам.

Инак, ҳунару истеъдоди ӯро дар асоси мисолҳо як-як ба хонанда вомеамоем.

Бояд гуфт, ки дар шеъри Бозор Собир ташбеҳ, тазод ва дигар санъатҳои бадеӣ ҷои намоён доранд. Таносуби калом ҳамеша риоя мешавад. Дар шеъри «Ғазои Восеъ» шоир на-

хуст аз ҷувозкашии Восеъ ва баъд аз шӯриши ӯ сухан ронда, ин ду амали ӯро хеле ҷолиб ба ҳамдигар мутаносиб месозад. Банди охири шеърро мехонем:

Восеъ дар ин ҷанги васеъ
Дар кундаи тоҷик бибаст
Урдуи манғитро ҷувоз.
Ӯро ҷувози вопасин на аз загир,
На тухми кунҷид будааст,
Ӯро ҷувози вопасин аз тухми манғит будааст.

Дар шеъри дигар дили инсонро ба дарё ва ҷӯшиши онро ба мадду ҷазри дарё монанд мекунад ва ба хулосае ҷолиб меояд:

Синаи мо ҳам чу дарёст,
Мадду ҷазри хешро дорад,
Мехурӯшад, мезанад ҷӯш,
Партоба меандозад аз хеш,
Ҳарчи дар ӯ ҳасту бо ӯ нест,
Ҳарчи дар ӯ ҳасту аз ӯ нест,
Мешавад нест.

Ҷои дигар навбаҳорро ба марҳамбанд монанд кардааст, ки пазируфтанию ситуданист:

Навбаҳор устои марҳамбанд
Бастааст аз махмалак, аз ушна марҳам
Бар тароши тешаву захми табарҳо,
Пои маҷрӯҳи дарахтонро
Баста бо печак...

Шеъри «Кулбаи модар» ёдномаи солҳои баччагии шоир аст. Он яке аз хубтарину зеботарин шеърҳои Бозор Собир аст, ки тасвири зебоеро пеши назар ҷилвагар месозад. Ин шеър саропо моҳирона суруда шуда, маҷмӯи таъбиру тасвирҳои шоиронаро бо худ дорад. Дар ҳар банди он ҳатман чизе монанду мутаносиб афтодааст. Мехонем:

Дар навдаи тути модар овезон
Чун халтаи чакка халтаи маҳтоб.

Ё

Вақте ки сапеда деги гардунро
Чун модари ман ба рег мешӯяд.
Вақте ки сапеда гови гардунро
Чун модари ман пагоҳӣ медӯшад,
Бо шир-шири шир мешавам бедор...

Дар охир шоир ба ёди он рӯзҳои рафта андӯҳи худро чунин рӯи коғаз меорад:

На чак-чаки халтаҳои хобовар,
На шир-шири ширдӯшии модар,
Девори гилеву сояравшанҳо,
Девори дилеву сояравшанҳо.
Дар шохи чанор халтаи маҳтоб,
Аз халтаи сина мечакад зардоб.

Дар ин шеър ба монандию мутаносибии халтаи моҳу халтаи чаккаву халтаи сина бояд мутаваҷҷеҳ шуд, ки хеле зебост.

Бозор Собир бештар шоири тасвиргарост. Ҳамеша мекӯшад, ки бо баёни ҳолати худ тавассути чизеро ба чизе монанд кардан ё муқобил гузоштан манзараеро пеши чашми хонанда ба ҷилва орад. Метавон гуфт, ки ин хусусият таъсиру нерӯи шеърашро бештар кардааст. Дар шеъри «Шабеҳа» акси худро дар оина чунин мебинад:

Дурушту дарҳаму барҳам танида дар рӯяш
Ҳазор риштаи шӯрида ғундаи пирӣ.
Ба ҷои чашми сиёҳаш нишаста буд хамӯш
Даруни лонаи чашмаш парандаи пирӣ.

Ва вақте ки аз акси оина таровати чеҳраи худро пурсон мешавад, чунин манзараро мебинад:

Дамид гирди даҳонаш яке ба маззаи заҳр
Гиёҳи печаки зарди табассуми афсӯс.
Миёни хандааш аз дида об сар дода,
Дар оби чашмаи оина ғарқ шуд маҳбус.

Дар шеъри дигар дилашро ба ҷомадони пирзан ва баъдан худро ба тугмаи садо монанд кардааст, ки хеле ҷолиб аст:

Рӯи ба рӯ диламро
Пур кардам аз табу тоб,
Чун ҷомадони кампир
Аз ҷандаи кафанбоб...
Ман тугмаи садоям
Дар пушти ин дари танг,
Ҳар қадр мефишоранд,
Он қадр мезанам занг.

Дар ҷои дигар ҳубоби рӯи обро обилаи об ба қалам додани шоир зебост:

Ин ҷо ҳубоб дар назари ман ҳубоб нест,
Аз печутоб обилаҳо кардааст об.

«Шири бурида» шеъри дарднокест, ки ҳолати духтари фиребхурдаеро таҷассум мекунад. Аммо шоир ин ҳолатро ҳам тавонистааст бо калимаву таъбирҳои зебои шоирона баён кунад:

**Шири андомаш** бурида
Бурда-бурда,
**Тухми чашмаш** хом нӯшида,
**Коғази пешонияш** зард,
Холи рухсораш
Чун магас дар косаи шир,
Ҳар ду абрӯ
Паршикаста чун парасту...

Офтоб аз дасту бозуяш парида,
Дасту бозуяш
Моҳии дар **ҷӯйбори остин** мурда,
**Ҷоми лабҳояш**
Аз **шароби бӯсаҳо** холӣ,
Лаб ба лаб аз заҳри талхи ғуссаҳо пур.

Дар ин ду банд бе адоти ташбеҳ шоир тавонистааст, ки монандии чанд чизро нишон диҳад. Ин нишони ҳунармандии ӯст. Чунин тарзи тасвир дар саропои шеъри «Тасвир» ва чанд шеъри дигар, ки ҳама хотирнишинанд, низ ба назар мерасад:

Шеърҳои ошиқонаи Бозор Собир, ки дар ин маҷмӯа ҷой доранд, низ хонданию дилангезанд. «Гург ва барф»-ро аз ин даст метавон чун намуна ёдовар шуд, ки саропо тасвир аст.

Танаш чун барфи навборидаи субҳи зимистон буд,
Паи дандони ман ҳар ҷо
Сарҳаргоҳон чу нақши пои гургон буд,
Паи ошӯби гургони биёбон буд...

Ҷои тазаккур аст, ки рубоиҳо ва ҷуфтбайтҳои шоир низ намунаҳои хуби интихобӣ доранд. Инак, бе тавзеҳу ташреҳ порае чанд аз ин қисмат ба хонанда пешкаш мешавад, ки бозёфтҳои хуби шоиронаанд:

Аз дастат агар обилаҳо барҷастанд,
Бигзор, ҳубоби обрӯи дастанд.
Аз обилаҳост обрӯмандии даст,
Бигзор, ки дастат обрӯманд шудаст.

(Аммо ба ҷои «бигзор»-и дувум «хуш бош» беҳтар менамояд, ҳам такрор воқеъ намешавад).

Шабкӯраки пашшахори шаббедорам,
Бо болу пари хаёл пар-пар дорам.
**Шабкӯраки шеърам**, аз ҳавои шаби шеър
**Хомӯшаку пашшаи сухан** медорам.

* * *

...Дар **чангали нозу ишваи** мижгонаш
**Сагҳои** шикории **нигоҳи** кӣ давид?

* * *

Шеъри ману шаббодаи Варзоби ту,
Гӯгирди ман аст кирми шабтоби ту.
Шабҳои чануб, чашми ман сер нашуд
Аз **нони** самарқандии **маҳтоби** ту.

* * *

... Аз тарки Ватан, ки даҳ сари сол гузашт,
Даҳ сол **ҳавои чашми** ман соф набуд.

* * *

Аз **оби сухан,** ки мешавад шаршарадор,
Аз **ҷӯи сухан,**ки об дорад бисёр,
Бо **шасти фар**осату ба як **риштаи зеҳн**
**Гулмоҳии шеър** метавон кард шикор.

* * *

... Селоби баҳору оби дарё будам,
Дар **истакани замон** намегунҷидам.

* * *

Барфест ба боми сарам аз мӯи сафед,
Охир чу зимистон шудаам мӯйсафед...

* * *

... Ман ишқу муҳаббати ҷавонии туро
Дар синаи хеш мумиёӣ кардам.

* * *

... Дар ҳар қадаме дар қадами тобистон
Саҳрои **хурӯси лоларо** кушт баҳор.

* * *

... Дирӯз **дарахти шеър** дар пуштам буд,
Имрӯз **асои шеър** дар дасти ман аст.

* * *

Ман хотираҳои куҳнаамро аз сар
Монанди либоси куҳнаам карда бадар,
Покиза дар оби чашмҳоям шуста,
Дар тори хаёл мекашам тозаву тар.

Чунон ки дида шуд, дар шеъри ин шоир таъбирҳои тозаи шоирона бисёранд ва иборасозию тозапардозӣ яке аз ҳунарҳои ӯст.

Яке аз вижагиҳои шеъри Бозор Собир ба ҳам овардани калимаҳои ҳамоҳанг ва такрори зебои сухан аст. Аз намунаҳое, ки оварда мешаванд, метавон дараҷаи суханварии шоирро муайян кард:

Аз сари ман сангсороне гузашт,
Сангборон, тирбороне гузашт.
**Турку тозии** фаровоне гузашт,
**Турктозии** фаровоне гузашт.

* * *

**Зери сарат** ба хоб барам дасти хешро
**Зери сарам** гузорӣ ту ҳам дасти хештан.
**Хобам барад** ба ҷунбиши мавзуни набзи ту,
**Хобат барат** ба ҷунбиши мавзуни набзи ман.

Ин гуна мисолҳо дар маҷмӯаи шоир бисёранд ва агарчи баъзан танҳо суханварии ӯро нишон медиҳанд (на шоирияшро), ҳамоно оҳангнокии шеърашро афзудаанд.

Бо вуҷуди шоири тавонову чирадаст буданаш дар шеъри Бозор Собир чун баъзе шоирони дигари мо сактаҳову ноҳамвориҳо ба назар мерасанд. Нахустин ғалате, ки дар шеъри ин шоир дида мешавад, махсуси қофия аст. Инак, чанд намуна:

...Балки ҳамчун Рӯдакӣ кӯ**р**ам кунанд,
Аз дару дарбор беру**н**ам кунанд.

* * *

... Зери дасташ балки набзи Нӯҳи Сомонӣ **набуд,**
Номураттаб набзи асри хештанро **мешумурд**.

* * *

**Сирри** ӯ дар ин буру**т**аш буд,
**Сеҳри** ӯ дар ин чубу**қ**аш буд.

* * *

Ёд дорам, ин иморат хонакоҳи **кӯҳна** буд**,**
Дина ман даҳсолаву ин хона **чумчуқхона** буд**.**

* * *

Азизи Зулайхо, ки **суф мехарид,**
Даромад ба бозору **Юсуф харид.**

* * *

... Ҳамчу як доругари ҳози**қ,**
Ҳамчу як доругари бобоии тоҷи**к**.

* * *

Сад дарди сил **паймуда** шуд, аз ман нашуд,
аз ман нашуд,
Чашмони дил **пӯшида** шуд, аз ман нашуд,
аз ман нашуд..

* * *

Дар ҳар сари мижгонам
Каҳрезаи Файзобод.
Моҳи лаби ҷарҳояш
Чун кӯзаи Файзобод...

* * *

Навбати чашма**т** расид,
Дар лаби ман на**м** расид...

Ба ин монанд дар шеъри ӯ қофияҳои ғалат бисёранд. Ин ҷониб барои кӯтоҳ шудани сухан боз чанде аз онҳоро бе шоҳид пеш меорам: баланд – хаданг (103), аёл – чӯҷадор (108), ғусса – бӯса (123), бӯса – қисса – коса – майса – ғусса – ҳисса – хоса (124), шир – меҳр (132), рубоӣ – куҷоӣ (143), тобут, борут, бут, намешуд – Масъуд (167), баргардам – мегардам (179), меваҳо – сояҳо (182), мебастанд – бастанд (186), маҷнунбед – бед (192), чапотӣ – тутӣ (198), сиришки ангурии ман – модари ман (199), нопухта – пухта (199), сар – сабр (209), само – самоъ – фано – сиёҳ (212), беҳ – тасбеҳ (217), сабз – набз (220), рӯз – Ромиз (228), дарахт – мерехт (228), диловез – рӯз – овоз (229), таъхир – охир (230), бед – ёд (236), буданд – хӯрданд (237), хун – нохун (241), гулдаста, баста – курта (243)...

Ғалати дигаре, ки дар шеъри Бозор Собир ба назар мерасад, ғалати вазн аст. Аз намунаҳое ки дар поён оварда мешаванд, ин чиз аён мегардад:

Дар ҷавонӣ мӯсафедаш кардаан(**д**) якбора дар як шаб,
Хуб пираш кардаан(**д**) якбора дар як шаб.

* * *

Аз кулӯ(**х**)ҳояш ҳазорон мушт
Душмани дерина дар пушт.

* * *

Устухонҳо ғунча хоҳан(**д**) дод...

* * *

Агар бо чашм дуриро намебинед,
Бо дурбини чашмҳо бинед . (?!)

* * *

Ва ин ёд(**д**)оштро дар ёд бояд дошт...

* * *

Гаштаам бо ҳарду зону гирди оро(**м**)гоҳи Фирдавсӣ.

* * *

Моро ду қадам замин насиб аст, вале
Вақте ки дигар рост намеисте(**м**) мо.

* * *

Эй, бе ту тамоми мо шуде(**м**) мӯйсафед.

* * *

... Гуфтем фаро расидаас(**т**) «Растохез».

Дар мисолҳое, ки оварда шуданд, як ҳарф аз вазн берун аст. Акнун намунаҳоеро меорем, ки шоир дар онҳо баъзе калимаҳоро дароз ё кӯтоҳ хонда, қолабашонро шикастааст. Ин амал низ боиси харобии вазни баъзе аз шеърҳои ӯ шудааст.Инак, мисолҳое, ки дар онҳо калимаҳо тахфиф шуданд:

Ба **и**н ангушт шаш ангушти ман аст.

* * *

Тифли ш**и**рхори маро аз банди пистон кандаанд.

* * *

Лабҳои ту сурханд, вале сабз**и**нарангӣ...

* * *

Аз махд**у**ми муҳандису аз алами нуҷум
Монд оқибат бухории гумгӯру хонагум.

Дар ин байт се иштибоҳ аст, 1. Ҳиҷои дувуми «махдум» бояд дароз талаффуз шавад. 2. Дар калимаи «оқибат» ҳарфи «ъайн», ки бояд ба «дол»-и пеш аз худ бичаспад, ба эътибор гирифта нашудааст. 3. «Нуҷум бо «хонагум» ҳамқофия намешавад, чун ҳиҷои охири яке дароз асту дигаре кӯтоҳ.

Ҳамон корвоне, ки с**у**ф мефурӯхт...

* * *

Ҳамчун сутун тарош**и**даӣ рукни ҷумларо...

* * *

Санд**у**қчаи тилоии ҳарфу ҳиҷо шикаст.

* * *

Т**и**рамоҳам, т**и**рамоҳам, т**и**рамоҳам, т**и**рамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам...

* * *

Ҳарчанд, ки бе бол**и**ну бистар хобӣ,
Дар сояи мижгони санавбар хобӣ.

* * *

Дар навқаламиямон ҳуҷ**у**м мекардем
Чун мӯру малах ба «Шеъри ангур»-и ту.

* * *

То сарҳади Р**у**м Раҳи бирешим аз Чин,
Ҷои дигар аз ҳиммати Юнон будаст.

* * *

Ман бол**и**ни ҳамсарӣ надидам умре,
Дар бол**и**ни ман ҷилди китобам мондаст.

* * *

... Аз маҷм**ӯ**аи навиштаҳоям лекин
Маҷмӯаи нонавиштаҳоям беҳтар...

* * *

Ин тир, ки аз ҳаво расидаст акнун,
Бар толиб**и**н аз қазо расидаст акнун...

* * *

Он бӯи фат**и**рхамири гармаш ба димоғ
Аз кӯдакиям чу бӯи модар будаст.

* * *

... Сӣ сол касе напурс**и**д аз эҷодаш...

* * *

Куштор, ки толибони расво карданд,
Бо танд**и**си шаш ҳазор будо карданд.

Тавре ки аз намунаҳои болоӣ бармеояд, калимаҳои «махдум», «ин», «ширхор», «сабзинаранг», «менамуд», «суф», «тарошидаӣ», «сандуқ», «тирамоҳ», «ҳанӯз», «сабӯс», «ҳуҷум», «Рум», «болин», «маҷмӯа» (дар мисраи аввал) «толибин», «фатирхамир» «напурсид» ва «тандис» дар вазн намегунҷанд.

Ба ҳамин монанд дар шеъри Бозор Собир калимаҳое, ки бо талаби вазн ба тарзи нодуруст дароз хонда шудаанд, мушоҳида мешаванд. Ин чиз низ яке аз омилҳои вайрон шудани вазни шеъри ӯст. Инак, чанд намуна:

Санги кафи мардум агар як шишаи б**и**но шикаст,
Санги ҳукуматро нигар, сад шишаи дилҳо шикаст.

* * *

Хеши ҳамхун карда аз хун то ба нох**у**наш чаканпӯш.

* * *

Ин замон дар говг**у**ми ёди ман бори дигар
Ояти Қуръону кампири Назокатро нигар.

* * *

Хушомадзанон лӯлаболиш ниҳод,
Навозишкунон хону х**ӯ**риш ниҳод.

* * *

Б**у**нафшаи лаби ҷӯ
Бӯи занона дорад.

* * *

Ҳамчун гир**е**ҳи мушти хас**и**с во намешавад
Мушти гир**е**ҳи санг ба нох**у**ни обшор.

Байти зебост, аммо калимаҳои «гиреҳ», «хасис» ва «нохун» сакта доранд. Дигар:

Борон ғами ч**и**лрӯзаро шуст.

* * *

Яке ту қаҳрии ману яке ту бо ман оштӣ,
Яке маро ту зинда кардию яке ту к**у**штӣ.
Яке ба бӯса дар лабам ҳазор лола к**и**штӣ,
Яке маро ту аз биҳишти ишқи худ биҳ**и**штӣ.

* * *

Чашмони ориёна
Чашмони Р**у**хшона

* * *

Зангӯлазанон гузашт борон,
Чоб**у**ку ҷавон гузашт борон.

* * *

Дар Суғд зинда будаст,
Аз м**у**ғ зинда будаст.

* * *

Фидоӣ бе зир**е**ҳу бе кулаҳхӯд.

* * *

Дар пушти дараш ҷуҳуди хо**и**не ҳаст.

Тавре ки дида мешавад, нодуруст истифода бурдани шоир аз қолаби калимаҳо боиси харобии вазни шеъраш шудааст.

Ғалати дигари Бозор Собир ба назар нагирифтани ҳарфи «ъайн» дар оғози калимаҳоест, ки бо талаби вазн ба кали-

маи пеш аз худ пайваста мешаванд. Намунае аз ин гуна ғалатҳо пештар оварда шуд. Инак, чанд мисоли дигар:

Ин дарах**т у**мре намозашро
Дар ҳамин як ҷонамози сояи худ мегузорад.

* * *

Боя**д о**шиқ буд, ошиқ буд...

* * *

Дар сабзаи рӯ гулоб мепошӣ ту,
Дар барги ла**б а**три ноб мепошӣ ту.

Бо ин чанд ҳарфе ки гуфта шуд, наметавон эҷодиёти шоире чун устод Бозор Собирро саропо баррасӣ кард. Масъалаҳои дигар, чун забону тарзи баёни шоир, муқоясаи нусхаҳои таҳриршудаи шеъри ӯ бо нусхаи аввал ва баҳо додан ба онҳо кори оянда аст. Метавон гуфт, ки ноҳамвориҳое, ки дар шеъри ин шоир дида мешаванд, дар шеъри аксари шоирони дирӯзу имрӯзи Тоҷикистон ба назар мерасанд. Вале то шоиру шеъре ҳаст, аз ин нуқсонҳо парҳез кардан амри зарурист.

*2004*

## САҲЛ МАГИРЕД СУХАНОФАРӢ!

### Атахон Сайфуллоев. «Паёми андеша» (достони публисистӣ), «Ҷумҳурият» №8-11, соли 2005.

Ин манзума масъалаҳои муҳимми ҳаёти мардуми ҷумҳуриямонро, ки дар чанд соли ахир ба вуқӯъ пайвастанд, фаро мегирад. Дар ин мақолаи фишурда чигунагии аз ҷониби муаллиф матраҳ шудани онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Сухан бештар аз ҳунару маҳорати гӯянда дар миён хоҳад буд.

Гуфторро аз пешгуфторе, ки ба ин манзума навишта шудаасту дар он аз аҳаммияти асар сухан рафтааст, оғоз мекунем. Дар пешгуфтор омадааст:

**«... мазмуну рамзҳо, тобишҳои серпаҳлӯи тасвир дар радифи муҳимтарин нукоти «Паём» («Паёми андеша» – М.А.) ба қалам дода шуда, рӯҳи бунёдкори хонандаро қавӣ мегардонад.**

**... Достони публитсистӣ бояд пеш аз ҳама рӯҳи созандагӣ дошта бошад, ки мо онро дар сар то сари асари Атахон Сайфуллоев эҳсос мекунем ва он дар рӯзҳои мо асари зарурӣ ва хонданибоб аст».**

Бо эътимод ба пешгуфтор ба хондани манзума нишастам. Он дар ду баҳр – ҳазаҷ ва рамал навишта шуда, аз пораҳои гуногун иборат аст. Аз сатрҳои нахустин равшан мегардад, ки матни манзума бо «ваъда»-ҳои пешгуфтор чандон мувофиқ нест. Далел? Инак исбот:

1. Дар саросари манзума сухани наве ба назар намерасад.
2. Мантиқу таносуби калом зиёд халал ёфтааст.
3. Вазни мисраъу байтҳо дар бисёр мавридҳо ғалат аст.
4. Қофияҳо нодурустанд.
5. Қолаби калимот вайрон аст.

Ростӣ, маълум нашуд, ки муаллиф ба чӣ мақсад ин ман-

зумаро, ки бисёр номавзуниҳо дорад, рӯи коғаз оварда бошад. Ӯ ки худ муҳаққиқу мунаққиди адабиёт аст, бояд дар ин масъала дақиқназар бошад. Агар мақсад аз офариниши ин манзума хидмат ба адабиёт бошад, қатъан ва бо афсӯс метавон гуфт, ки ин тавъам ба мисоли кори беҳудаву «об дар ҳован кӯбидан» аст, зеро ки чунонки гуфта шуд, он ба завқи хонандаи огоҳ ҳеч намехурад ва оне, ки аз хондани манзума лаззату завқеро умедвор аст, кораш ба пушаймонӣ анҷом хоҳад ёфт.

То сухан дароз нагардад, мисоле чанд аз ин манзума бо суоли «яъне чӣ?», ки ишора ба сустию бемантиқии онҳо дорад, оварда мешавад:

Ба ҳамкории давлатҳои дунё
Бигардад ҷойҳои кор эҳё.
Корро эҳё намекунанд!

* * *

Беш **давлатҳои дар дунё кабир**
Рӯй оварда ба мулки беназир.
Забон хароб аст!

* * *

Қарзи мо инъом не, бозаш диҳем,
Парчаме дар арши озодӣ ниҳем.
Суст аст!

* * *

Зиғар – Хастав – Шикев обод гардад,
Чу рònанда (?) аҳолӣ шод гардад.
Дигарҳо не?

* * *

Дарди мо на роҳ, бероҳӣ бувад,
Дарди бероҳӣ **ғами шоҳӣ** бувад. (?)
Баён хароб аст!

* * *

Даври истиқлол чашми мо кушод,
Аз **валангории раҳҳо тавба дод**. (?)
Яъне чӣ?

* * *

Бояд ороем (?) тақдири ватан.
Тақдирро намеороянд!

* * *

Дидаҳо рӯшан шуду **дилҳо булӯр** (?!)
Ташбеҳи булъаҷаб!

* * *

Қатли инсон, ки дар он маҳдуд шуд,
Вожаи инсонгарӣ беҳбуд (?) шуд.
Ифодаи ланг аст!

* * *

Қотило, дигар зи хун ҷоме макун,
**Теғафшонӣ макун**, ҷаҳлу ҷунун.
Теғро намеафшонанд!

* * *

Он ки нашносад ҳуқуқи хештан,
**Ҳамчу аъмо** аст **лолу** бесухан.
Аъмо нобиност, на ногӯё!

* * *

Даҳшатовар гашта нерӯи сиёҳ
Чун муфоҷо марг дар тобути оҳ.
Чӣ гуна?

* * *

Солҳои об (?) ҷонбахшо бувад...
Таъбири ғалат!

* * *

Ман гули хушкидае бинам агар,
Ҳалқи он тар карда бахшоям самар.
Чӣ гуна?

* * *

Рӯдакӣ Фирдавсиҳомон (?) як бувад.
Фирдавсӣ яктост!

* * *

Дар ниҳоди барқгоҳи мо ниҳад.
(чиро – М.А.)
То ба меҳан рӯшанӣ анво (?) диҳад.
Чӣ маънӣ дорад?

* * *

То чи гул рӯяд зи хоки ин Ватан
**Ишқи атласгун**, нишоти шӯълазан (?)

Ин таъбири тозаэҷод аз куҷо?

Забони манзума низ аз нақсҳо орӣ нест. Инак чанд мисол:

Ҷои кори нав ҳазоре мешавад,
Аз шарофатҳои ёрӣ мешавад.

Гӯянда ба хотири вазн «ҳазор» (ба маънии беш, афзун)-ро ба шакли «ҳазоре» овардааст, ки норавост.

Халқ аз бунбаст меёбад раҳо...

Гунаи саҳеҳи таъбир «раҳоӣ ёфтан» аст.

То шавад мазмуни олам рӯшанӣ,
Матлаби борон шавад бахтафканӣ.

Аввалан, маънии байт торик аст. Сониян, «бахтоварӣ» мегӯянд, «бахтафканӣ» чӣ маънӣ дорад?

Мужда, эй ёрон, ки давлат зӯр (?) шуд,
Чашми бадхоҳони давлат кӯр шуд.

Маънии «зӯр» қуввату тавон аст, на қавию тавоно!

Порагирон – аҳли қонунпешагон...

«Аҳли қонун» ё танҳо «қонунпешагон» гуфтан ҷоиз аст.

... Фосиқи макрӯҳ аз по то ба гӯш.

«Аз сар то по» ё баръакси он дуруст бошад, на ғайри он, чаро ки таносубу мантиқ халал ёбад.

Фикри мо дар созмонии (?) милал
Гашт мақбулу биёяд дар амал.

Ба хотири вазн «созмон»-ро «созмонӣ» гуфтан аз маънию мантиқ холист.

Бо фишори ҷабр озораш кунанд,
Муслиминро бесабаб хораш кунанд.

Дар мисраи дувум аз пасоянди –«ро» ва бандакҷонишини –«аш» яке зиёд аст.

Золимонро зери хок андохтем...

«зери хок кардан»-ро шунидам, ки дуруст аст.

Ман нагӯям истгоҳи барқи об
Бо ту қад афрозаду гардад шубоб.

«Шабоб» (на шубоб – М.А.) маънии «ҷавонӣ» дорад, на «ҷавон», мавриди назари муаллиф аст.

Акнун ғалатҳои вазниро, ки дар ин манзума ҷой доранд, аз назар мегузаронем. Қисми аввал ғалатҳоеанд, ки дар натиҷаи ба эътибор нагирифтани дарозии ҳиҷоҳо сар задаанд:

Ҷаҳони иқтисо(д) бо мо шавад ёр.

* * *

Ба Файзобо(д) зи барқ ободӣ ояд.

* * *

Иҷтимо(ъ) бошад чу қути зиндагӣ.

* * *

Дигаре сарқон(у)ни ҷумҳу(р) бувад.
Он чи бар пиру ҷавон манзу(р) бувад.

* * *

Интихоби садри ҷумҳу(р) буд яке.

* * *

Ҳар куҷо тоҷик бо ру(с) сарбаланд.

* * *

Боиси ришватбарӣ чис(т), эй рафиқ?

* * *

Ёфт Нодирпу(р) ба ҳар боғи диле
Бо каломи офтобӣ манзиле.

Хонандаи огоҳ дарк хоҳад кард, ки дар калимоти ишорашуда як ҳарф аз вазн берун аст.

Гунаи дигари ғалатҳо аз тахфифи овозҳо берун омадаанд:

... Хурраму шоду ҳуқ(у)қбунёд шуд.

* * *

Гар шикастӣ қон(у)не, бидҳӣ ҷавоб.

* * *

Тирагӣ аз марзи қонун бер(у)н аст.

* * *

Тор(и)кӣ рафту сабоҳу рӯз шуд.

* * *

Шамс ҳамчун шоҳ(и)ни иқбол шуд.

Навъи дигари ғалатҳо аз кашиши норавои овозҳо ҳосил шудааст:

... Вале рӯшан кунад де**ҳ**оти кеҳтар.

* * *

Ҳам муҳандис, м**е**ъмори чирадаст...

* * *

Муттаҳ**и**ду муттафиқ бошад ба ҳам...

* * *

Як замон оварда бар хор**и**ҷа рӯ.

* * *

Порад**е**ҳе раҳнамои ришвакор.

* * *

Ин ҳама ҷом**и**аро бори гарон.

Тавре ки дида мешавад, дар калимаҳои ишорашуда овозҳо кашида шудаанд, ки норавост.

Акнун қофияҳои ғалати манзумаро бармешуморем, ки мутаассифона хеле зиёданд. Инак чанде намуна:

Даври рушди Тоҷикистон **даррасид,**
Ҷисми беҷонро, ту гӯӣ, ҷон **расид.**

* * *

Истаравшан рӯшанӣ **орад** ба ӯ,
Исфара чун машъале **тобад** ба ӯ.

* * *

Садри мо мизондори **иҷтимоъ,**
Аз адолат маншаи **нашъунамо.**

* * *

Шаҳду шаккар мерасонад аз **набот.**
Муждаҳо аз пешрафти **иқтисод.**

* * *

Ҳубби меҳмонон ба кишвар **хост** ӯ,
Тоҷикон сӯи Ватан **дархост** ӯ.

Баъзан дар қофиябандӣ муаллиф овозҳои дарозу кӯтоҳро ҳамсон пиндоштаву ба ғалат роҳ додааст; Калимаи «муқтадир»-ро бо «беназир», «кул»-ро бо «қабул», «макуш»-ро бо «манӯш», «рӯд»-ро бо «шуд», «асил»-ро бо «дил», ва «тамаддун»-ро бо «гардун» ҳамқофия сохтанаш ғалаткорист:

Ҳам пизишки мисли Сино **муқтадир.**
Шоири қудсӣ, каломаш **беназир.**

* * *

Мардуми деринтизори сулҳи **кул**
Кард пайки сулҳро бо ҷон **қабул.**

* * *

Аз барои сарват инсоне **макуш,**
Хуни поки бегуноҳонро **манӯш.**

* * *

Сарзамини родмардони **асил**,
Сарзамини арғувони (?) аҳли **дил.**

* * *

Бо ту бо роҳи тамаддун рафтаем,
Бо раҳи ваҳдат ба гардун рафтаем.

Дар манзума аз нигоҳи қофиябандии классикӣ низ ҷо-ҷо ғалатҳо ба назар мерасанд. «Салоҳ»-ро бо «сипоҳ», «кас»-ро бо «абас», «мерос»-ро бо «хос», «эҳтиёт»-ро бо «наҷот», «кӯҳ»-ро бо «рӯҳ»... ҳамқофия сохтанаш норавост, зеро ҳарфи охири ин калимаҳо дар навишти форсӣ бо ҳам тафовут доранд.

«Шеър»-ро бо «меҳр» ҳамқофия овардани муаллиф кофист, ки ба қофиясанҷияш баҳо диҳем. Бо мақсади кӯтоҳ кардани риштаи сухан аз овардани мисолҳо худдорӣ мекунем.

Ба назар чунин мерасад, ки мо то оғози солҳои навадуми

садаи бист шоир надоштем. Шумори нозимон дар қиёси шоирон дар чанд соли ахир чандон афзуд, ки ногуфтанист. Ин буд, ки аз раиси коргоҳ то ронандаи он ҳама қаламбадасту «шоир» шуданд. Сад афсӯс, ки эшон бо шӯҳрати харидаву гумони ботил худро «шоир» мепиндоранд. Ин боиси бадбахтии онон ва хушбоварии хонандагон хоҳад гашт, зеро яке мепиндорад, ки воқиан шоир аст ва дигаре бовар дорад, ки чизе ки мехонад, воқиан шеър аст. Оҳиста-оҳиста ин «шоирон»-и берӯй ба «шоирӣ»-и худ боваp мекунанду хонандагони ноогоҳашон ба «шеър»-и онҳо одат, ки шеър ҳамин асту шоир ҳамин.

Бузургон борҳо гуфтаанду навиштаанд ва камина низ боз таъкид мекунам, ки на ҳама сухани мавзун шеър аст. Чаҳор калимаро дар қолаб рехтану ҳамқофия овардан ҳанӯз шеър нест, агар дар он навию лаззате набошад.

Бино бар ин бо камоли эҳтиром ба сухан, ба шеъри форсӣ аз раёсати Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон ва мудирони шӯъбаи назм (адабиёт)-и нашриёт ва рӯзномаву маҷаллаҳо хоҳиш дорам, ки дар чопи осори манзум эҳтиёткору дилсӯз бошанд. Шеъри мо, ин падидаи муқаддас, ки шӯҳраташ бо номи бузургоне чун Устод Рӯдакию Ҳофизу Бедил... иртибот дорад, бояд то абад аз олудагиҳо пок нигоҳ дошта шавад.

*2005*

# ПИРОҲАНИ САБЗИ ПАЙКАРИ ШЕЪР

Шеър хулосаву бардошти шоир аз пастию баландӣ, ғаму шодӣ ва зебоию зиштии рӯзгори ӯст. Аммо дар кадом поя баён шудани матлаб танҳо ба дараҷаи истеъдоду маҳорати гӯянда вобаста аст. Сухан метавонад аз шодию фараҳ бошад, вале чандон дилнишин не ва ҳам метавонад аз ғам бошад, аммо зебо. Танҳо шоир аст, ки шеъри худро ба навъе «роҳнамоӣ» мекунад ва мувофиқи салиқаи худ онро муназзаму муассир мегардонад. Бо дар назар доштани ин талабот, мехоҳем дар ин мақола ашъори яке аз шоирони имрӯзи тоҷик Алимуҳаммад Муродиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Воқиъан, Муродӣ яке аз шоирони боистеъдоди Тоҷикистон мебошад. Ӯ ҳамеша аз назмгароию суханпардозӣ, ки имрӯз ба расмият даромадааст, парҳез менамояд. Дар кори шоирӣ эҳсоси масъулият дорад, ки ин аз навиштаҳояш равшан ба назар мерасад. Вай бештар ба гуфтани шеъри кӯтоҳ хӯ гирифтааст, агарчи дар лафзи андак маънии бисёрро ҷой додан қудрату маҳорати баландро тақозо менамояд. Хушбахтона, ин шоир тавонистааст аз ин тангно бо сарбаландӣ берун ояд. Инак, чун мушт намунаи харвор порае чанд аз ашъори ӯро бо баёни ҳусну қубҳашон таҳлилу баррасӣ менамоем.

Маҷмӯаи ашъори шоир Муродӣ аз чанд рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, фардиёт, ашъори озод мураттаб гаштааст, ки ба мавзӯъу масъалаҳои гуногун вобастаанд. Дар саросари маҷмӯа сухан аз ғаму дарди зиндагии шахси шоир ва мардум меравад. Метавон гуфт, ин ашъор аксаран зодаи дарданд, ки аз дили пурдарди гӯяндаашон берун омадаанд.

Вақте ки хонанда шеъри Муродиро мутоила мекунад, бо суханвари қавидасте рӯбарӯ мегардад, ки воқиан лутфу баёни зебо дорад ва метавонад калимотро бо тобишҳои гу-

ногуни маъноияшон ба қалам диҳад. Дар рубоие таъбири «ранг бурдану ранг овардан»-ро, ки нишони шармзадагист, шоир ҳам ба ин маънӣ ва ҳам ба маънии воқиии бурдану овардани ранг (дар мисоли чеҳра) ҳамчун чизе моҳирона баён кардааст.

Дар роҳи сафар ба чеҳра чанг овардам,
Дар сина дили зи ғусса танг овардам.
Аз дасти тиҳидастии худ, ёри азиз,
Дар пеши ту ранг бурда, ранг овардам.

Дар ҷои дигар ашхоси пастфитратро ба иллати сабуксорияшон ба гарди роҳ монанд кардааст, ки метавонад бо андаке таҳрик ба дидаҳо нишинанд:

Кардем баланди роҳ ҳар мардуми паст,
Гард аз таҳи по чу хест, бар дида нишаст.

Ташбеҳи зебост, аммо мисраъи аввал аз нигоҳи баён ноқис аст.

Шоир дар ҷое зиндагиро ба шаб ва худро ба чароғ монанд кардаву гуфтааст, ки қадри чароғро, ки равшангари шабони торик аст, танҳо баъди хомӯш шуданаш дармеёбанд:

Дар зиндагиям касе ба қадрам нарасид,
То шаб намурад чароғ, ёдаш кӣ кунад?

Дар порае худро деҳқон ба қалам медиҳад ва ҳосили кори худро, ки дарду азоб аст, ба кишта монанд кардаву қобили дурудан медонад:

Ман шоири ошиқам, кунам деҳқонӣ,
Чизе, ки дарав кунам, азобу дард аст.

Ӯ дар байте дили худро ба мазраъ ва ғамро ба алафи бегона, ки мояи афсурдагии киштзор аст, нисбат медиҳад:

Бо кандани ҷон хушк нашуд решаи ғам
Аз мазраи дил чун алафи бегона.

Шоир бо ҳама гуна эҳсос ошност. Ӯ дили беосоишро ба хоби бонии полиз ташбеҳ медиҳад, ки воқиан хоби парешону нооρом аст:

Пайваста мушаввашу парешон бошад
Чун хоби палакбон дили ноосуда.

Дар байти дигар аз маскани худ берун рафтани ҳавас (аз дил) ва ҷуғз (аз вайрона)-ро бо таносуби қавӣ ба қалам додаву дар навбати худ ҳавасро ба ҷуғз ва дилро ба вайрона ташбеҳ додаст; аз дил рафтани ҳавас мисли он аст, ки ҷуғзе аз вайрона рафта бошад:

Ҳавас аз хонаи дил пой кашид,
Ҷуғзаке аз сари вайрона гузашт.

Агарчи дилро ба вайрона нисбат додан сухани нав нест, шоир бо монанд сохтани ҳавас ба ҷуғз либоси суханро нав кардааст, ки он (ҷуғз) ба вайрона нисбат мегирад ва вайрона ба дил, ки ҷойгоҳи орзуву ҳавас аст, яъне ҳавас ба ҷиҳати монандияш ба ҷуғз бо вайрона таносуб пайдо мекунад.

Аз замин баҳра бардоштани инсон ё ба таъбире дигар инсонро хӯрондани замин ва хок шудани инсон як амри воқиист. Аммо шоир инро коре муғризона медонад ва мегӯяд, ки замин инсонҳоро танҳо ба хотири худаш парвариш менамояд, то фардо аз ҷисми онҳо баҳраёб гардад:

Хурад моро замине, ки хуронад,
Чӣ гӯям, чун замин ҳам беғараз нест.

Дар шеърҳои кӯтоҳи худ, ки аксаран аз 3-5 мисраъ иборатанд, шоир тавонистааст мазмунҳои тозаеро ҷой диҳад. Дар шеъре дарозии умри худро ба дурахшидани шабнам ва худро ба хандаи баҳори биёбон, ки кӯтоҳумр аст, монанд кардааст:

Умрам дурахши кӯтаҳи шабнам
Дар дидаи гули саҳарханд аст...
Ман хандаи баҳори биёбонам.

Ин ҷо баҳор маҳз баҳори биёбон аст, ки воқиан чандрӯзию кӯтоҳ мебошад ва бозёфти шоир ҳам ҳамон аст, ки хусусияти онро шинохтаву дарозии умрро ба он монанд кардааст.

Шоир дар ҷое мегӯяд: хулосаи зиндагӣ оҳи сард аст ва агар аз дили ман оҳи сард берун ояд, ҷои тааҷҷуб нест, зеро он хулоса ё маънии зиндагии ман аст:

Чӣ аҷаб, (з-он) ки оҳи ман сард аст?
Маънии зиндагӣ агар дард аст.

Гоҳе баёнаш ба шоирони сабки ҳиндӣ наздик мешавад. Дар байти зер марди ғарибро ба обе, ки аз соҳили ватан берун меравад, ташбеҳ кардаву ғурбатро мояи парешонии он медонад:

Ҷамъ кай бошад ба ғурбат хотири марди ғариб?
Об аз соҳил бурун гардад, парешон мешавад.

Ин гӯянда муҳитро бо чашми худ мебинад. Ширинтарин мева меваи шохаи баланд аст, ки барои ҳама дарстрас нест. Назокати биниши шоир аст, ки онро ба сабаби дастнорасияш бо орзу яксон мебинад:

Меваи сарнавда ширин аст,
Орзуи дастнорас
Чӣ қадар зебову рангин аст.

Дар шеъре ба пастӣ гаравидани баландмақомонро дар мисоли дарахту кабӯтарон ва оташ хеле зебо тасвир кардааст:

Дарахте хам шуда мисли хушомадгӯ,
Кабӯтарҳои кӯҳӣ дона мекобанд
Байни тӯдаи пору.
Ва дар сӯе алови сурх мелесад
таги деги сиёҳеро.

Пайдост, ки ин шоир дар тасвиргарӣ маҳорати хуб дорад. Дар пораи зер, ки шабро ба беша, абрҳоро ба тӯр (дом), ситораҳоро ба донаҳои дом ва моҳро ба мурғ ташбеҳ додааст, ҳунармандии ӯ равшантар мегардад:

Дар тӯри абрҳо
Печидааст мурғи тилоии моҳтоб...
Дар бешаи сиёҳи шаби равшанишикор
Чун донаҳои дом парешон ситораҳо.

Аз гармии офтоб об шудани ях муқаррар аст. Аммо шоир ин ҳодисаро ба гиристан ва аз фарти гиря ба кӯрӣ расидани ях медонад ва дар асоси тазоди хандаи офтобу гиряи ях манзараеро пеши чашм ҷилвагар месозад:

... Хандаи хуршед яхро мекунад аз гиря кӯр.

Ин суханвар дар байте дар асоси ташбеҳ миёни калимаҳои офтобу соя, рӯи зебову доғ ва мазмунан инсону ғам таносуби устуворе барқарор кардааст:

Дар офтоб соя чу доғе ба рӯи хуб,
Дар ин диёр кист, ки доғе надоштаст?

Дар шеъре пурдард сабзаҳоро ба қотилони нашъаманди маст (ишора ба чанд соли пеш – М.А.) ва боронро ба хун ташбеҳ дода, бо тазоди гиряву рақс матлаберо хуб баён кардааст, ки воқиан муассир мебошад:

Дар ҳавои гиряи борон
Сабзаҳо чун қотилони нашъаманди маст мерақсанд
Сабзаҳо имсол хунмастанд.

Ҷойи тазаккур аст, ки кори шоирии Муродӣ асосан бо истифода аз ташбеҳу тазод, таносуби калом ва аксаран бе истифодаи одоти ташбеҳ анҷом меёбад, ки ин қобилияту маҳорати хуберо талаб менамояд.Масалан, дар шеъри зер ин равиш комилан муроот шудааст:

Аз кори шаб мапурс,
Чашме ки равшан аст, ба хобаш бибастааст.
Аз зиндагӣ нагӯ,
Деги сиёҳ бар сари оташ нишастааст.

Дар ин пора таносуби зиндагӣ – шаб, деги сиёҳ ва чашму оташ равшан аст, ки ба ҳам монанд карда шудаанд.

Шоир дар ҷое дили худро ба чароғ ташбеҳ медиҳад, ки дар ин ҷо ваҷҳи ташбеҳ равшанию сафост ва мегӯяд: ту ки бо шаби торик меҷангӣ, худ намедонӣ, ки ба дасти субҳ, ки низ равшан аст чун ту, кушта хоҳӣ шуд. Дар зери маҳфуми шаб тирадилону бадкорон ва субҳ ҳамнасабону ҳамтарабон фаҳмида мешавад. Дар офариниши ин шеър гӯянда аз киноя хуб истифода кардааст:

Дили ман,
Бо шаби торик меҷангӣ,
Ба дасти субҳ хоҳӣ мурд –
Чароғ астӣ.

Муродӣ ҳамчун шоир ба табиат ва ҳаводиси он бо чашми воқиан шоирона назар мекунад:

Тангии ҷавлонгаҳи амвоҷ кори соҳил аст,
Мавҷҳои тундхӯ аммо сари ҳам мехуранд.

Аз ин байт низ маънии иҷтимоие дар мисоли инсонҳо ва чорчӯби муқаррарии зиндагии онҳо метавон бардошт, ки тафсил намехоҳад.

Дар порае шумори мотамзадагони диёрашро чандон ба қалам медиҳад, ки агар матоъе ба вусъати торикии шаб ба даст ояд ҳам, бар ҷомагии онҳо кифоят нахоҳад кард:

Аз диёре, ки ҷомаи шомаш
Нарасад бар ҳама азодорон,
Ман чӣ гӯям?
Нагуфтанам беҳтар.

Тавре ки зикр кардем, шеъри Муродӣ чунонки аз унвони китобаш сар мезанад, аксаран олудаи дарду ғаму навмедист. Дар шеъре аз гулҳои чашминтизори саҳар ва бодҳои роҳҷӯи саҳрои васеъ, ки вуқӯъи натиҷаи интизорияшонро бовар доранд, ёдовар шуда, хитобан ба дили худ (зимнан ба худ) мегӯяд:

Ту ҳам, эй гашта ба ғамхонаи айём асир,
Ту ҳам, эй ғамзада дил,
Як шаб аз роҳи дари бастаи ин хонаи танг
Ҳамчунон шуъла бурун хоҳӣ рафт
То ба як дурии хушнуди уфуқ,
То ба як озодӣ...

Дар ин шеър низ ба тарзи киноя сухан гуфтан таъсиру ҷазбаи онро бештар кардааст, ки ин маҳорату ҳунармандии гӯяндаашро собит мекунад.

Аз нигоҳи офариниши маънӣ Муродӣ яке аз шоирони пешгоми имрӯз аст, ки чанд намунаи онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Аммо аз нигоҳи забон, вазни шеър, қолаби калимот ва баъдан қофия норасоиҳое дар шеърaш ба назар мерасанд. Ба таври мисол калимаҳои зайл дар вазн намегунҷанд: чизе (30), бозичае, мост, хоҳем (31), қаламгирам (37), болин (43), қисматнавис (138):

То кам накунад ч**и**зе, ч**и**зе н-афзояд.

* * *

Бо боз**и**чае чу тифл саргардонам.

* * *

Садрангии м**о**ст аз фалаки сурху кабуд...
Дар гӯр зи ҳамдигар ҷудо хоҳе**м** буд.

* * *

Ангушти қаламг**и**рам ба хун оғушта.

* * *

Рӯзе ки сарам ба бол**и**н ояд чун шамъ...

* * *

Қисматнав**и**с чӣ кинае аз мо ба дил гирифт...

Дар шеъри ин шоир ҷо-ҷо кашиши нораво эҳсос мешавад, ки низ боиси харобии вазн шудааст. Ин нақс дар калимаҳои зиреҳ (34), обила (49), гиреҳ (65), ту (81), мунтазир (88), соҳиб (116), пул (121), мункир (122), мусофир (146) ба назар мерасанд:

Гармову зир**е**ҳи қимати гардани ту.

* * *

Об**и**ла гашт дар лаби раҳ гӯри ишқи ман.

* * *

Гир**е**ҳи банди абрӯи зимистон...

* * *

Т**у**ро намешиносад
Рӯҳи шикастаи ман.

* * *

...Мунтаз**и**ри хоби ман ҳар гӯша бедоранд.

* * *

Ҳамчунон куштаи бесоҳ**и**бе...

* * *

Роҳ аз п**у**ли сирот аст, эй нигор...

* * *

Мунк**и**ри кардаҳо...

* * *

Гӯиё шабмонда як марди мусоф**и**рест.

Аз нигоҳи мантиқу баён низ навоқисе дар шеъри ин шоир ба чашм мехуранд:

Ғамдарҷигари ғариб аз дунё рафт.

Бояд гуфт, ки ҷойгоҳи ғам дил аст, на ҷигар.

* * *

Умрам чу қатораест, ман шишта дар он.

«Шишта» адабӣ нест.

* * *

**Баччаи шери дар қафас зода**.

ва:

Дар **қитъаи помондаи хокаш ҳама қум...**

Баёнаш ба наср гароиш дорад.

* * *

Чаро байни ману дунёст доим
Малоливу малоливу малолӣ?

Дурусташ «малулӣ»-ст.

Ҳамчунин дар чанд шеър (56, 74, 83, 97, 156) вазн вайрон шудаву дар ду ғазал (49, 52) дувазнӣ эҳсос мешавад.

Агар ҳамин ноҳамвориҳо дар ашъори ин шоир роҳ намеёфтанд, шеъри зебояш боз ҳам зеботар мешуд. Бо вуҷуди ин метавон иқрор кард, ки Алимуҳаммад Муродӣ яке аз шоирони тавонои имрӯзи мост ва шеъраш пайкари муҷаллои ҳунари шоирист. Ҳунари ӯст, ки пайкари шеърашро бо пироҳани сабз музайян кардааст.

*2005*

## НАМОЗУ САҶДАВУ ДУЪОВУ ШОИРЕ

То имрӯз аз шоири ҷавон Озар се маҷмӯаи шеър («Намози бедорӣ», «Як саҷда гул» ва «Сарви дуо») ба чоп расидааст, ки накди мо пиромуни он хоҳад буд. Аз қадамҳои нахустини ин шоир маълум гашт, ки ӯ аз роҳи ҳавас ба майдони шеър наомадааст. Сухани ӯ аксар шоирона ва мувофиқи талаботи шоирӣ воқеъ мегардад. Шеъри ӯ аксар дар қолаби арӯз гуфта шуда, воқиъан аз лиҳози забону баён ва маъниофаринӣ тозагиҳо дорад ва дар ин раванд симои мушаххаси гӯянда намудор аст. Вай пайваста мекӯшад, ки дар ҳар шеър мазмуни тозаеро ифода намояд ва аксаран ба он муваффақ ҳам мешавад.

Озар дар қолабҳои суннатии шеъри форсӣ ва навин шеър меофарад; ғазал, рубоӣ, чаҳорпора, фардиёт ва ашъори навини зебое дорад, ки ҷолиби таваҷҷуҳанд. Дар шеъраш таносуби қавии калом, ки бо истифода аз санъатҳои шеърӣ ба ҳам омадаанд, ҳусни суханашро меафзояд. Инак, ба таҳлили пораҳое аз ашъори ӯ мепардозем.

Дар пораи зер тасвири падарро, ки нур (об) аз дидагонаш (ҷӯй) рафтааст, ба қалам дода, дар навбати дигар ӯро ба гандуми бирёни зери тобаи тафсон монанд кардааст. Мушобеҳ сохтани чашм ба ҷӯй, нури чашм ба оби ҷӯй, осмон ба тобаи тафсон, замона ба буттаи пурхор ва падар ба гандуми бирён ҷолибу зебост:

... Оби покизаи нур
Ҳаст хушкида ба ҷӯи назараш...
Шаби тобистон аст,
Осмон тобаи воруншудаи тафсон аст.
Зери як буттаи пурхори замон
Падарам гандумаки гумшудаи бирён аст.

Шоир дар байте мухотаби худро ба офтоби зимистон, ки гармияш чандон муассир нест, ташбеҳ медиҳад:

Нашуд, ки гарм шавам зери нурборонат,
Ту офтоби зимистониийӣ, дареғ аз ту.

Дар байте дигар шеъру шиша ва ишқу шаробро мутаносибу мушобеҳ овардани гӯянда қобили ситоиш аст:

Зи ишқ ҳарф зан, Озар, ки асли шеър ҳамин аст,
Зи шиша маст нагардӣ, агар шароб надорад.

Дар ҷое талхкомиро, ки чандмаъност, ба маънии аслии он баргардонида, байте зебо офаридааст:

Озаро, коми ту талх аст аз он ёр, вале
Ҳарфи ширин зи лаби талхи ту чун меояд?

Ӯ рӯзгори содаи худро ба даре боз монанд мекунад, ки бо вуҷуди содагӣ бо ихтилофҳо (ҳазор қуфли гарон) рӯбарӯст:

Ҷаҳони содаи ман ихтилофҳо дорад,
Ҳазор қуфли гарон аст бар дари бозам.

Ин шоир ба равшанӣ (муҷаллоӣ)-и сухани худ қоил аст ва мегӯяд, ки агар онро девон созам, тимсоле аз хуршед дар рӯи замин пайдо хоҳад шуд:

Каломи равшанат, Озар, агар кунам девон,
Яке шабеҳаи хуршед дар замин созам.

Озар бо лутфе зебо дар байти зер бо гилоя аз фалак худро ба шир ва маҳбубаашро ба шакар монанд мекунад, ки намегузорад ба ҳам биёянд:

Бад-он гумон, ки мабодо ба ҳам биёмезем,
Накард шир марову шакар насохт туро.

Ва ҳам дар ин ғазал боз ду байти зебо ҳаст, ки ҳунари шоирии Озарро нишон медиҳад:

Гузашт умр ҳама бо ғами ҳамоғӯшӣ,
Садаф накард марову гуҳар накард туро.
Ту як кавир шудӣ, мо ҳавои боронӣ,
Ҳазор қатра фишондему тар насохт туро.

Тавре ки дида мешавад, таносуби садаф (ман) ва гуҳар (ту) ва ҳавои боронӣ (ман) бо истифодаи хусусиёти ташбеҳкунандаҳо равшану пазируфтанист.

Аслан ба худ расидан, худро шинохтану дарёфтан амалест, ки бо зеҳн метавон ба он расид. Аммо шоири мо барои ба худ расидан фосилаеро дар миёни «ман» ва шинохти «ман» мегузорад ва бад-ин васила коре тасаввуриро ба амале воқиъӣ мекашонад:

Бояд ду ҷаҳонро таи пои назар овард,
То хеш расидан чӣ қадар фосила дорад.

Ин шоири нозукбин ҳар падидаи рӯзгорро хуб таҳлил намуда, аз он натиҷа мегирад. Дар байти зер силию силаро, ки ҳамнишинии овозӣ доранд, бо лутфи шоирона ба қалам дода, силаро натиҷаи силӣ медонад ва ҳикмати онро мекушояд:

Озар, ба кафи дасти падар меҳр набастем,
То фаҳм накардем, ки силӣ сила дорад.

Ӯ маҳбуби худро ба офтоб ва осмонро ба шаҳре азим монанд мекунад, ки дар он ёфтани шахси бенишонӣ корест душвор:

Офтобе, ки маро буд, куҷояш ҷӯям?
Осмон шаҳри бузург аст, надонам кӯяш.

Истифода аз чандмаъноии калима воситаи боз ҳам зеботару дилангезтар воқеъ шудани шеър аст. Дар мисоли зайл Озар тавонистааст «ҳафт парда»-ро ҳам ба маънии ҳафт

ранг ва ҳам ба маънии ҳафт қабати чашм истифода барад, ки ин суханашро ҷилое дигар додааст:

Даруни хонаи чашмам нишину савлат кун,
Зи ҳафт парда дар он ҷо ҷиҳозҳо дорам.

Дар байте шодии худро аз омадани маҳбуба ба шодии биёбон аз расидани борон андоза мекунад ва дар навбати худ хешро ба биёбон ва маҳбубаро ба борон ташбеҳ медиҳад, ки хеле зебост. Дар ин маврид биёбон ва борон ҳамчун падидае зинда ба назар меоянд, ки яке раҳпои дигарест, бад-он гуна ки ошиқ чашминтизори маъшуқ:

Доштам з-омаданат вусъати он шодиро,
Ки биёбон ба дил аз омадани борон дошт.

Ин шоир дар ташбеҳсозӣ бештар мекӯшад, ки аз воситаи ташбеҳ камтар истифода намояд. Дар байтҳои зер, ки мо ба исботи ин гуфта мерасем, вай дар ҷое суроғро ба гул ва ҷои дигар нигоҳро ба ҷуръаи шароб ва дареғро ба лола монанд кардааст, ки ин кор бе истифода одати ташбеҳ воқеъ шудааст:

Аё ҳабиби дили ман, зи баъди мурдани ман
Ба рӯи гӯри хамӯшам **гули суроғ** биёр.

Ва:

Ба ошиқони хуморошно чу мегузарӣ,
Чу армуғони сафар **ҷуръае нигоҳ** биёр.

Ва низ:

Як **лолаи дареғ** нашуд сабз дар дилат,
Гарчи ҳазор лола ба домон гиристам.

Озар бештар ба тасвиргароӣ майл дорад ва дар ин кор ҳамеша ба хусусиёти зотии ашё таваҷҷӯҳ менамояд, ки инро дар чанд намунаи қаблӣ дучор омадем. Дар асоси ба назар гирифтани ҳамин хусусият ӯ ташбеҳе меофарад, ки зебову дилангез аст. Дар мисоли зайл шоир чашмро ба касе монанд мекунад, ки метавонад дар миёни об оташро фурӯзон созад. Вай сафедию сиёҳии чашмро ба обу оташ монанд кардаву байти зебоеро ба қалам медиҳад:

Миёни об фурӯзон намуд оташро,
Кӣ ғайри чашм тавонад, ки кори чашм кунад?

Ҳар қадар бо шеъри ӯ менишинем, ҳамон қадар ҳунармандию зеҳнгароии ӯ бароямон кашф мегардад. Ин шоир дар ҷое «шавқ»-ро ба чизе маҳсусу манзур монанд мекунад, ки баҳор онро барои бурдани сабру қарор аз дили ошиқон сабад-сабад меорад:

Ба дӯши хеш **сабадҳои шавқ** меорад,
Ки то барад зи дили ошиқон қарор баҳор.

Чи зебо! Баҳор дар ин байт ба марди гулфурӯше монанд аст, ки сабади гул бар дӯш дорад ва нохудогоҳ дили бинандаро бо назораи гулҳо мерабояд.

Дар байте шоир қаламро дорои ангушт ва мазмунро дорои ранг шумурда, ҳамин мазмуни ҳиноӣ (рангин)-ро ба ангушти қалам мебандад, чун ҳино лозими ангушт аст, ба ин маънӣ, ки пас аз ин аз қалами мо фақат мазмуни рангин (ашъори рангин) берун хоҳад омад:

Сухан аз ҷаҳд чун хун гашт, Озар, кор осон шуд,
Ба ангушти қалам бастем мазмуни ҳиноиро.

Аз нигоҳи шоир нигоҳ ҳамчун чизе маҳсус қобилияти таршавӣ дорад:

Баҳорон аст,
Бимон, чашми ҳавас пӯшам,
Нигаҳ тар мешавад, зеро ки борон аст.

Дар ҷои дигар худро ба кабӯтар ва чашмони модарро ба ошёни кабӯтар монанд мекунад:

Кабӯтар будаму дар чашмҳояш ошёнам буд,
Ҷудо аз ошён афтодаам, корам на осон аст.

Аслан ҳар чизе бо чизе, ки қобили эҳсос аст, пур мешавад. Аммо ин шоир ҳаёти худро ба нодорӣ, ки худ чизе

нест, пур мекунад ва ин аз зеҳни дарроки ӯ гувоҳӣ медиҳад:

Даруни оинаам хона мешавад тасвир
Ва як ҳаёт, ки пур гашта ӯ зи нодорӣ.

Шеъри Озар хубу зебост. Агарчи аксари ашъораш дар қолабҳои суннатӣ гуфта шудаанд, дар забону баён ва маъниофаринӣ наву зебову дилнишинанд. Аз мутолаъаи ин ашъор суханваре пеши назар меояд, ки суханаш забону баёнаш танҳо хосси худаш аст ва метавонад дар ҳар қолабе маънию андешаҳои тозаеро ҷой диҳад. Ӯ огоҳона ва танҳо ба хотири гуфтани шеъри асил қалам ба даст мегирад ва хушбахтона аксари мавридҳо дар ин ҷода ба тавфиқ мерасад. Чун нишони шоирии Озар боз намунае чанд аз офаридаҳои табъи ӯро ба хонандаи нуктасанҷ пешкаш менамоем:

Чун хироми мавзунат ҳаст машқи мавзунӣ,
Шеър мекунад эҷод хок зери пои ту.

* * *

Не зулфу на қомат аст дар дафтари мо,
Як мушт надомат аст дар дафтари мо.
Сад ҳасрати мурда дар қиём омадааст,
Фардои қиёмат аст дар дафтари мо.

* * *

Гӯянд маро чашми касе рӯз сияҳ кард,
Чашми ту сиёҳ аст, мабодо, ки ту бошӣ?!

* * *

Зи бас ҷамоли ту ба ҳар касе писанд шудаст,
Ба ҳурмати қади ту осмон баланд шудаст.

* * *

Дӯст медорам ба ҷон бегонамаъноро, вале
Доим ин бегонадил дар дафтари бегона аст.

* * *

На субҳ омаду ин шеъри ноби нур навишт,
Шаб аз ситорасуханҳо китоби нур навишт.

* * *

Бӯ мекашанд дафтари моро занони шаҳр,
Зеро ки атри ишқ фақат дар калом монд.

* * *

Мани ғариб зи ҷуғрофиё ҳамин донам,
Ки як ҷазираи ишқ аст қалби пораи мо.

* * *

Дигар дар хонаҳо чизе намонда,
Халоиқ бегуноҳӣ мефурӯшад.

Аз ҳунари шоирӣ чун бигзарем, вазни шеъри ин шоир ба зеҳн мерасад. Дар воқеъ Озар шоирест, ки метавонад вазни шеъррро мувофиқи мавзӯи он интихоб намояд. Ҳам дар баёни ғам ва ҳам дар баёни шодӣ авзони интихобкардаи ӯ мувофиқи матлабанд. Бояд гуфт, ки ашъори ин суханвар дар вазнҳои гуногун гуфта шудаанд, ки ин боиси рангорангии оҳанги шеъраш шудааст.

Камбуди асосии шеъри ӯ дар вазну қофия ба назар мерасад, ки чанде аз онҳоро дар мақолаи «Шеър бояд гуфт...» («Адабиёт ва санъат», 21.07.2005) зикр карда будем. Ба хотири кӯтоҳ кардани риштаи сухан ба ҳамон гуфтаҳо иктифо мекунем ва умедворем, ки ин шоири огоҳу зебобаён дар оянда дар диёри шоирӣ ба хостаҳои дили худ мерасад ва ашъори зеботару шевотареро ба хонандагону муштоқони воқиии шеъри форсӣ мерасонад. Намозу саҷдаву дуъои шоирияш мустадом бод!

*2005*

## ШЕЪР БОЯД ГУФТ, ДИГАР ШЕЪР БОЯД ГУФТ

Дар чанд соли ахир сафи шоирону нозимони мо хеле афзуд. Гурӯҳе воқиан шеърро дарёфтанду аз пояш рафтанд, бархе чандон ба дарки он нарасиданд ва ҷамъе дигар танҳо аз роҳи ҳавову ҳавас ин шеваро пайгирӣ намуданд. Бинобар ин дар ин фишурда навиштаҳои суханварони ҷавонро вобаста ба дараҷаи ҳунарашон ба се гурӯҳ ҷудо карда, якяк баррасӣ менамоем. Қобили қайд аст, ки баҳодиҳӣ ба дараҷаи шеъри шоир бояд на аз рӯи мавзӯъ, балки чи гуна гуфта шудани он сурат бигирад. Дар ин навишта низ меъёри баҳодиҳии мо ба каломи мавзун ҳамин аст, яъне дар кадом дараҷа қарор доштани ҳунару маҳорати гӯянда дар назар дошта мешавад.

Бад ин тариқ, дар гурӯҳи аввал номи шоироне чун Суруш, Назрии Ҳисорӣ, Рустами Хомарахш, Давлати Раҳмониён, Ҳасани Султон, Ховари Абдулҳай, Адиба, Озар, Назруллоҳи Азизиён, Абдуллоҳи Раҳнамо ва Тилоро зикр кардан лозим аст. Ин ҳаргиз маъние надорад, ки ҳунару истеъдоди ин суханварон дар як поя қарор дошта бошад. Ба ҳар ҳол, ҳар яки онҳо ба қадри қудрату маҳорати худ шеър офаридаанд, яъне метавон хулоса кард, ки моҳияту ҷавҳари шеърро дарёфтаанд.

Инак, ба баррасии шеъри ин шоирон мепардозем. Нахуст аз Суруш. Ин шоир бештар ашъори сапеду озод мегӯяд. Дар навиштани ашъори арӯзӣ низ даст дорад. Дар офаридаҳояш таъбироти зебои шоирона зиёд ба назар мерасанд. Таносуби каломро аксаран риоя мекунад. Ҳамин як байт кофист, ки ба шоирии Суруш иқрор намоем:

Нузули шеър дар ин дафтар ба боғ бориши боронҳост,
Ман абри ишқи туям, эй ёр, хаёли дилкаши ту дарёст.

Аммо ӯ баъзан ба мавҳумбаёнӣ мегузарад, ки ин суханашро дилгиру номақбул месозад. Норасоии дигари шеъри ин шоир ҷо-ҷо риоя нашудани вазн мебошад.

Нафас кашидани ман атре
Аз он лаби хушу ширин аст.

* * *

Берун аз хона шав аз роҳи шунидан.

Дар бораи ашъори Адиба ин ҷониб дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» чопшудаи Адиба (№ 10, 2004) андешаҳоямро баён кардаву ҳусну қубҳашонро нишон дода будам. Бинобар ин такрори суханро зарур намедонам.

Назрии Ҳисорӣ аз шоирони ношинохтаи имрӯз аст. Яке аз маъдуд шоиронест, ки суханаш равону зебову шоирона мебошад. Дар шеъраш аз ҷиҳати қолабу баён лағзише ба назар намерасад. Ӯ ғазалро хуб мегӯяд. Инак чанд намуна:

Зи кӯи ҳусни ту чашмам чи гуна баргардад,
Ки кокулони ту занҷири пои чашми ман аст.

* * *

Ҳар кӣ бо тардоманон омехт, тардоман шавад,
Хушк кай ояд бурун, он кас ки дар дарё фитод.

* * *

Дар айвони баланди абрувонат
Парастуи дили ман хона дорад.

Сухани Хомарахш воқиан зебову шоирона аст. Аз ашъори ӯ байтҳоеро метавон мунтахаб кард, ки шоирияшро равшантар нишон медиҳанд:

Рустам, ба санги нола ба фарқи сукут зан,
К-оина бешикаст суханвар намешавад.

* * *

Ҳангоми ёди рӯяш эй дида, гиря кам кун,
То чеҳраи хаёлаш аз ашк тар набошад.

Рустам бештар ба хусусияти зотии ашёву ҳодисот дахл мекунад, ки ин шеърашро боз ҳам муассиртар месозад. Аммо дар навиштаҳои ӯ имолаву ҳашв ҷо-ҷо дида мешавад, ки ин боиси костани ҳусни шеъраш мегардад. Чанд мисол:

Дар вопасин кал**и**маи ӯ номи ман набуд.

* * *

Тол**е**и суудам ба замин суд сарамро

* * *

То**и**ри ғуруратро ҳамбол ба анқо кун.

* * *

Тасавв**у**ри ҷамоле сӯхт моро

* * *

**Туро** бо ин зи ман бегона гаштан
Бароям ошно**ят** офариданд.

Давлати Раҳмониён низ шоириро хуб дарёфтааст. Каломаш мантиқию мутаносиби ҳам аст. Дар шеъраш ҳарфи зиёд ба назар намерасад.

Ранги кавир маҳви нигоҳи саробиям,
Дорад бағалкушодагиям чашми вои кӣ?

* * *

Ғам нест, ки мо толиъи вожун дорем,
Дар каф ноне чу нуқта дар «нун» дорем.

* * *

Ватан ба киштии Нӯҳе хулоса хоҳад шуд,
Агар хаёли сиришкам дар он пиёда кунам.

* * *

Сафи аламзадагони муҳаббат аст зиёд,
Вале зи бахти баланд оҳи ман намоён аст.

Латофати сухани ин шоирро бо ин як мисол метавон дарёфт:

Дӯзах, ки барои гӯшмолам сӯзад,
Тарсам, ки ба ман расад, ба ҳолам сӯзад.

Аммо дар мисраи дуввум ба назари мо ба ҷои «ки» «чу» беҳтар менамояд.

Баъзан дар шеъри Давлат имолаву тахфиф дида мешавад. Кашидани овози «и» дар калимаи «кашиш» ва ба тахфиф овардани «ӣ» дар калимаи «поиз» намунаи он аст:

Ҳине ки зикри фоҷиа кӯтоҳ аст,
Лабро қади каш**и**ши ҳазор оҳ аст.

* * *

Дар по**и**зи Карбало муғилон моем,
Дасти хуши боди номусалмон моем.

Ҳасани Султон яке аз шоирони ҷавони имрӯз аст, ки аз паи бозёфтҳои зебои шоирона мераваду аксаран дар ин роҳ муваффақ мешавад. Аз ӯ шеърҳои озод,чаҳорпора, ғазал ва рубоиву дубайтиҳо дар даст дорем. Аммо ҷазобияти суханашро аксар дар шеърҳои озод ва чаҳорпораҳояш метавон ҷустуҷӯ кард. Дар эҷоди ғазалу рубоию дубайтӣ чандон тавфиқ наёфтааст. Баъзан дар истифодаи калимот ба тахфифи овозҳо роҳ додааст:

Ду дилу дидаи кӯр,
Ду дили назд**и**ку дур.

Назруллоҳи Азизиён низ аз шоирони ҷавонест, ки диду дарёфти шоирона ва баёни зебо дорад. Шеърҳои озод, чаҳорпора ва ғазалҳое дорад, ки арзандаи ситоишанд. Мутаасифона, дар шеъри Назруллоҳ низ аз нигоҳу вазну қофия баъзан норасоиҳо ба чашм мерасад.

Шоири дигари мавриди назари мо Ховари Абдулҳай аст. Ӯ дар офаридани шеър ба интихоби вазн, оҳанги калимот ва тобишҳои маъноии онҳо бештар таваҷҷӯҳ дорад. Ин аст, ки шеъраш хубу муассир мебарояд. Бо овардани чанд намуна, ки баёнгари дараҷаи шоирии ин гӯяндаанд, иктифо мекунем:

Биё, ки шӯхии ангуштҳои поки саҳар
Ба пушти қуттии шаб
Зи чӯби шедии кибрит шуъла эҳдо кард.

* * *

Мавҷи дарё реги соҳил мебарад,
Сели нозат мебарад имони ман.

* * *

Дарзии чашми маро ғаммоз
Чоки домони фарангият.

* * *

Чашми хуршеди туро нест қарор
Дар хами шамсияи мижгонат.

* * *

Ташнагӣ бар ҷони ман афзуд
Чашмҳои обрангият.

Аммо маҳорате ки Ховар дар офаридани ашъори озоду чаҳорпораву ғазал нишон додаст, дар рубоию дубайтиҳояш, ки андаканд, чандон ба назар намерасад.

Шеъри Озар низ зебову пероста аст. Ӯ бо пеши назар доштани хусусияти зотии ашё чизеро ба чизе монанд меку-

над, ки пазируфтанист. Дар ғазалу рубоӣ байту мисраъҳои зебои шоирона дорад. Инак, чанд намуна:

Доштам з-омаданат вусъати он шодиро,
Ки биёбон ба дил аз омадани борон дошт.

* * *

Чу шоирона бинӯшид бодаи борон,
Навишт дар ҳама ҷо шеъри обдор баҳор.

* * *

Ба ангушти қалам бастем мазмуни ҳиноиро.

* * *

Чун хироми мавзунат ҳаст машқи мавзунӣ,
Шеър мекунад эҷод хок зери пои ту.

Бояд гуфт, ки дар ашъори Озар низ ҷо-ҷо имолаву тахфиф эҳсос мешавад. Бо кашиш овардани калимаҳои «қул», «обила», «тафохур», «имом», «малика», «тараддуд» ва мухаффаф хондани калимаи «маъшуқа», ки дар зер зикрашон меравад, шеъри ӯро сактадор кардааст:

Қул-қули сабӯи мо чор **қ**ули қуръонист.

* * *

На як чашми сарам мегиряд аз ин ҳарзапӯиҳо,
Ки аз об**и**ла имшаб чашмҳои пои ман гиряд.

* * *

Бар каъбаи ғуруру тафох**у**ру беғамӣ
Сад саҷдаи сияҳ
кардаст одамӣ.

* * *

Чун Алӣ дар роҳи исломӣ ту, Эрон,
Дар намози ишқ **и**момӣ ту, Эрон.

* * *

Чӣ буда ҷурми бузургат, ки ин маликаи субҳ
Туро ба найзаи хуршед кӯр месозад?

* * *

Меҳрубоно,
Ин тараддуди ту чист?

* * *

Фиғон зи қуфли дили маъшуқони бепарво,
Ки ҷуз калиди зарандуда во нахоҳад шуд.

Дар мисоли дувум «Ки бе калиди зариндида...» ё чизе дигар бояд гуфт, то матлаб комил гардад.

Тило низ ҳанӯз шоири ношинохта аст. Аммо аз намунаҳои ашъораш ки дастрас шуд, метавон шоирияшро эътироф кард. Ин ҷониб бо ҳамқаламии адабиётшинос Абдувалӣ Давронов накде ба шеъри Тило навиштаву ба чоп расонида будем. Бинобар ин аз такрори андешаҳо перомуни шеъри ӯ худдорӣ мекунем.

Абдуллоҳи Раҳнамо низ яке аз шоирони боистеъдоди имрӯз аст. Баёнаш сода аст. Дар қолаби ғазал, чаҳорпора, озод шеър мегӯяд. Намунаҳои зебои шоирона дорад, ки мехонем:

Сарои чашми маро ашк сарнагун овард,
Ғалат кӣ кард, ки ин хаймаро ба Ҷайҳун зад?

* * *

Чашми ман моҳичаи маҳзуни ман
Дар муҳити обҳо дорад шино.

* * *

Шӯшаҳои шишагини ях зи гӯши бом рехт,
Духтари бегӯшвор аз шарм бар рух лола кишт.

* * *

Ин ҳама тир дар дилам бинишаст,
Орзуи ту ҳеҷ кушта нашуд.
Ин ҳама ашк рафт, рафту ҳанӯз
Ёдҳои ту ҳеҷ шушта нашуд.

Зебост, аммо «шушта» адабӣ нест ва ҳусни шеърро кам мекунад.

Мутаассифона, шеъри Абдуллоҳ низ аз айб орӣ нест. Ин норасоиҳоро дар баён, қолаби калимот ва қофия метавон мушоҳида кард. Баёни омиёна баъзан шеъри ӯро ба наср наздик мекунад. Мисол:

Кучоед, эй **парустуҳои то зеҳни худо рафта?**

* * *

Зинда будан бо шумо сахт аст.
Зинда будан бо шумо **зӯр** аст.

Ғалатҳои қофия:

Чу қоматат ба назар ҷилваҳои мавзун зад...
...Магар ба тори шумо дасти ғайр нох**у**н зад?

* * *

Гули наргис, гули наргис, гули нарги**с**,
Ба ин хорӣ фаромӯшам макун ҳарги**з**.

Дар ғазале калимаи «нишот»-ро ба «начот», «ҳаёт»... ҳамқофия овардааст, ки нодуруст аст.

Дар қолаб (тахфифи овоз):

Ҳам бер**у**н аз канораш осон наметавон мурд...

Ба гурӯҳи дигар метавон шоироне чун Ноҳид Барно, Абдулқодири Раҳим, Исфандёр, Муҳаммадшарифи Раббониро ворид кард. Чунонки аз навиштаҳояшон равшан шуд,

забону баёнашон аксаран зебост, аммо мутаассифона, на ҳамеша суханашон дилнишин меафтад. Инон, бешак шоирипо шинохтаву дарёфтаанд, вале на ҳамеша ёфтани маънии тоза барояшон даст медиҳад. Инак, дар асоси мисолҳо навиштаҳои онҳоро баррасӣ менамоем.

Хусусияти намоёни шеъри Ноҳид равонии он аст. Ӯ метавонад дар ҳар вазни шеърӣ сухани равону таъсирбахш бигӯяд. Ин намунаҳо баёнгари дараҷаи ҳунари суханварии ӯянд:

Дар гулӯи мурғакони ин диёр
Нолаҳои асрҳо зиндониянд.

* * *

Бародар нест, бо ҳасрат гузорам
Ба китфонаш сари сангини худро

Аз ҳамон роҳе, ки рафтӣ, н-омадӣ,
Меравам, инак, ба афсӯсу пареш.
Боз меой, намеоям дигар,
Дил шикаст, аммо намегирад сиреш.

Ба ин монанд таъбиру ифодаҳо, дар ашъори ӯ агарчи кам дида мешаванд. Аммо чун дар шеъри дигарон дар офаридаҳои ин суханвар низ номавзуниҳо ба чашм мерасанд. Мисол:

Сипаҳб**у**ди борои некӯравон,
Аз ободии мардумаш ҷовидон.

Ин ҷо дар мисраи аввал овардани калимаи «сипаҳбуд» аз нигоҳи қолаб ва дар мисраи дувум калимаи «ҷовидон» аз нигоҳи маънӣ нодуруст аст.

Ғалати дигар ғалати қофия аст, ки дар ин мисолҳо мебинем:

Хиёнат омаду оташ заду с**ӯ**хт...
Ба эъҷозе кунад ободу якл**у**хт?

... Ки варо оғозу анҷо**ме**ш нест...
Лек раҳро ҳеҷ поё**не**ш нест.

Тахфифу имола низ дар шеъри Ноҳид ҷо-ҷо эҳсос мешавад, ки фасоҳатшикан аст. Дар мисоли зер калимаҳои «маъшуқ»-у «чиз» мухаффаф ва калимаҳои «масҷид»-у «соиқа» кашишдор хонда мешаванд, ки низ дуруст нест:

Ошиқем, ар маъш**у**қе, ҷони ҳамем.

* * *

Ҳар ч**и**зе, к-аз рӯи хоҳиш мешавад...

* * *

Аз ин бангиёну масоҷ**и**ду дин

* * *

Айёми гул расидаву со**и**қаҳо куҷост?

Барно яке аз шоираҳои ҷавони имрӯз аст. Суханаш ҳамеша равону мафҳум, таносуби каломаш устувор мебошад. Аммо мутаасифона кораш аксаран бо суханварӣ меанҷомад, то шоирӣ. Офаридаҳои шоирона дорад, аммо кам. Инак, чанд пора:

Кӯлбори тавбаам лабрез гашта,
Ҳастӣ аз бори гуноҳам беш хаста.

Ман надонам, дар тарозуи ҳақиқат
То куҷо бори ғаму дардам нишаста.

* * *

Ях бастааст ашк ба дарёи чашми ман...

* * *

Ханда дорад баҳори сабз ба ман,
Баски бо барф буд милодам.

Охирин ҳадяи зимистонам,
Ки канори баҳор уфтодам.

Баъзан дар шеъри Барно низ сактаҳо ба назар мерасанд:

Ман ки парвози баланд мехостам,
Пас чаро дар гӯшае ҳастам асир?

* * *

Поизо, андешаи бад шӯӣ аз авроқи даҳр...

Шоири дигар Абдулқодири Раҳим аст, ки ҳамеша кӯшише барои шеъри хуб гуфтан дорад. Намунае чанд аз офаридаҳои табъи ӯро мехонем:

Бо ҳубоб аз ошноиҳо чароғ афрӯхтам...

* * *

Нимашаб афсонаҳои мурдаро
Бо хаёли ёр эҳё мекунам.
Молҳои куҳнаи дарди варо
Дар дукони хеш савдо мекунам.

* * *

Достоне ба дарозии раҳи ашк мαрост,
Ки тавонам ба дарозии нафас ҳам гӯям.

* * *

Боз меояму афсона ба лаб мегузарам,
Ба раҳи шуълаи шаб аз дили шаб мегузарам.

Ҷои иқрор аст, ки дар навиштаҳои ин шоир сухани дилнишин камтар ба назар мерасад. Нахустин иллати шеъри Абдулқодир дар пургӯӣ ва муғлақбаёнии ӯст. Ин равиши баён сухани ӯро то ҷое мавҳуму мақсадашро номаълум кардааст.

Дар навиштаҳояш аз нигоҳи баён, мантиқ, таносуб, вазн, қофия норасоиҳо дида мешаванд. Инак, чанд намуна:

Тавофи Каъбаро аз хонаи Лайлӣ ҳамеҷустанд,
Ба ҳарфе фурсати паймон раҳо меёфт аз боде.

Дар ин байт ду иштибоҳ ҳаст: аввал ин ки тавофро намеҷӯянд, дувум ин ки «раҳо гаштан» дуруст аст, на «раҳо ёфтан».

Баъзан дар байни чаҳорпораҳо ва мисраъҳои ин шоир номутаносибӣ эҳсос мегардад. Масалан, таносуби мантиқии мисраъҳои ин байт равшан нест:

Ин хонаро ба хишти умедам насохтам,
Фарёди бекасии саворам намедиҳӣ.

Гоҳе баёнаш ғайримантиқист:

Шоха бишкаст ба оҳи гунҷишк.

Аввал ин ки оҳи гунҷишкро касе нашунидааст. Баъдан шоха аз ҳеч гуна оҳ ҳатто хам намехурад, чӣ расад ба шикастани он, бахусус аз оҳи гунҷишк, ки коҳест пеши кӯҳе.

Дигар аз навоқиси шеъри Абдулқодир дар сохтани ибораҳо аз такрори калимаҳост, ки маъниеро намерасонад:

Реги соҳилро ба ёд овардаму
кафше ба ёди ёдҳо бастам.

* * *

Ноумед аз остони остон рафтам.

Дар вазн низ ба сабаби мухаффаф хондани баъзе калимаҳо сактаҳо пайдо шудаанд. Дар намунаҳои зер ин иштибоҳ дар калимаҳои «берун», «Ҳавво», «кӯтоҳ», «мерӯид» дида мешавад:

Метавонам ашки худро бер**у**н аз худ
Рӯи мавҷе хона созам?

* * *

Гум шудан то гум шудан афсона мебофт
Аз Ҳа**в**ову Одаму он сӯи Ҳиндустон.

* * *

Сухан к**у**тоҳ бигӯянд аз раҳи одоб,
Адаб намондаам ин гаҳ дароз мегӯям.

* * *

Хаёлам бӯи борон дошт
Ва гул мерӯ**и**д аз андешаам имшаб.

Шоири дигар Исфандёр аст, ки ашъори сапед, озод ва арӯзӣ мегӯяд. Ҳамеша кӯшише барои шеъри хуб гуфтан дорад, аммо на ҳамеша дар ин ҷода ба тавфиқ мерасад. Аз маҷмӯае, ки аз панҷ дафтари шеър мунтахаб кардааст, дарёфтани танҳо чанд пораи зебо муяссар шуд,ки воқиан шоиронаанд:

Хуршед аз ғилофи сиёҳаш бурун кашид
Шамшери нурро,
То ки фалак тиҳӣ шавад аз фавҷи ахтарон.

* * *

Ҳаргиз ғуруб нест
Хуни ситораҳост, ки хуршедро гирифт.

Исфандёр суханро зебо оғоз мекунад, аммо он на ҳамеша бо шеър анҷом меёбад. Аз ин рӯ муассир намеафтад.

Бояд гуфт, ки дар офаридаҳои ӯ аз нигоҳи мантиқ, баён, таносуб, вазн, қофия ва қолаби калима норасоиҳо эҳсос мегарданд. Дар 38 шеър, ки дар маҷмӯаи «Аз маъбари тӯфон» (Душанбе, 2001) гирд оварда шудааст, зиёда аз 40 ғалат, ки

таснифаш кардем, дида мешавад. Бештари ғалатҳо марбут ба вазнанд. Инак чанд мисол:

Ғусса сардам кардаас**т**, гармои дӯзах ку?

* * *

Моҳу хурше**д** вафқи байтулмоли ӯст.

* * *

Халоиқро аз ин бедо**д**гарон озод мекардам.

* * *

Дидагонам сӯи о**с**монанду бас.

Ин гӯянда шеъре дорад, бо номи «Ду ракъат шеър...», ки вазнаш андарҳам аст. Маълум нашуд, ки он чи вазн аст.

Дигар ин ки дар ашъори Исфандёр қолаби калимаҳо бисёр вақт вайрон карда шудаанд, ки нохуб аст:

Рӯзу шабҳо мефурӯзад баркро,<br>
Меч**и**над аз дида хоби шаркро:

* * *

Ҳар сари сарх**ӯ**рро сар мезанад...

* * *

Мунтаз**и**рам, то ту ой, эй қашанг.

* * *

...Ва медидам, ки дайҳими шаҳӣ андар сари<br>
конову рангин аз х**у**ни қалби ҳазорон аст,<br>
Чӣ мекардам?

* * *

Духтари покдомани р**у**сто,<br>
Дар дилам ту ҳамеша мемонӣ.

* * *

Ва мехонад, ки по**и**з як муриди
хоназоди дасти Чингиз буд:

* * *

Бетаваққуф боз гардон менамудӣ рӯзу шаб
Аз хуни қасобҳои одамият осиёб.

Тавре, ки равшан шуд, дар ин мисолҳо қолаби калимаҳои «мечинад», «сархур», «мунтазир», «хун», «русто» ва «поиз» ба сабаби мухаффаф ё кашишдор талаффуз шудан вайрон шудаанд. Азбаски ин гуна ғалатҳо дар ашъори ин шоир хеле зиёданд, бо ҳамин иктифо меварзем.

Дар баёну таносуб низ шеъри Исфандёр гоҳ-гоҳ харобӣ дорад. Ба ин мисол таваҷҷӯҳ кунед:

Зиндагӣ, ҳар чӣ **набошад**, матлаъи марг аст.

Чӣ гуна чизе ки нест, метавонад мабдаъи чизи дигар бошад? Мисоли дигар:

Афкан ту аз ҷабинат он тозиёнаи қаҳр,
К-он тозиёна фардо бар пайкари ману туст.

Ин ҷо ташбеҳи қаҳр ба тозиёна ва таносуби тозиёна ба ҷабин ғалат аст.

Шоири дигар Муҳаммадшарифи Раббонист. Метавон гуфт, ки шеърро дарёфтааст. Офаридаҳое дорад, ки метавон ба номи шеър пазируфт. Аммо ҳанӯз забону баёнаш пухтаву сахта нест. Инак, чанд намуна аз ин гӯянда:

Зиндагӣ озурдатар созад дили озурдаро,
Зарбаи даст аст рӯзӣ ҷумлаи ғирболро.

* * *

Ғами олам насиби аҳли фазл аст аз азал, эй дил,
Ба сӯи шохаи пурмева партоянд сангу чӯб.

* * *

Боғи хушкидаи дил сабз шавад аз сари нав,
Гар ки бӯе расадаш аз нами шеъри тари мо.

* * *

Ман он дарёи шӯхам, ки надорам
Раҳоӣ аз ду дасти соҳили худ.

* * *

Нашкаста намонад оқибат шишаи дил,
Чун дар бағали тамоми мардум санг аст.

Аммо бояд гуфт, ки дар байни «намонад» ва «оқибат» ки бо ҳамсадо (ъайн) сар мешавад, сакта мавҷудаст.

Суханаш равону мафҳум аст. Танҳо дар қолаби калима ҷо-ҷо ба иштибоҳ рафтааст. Дар мисолҳои зер калимаҳои «имон», «гулӯ», «маҳрум» дар вазн намегунҷанд:

Ба чашми оби садоқат, ба қалб набзи имон,
Ба сар кулоҳи сабурӣ, ба дил тапидани оз.

* * *

Қадаҳи мастии моро ба саре мешикананд,
Мекашад ранги садо то гулуи соғари мо.

* * *

Эй бехабар аз лаззати дидори Худо,
Маҳрумшуда аз шафоати ёри Худо!

Бо вуҷуди баъзе норасоию ноҳамвориҳои ашъорашон метавон умед баст, ки намояндагони ин гурӯҳ низ шеърҳои хуби ногуфтаи худро хоҳанд гуфт. Муҳим ин аст, ки онҳо чӣ будани шеърро шинохтаанд ва каме омӯзишу заҳмату кӯшиши дигар лозим аст, то суханашон орӣ аз навоқис ва гӯшнавозу дилнишин гардад. Ба ин гурӯҳ номи ҷавононе чун Алишери Муҳаммадӣ, Сулаймон, Ҷамолиддин, Хусрав, Худойдод ва чанде дигарро низ метавон илова кард, ки

ҳанӯз дар оғози роҳи шоирӣ қарор доранду барои шеъри асил гуфтан талош меварзанд.

Ба гурӯҳи охир номи онҳоеро метавон вобаста донист, ки ҳаваси шеър гуфтан доранд, аммо ҳанӯз ба шеър нарасидаанд, зеро маънии онро ҳанӯз хуб дарк накардаанд. Чун шумори онҳо мутаассифона аз намояндагони ду гурӯҳи пешин бамаротиб зиёд аст, мо аз баррасии ҳусну қубҳи навиштаҳояшон, ки аксар ҳамранганд, худдорӣ намудем ва танҳо номашонро зикр мекунем: Муътабари Раштӣ, Офоқ, Мавҷигул, Лутфуллоҳи Тӯрахӯҷа, Мирзо Шералӣ, Раҳмати Аҳмад, Хоҷа, Абулҳай Комилӣ, Бобоназар Шамсиддинзода, Гулистон Субҳонова, Муаттар, Меъроҷиддини Камол, Одилҷон Ёқубов, Раҷаб Саидӣ, Ҳусния Мирзозода, Амир Сайиди Мункӣ, Низомиддин Давлатзода, Ҳоҷимуроди Хол.

Мо ба қадри имкон навиштаҳои чанд тан суханварро дар ин фушурда баррасӣ намудем. Тавре ки дида мешавад, дараҷаи шеъри ҷавони мо ҳам чандон баланд нест. Агарчи суханҳо шоиронаанд, аксар такроранд ё баёнашон суст аст.

Баъди истиқлол ҳама қаламкашон ба мавзӯъҳои миллат, забон, модар, Ватан даст заданд ва гумон карданд ҳар фарде дар ин мавзӯъҳо калимотеро мавзун кард, шоир аст. Сухан дар сари вобаста ба кадом мавзӯъ гуфтан нест, муҳим чи гуна гуфтан аст. Мутаасифона, бисёр суханварони мо ба дарки ин чиз нарасидаанд. Дар натиҷа ҳам онҳо бо роҳи ғалат рафтанду ҳам завқи хонандаро паст карданд. Бинобар ин мо бояд ба ин масъала ҷиддӣ муносибат намоем. Аз баррасии эҷодиёти ин қаламкашон метавон ба хулосаҳои зайл расид:

1. Қисми зиёди эҷодкорон ҳанӯз ба дарки мафҳуми шеър нарасидаанд.
2. Аксари қаламкашон бо қонуну қоидаҳои офаридани шеър қофия, вазн, таносуби калом ва мантиқи баён ошно нестанд.
3. Забони навиштаҳои бисёр қаламкашон аксар ба наср мегарояд, то назм.
4. Дар офаридаҳои баъзе аз онҳо лафзоройӣ бештар аст, ки мақсадро норавшан месозад.

5. Бештари онҳо шеърро аз назм фарқ намекунанд ва бо пур кардани қолабҳои арӯзӣ худро шоир мепиндоранд.

6. Дар навиштаҳои аксари онҳо сухани наву дилангез ба чашм намерасад.

7. Бештари онҳо бо таҷрибаи шоирии шоирони ҳамзабони мо (Эрону Афғонистон) ошноӣ надоранд.

Хулосаи умумӣ ин аст, ки шеъри ҷавонони мо ҳанӯз ба талаботи зарурӣ чандон ҷавобгӯй нест. Қаламкашон бояд аз таҷрибаи лозимии шоирӣ бархурдор бошанд, қоидаҳои офаридани шеърро хуб аз худ намоянд ва бояд ба гуфтани шеъри асил бикӯшанд, то суханашон наву зебову дилнишин бошад. Замони шиор гуфтанҳо гузаштааст ва бояд донист, ки шеър бояд гуфт, дигар шеър бояд гуфт.

*2005*

## СУХАН БОЯД БА ДОНИШ ДАРҶ КАРДАН

Дар бораи паҳлӯҳои гуногуни забон, имло ва нигориш дар матбуъот пайваста андешаҳои арзишманди донандагони хуби забон ба табъ мерасанд, ки ҳама сазовори дастгирию арҷгузориянд. Дар ин раванд мақолаҳои донишмандони зиёдеро метавон ёдовар шуд, ки ҳама олимонаву огоҳона нигошта шудаанд. Муаллифон ба эҳсоси масъулият камбуду норасоиҳои забониро бо далелҳои мушаххас ошкор кардаву ҷиҳати пешгириюислоҳи онҳо пешниҳодҳои илмие арза доштаанд, ки корест судманд. Агарчи дар навиштаҳои ин донишмандон нуктаҳои қобили баҳс низ ҷой доранд, дар маҷмӯъ метавон онҳоро хидмати бузурге дар роҳи поксозии забон донист.Умед буд, ки ин навиштаҳо ба ҳама қаламбадастон муассир хоҳад омад. Аммо сад афсӯс!

Мутаассифона, имрӯз забони адабии мо дар вазъияти ногуворе қарор дорад. Ҳар кас, ки қалам ба даст гирифт, мувофиқи дараҷаи дониши худ каламотеро чанд бо номи ҷумла ба қалам медиҳад ва аз он дараҷаи донишу саводи ӯро метавон дарёфт.

Дар ин фишурда мо низ андешаҳои худро перомуни чанд нукта баён менамоем, ки шояд қобили баҳс ҳам бошад. Нахуст дар бораи ибораҳои **«забони адабии тоҷик»** ва **«адабиёти тоҷик».** Камина бар ин ақидаам, ки чунин тарзи баён дуруст нест ва шояд ин аз тарҷумаи нодурусти ибораҳои мавриди назар аз забони русӣ сарчашма гирифта бошад. Далел ин аст, ки чунин тарзи баён матлабро чандон саҳеҳ ба хонандаву шунаванда намерасонад, чаро ки дар ибораҳои мазкур маълум нест, ки манзур аз калимаи **«тоҷик»**миллати тоҷик аст ё шахси мансуб ба миллати

тоҷик. Ибораи **«забони тоҷикӣ»** худ далели нодурустии **«забони адабии тоҷик»** аст. Пас, шакли дурусти навишти ибораҳои мазкур бояд **«забони адабии тоҷикӣ»** ва **«адабиёти тоҷикӣ»** бошад.

Дар осори адибон ва матбуот ҷумлаҳое ба назар мерасанд, ки ҷузъиёти ғайритоҷикӣ доранд. Масалан: «Ман як умр ӯро мададгорӣ кардам, ӯ **бошад**, ба қадри некиям нарасид». Матлаб сари ин аст, ки «**ман бошам**...»-у «**ту бошӣ**»-ю «**ӯ бошад**»-ҳо дар забони мо собиқаи дерина надоранд ва ғайритоҷикӣ буданашон бармалост. Ба ҷои ин «**будан**»-ҳо метавон ҳамеша аз пайвандакҳои хилофӣ истифода бурд, то баён равшану тоҷикӣ гардад: «...**аммо ӯ** ба қадри некиям нарасид». Хандаовар аст, вақте ки наттоқи телевизион ё радиё мегӯяд: «Вақти мо поён меёбад, **ман бошам,** бо шумо худоҳофизӣ мекунам». Агар ба мантиқи баён таваҷҷуҳ намоем, ба хулоса мерасем, ки агар ӯ нест, пас касе нест, ки бо мо худоҳофизӣ кунад. Эҳтимолан ин тарзи ифода аз забони узбакӣ ба забони мо ворид шуда бошад ва вақт аст, ки аз баҳри он бигзарем, то фасоҳати баён барқарор гардад.

Ҳамчунин қолабҳои бегонае чун «**дида баромадан**», «**санҷида дидан**», «**фаҳмонда додан**», «**тарсида мондан**», «**хандида фиристодан**» дар осори баъзе нависандагон ва гуфтору навишти соҳибони забон ба назар мерасанд, ки ба қоидаҳои забони мо созгор нестанд. Агар мо ба маънии луғавӣ ва вазифаи ҷузъҳои ин таркибҳо амиқан таваҷҷуҳ намоем, нодуруст ва бегона будани онҳоро дармеёбем ва ба ин ақида эътироф мекунем, ки ҷузъи дувуми ин таркибҳо зиёд асту ба забонамон бегона.

Дар навиштаҳои мансури аҳли қалам калимаҳое чун «**дидагӣ (медидагӣ)», «гуфтагӣ (мегуфтагӣ», «рафтагӣ (мерафтагӣ»), «донистагӣ (медонистагӣ),** ки дар забоншиносӣ бо номи «**сифати феълӣ»** ёд мешаванд, фаровон ба чашм мехуранд. Аммо бояд иқрор кард, ки чунин тарзи ифода хосси забони адабӣ нест. Аз ин рӯ, дар осори

адабӣ истифода бурдани онҳо нодуруст аст, чаро ки боиси костани ҳусни баён мегардад.

Иштибоҳи дигар дар ҷамъбандии исмҳо ба назар мерасад. Ба таври мисол «**садҳо хонандагон**», «**чандин китобҳо**», «**бист нафар донишҷӯён**» менависанду талаффуз мекунанд, ҳол он ки «**сад**»-у «**чандин**»-у «**бист**» худ ифодагари ҷамъанд ва ба дубора ҷамъ бастани онҳо ниёзе нест, балки фасоҳати суханро халалдор месозанд. Дар ин маврид донишмандони зиёде таъкид кардаанд, вале кор ҳамон аст, ки буд. Чунин ҷамъбандӣ хосси забони мо нест, агарчи дар баъзе забонҳои дунё ба мушоҳида мерасад. Бино бар ин, бояд аз он парҳез намоем.

Равиши номатлубе, ки дар матбуоти мо имрӯз ривоҷ дорад, истифодаи огоҳонаву ноогоҳона аз калимаҳо ва ҷамъбандиҳои арабист. Ҳар рӯз аз радио калимаҳои **«самъ»**, **«сомеъ»** ва **«истимоъ»** батакрор ба гӯш мерасанд, ки ба истифодаи онҳо зарурат нест. Намедонам, калимаҳои тоҷикии **«гӯш», «шунаванда»** ва **«шунидан»** чӣ гуноҳ доштанд, ки кормандони радиё ҷои онҳоро ба осонӣ ба калимаҳои бегона додаанд. Ба ҷуз ин, калимаҳои зиёди арабӣ имрӯз дар забони мо на ба маънию вазифаи худашон истифода мешаванд, ба монанди **«муштарӣ»** (дар шабакаҳои телефонӣ), **«шомил», «ташриф»**... Масалан, мегӯянд: «**Муштарии** даъватшаванда машғул аст», «Ман ба ДДМТ **шомил** шудам», «Президент ба пойтахти Русия **ташриф** овард». Маълум аст, ки аз надонистани маънии калимаҳо дар ин се мисол ба ғалат роҳ додаанд, чаро ки **«муштарӣ»** – харидор асту **«шомил»** – фарогир ва **«ташриф»** – мушарраф сохтан. Кор ба ҷое расидааст, ки баъзе соҳибзабонон аз ноогоҳӣ калимаи «**ташриф**»-ро ҳатто нисбат ба худ истифода бурдаву мегӯянд: «Ман ба маҳфил **ташриф овардам**».

Ҳамчунин калимаҳое бо ҷамъбандии шикаста, аз қабили **«шуъаро», «удабо», «аснод», «аҳдоф»** имрӯз корбурд до-

ранд, дар ҳоле ки метавонем тамоми онҳоро бо анҷомаҳои тоҷикӣ ҷамъбандӣ намоем, яъне **«шоъирон», «адибон», «ҳадафҳо», «санадҳо»**... Ба фикри ин ҷониб аз имконоти забони бегона танҳо вақте бояд мадад ҷуст, ки забони худӣ он имконотро надошта бошад, вагарна ба сохтори забон садамаҳое ворид мегарданд, ки ислоҳашон бо душвориҳои зиёде муяссар мегардад.

Инак, сухане чанд роҷеъ ба имлои баъзе ҳарфҳо низ баён медорем. Нахуст дар бораи изофат, ки баъд аз садонокҳо меояд. Маълум аст, ки то тасдиқ шудани имлои нави забони тоҷикӣ изофат дар ҳама ҳолатҳо танҳо бо ҳарфи **«и»** ифода мегардид. Баъд аз он ки барои ифодаи изофат **«й»** дар бари **«и»** қарор гирифт, ҳарҷу марҷе дар навишти ибораҳои изофӣ, ки муаяншавандаҳояшон бо садонок анҷом меёбанд, ба вуҷуд омад. Қаблан «чои кабуд», «бинои баланд», «хонаи нав», «доруи талх» менавиштанду имрӯз аксари ин ибораҳоро гӯё мутобиқи имлои нав дуруст кардаву ба шакли «чойи кабуд», «бинойи баланд», «хонайи нав», «доруйи талх» менависанд. Аммо бояд биандешем, ки оё дар ҳамаи ин ибораҳо истифодаи «й» дуруст аст ё не. Барои он ки иштибоҳ накунем, мо бояд ҳарфи охирини калимаи муаяншавандаро ба назар бигирем: «чо**й**», «бин**о**». «хон**а**», «дор**у**». Аз ин равшан мешавад, ки танҳо калимаи «чой»-ро, ки бо «й» тамом мешавад, метавонем дар ибораи изофӣ ба гунаи фавқуззикр ба қалам диҳем. Вале имрӯз баъзе қаламбадастон «хонайи мо», «дуъойи бад», «маъвойи дил», «лолайи кӯҳӣ».... менависанд, ки ҳама ғалатанд, чун муайяншавандаҳо «хона», «дуъо», «маъво» ва «лола»-анд, на «хонай», «дуъой», «маъвой» ва «лолай». Яъне истифода аз «й» дар таркиби ибораи изофӣ танҳо дар калимаҳое, ки бо ин ҳарф анҷом меёбанд, ба мисли «ҷой», «пой», «рӯй»... дуруст аст.

Чизи дигаре ки дар талаффуз ва навишташон нобасомонӣ ба назар мерасад, пайвандакҳои «-ву» ва «-ю»

мебошанд. Дар навишти форсӣ миёни «-ву» ва «-ю» тафовуте нест. Аммо дар расмулхатти имрӯзии мо онҳо мутафовитанд. Имрӯз ҳам дар навишт ва ҳам дар гуфтор ҳангоми паиҳам овардани калимаҳо ҳар кас мувофиқи завқи худ ё аз «-ву», ё аз «-ю» ва ё аз ҳар ду истифода мекунад, бе он ки мавқеъи корбурди онҳоро риоя намояд. Ба андешаи ин ҷониб пайвандакҳои «-ву» ва «-ю» ҷои корбурди муайяни худро доранд ва бояд он ҳам дар навишт ва ҳам дар гуфтор риоя шавад.

Масалан, дар байни «хона+дар», «доно+нодон», «дору+дармон» бояд «-ву» ва дар «Лайлӣ+Маҷнун», «дӯстӣ+бародарӣ», «некӣ+бадӣ», «саре+савдое» ва монанди инҳо аз «-ю» истифода кард, яъне «хонаву дар», «доновy нодон», «доруву дармон», ва «Лайлию Маҷнун», «дӯстию бародарӣ», «некию бадӣ», «сарею савдое»... Бадин манзур калимаҳоеро, ки бо ҳарфҳои «**-ӣ**» ва «**е**» тамом мешаванд, танҳо бо «**-ю**» ва мобақиро бо «**-ву**» метавон ба калимаи баъдӣ пайваст. Аз ин дидгоҳ хилофи ин қоида навиштану талаффуз кардани калимаҳои мавриди назар ба шакли «хонаю дар», «доною нодон», «дорую дармон» ва «Лайливу Маҷнун», «дӯстиву бародарӣ», «некиву бадӣ», «сареву савдое» ғалат менамояд.

Чизи дигар баъди калимаҳое ки бо –ӣ анҷом меёбанд, омадани бандакҳои **-ам, -ат, -аш...** мебошад: ҳастӣ+**ам**, гуфтанӣ+**ат**, пешравӣ+**аш**. Дар бисёр навиштаҳо ин калимаҳо дар шакли «ҳастиам», «гуфтаниат», пешравиаш» ба чашм мерасанд. Аммо, азбаски ин калимаҳо бо ҳарфи –**ӣ** анҷом меёбанд, ҳарфи баъди онҳо бояд ба шакли **йа** (я) навиштаву талаффуз шавад, яъне «ҳастиям», «гуфтаният», «пешравияш», то дуруст гардад. Муттаасифона, ин қоида низ на ҳамеша дар навишти имрӯзии мо риоя мешавад.

Нуктаи дигар марбут ба калимаҳое чун «**эҳтиёҷ**», «**эҳтиром**», «**эълон**», «**эҳсон**» ва «**мӯътабар**»**-у** «**мӯҳтарам**»**-у**, «**тӯъма**»-ву «**шӯъла**» ва калимаҳои қолаби

фоъили арабӣ чун **«ҷомеъ», «сомеъ», «носеҳ», «возеҳ»** мебошад. Бояд гуфт, ки дар хатти форсӣ ин калимаҳо ба гунаи **«иҳтиёҷ», «иҳтиром», «иълон», «иҳсон», «муътабар», «муҳтарам», «туъма», «шуъла», «ҷомиъ», «толиъ», «сомиъ», «носиҳ» ва «возиҳ»** навишта мешаванд, ки дуруст аст. Мутаассифона, дар хатти имрӯзии мо калимаҳои мавриди назар ба шакли ғалат, ки дар ибтидо ёд кардем, навишта мешаванд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои тоҷикии **«Суҳроб», «Луҳрасб», «нуҳ», «муҳр», «муҳра»**-ро низ метавон афзуд, ки ба гунаи ғалати **«Сӯҳроб», «Лӯҳрасб», «нӯҳ», «мӯҳр»** ва **«мӯҳра»** навишта мешаванд. Мутаассифона, то ҳол донишмандон дар ислоҳи ин ғалат кори арзишманде накардаанд. Боре наандешидаем, ки ин ғалатнависиҳо хонандаро ба ғалатхонӣ мебарад ва ӯ **«нӯҳ»**-ро ҳамвазни **«кӯҳ», «Сӯҳроб»**-ро ҳамвазни «**кӯҳзод», «ҷомеъа»**-ро ҳамвазни «**овеза»** талаффуз мекунад, ки ғалат аст. Аз ин ҷост, ки баъзан шоъирони мо ба сабаби пайравӣ аз ин тарзи навишти калимаҳо ба ғалаткорӣ роҳ медиҳанд ва вазни шеърашон хароб мегардад. Бино бар ин вақт аст, ки калимаҳои мазбур бо **«у»** ва **«и»** навишта шаванд, то аз ғалатнависиҳо дур бошем, яъне «**и**ҳтиёҷ», «**и**ҳтиром», «**и**ълон», «**и**ҳсон», «т**у**ъма», «ш**у**ъла», «тол**и**ъ», «ҷом**и**ъ», «сом**и**ъ», «нос**и**ҳ», «воз**и**ҳ»...

Солҳои ахир дар корбурди ҳарфи «**ъ**» ҳам бесарусомонӣ ба назар мерасад. Ҳар шахс дар куҷое ки раво донист, онро ҷой дод. Ин гуногунрангӣ дар «Имлои забони тоҷикӣ» низ ба чашм мехурад, яъне қоидаи ягонае дар мавриди истифодаи ин ҳарф надорем. Аз ин ҷост, ки навиштаҳо «рангоранг»-анд. Андешаи ин ҷониб ин аст, ки барои ислоҳи ғалатҳо бояд ҳарфи «**ъ**»-ро дар ҳама мавридҳо зикр кард, то шакли оғозини калима нигоҳ дошта шавад. Аммо ин ҳарфҳо аз калимаҳое, ки дар навишти форсӣ бо аломати ҳамза ва алифи мамдуда меоянд (**«ҷуръат», «ҳайрат», «Қуръон», «таъсир», «таърих», «алъон», «миръот»...**)

бояд бардошт ва ба ҷояш аломате гузошт, ки аз **«ъ»** фарқ дошта бошад.Вале талаффузи «**ъ**» дар калимаҳо иҷборӣ нест, чун ин овоз дар забони мо вуҷуд надорад, яъне дар хатти имрӯзии мо хусусиятеро хоҳад дошт, ки вови маъдула дар хатти форсӣ, ки мактуб асту малфуз нест. Дар он ҳолат метавонем ғалатнависиҳоро ҳам дар назм ва ҳам дар наср ислоҳ намоем.

Нуктаи дигар марбут ба **и**-и дароз аст, ки дар байни баъзе калимаҳо меояд. Азбаски он дар навишти имрӯзии мо ҳамшакли изофат ба қалам дода мешавад, дар дуруст хондани калимаҳои мавриди назар мушкил эҷод мекунад ва хонандаро ба ғалат мебарад. Бигирем калимаҳои «**бӣно»** ва **«бино» «Мино»** ва **«мӣно»**-ро, ки дар яке овози «**и**» кӯтоҳ асту дар дигаре дароз. Пас, барои дуруст навиштану хондани ин калимаҳо бояд дар байни калима ҳам **и**-и дарозро ба шакли «**ӣ**» ва ҳам «**и**»-и кӯтоҳро ба шакли «**и**» бинависем, яъне: «б**и**но»-ву «б**ӣ**но» ва «М**и**но»-ву «м**ӣ**но». Танҳо бо ин роҳ метавонем тарзи дурусти навишту талаффузи ин калимаҳоро барқарор созем.

Акнун сухане чанд роҷеъ ба ташдид дар баъзе калимаҳо баён карда мешавад. Дар ин маврид низ ғалаткориҳо ба назар мерасанд. Дар баъзе калимаҳое, ки аслан ташдид надоранд, ташдид мегузоранд ва баръакс калимаҳоеро, ки бояд бо ташдид навишта шаванд, беташдид менависанд. Маълум аст, ки дар калимаҳое чун **«миннат», «ҳиммат», «диққат»** ташдид мавҷуд аст. Аммо қаламкашони мо калимаҳои **«зинат»** ва **«қимат»**-ро ҳам бо ташдид менависанд, ки ғалат аст. Ба ин монанд калимаҳои **«сода», «тило»** ва **«фавқулъода»**-ро ба гунаи **«содда», «тилло»** ва **«фавқулъодда»** менависанд, ки дуруст нест. Баръакс калимаи **«бача»**-ро бояд **«бачча»** навишт, то саҳеҳ бошад.

Мо дар забон калимаҳои мураккабе чун **«пирмард», «пирзан», «барзгов», «шаҳрёр», «бахтёр»** ва **«Исфандёр»** дорем. Мутаассифона, то имрӯз ба таркиби онҳо ҳарфе аф-

зудаву ба шакли **«пирамард», «пиразан», «барзагов», «шаҳриёр», «бахтиёр»** ва **«Исфандиёр»** менависанду талаффуз мекунанд, ки иштибоҳе беш нест. Ин ғалат вақте маълум мешавад, ки калимаҳои мавриди назарро ба ҷузъҳо ҷудо кунем: пира(?)+мард, пира(?)+зан, барза(?)+гов, шаҳри(?)+ёр, бахти(?)+ёр, Исфанди(?)+ёр. Чун калимаҳои **«пирзол»** ва **«ҳушёр»**-ро бо ин калимаҳо муқояса намоем, ғалатнависиямонро дармеёбем. Калимаи «**парвардгор**»-ро ҳам метавон зикр кард, ки иштибоҳан «**парвардигор**» навишта мешавад.

Бояд гуфт, ки чунин иштибоҳҳо имрӯз дар забону баёни мо фаровонанд. Аз ин рӯ, ҳар яки мо бояд бо камоли ғамхорӣ нисбат ба забони худ амал кардаву барои пок нигоҳ доштани он бикӯшем ва андешаи худро огоҳона баён намоем, то мӯҷиби эроду нуктагирӣ нагардад, ки бузургон гуфтаанд:

Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан,
Чу зар санҷида в-он гаҳ харҷ кардан.

*2006*

## ҲОФИЗОЗОРӢ

Чанде пеш китобе бо номи «Девони рӯҳафзо»-и Ҳофиз ба дастам афтод, ки онро муҳаққиқон Ш.Бахтоваршоев ва А.Бахтоваршоев ба чоп омода кардаанд. Тавре ки аз пешгуфтораш бармеояд, ин чопи дувуми ашъори Лисонулғайб ба кӯшиши ин муҳаққиқон буда, чопи авали он тавассути Маркази чопи Донишгоҳи Киев (ш.Киев) сурат гирифтааст.

Чунон ки дар феҳрасти адабиёти истифодашуда омадааст, таҳиягарон дар кори худ 32 нусхаро мавриди баҳрабардорӣ қарор додаанд.

Камина бо чопҳои гуногуни девони Хоҷа Ҳофиз, ки ба хатти форсӣ ва кириллӣ сурат гирифтаанд, ошноӣ дорам. Аз «Девони рӯҳафзои Ҳофиз» чизе, ки маро ба хондани ин водошт, ибораи **матни интиқодӣ** мебошад, ки дар саҳифаи нахустини ин китоб сабт шудааст. Чун бо девон комилан ошно гаштам, андешидам, ки доир ба арзиши он мулоҳизаҳоямро баён кунам.

Пайдост, ки таҳиягарони девони Ҳофиз аз якчанд нусха истифода кардаанд. Ин аз он маълум мешавад, ки шумораи адабиёти баъзе ғазалҳо (баъзан худи ғазалҳо) ва соқиномаи Лисонулғайб дар ин китоб нисбат ба нусхаҳои пешина ё зиёданд, ё камтар. Шояд ҳам матнро аз як нусха гирифта бошанд, ки баъзан дар ғазалҳо дигаргунӣ ба назар расидаву ноошно менамояд. Аслан онҳо моли Ҳофиз нестанд. Масалан, қисме аз соқиномаеро, ки таҳиягарон ба номи Хоҷа Ҳофиз овардаанд, муҳаққиқон ба Хоҷуи Кирмонӣ нисбат медиҳанд. Баъди хондани ин нусхаи девон метавон хулоса кард, нусхае ки таҳиягарон аз он истифода бурдаанд, нусхаи комилу саҳеҳ нест. Ба исботи ин фикр дар идомаи суҳбат хоҳем расид. Ҳамчунон он аз нусхаҳои дигари соқиномаи шоир ҳаҷман хеле бузург будаву шубҳаи моли ӯ буданашро бештар месозад.

Бояд гуфт, ки таҳиягарон дар баргардонии матн аз хатти ниёгон ба хатти имрӯзӣ равиши хоссаи худро пеш гирифтанд. Онҳо ҳамеша кӯшидаанд, ки ю-ро дар шакли йу ва ё-ро дар шакли йо ба хонанда пешкаш намоянд. Ҳамзамон овозҳои у ва и-и дарозро,ки дар навишти форсӣ ифодаи худро доранд, кӯшидаанд, ки ба шакли ӯ ва ӣ, сарфи назар аз он ки ин ҳарфҳо дар аввал, байн ва охири калима қарор доранд, ба қалам диҳанд. Аммо натиҷа маълум кард, ки ин корро на ҳамеша яксон анҷом додаанд.

Иштибоҳоте, ки дар ин матн ба назар мерасанд, гуногун ва мутаассифона хеле фаровонанд. Аз ин рӯ, ба қадри имкон ин ҷониб он ғалатҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кардаву ҳамаро як-як зикр хоҳам кард. Нахустин чизе, ки хонандаи ин китобро ба андеша мебарад, ба ҷои калимае омадани калимаи дигар ё ғалат сабт шудани он дар ин девон аст.

Мо бирафтему ту дониву дили ғамхури мо,
Бахти бад то ба куҷо мебарад обашхури мо?

Равшан аст, ки қофияи ин байт ғалат шудааст. Дар нусхаҳои дигар дар мисраи аввал калимаи қофия «ғамбар» аст, ки дуруст аст, зеро қофияи ин ғазал «-ар» ва радифаш «мо» мебошад.

Ба ҳеҷ давр нахоҳанд ёфт ҳушёраш
Чунин, ки Ҳофизи мо масти бода аз азал аст.

Дурусташ «масти бодаи азал» мебошад.

Агар аз хамри биҳишт аст ва гар бодаи маст.

Шакли дурусти мисраъ ин аст:

Агар аз хамри биҳишт асту гар аз бодаи маст.

Байти «Дил додамаш ба муждаву хиҷлат ҳамебарам З-ин накди қалби хеш, ки кардам нисори дӯст»-ро, ки дар он ка-

лимаи қалб иҳом дорад ва бешак нусхаи саҳеҳ аст, ба шакли «Ҷон додамаш ба муждаву хиҷлат ҳамебарам. З-ин нақди камъиёр, ки кардам нисори дӯст» овардани таҳиягарони «Девони рӯҳафзо» ҷазбаи суханро камтар кардааст. Аз маънишиносон пӯшида нест, ки калимаи «қалб» дар ин байт ҳам маънии дил ва ҳам маънии пулро дорад ва аз ин рӯ калимаи «дил» дар мисраи аввал ба ҷои «ҷон» мувофиқтар меояд.

Ҳофиз, андар дарду ғам месӯзу бо дармон масоз,
З-он ки дармоне надорад дарди бедармони дӯст.

Дар ин байт ба ҷои «бо дармон масоз» «бе дармон бисоз» гуфтан дурусттар аст, ки дар аксари нусхаҳои девони Ҳофиз чунин омадааст. Феъли «сохтан» ин ҷо ба дард таъаллуқ дорад, на ба дармон.

Дарманде чу мани сӯхтаи зору низор
Зоҳиран ҳоҷати тақриру баён ин ҳама нест.

Шакли дурусти мисраи аввал чунин аст:

Дардмандии мани сӯхтаи зору низор.

Зеро мантиқан дардмандиро метавон баён кард, на дардмандро.

Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарӣ бар ту нахоҳанд навишт.

Огоҳон медонанд, ки «гуноҳи дигарон» дуруст аст, зеро «гуноҳи дигарӣ» маъно надорад.

Ҳайф аст тоире чу дар хокдони дев,
З-ин ҷо ба ошёни вафо мефиристамат

Вақте ки дар нусхаҳо «хокдони ғам» омадаасту мантиқист, «хокдони дев» машкуку нопазируфтанӣ мебошад.

Борам деҳ аз карам бари худ, то ба сӯзи дил
Дар пот дам ба дам гуҳар аз дида борамат.

«Дар пой» гуфтан кофист, зеро анҷомаи –ат дар «борамат» худ ба калимаи пой нисбат дорад. Такрори он ҳашв аст.

Ману боди сабо мискину саргардону беҳосил,
Ман аз афсуни чашмат масту ӯ аз бӯи гесӯят.

Дар ин ҷо таносуб вайрон аст. Шакли дурусти байт чунин аст.

Ману боди сабо мискин, ду саргардони беҳосил,
Ман аз афсуни чашмат масту ӯ аз бӯи гесӯят.

Таҳиягарон мисраи дувуми байти «Дар ин чаман чу дарояд хазон ба яғмоӣ, Раҳаш ба сарви саҳиқомати баланд мабод!»-ро ба шакли «Зи пеш сарви саҳиқомати баланд мабод»! оварда, маъниро торик кардаанд.

Дар чанд мисоли дигар метавон дид, ки гӯши ҳуш – гӯшу ҳуш, ҷону ҷаҳон – ҷони ҷаҳон, ориза – оризе, муқайяд – муқаййид, гӯшкашида – гӯшакашида, мустаҳиқ – мустаҳақ, худованд – худобанд, мӯҷиб – мавҷиб, остони висол – остону висол, рӯзу шабон – рӯзи шабон, зоеъ – зоя, оқил – бихрад, дилбаро – дилрабо, алминату лиллаҳ – алминнати лиллаҳ, ҳашмати Қорун – ҳашмату Қорун, латоифи ҳикамӣ – латоифи ҳакамӣ, дунйӣ – дуня, навбова – навбода, нукоти Қуронӣ – китоби Қуронӣ ва амсоли инҳо сабт шудаанд. Агар қисме аз ин ғалатҳоро ғалатҳои чоп шуморем, бештари онҳо аз ғалатхонии таҳиягарони «Девони рӯҳафзо» сар задаанд. Ба хотири кӯтоҳ кардани риштаи сухан аз овардани мисолҳо худдорӣ менамоям. Танҳо ин ҷо

дар мавриди калима ё ибораеро ба дигаре табдил кардаву мантиқу баёнро халалдор кардани таҳиягарон андаке таваққуф менамоям. Байт:

Шукӯҳи тоҷи султонӣ, ки бими ҷон дар ӯ дарҷ аст,
Кулоҳе дилкаш аст, аммо ба тарки сар намеарзад.

Таҳиягарон ба ҷои «тарки сар», ки иҳом дорад, «дарди сар»-ро оварда, лутфи сухани Хоҷаро аз байн бурдаанд. Мисраи авали байти

Сокинони ҳарами ситру ифофи малакут
Бо мани роҳнишин бодаи мастона заданд.

-ро ба гунаи «Сокинони ҳараму сирру ифофи малакут» ба қалам додаанд, ки дуруст нест.

Ҳофиз чун ағлаби абёташ байте дорад, ки онро ба ду маънӣ метавон фаҳмид:

Мо дар даруни сина ҳавое ниҳуфтаем,
Бар бод агар равад дили мо, з-ин ҳаво равад.

Аммо мутаассифона, дар «Девони рӯҳафзо» ба ҷои «дили мо» – сари мо омада, назокати сухан ва таносуби каломро халалдор кардааст.

Чандон ки бар канор чу паргор мешудам,
Даврон чу нуқта раҳ ба миёнам намедиҳад.

Равшан аст, ки «мешудам» бо «намедиҳад» ҳамзамон нест. Аз ин рӯ ба ҷои «мешудам» «меравам» саҳеҳтар менамояд, ки дар нусхаҳои девони Ҳофиз омадааст.

Ба ханда гуфт, ки Ҳофиз, ғуломи табъи туам,
Бибин, ки то ба чӣ ҳаддам ҳамекунад таҳмиқ.

Таҳиягарон лутфи ин байти зеборо дарнаёфтаанд. Аз ин рӯ «таҳмиқ»-ро ба гунаи «таъмиқ» овардаанд, ки маънии дигар дорад.

Мисраи «Ман ба сарманзили анқо на ба худ бурдам роҳ» ба шакли «Ман ба сарманзили анқо на ба худ роҳ бурдам» зикр ёфта, вазни шеърро халалдор кардааст.

Шармамон бод зи пашминаи олудаи хеш,
Гар бад-ин фазлу ҳунар номи кароомот барем,

-ро таҳиягарон ба шакли зер овардаву таносуби каломро вайрон кардаанд:

Шарм меоядам аз хирқаи олудаи хеш,
Гар бад-ин фазлу ҳунар номи кароомот барем.

То сухан дароз нашавад, дар поён аввал мисолҳое аз «Девони рӯҳафзо», баъд шакли дурусти онҳоро аз нусхаҳои девони Ҳофиз пеш меорем ва қазоваташро ба хонанда вомегузорем.

1. Асири ишқ шудан чораи халосӣи ман аст

2. Мудом хирқаи Ҳофиз ба бода дар гарав аст,
   Магар зи хоки хароботбуд фитрати ӯ.

3. Масеҳои муҷаррадро бирозад,
   Ки бо хуршед созад ҳамвисоқӣ.

4. Гиряи Ҳофиз чи созад пеши истиғнои ишқ,
   К-андар ин дарё намояд ҳафт дарё шабнаме.

5. Аз он бештар, к-оварӣ дар замир,
   Вилоятситон бошу офоқгир

6. Дар сина дилаш зи нозукӣ битвон дид
   Монанди сангреза дар оби зулол.

Аз ин мисолҳо мутаносибан халосӣи-халос, фитрати ӯ-тинати ӯ, бирозад-барозад,чи созад-чи санҷад, бештар-пештар, монанди-монандаи, сангреза-санги хора бояд хонда шавад, то маънию мантиқ дуруст ояд. Ваҷҳи ин ки сангреза бояд санги хора хонда шавад, ин аст, ки Хоҷа дили маъшуқаро аксаран ба хора монанд кардааст, на ба сангреза, ё резаи санг. Ин ҷо сахтии дил дар назар аст, на андозаи он.

Дар «Девони рӯҳафзо» байте ҳаст, ки аз мисраи аввали он маъние барнамеояд:

Чи ҷои ҷанг писандӣ, ба ҷом ёзад даст,
Чу вақти кор бувад, теғи ҷонситон гирад.

Шакли дурусти мисраъи аввал чунин аст:

Чу ҷои ҷанг набинад, ба ҷом ёзад даст.

Қисми дигари ғалатҳо ғалатҳоеанд, ки аз кам кардан ё афзудани овозу ҳарфҳо дар каламот сар задаанд. Ин ҷо бе сухани зиёд ба ишора кардани калимаҳои ғалат шакли дурусти онҳоро дар поёни мисраъ ё байт меорем.

1. Бисёр хуфтаанд дар ин хок симтан
Шоҳу **арӯси** ҳар яке аз гулрухон ҷудо.
дуруст: арӯс

2. Ғурури **ҳусн** иҷозат магар надод, эй гул...
дуруст: ҳуснат

3. Ба **ҳусни** хулқ тавон кард сайди иҳли назар
дуруст: **сайд**

4. Чу бо ҳабиб нишиниву бода паймоӣ,
Ба ёд ор ҳарифони **бодапаймонро**.
дуруст: бодпайморо

5. Аз барои бода мебояд задан
Муҳтасибро **ҳадд** беҳадду ҳисоб.
дуруст: ҳадди

6. Ту соҳибнеъматӣ, ман **мустаҳиқам**
дуруст: мустаҳиққам

7. Ҷоно, гуноҳи **толеъву** ҷурми ситора нест.
дуруст: толиъу

8. **Шайх Санъон** хирқа раҳни хонаи хаммор дошт.
дуруст: Шайхи Санъон

9. Аз хирад бегона шав, чун **ҷонш** андар бар бикаш.
дуруст: ҷонаш (зеро зарурат ба тахфиф нест)

10. Эй дил, ар ишрати имрӯз ба фардо фиканӣ,
Мояи **нақд** бақоро, ки замон хоҳад шуд!
дуруст: Мояи нақди баҳоро кӣ замон хоҳад шуд?

11. Муфтии ақл дар ин масъала **лойақил** буд.
дуруст: лояъқил

12. Дар пояш **машъале** аз чеҳра барафрӯхта буд.
дуруст: машъала

13. Биравад дил зи ману **в-аз дили** ман он наравад.
дуруст: аз дили ман

14. **Пешпое** ба чароғи ту бибинам, чи шавад?
дуруст: **пеши пое**

15. Гарат чу **Нӯҳ набӣ** сабр ҳаст дар ғами тӯфон,
дуруст: Нӯҳи набӣ

16. Баҳои васли ту гар ҷон бувад, харидорам,
Ки ҷинси **хуби** мубассир ба ҳарчи дид, харид.
дуруст: ҷинси хуб

17. Офтоб ҳасту моҳу бода ва ҷом
дуруст: Офтоб асту моҳу бодаву ҷом.

18. Ҳофиз сухан бигӯй, ки бар сафҳаи ҷаҳон
Ин нақш **монд** аз қаламат ёдгори умр
дуруст: монад (мувофиқати замонӣ ҳосил мешавад)

19. Даруни сина дилам чун **кабӯтар** битапид.
дуруст: кабӯтаре

20. Гирди изори ёри ман то бинавишт **ҳусни хат**.
Моҳ зи ҳусни рӯи ӯ рост **фитад** дар ғалат.
дуруст: ҳусн хат... фитод

21. Мавҷи ашки мо кай орад дар ҳисоб
**Он киштӣ** ронд дар хуни қатил.
дуруст: он ки киштӣ ронд

22. Ёраб, он оташ, ки дар ҷони ман аст,
Сард кун **з-он сон**, ки кардӣ бар Халил.
дуруст: он сон

23. Ҳошалиллаҳ, к-аз ҳисоби рӯзи ҳашрам бок нест,
Фол фардо мезанам, **имрӯз ишрат** мекунам.
дуруст: Фоли фардо мезанам имрӯзу шират мекунам.

24. Ҷилвагоҳи тоири иқбол бошад, ҳар куҷо
Соя андозад ҳумои **чатргардунсои** ту.
дуруст: чатри гардунсои ту

25. Гар муҳтасибат бар **кадубода** занад санг,
Бишкан ту кадуи сари ӯ низ ба хиште.
дуруст: кадуи бода

26. Эй **боди насим** ёр дорӣ
дуруст: бод насими ёр дорӣ

27. Ҳеҷ хушдил **напсандад**, ки ту маҳзун бошӣ.
дуруст: написандад (ҳоҷат ба тахфиф нест)

28. Гар сарв **бимонад** аз қаду рафтори ту бар пой,
Бихром, ки аз сарв гузаштӣ ба равонӣ.
дуруст: бимонд

29. Ин хун, ки мавҷ мезанад андар ҷигар туро,
**Дар кор** рангу бӯи нигоре намекунӣ.
дуруст: дар кори

30. Гар партаве зи теғат бар кону маъдан уфтад,
Ёқути **сурхрӯйиро бахшад** ранги коҳӣ.
дуруст: ёқути сурхрӯро бахшанд ранги коҳӣ

31. Ҷои ман дайри муғон асту мураввиҷ ватане,
Рои ман рои бутон **аст, муборак** рое
дуруст: асту муборак рое

32. Ҳофиз зи ҷон **муҳиби** Расул асту Оли ӯ.
дуруст: муҳибби Расул

33. Биё соқӣ акнун, ки шуд чун биҳишт
Зи рӯи ту ин **базм анбарсиришт**.
дуруст: базми анбарсиришт....

34. Чун **мулк** висоли ӯ нагардад
Осон-осон мусаллами дил
дуруст: мулки висоли ӯ

35. Аз ҳусни ту чун кунам **ибрат**
К-аз ҳеҷ сифат нишон надорад.
дуруст: иборат

36. **Ёқут лабат**, ки қути ҷон аст маро,
Онро ба дусад ҳазор марҷон надиҳам.
дуруст: ёқути лабат

37. То бувад вирдат дуъову **дарси Қуръон**, ғам махур!
дуруст:дарс Қуръон

Ин ғалатсилсиларо метавон ин сон идома дод, аммо мо ба ҳамин иктифо варзида, риштаи суханро ба сӯи дигар мекашем.

Дар хатти форсӣ ҷудо ё пайваст навишта шудани калимот чандон муҳим нест, зеро хонандаи закӣ худ онро дуруст метавонад бихонад.Аммо дар хатти имрӯзии мо ин кор равиши дигар дорад, яъне бо дигар кардани сохти калима (манзур пайвастагӣ ва ҷудоии он аст) маънии он тағйир меёбад ва хонандаро ба иштибоҳ мебарад. Ин гуна мисолҳоро дар чанд ҷои «Девони рӯҳафзо» низ метавон мушоҳида кард. Мо бо ҳамин тартибе, ки қаблан буд, аввал мисолҳоро аз ин нусха ва баъд шакли дурусти онҳоро меорем:

1. Хез, то бар килки он наққош **ҷонафшон** кунем...
дуруст: ҷон афшон кунем

2. Ғами куҳан ба майи солхурда дафъ кунед,
Ки тухми хушдилӣ ин аст, **пирдеҳқон**_гуфт
дуруст: пири деҳқон (пири деҳқон аз пирдеҳқон фарқ дорад)

3. Зери шамшери ғамаш рақскунон бояд рафт,
К-он ки шуд куштаи ӯ, **нек саранҷом** афтод.
дуруст: нексаранҷом

4. Худоро, доди ман бистон аз ӯ, эй шеҳнаи маҷлис,
Ки май бо дигаре хӯрдасту бо мо **саргарон** дорад.
дуруст: сар гарон дорад

5. Бинӯш май, ки сабукрӯҳиву латиф мудом,
Алалхусус дар он дам, ки **саргарон** дорӣ.
дуруст: сар гарон дорӣ

6. Ёри мо чун созад оҳанги самоъ,
Қудсиён дар арш **дастафшон** кунанд.
дуруст: даст афшон кунанд.

7. **Субҳ хезиву саломат талабӣ** чун Ҳофиз,
Ҳарчи кардам, ҳама аз давлати Қуръон кардам.
дуруст: субҳхезию саломатталабӣ

8. Дар **хилоф омади** одат биталаб ком, ки ман
Касби ҷамъийат аз он зулфи парешон кардам.
дуруст: хилофомади одат

9. Ҳар кас ғуломи шоҳеву **мамлуксоҳибест,**
Ҳофиз, камина бандаи султони кишварам.
дуруст: мамлуки соҳибест

10. Ба сеҳри ғамзаи фаттон **даво бахшиву** дардангез
дуруст: давобахшию дардангез

Дар хатти форсӣ ҳарфи йо аз он ки чанд овозро ифода мекунад, фиребанда аст ва метавонад, ки хонандаи ноогоҳро зуд ба роҳи хато барад. Ҳамин гуна фиребандагии он дар девони Хоҷа Ҳофиз ва умуман шуарои дигар фаровон ба назар мерасад. Дар поён мо ба ҳамон тартиби нахустин мисолҳои ғалатро аз ин девон ва пасон шакли саҳеҳи онҳоро меорем:

1. **Ҳузурӣ** гар ҳамехоҳӣ, аз ӯ ғоиб машав, Ҳофиз.
дуруст: ҳузуре

2. Ба болу пар марав аз раҳ, ки **тири партобе**
Ҳаво гирифт замоне, вале ба хок нишаст.
дуруст: тири партобӣ

3. Ба ними ҷав нахарам тоқи хонақоҳу рибот,
Маро, ки мастаба айвону пои хум **танабист.**
дуруст: танабест

4. Уқоби ҷавр кушодаст бол дар ҳама шаҳр,
Камони **гӯшанишиниву** тири оҳе нест
дуруст: гӯшанишине

5. Меҳроби абрувон бинамо, то **саҳаргаҳӣ**
Дасти дуъо барораму бар гардан орамат.
дуруст: саргаҳе

6. Гар дидаву дилам кунад оҳанги **дигарӣ,**
Оташ занам дар он дилу дида барорамат.
дуруст: дигаре

7. Нисбати рӯят агар бо моҳу парвин кардаанд,
**Сурати нодида,** ташбеҳе ба тахмин кардаанд.
дуруст: сурате нодида

8. Дил чу паргор ба ҳар сӯ **даваронӣ** мекард
дуруст: давароне

9. Афсӯс, ки он ганҷи равон **раҳгузарӣ** буд.
дуруст: раҳгузаре

10. Ман, ки панди носиҳонро хондаме қавли рубоб,
**Гӯшмолӣ** дидам аз ҳиҷрон, ки инам панд бас.
дуруст: гӯшмоле

11. Умри хусрав талаб, ар нафъи ҷаҳон мехоҳӣ,
Ки вуҷудест атобахшу **карими** наффоъ.
дуруст: кариме

12. Бе маю мутриб ба фирдавсам махон,
**Раҳате** фир-роҳ ло Фис-салсабил.
дуруст: роҳатӣ

13. Омурзиши накд аст касеро, ки дар ин ҷо
Ёрест чу ҳуреву сарое чу **биҳиштӣ**.(?)
дуруст: биҳиште

14. Мафрӯш ба боғи Ираму нахвати Шаддод
Як шиша майу нӯшлабеву лаби **киштӣ.**(?)
д: лаби киште

15. Чун болиши зар нест, бисозем ба **хиштӣ**(?)
дуруст: ба хиште

16. Ҳайф аст зи хубе, ки шавад ошиқи **зиштӣ.**
дуруст: ошиқи зиште

17. Олудагии хирқа харобии ҷаҳон аст,
Ку роҳраве, покдиле, **хубсириштӣ?**
дуруст: хубсириште

18. Онро, ки басар нест, чи **хубиву** чи зиште.
дуруст: хубею

19. Хомони раҳнарафта чи донанд завқи ишқ
**Дарёдилӣ** биҷӯй, **далерӣ** сар **омадӣ**.
дуруст: Дарёдиле биҷӯй, далере, саромаде!

20. Дуккони ошиқиро бисёр моя бояд,
Дилҳои ҳамчу оташ, чашмони **рӯдборӣ**
дуруст: чашмони рӯдборе

21. Чи шакар ҳаст дар ин шаҳр, ки қонеъ шудаанд
Шоҳбозони тариқат ба шикори **магасӣ?**
дуруст: магасе

22. Сазои қадри ту, шоҳо, ба дасти Ҳофиз чист?
Ҷуз аз дуъои **шабиву** ниёзи субҳдаме.
дуруст: дуъои шабею

23. **Гадое** басе беҳ зи шоҳаншаҳӣ
дуруст: гадоӣ

24. Ки то ваҷдро **корсозе кунем**
Ба рақс оему **хирқа бозе кунем.**
дуруст: Ки то ваҷдро корсозӣ кунам,
Ба рақс ояму хирқабозӣ кунам.

Навъи дигари ғалатҳое, ки қариб дар ҳар саҳифаи «Девони рӯҳафзо» вомехурад, марбут ба вазни шеър аст. Дар мисолҳое, ки аз ин девон меорем, ҳарфе ё калимае зиёд ё кам афтодааст, ки боиси харобии вазн гаштааст. Дар ин ҷо низ ба равиши пешин нахуст нусхаи байту мисраъҳое, ки таҳиягарони девони Хоҷа ғалат овардаанд, зикр намудаву дар поён шакли саҳеҳи онҳоро нишон медиҳем:

1. Даҳрӯза меҳри гардун **афсонаест афсун**
дуруст: афсона асту афсун

2. Бадам гуфтиву хурсандам, **афокаллоҳ** накӯ гуфтӣ.
дуруст: афокаллаҳ

3. Шоҳидон масруру мастон бе шикеб,
**Хонақоҳ маъмури** дарвешон хароб.
дуруст: хонақаҳ маъмуру...

4. Дар чунин мавсиме аҷаб бошад,
Ки бибанданд **дари** майкада ба шитоб.
дуруст: Ки бибанданд майкада ба шитоб.

5. Маҳил, ки **умр беҳуда** бигзарад, Ҳофиз.
дуруст: Маҳил, ки умр ба беҳуда бигзарад, Ҳофиз!

6. **Биҳамдуллоҳ** накӯкирдорам имшаб.
дуруст: Биҳамдиллаҳ

7. Ҳар шарбати азбам, ки **диҳед,** айни азоб аст.
дуруст: Ҳар шарбати азбам, ки диҳӣ, айни азоб аст

8. Бикшуд нофаеву дарди **ҳар** орзу бибаст.
дуруст: Бикшуд нофаеву дари орзу бибаст.

9. Ҳаволатам ба **харобӣ** кард рӯзи нахуст
дуруст: харобот

10. Ман ҳамон дам, ки **вузӯъ** сохтам аз чашмаи ишқ,
Чор такбир задам яксара бар ҳар чи ки ҳаст.
дуруст: вузӯ

11. Ҳофиз ин ҷо **боадаб** бош, ки султону малак
Ҳама дар бандагии ҳазрати дарвешон аст.
дуруст: баадаб

12. Маро гадои **кӯи** ту будан зи салтанат хуштар
дуруст: Маро гадои ту будан зи салтанат хуштар.

13. Чандон **гиристаам,** ки ҳар он кас, ки баргузашт,
Аз ашки ман чу дид равон, гуфт, к-ин чӣ хӯст?
дуруст: Чандон гиристам

14. З-он хоки некбахт, ки шуд **роҳгузори** дӯст
дуруст: раҳгузори дӯст

15. Чи лутф буд, ки **ногаҳ** рашҳаи қаламат
Ҳуқуқи хидмати мо арза кард бар карамат?
дуруст: ногоҳ

16. Ба ҳукми он ки худо **доштааст** муҳтарамат
дуруст: доштаст

17. Сазад, **агар** аз ҳамаи дилбарон ситонӣ боҷ.
дуруст: сазад, гар

18. Гуфт: **гаҳ-гаҳ** туро ёр намепурсад ҳеҷ?
дуруст: гаҳ-гоҳ

19. Дило, ту фориғӣ зи кори хешу метарсам
дуруст: Дило, ту фориғӣ аз кори хешу метарсам

20. Ҳама офоқ **гирифтиву** ҳама атрофи кушод,
Сейти хулқи ту, ки пайваста нигаҳбони ту бод!
дуруст: Ҳама офоқ гирифту ҳама атроф кушод
Сити хулқи ту, ки пайваста нигаҳбони ту бод!

21. Мулукро чу раҳи **хокбӯсии** ин дар нест,
Кай илтифоти ҷавоби саломи мо уфтад?
дуруст: хокбӯси

22. Сари мо фуруд **наояд** ба камони абруи кас.
дуруст: фуруд н-ояд

23. Нигоҳ дор **сарришта,** то нигоҳ дорад.
дуруст: сари ришта

24. Ратли гаронам деҳ, эй муриди харобот,
**Ба** шодии шайхе ки хонақоҳ надорад
дуруст: Шодии шайхе, ки хонақоҳ надорад.

25. Шарманда **роҳраве**, ки амал бар маҷоз кард.
дуруст: раҳраве

26. Коғазинҷома ба хуноба **бишӯем,** ки фалак
**Раҳнамунем** ба пои алами дод накард.
дуруст: Коғазинҷома ба хуноба бишӯям, ки фалак
Раҳнамуним ба пои алами дод накард.

27. Гар **раҳзан** ту бошӣ, сад корвон тавон зад.
дуруст: роҳзан

29. Гадои шаҳр **нигоҳ** кун, ки мири маҷлис шуд.
дуруст: нигаҳ

30. Бад-ин ҳазрат чу маштоқон ниёз оранд, **наозоранд.**
дуруст: н-озоранд.

31. Дил басе хун ба каф овард, вале дида бирехт,
**Алоҳ-алоҳ**, ки талаф карду ки андӯхта буд?!
дуруст: Аллаҳ-аллаҳ, кӣ талаф карду кӣ андӯхта буд?

32. **Эмин мабош зи ишваи** дунё, ки ин аҷуз
Маккора менишинаду муҳтола меравад.
дуруст: Аз раҳ марав ба ишваи дуне, ки ин аҷуз...

33. То аз онам чи ба пеш **ояду** аз инам чӣ шавад
дуруст: ояд, аз инам чӣ шавад.

34. Гуфтам ба хеш, **ки аз** вай баргир дил, дилам гуфт...
дуруст: к-аз

35. Хаёл **буд,** ин кор бе ҳавола бароянд.
дуруст: хаёл бошад

36. **Мӯсо** ин ҷо ба умеди **қасабе** меояд
дуруст: Мӯсӣ ин ҷо ба умеди абасе меояд.

37. Эй завқи шаҳди лаъли ту дар коми ман лазиз,
Ҳалвои қанд **гуруснаро** дар **даҳон** лазиз.
дуруст: Ҳалвои қанд гурсунаро дар даҳан лазиз.

38. Боз о, ки ошиқони ту мурданд **зи интизор.**
дуруст: з-интизор

39. Ки марди роҳ наандешад, **ҳарчи** нояд боз.
дуруст: арчи н-ояд боз

40. Ҳамин на қиссаи он шӯхи бевафо гӯям.
Ки боз чун бирасад, боз **зи** ибтидо гӯям.
дуруст: Ки боз чун бирасад, боз аз ибтидо гӯям.

41. Майи ноб **даркашидем ва** намонд нангу номе.
дуруст: даркашидему

42. Лаби **сарчашма** бар тарфи ҷӯе,
Нами ашкеву бо худ гуфтугӯе.
дуруст: Лаби сарчашмаею тарфи ҷӯе

43. Дар ин **хунафшон** арсаи растахез
Ту хуни суроҳӣ ба соғар бирез!
дуруст: хунфишон

44. Манзури **шаҳаншоҳесту** аз ноз
Парвои шикастагон надорад
дуруст: Манзури шаҳаншаҳест в-аз ноз...

45. Маҷнун наям, агар баҳои **Лайле**
Мулки Арабу Аҷам ситонам.
дуруст: Маҷнун наям, ар баҳои Лайлӣ...

46. В-ин ориятӣ равони **зиндонии** мо
Як лаҳза зи банди ақл озод кунем.
дуруст: В-ин ориятӣ равони зиндонӣ мо...

47. Он бози тарабшикор бар дастам неҳ
В-он соғари чун нигор бар дастам неҳ
Он **зулф**, ки занҷир бипечад бар худ,
Девона шудам, биёр, бар дастам неҳ.
дуруст: Он май, ки чу занҷир бипечад бар худ

48. Бо шоҳиди шӯху шангу бо барбату най
Кунҷею **кабобеву** як шишаи май.
дуруст: Кунҷею фароғатею як шишаи май.

Навъи дигари ғалатҳое, ки дар «Девони рӯҳафзо» ба назар мерасанд, аз ғалатхонӣ ва маъниношиносии таҳиягарони шеъри Ҳофиз сар задаанд. Дар поён мисолҳоро аз ин девон

овардаву баъд шакли дурусти онҳоро, агар лозим ояд, бо исботи саҳеҳ буданашон зикр мекунем.

1. Фарзи эзид бигузорему ба кас бад накунем,
   В-он чи гӯянд раво нест, **бигӯем** равост
   дуруст: нагӯем равост

2. Маҳрами ин сирри **маънидор улви** ҷони мост.
   дуруст: сирри маънидори улвӣ

3. Чу мо дар сояи алтофи ӯем,
   Чаро ӯ соя аз **маъво** гирифтаст?
   дуруст: соя аз мо вогирифтаст

4. Кӯҳи андӯҳи фироқат ба чи ҳилат **бикушад**,
   Ҳофизи хаста, ки аз нола танаш чун нолест.
   дуруст: ба чи ҳилат бикашад

5. Ҳофиз ар бар садр **биншинад**, зи олиҳимматист,
   Ошиқи дурдикаш андар банди молу ҷоҳ нест.
   дуруст: наншинад, зеро мантиқи мисраи дувум ҳаминро талаб мекунад ва дар нусхаҳои девони Ҳофиз низ чунин шакл омадааст.

6. Фурсат нигар, ки фитна чу дар олам уфтод,
   Ориф ба **ҷом мезаду** аз ғам канора кард.
   дуруст: Ориф ба ҷоми май заду аз ғам канора кард, зеро «мезад» бо «уфтод»-у «гирифт» ҳамзамон нест ва маъниро ғалат мекунад.

7. Ҳар дам ғаме фирист марову бигӯ **биноз,**
   К-ин туҳфа аз барои худо мефиристамат.
   дуруст: бигӯ ба ноз. Лутфи сухан ва мантиқи калом мегӯяд, ки ҳамин хониш дуруст аст.

8. Ҳар кас, ки бидид чашми ӯ, гуфт:
   **К-ӯ** муҳтасибе, ки маст гирад?
   дуруст: Ку муҳтасибе

9. **Пайпорае** намеканам аз ҳеҷ устухон,
То сад ҳазор захм ба дандон намерасад.
дуруст: пипорае пипора-мухаффафи пиҳпора

10. Аз ман акнун тамаъи сабру **дили хуш мадор**
дуруст: тамаъи сабру дилу ҳуш мадор.

11. Чашми ман аз паи ин қофила аз роҳ бимонд,
То ба гӯши дилам овози **«даро»** боз омад.
дуруст: даро ба маънии зангӯла аст, на аз феъли «даромадан».

12. Ҳазор нуктаи бориктар **аз** мӯ ин ҷост,
На ҳар ки сар **натарошад,** қаландарӣ донад.
Дар мисраи якум вазн хароб асту дар мисраи дувум маънӣ. Шакли дурусти байт ин аст:
Ҳазор нуктаи бориктар зи мӯ ин ҷост,
На ҳар кӣ сар битарошад, қаландарӣ донад.

13. Мо ба сад хирмани пиндор зи раҳ чун **биравем**,
Чун раҳи одами хокӣ ба яке дона заданд.
дуруст: наравем

14. **Шукри** ба сабр даст диҳад оқибат, вале
Бадаҳдии замона **амонам** намедиҳад.
Шакли дурусти байт чунин аст, ки маънияш барҷост:
Шаккар ба сабр даст диҳад оқибат, вале
Бадаҳдии замона замонам намедиҳад.

15. Ман он **мураққаи** (?) чу гул **нахоҳам** сӯхт,
Ки пири бодафурӯшаш ба ҷуръае нахарид.
Баъд аз «мураққаъ» калимаи «рангин» афтода, ки боиси харобии вазн шудааст. Баъдан «нахоҳам сӯхт»-ро «бихоҳам сӯхт» бояд хонд, то таносуб дуруст шавад.

16. Ҳоли мо дар фурқати ҷонону иброми рақиб
Ҷумла медонад худои **ҳоли гардон**, ғам махур.
дуруст: Худои ҳолгардон

17. Бизан бар авҷи фалак ҳолиё сародиқи ишқ,
Ки худ барад аҷалат ногаҳон **ба тири мағок.**
«ба зери мағак»-ро «ба тири мағок» хондан, ки ҳар ду навишти ҳамгун доранд, мантиқӣ нест ва таносуби каломро халалдор мекунад.

18. Ҳофиз, қалами шоҳи ҷаҳон **муқассими** ризқ аст,
«Муқассим» бояд «муқсим» хонда шавад, то вазн солим гардад.

19. З-он ҷо, ки файзи ҷони саъодатфурӯғи туст,
**Берун шудӣ,** намой зи зулмоти ҳайратам.
Маъние ба даст намеояд. Таҳиягарон ба сабаби ноошноӣ бо калимаи «беруншуд» ба ғалат рафтаанд. Гунаи дурусти мисраи дувум ин аст:
Беруншуде намой зи зулмоти ҳайратам.

20. Ман малак будаму **фирдавс** барин ҷоям буд,
Одам овард дар ин дайри харобободам.
Ин байт дар чанд нусхаи кириллияш ҳамин шакл дорад. Таҳиягарон боре наандешидаанд, ки калимаи «барин» дар доираи забони адабӣ танҳо маънии «олӣ» ва «баланд»-ро дорад.Ба маънии монандӣ истифода шудани он хосси забони адабии мо нест. Бад-ин сабаб ин ғалат сар задаст. Ин ҷо Ҳофиз «фирдавси барин» (аъло) гуфтааст, на фирдавс барин (монанди фирдавс)!

21. Бар сари турбати ман **бе маю** мутриб **манишин**,
То ба бӯят зи лаҳад рақскунон бархезам.
дуруст: бо маю мутриб бинишин, зеро мантиқи сухан низ ҳаминро талаб мекунад. Ва ҳам таносуби «бинишин» бо «бархезам» бештар аст, то «манишин».

22. Бар сари шамъи қадат шуъласифат меларзам,
Гарчи донам, ки ҳавои ту **кашад** ногоҳам.

Шуъларо ҳаво (бод) мекушад, на ки мекашад. Аз ин рӯ «кашад»-ро «кушад» хондан мантиқист.

23. То ҳама хилватиён ҷоми сабӯҳӣ гиранд,
Чанги **санче** (?) ба дари пири муноҷот барем.

дуруст: чанги субҳӣ

24. Гирди девонагони ишқ **мегард**,
Ки ба ақлу ақила машҳурӣ.

дуруст: магард

25. Бар он наққоши қудрат офарин бод,
Ки гирди маҳ **кашид** хатти ҳилолӣ.

дуруст: ба талаби вазн «кашид»-ро бояд «кашад» хонд.

26. Чаро ба як найи қандаш намехаранд онро,
Ки кард сад шакарафшонӣ аз **найқаламе.**

То ки вазни мисраи дувум дуруст шавад, «найқаламе» бояд «найи қаламе» хонда шавад.

27. Ту аз **нунулқалам** мепурс тафсир.

дуруст: нун ва-л-қалам

28. Муғаннӣ, куҷоӣ? Навое бизан,
Ба **яктоӣ ӯ дутое** бизан.

дуруст: Ба яктоии ӯ (Худованд) дутоӣ (рубоб) бизан.

29. Ба мансурият дар ҷаҳон рафт ном,
Ки мансур бошӣ бар аъдо мудом.
**Фаридун шукӯҳе** (?) дар айвони базм,
**Таҳамтан набурдӣ** (?) ба майдони разм.

Пайдост, ки аз хатношиносии таҳиягарон ин пора хароб гаштааст. Шакли дурусти байти дувум чунин аст:

Фаридуншукӯҳӣ дар айвони базм,
Таҳамтаннабардӣ ба майдони разм.

30. Бад-он тахти фирӯза фирӯз кист,
Зи айёми умр он **гаҳ** беҳрӯз кист?

Ғалат хондани калима дар мисраи дувум боиси харобии вазн шудааст. Шакли дурусташ чунин аст:

Зи айёми умр он ки беҳрӯз, кист?

31. Дам аз дил занӣ, (?) дар ӯ **дурд** каш,
Дами гарм хоҳӣ, дами сард каш.

Пеш аз «дар» калимае афтода, ки вазнро сактадор кардааст. Ва низ «дурд» бояд «дард» хонда шавад, то бо «сард» аз мисраи дувум ҳамқофия ояд.

32. Он, ки равшан буд **ҷаҳонбиниш** бад-ӯ
Мил бар чашми **ҷаҳонбинаш** кашад.

дуруст: ҷаҳонбинаш, яъне чашмаш.

33. То **бори худое** бод ёрат,
Ҷуз айш мабод ҳеҷ корат

Вазну маънӣ хароб аст. «Бори худое» «бор худой» аст.

33. **К-ӯ** бахт, ки аз сари ниёзе
Маъруз кунам ниҳуфта розе.

дуруст: ку бахт

**34.** Чу з-ин дори шашдар бурун **бар дарахт**
Набудаш ба ҷуз гӯру **тобути тахт**.

Мутаассифона дар хониши ин байт низ таҳиягарони «Девони рӯҳафзо» ба ғалат роҳ додаанд, чӣ ғалат, сахт иштибоҳ кардаанд. Аз байт бо ин шакл маъние бар намеояд. Гунаи саҳеҳи он чунин аст:

Чу з-ин дори шашдар бурун бурд рахт,
Набудаш ба ҷуз гӯру тобут тахт.

Таҳиягарони девони Хоҷа дар қисмати рубоиёт низ рубоиеро нодуруст баргардонӣ карда, қофияро аз байн бурдаанд:

35. Ҷон дар хами зулфи **ёри ҷонӣ** талабид,
В-аз банди бало гиреҳкушоӣ талабид.

Аз ин рӯ, мисраъҳоро ба чунин тарз бояд хонд, то қофия барқарор гардад:

Ҷон дар хами зулфи ёр ҷое талабид.
В-аз банди бало гиреҳкушое талабид.

Бояд гуфт, ки таҳиягарони «Девони рӯҳафзо» дар баргардонидани пораҳои арабии ашъори Ҳофиз низ ба ғалаткориҳо роҳ додаанд. Ин чиз аз надонистани қонуну қоидаҳои забони арабӣ сар задаст. Мо ба ҳамон тартиби пешин аввал гунаи ғалати мисолҳоро аз ин девон ва баъд шакли саҳеҳи онҳоро зикр мекунем.

1. Ашҳолано ва аҳло мин **қиблат-ул-уъзоро.**
д: мин қублат-ил-ъузоро

2. То **нафаххат** фийа мин рӯҳӣ шунидам, шуд йақин.
д: То нафахту фиҳи мин рӯҳӣ..

3. Шеваи **ҷанноти таҷрӣ таҳталанҳор** дошт.
д: Шеваи ҷаннота таҷрӣ таҳтаҳаланҳор дошт.

4. Ва лав **озитанӣ** билҳаҷр валҳаҷр.
д: Ва лав озайтанӣ...

5. **Ба** зарби сайкифа **қутила** ҳаётуно абадан.
д: Би зарби сайкифа қатлӣ...

Ин гуна ғалатҳо, мутаассифона дар китоб бисёранд. Ҳамчунин дар ин девон калимаҳои унс – инс, танаъъум – танаъум, фарқадон – фаркдон, қирвон – қайравон, муқаттаъот – муқатъаот ва ғ. омадаанд, ки ҳама ғалат будаву дар чопҳои пешинаи девони Хоҷа Ҳофиз ба хатти кириллӣ низ чанде аз ин ғалатҳо ба чашм мерасанд. Аммо «Девони рӯҳафзои Ҳофиз» пурғалаттарин нусхаи девони Лисонулғайб ба хатти кириллист. Дар он 700(!) ғалати хур-

ду бузург ба чашм мерасад, ки бисёри онҳо нобахшиданиянд.

Аз ин рӯ, хуб мешуд, суханношиносон минбаъд ба ин кори пурмасъулият (манзур таҳияи осори гузаштагони мост) сарсарӣ набинанд ва беҳтар ин аст, ки аз он канора гиранд. Ин кор ду хубӣ дорад: яке ин ки рӯҳи гузаштагонро намеозоранду хонандаро ба ғалат намебаранд ва дигар ин ки мавриди тамасхуру истеҳзои хонандаи огоҳ қарор намегиранд.

*2006*

# ХӮШАИ НУРОНИИ ШЕЪР

Зуҳури шеъри нав дар адабиёти тоҷикӣ, агарчи собиқаи тӯлонӣ надорад, ба он шоирони зиёде рӯй овардаанд ва дар қолабҳои нав андешаи худро баён карданд. Суханшиносон чанд даҳсола пеш аз ин гуфта буданд ва имрӯз ҳам мегӯянд, ки шикастани қолаб, дарозу кӯтоҳ кардани мисраъ, барҳам задани қофия ва ахиран бидуни вазни ягона овардани сухан ба номи «шеър» ҳанӯз шеър наметавонад буд, агар он аз тахайюлу бозёфти шоирона орӣ бошад. Ин нукта ҷойи тардид надорад ва воқеан шарти шоирӣ ҳамин аст.

Ҷойи ҳақгузорист, ки шеъри нав дар адабиёти тоҷикӣ ба таъсири шеъри нави Эрон ба вуҷуд омад ва шоирони мо, ки ба ин равия гароиш пайдо кардаанд, бо илҳом аз шеъри ҳамзабононамон ашъоре чанд ба қалам доданд. Агар шеъри даврони шӯравиро мавриди баррасӣ қарор диҳем, дармеёбем, ки шумори ашъори навин дар он давра чандон зиёд нест, ки ангуштшумор аст. Аммо баъд аз истиқлол шоирони мо ҳарчи бештар ба шеъри нав (қолабҳои навин) рӯй оварданд, ки ин падида дар байни ҷавоншоирон ба назар намоёнтар аст.

Мутаассифона, қисми зиёди суханварони мо моҳияти шеъри навро танҳо дар шикастани авзони арӯз, каму зиёд кардани ҳиҷоҳо донистанду аз ҳунари шоирӣ, санъатҳои бадеӣ, тахайюл ва мазмунофаринӣ фаромӯш карданд. Аз ин рӯ офаридаҳояшон аксаран ба дард намехӯранд ва ба диле чанг намезананд.

Дар миёни шоирони навпардоз, хушбахтона, шоир Доро Наҷот чеҳраи мушаххасу дурахшонест. Дар офаридани шеъри нав дар адабиёти тоҷикӣ касе аз шоирон ҳампои ӯ

нест. Ин сухан танҳо иқрори ин фақир нест, балки пеш аз ин ҳам суханшиносони мо бар он иқрор кардаанд, ки баҳои ҳақиқию воқеӣ ба ҳунару шеъри ин шоир аст. Вале шеъри ин шоир ҳанӯз хонандаи воқеии худро пайдо накардааст, ки ин якчанд сабаб дорад. Яке аз мониъаҳое, ки хонандаро аз дарки шеъри ӯ дур медорад ва баёну андешаашро номаънус менамоёнад, ҳанӯз ба олами шеъри нав дуруст ворид набудани худи хонанда аст, яъне чун зеҳни хонандаи мо ба ашъори қолабии арӯзӣ хӯ гирифтааст, якбора берун рафтан аз чаҳорчӯби муқарраpӣ барояш чандон қобили қабул нест. Ва шояд дар даҳсолаҳои баъдӣ шеъри сапеду озод дар адабиёти мо равнақи бештар ёбаду гӯши ҳуши хонандаи тоҷик ба он одат кунад.

Сухан кӯтоҳ, барои нишон додани ҳунари шоирии Доро Наҷот аз дафтари нави ашъори ӯ бо номи «Маҳтобе хамида дар рукӯъ», (Душанбе, Адиб, 2006) якчанд намуна овардаву ба қадри тавон баъзе хусусиятҳои ашъори гӯяндаи онҳоро зикр мекунем.

Нахустин чизе, ки аз хондани шеъри ин шоир пеши назар ҷилвагар мешавад, тасвири зебову дилангез аст, ки гӯянда бо истифода аз санъатҳои бадеӣ ба қалам додааст.

Дар шеъри «Хӯшаҳо» ӯ калимаи «хӯша»-ро дар таносуб бо «гандум», «анҷум», «ангур», «нур», «гесӯ», «нозбӯ», «сиришк» ва «гунҷишк» овардаву монандии онҳоро ба «хӯша» чӣ қадар зебо тасвир кардааст. Ҳар банди ин пораро метавон ҳамчун намунаи шеъри асил ҷудогона хонд.

Хӯшазоре буду хӯшачинӣ,
Ва як хӯша гандум
Дар чашми мардум
Як хӯша анҷум.

Хӯшазоре буду хӯшачинӣ,
Ва як хӯша ангур

Дар токзори субҳ
Як хӯшаи нур.

Хӯшазоре буду хӯшачинӣ.
Ва як хӯша гесӯ
Дар чамани рух
Як хӯша нозбӯ.

Хӯшазоре буду хӯшачинӣ,
Ва як хӯша сиришк
Дар шохи мижгон
Як хӯша гунҷишк.

Тавре ки дида мешавад, дар ин шеър «гандум» ба «анҷум», «ангур» ба «нур», «гесӯ» ба «нозбӯ» ва «сиришк» ба «гунҷишк» монанд карда шудаанд. Ҳамқофия шудани калимаҳои мавриди ташбеҳ шеърро боз ҳам зеботар кардаанд. Гандум – анҷум, ангур – нур, гесӯ – нозбӯ, сиришк – гунҷишк.

Махсусан рухро ба чаман ва гесуро ба хӯша монанд кардани шоир хеле дилнишину зебо афтодааст.

Шоир дар шеъри дигар вазидани боду «тамошо»-и алафҳову хониши чирчиракҳоро бо «роҳнамоӣ»-и яккадарахт ба ҳамдигар мутаносиб сохтаву вазиши бодро ба нут (нота), даштро ба саҳнаи театр, алафҳоро ба тамошоиён, яккадарахтро ба роҳбари оркестр ва чирчиракҳоро ба муғанниёни симфонӣ монанд мекунад, ки воқиан зебост:

Оҳанге мевазад аз нути бод
Дар теотрии дашт.
Алафҳо тамошоию
Яккадарахт роҳбари аркестр
Ва чирчиракҳо муғанниёни симфонӣ.

Дар шеъри дигар ба ёди даврони бачагияш меафтад, ки тухми хуршед «медуздид»-у косаи саршири моҳ:

Аз кӯҳ омадӣ,
Бе дуздии бӯи кокутӣ?
Ҳайфи дуздиҳои баччагиям бо ту
Вақте хуршед
Тухме дар лонаи бар буду
Моҳ косаи саршир
Дар сабади меҳ.

Дар ин шеъри зебо низ «хуршед»-ро ба «тухм», «абр»-ро ба «лона», «моҳ»-ро ба «косаи саршир» ва «меҳ»-ро ба «сабад» монанд кардани шоир, ки тавассути ташбеҳи изофӣ сурат гирифтааст, хеле зебост.

Шоир дар порае аз шеъре кӯҳро ба намозгузоре сабзҷомаву сафеддастор монанд мекунад, ки ҷойнамозаш дарёст.

Ман ба шабоҳати маҷнунбедии худ
Ошно шудам
Дар васати кӯҳе, ки қабл аз милоди инсон
Бо ҳирқае алафин ва дасторе барфин
Ба намоз истода буд.
Ва ҳанӯз рӯйи ҷойнамози дарё
Дар ибодат аст.

Яке аз намунаҳои зебои ин маҷмӯа шеърест бо номи «Дар кӯчаи Лайлӣ». Дар он шоир худро ба пайкари шикастаи Маҷнун дар ҳолати афтодагӣ ва ҷудоӣ аз Лайлӣ тасвир мекунад, ки сангандозҳо дар гирди «ҳавзи оби борони чашмон»-аш ҳалқа задаанд. Вале ғуруру ифтихораш аз он аст, ки ӯ сарлашкари набарди ишқ аст:

Ҳайкали шикастаи Маҷнунам
дар кӯчае пур аз ҷудоии Лайлӣ.
Сабзаи жӯлидамӯй печ зада ба урёнии зонувон
ва сафолинаҳои кафидаи сарам,
Сангандозҳо дойира мекашанд
дар ҳавзи оби борони чашмонам,
Вале ҳанӯз
Ғурурам бол мезанад,
ки сарлашкарам дар набарди ишқ,
ва сардӯшие дорам аз лонаи гунҷишк.

Ин шоир дар шеъре барфи борандаро ҳамчун «рӯҳи об», ки парандавор аз сайри малакут меояду бо гармии хуршед ба ҳолати аввалини худ, яъне об бармегардад, бо тасвироти ҷолибу зебо ба қалам медиҳад:

Арвоҳи обҳо
Парандавор аз сайри малакут меоянд,
Ки байза ба лонаҳои заминии худ гузоранд.
Само
Лабрези гулафшони гули болҳои сапед аст...
Ва хуршед
Ин ҳумои оташинбол
Байзаҳоро зери пар мегирад,
То чӯҷаҳои обӣ
Бадар оянду паровар шаванд
Сӯи обшори чаковакҳо
Ва кафтарони бешаи амвоҷ.

Дар ҳар шеъри шоир Доро Наҷот метавон бо тасвири зебову сухани тозае рӯ ба рӯ шуд, ки ин аз борикбинию қудрати чашмгири маъниофаринии гӯяндааш мужда медиҳад. Ба пораи зер мутаваҷҷеҳ мешавем, ки шоир дар он чашми худро ба давот, илҳоми худовандиро ба ранг,

мижаи худро ба килк, гиряро ба шеър ва рухсораи худро ба сафҳа монанд кардааст. Тавоноии ӯ дар тасвири ин ҳолат боз дар он ифода меёбад, ки таносуби байни ташбеҳшавандаҳоро бе воситаҳои ташбеҳ (адоти ташбеҳ) барқарор кардааст:

Худовандо,
Чӣ мешуд, гар давоти дидаамро
ранги илҳомат кунад саршор,
ки бо килки мижа шеъри равони гиря бинависам
ба рӯи сафҳаи рухсор.

Зебоии дигари ин пора боз дар он аст, ки сифати «равон» ҳам ба шеър ва ҳам ба ашк тааллуқ дорад.

Дар саросари ашъори сапед ва нимоии Доро Наҷот таъбиру ифодаҳои зебо ва лутфи зебои шоиронае чун «бегона шав аз бегонагӣ бо ман», «Аммо ман чӣ гуна сӯзам, ки осуғдаи деринам дар оташи ишқат», «Оғӯшат пур аз дуриҳо», «Аз парсинги лабонам мӯмиёи зикр меҷӯшад», «Дар лаби рӯд навҳаи сабзи ҳасрати алафҳост», «Мардум заҳри сухан ба финҷони ҷони якдигар мерезанд», «Сиришкашро ба гарданам овехт», «Маънавиётам шир аз пистони вожаҳо менӯшад» ба чашм мерасад, ки ҳусни суханашро афзудааст ва аз огоҳии комили ӯ дар ҷодаи шоирӣ гувоҳӣ медиҳад.

Доро Наҷот шоирест, ки дар офаридани шеър ҳамеша мантиқу таносуби каломро риоя мекунад. Дар эҷоди шеър аз санойиъи шеърӣ ва забон хубу огоҳона истифода мекунад, аз ҳашв дурӣ меҷӯяд ва дар баёни андеша ҳамеша аз ҳунар кор мегирад. Равиши ӯст, ки бештар аз тазоду муқобала – дар натиҷаи муқоисаи ду ҳолати ба ҳам зид шеъри зебое биофарад, ки битавонад хонандаро ба андешаву тафаккур ва дарки моҳияти масъалаи мавриди назараш водор намояд. Ин нуктаро дар шеърҳои «Ним-ним»,

«Онсӯтар», «Бонуи сим-сим», «Фақат ҷон» ва чандин пораи дигар метавонад дучор омад, ки бо забону баёни зебо ва андешамандию нуктасанҷӣ ба қалам омадаанд ва бешак хонандаро ба андеша ва дарки маънӣ мебаранд.

Мутаассифона, бо сабаби тангии имкон натавонистем намунае чанд аз ин дастро ба риштаи таҳлил кашем, чун ин корест доманфароху густарда ва аз доираи имкони як мақола берун.

Хусусияти дигари шеъри ин шоир дар ҳамнишинии овозҳову калимаҳо ва калимасозии худи гӯянда ифода меёбад, ки дар ашъораш фаровон ба кор рафтааст ва аз овошиносу забондони хуб буданаш мужда мерасонад. Ин масъала низ омӯзишу баррасии алоҳидаро тақозо менамояд.

Бо ин чанд ҳарф, ки перомуни ашъори шоир Доро Наҷот баён шуд, наметавон тамоми паҳлӯҳои чакидаҳои хомаи ин шоирро таҳлилу баррасӣ кард. Аммо аз чанд ишора ба хулосае мерасем, ки Доро Наҷот дар кори шоирӣ хеле муввафақ аст ва ашъораш намунаи зебои падидаи ҳунар мебошад. Муҳим нест, ки шоир дар қолаби арӯз шеър мегӯяд ё шеъри озоду сапед. Муҳим ин аст, ки сухани ӯ бо либоси ҳунар ороста ва дорои маъниҳои тоза бошад, ки битавонад дили хонандаро ба такон орад. Хуб аст, ки ҳамин хусусиятро мо дар аксари ашъори Доро Наҷот дучор меоем. Ҳамин нукта бас аст, ки ӯро ҳамчун шоири комилистеъдод эътироф намоем.

*2006*

# ХАТ ҒАЛАТ, МАЪНО ҒАЛАТ, ИМЛО ҒАЛАТ, ИНШО ҒАЛАТ

Баъди истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон забони адабии тоҷикӣ андаке рӯ ба пешравию беҳбуд ниҳод. Дар ин давра роҳи алоқаву ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои ҳамзабони мо – Эрону Афғонистон боз гашт, ки аз самараи хуби он имрӯз наметавон нодида гузашт. Калимаҳои зебои форсӣ, ки чанд муддат дар Тоҷикистон матрук ва барои тоҷикон номаънус монда буданд, дубора зинда гаштанд ва имрӯз барои аксари тоҷикзабонон ошнову фаҳмоянд. Аммо ин раванд бо худ нобасомониҳое ҳам дошт, ки наметавон аз онҳо сарфи назар кард. Манзур ин аст, ки баъзе калимаву ибораҳои тозаворидро фарҳангиёну рӯзноманигорон ва баъзе олимони мо бе он ки аз мавқеи корбурдашон огоҳ бошанд, нодуруст ба кор бурдангу мебаранд, ки ҷои ташвишу таассуф аст.

То замони истиқлол таъсири забони русӣ ба забони тоҷикӣ ба шиддати рӯзафзун идома меёфт, ки натиҷаи он ворид шудани қолабу қоидаҳои забонӣ ва тарҷумаҳои таҳтуллафзи калимаву ибораву ҷумлаҳои русӣ ба забони мо мебошад. Дигар ворид шудани қолабҳои туркист, ки андак ҳам бошад, назаррас аст.

Дар зери фишору таъсири ин ду қувва, ки ду лашкари тавонмандро мемонанд, забони адабии мо дар баробари бардоштҳои қобили қабул зиёни зиёде дид ва имрӯз он ҳолате дорад, ки метавонад ҳар фарди огоҳи миллатро ба андеша водорад.

Камина дар заминаи таҳлилу баррасии танҳо як шумораи рӯзномаву ҳафтаномаҳои расмию хусусии кишварамон (9-11 октябр), аз ҷумла, «Садои мардум», «Минбари халқ», «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Тоҷикистон»,

«Адабиёт ва санъат», «Омӯзгор», «Чархи гардун», «Оила», «Миллат» ва «Фараж» ба хулоса омадам, ки доир ба нуқсонҳои забонии ин расонаҳо баъзе андешаҳои худро баён кунам. Дар ин роҳ шояд андӯхтаҳоям кофӣ набошанд, аммо ба ҳар ҳол натавонистам аз баёни андешаи худ вобаста ба ин мавзӯъ худдорӣ намоям.

Ғалатҳои рӯзномаву ҳафтаномаҳоро метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо кард ва камина мутобиқи ҳамин гурӯҳбандӣ нуктаву эродҳои худро баён хоҳам кард.

Аввал аз таъсири сохти таъбиру ҷумла ва баъзе калимаҳо, ки аз забони русӣ ба мо омадаанд, шурӯъ мекунем:

Баъзе соҳибони забон бе он ки калимаи тарҷумашудаи «**ин**» зарурате дошта бошад, онро фаровон ба кор мебаранд, ки комилан хилофи дастуру меъёри забони тоҷикист. Масалан:

Сабаби чанд соли охир иҷро нагардидани нақшаи пахтачинӣ **ин** кам шудани миқдори мошинҳои пахтачинӣ ва кӯракғундор мебошад («СМ»). Мушкилоти дигар **ин** нокифоягии барқ буд...(«МХ»)

Мушкилоти асосии мо **ин** то синфи 11 ин нахондани хонандагон аст («Тоҷикистон»).

Намедонам чӣ сабаб аст, ки мо ба ҷои «ҷои кор» «ҷои корӣ» мегӯем, ки ин тарзи баён бо забони мо бегона аст.

Бо афзудани сайёҳон **ҷойҳои** нави **корӣ** пайдо шудан гирифтанд («М.Х.).Бо **ҷойҳои корӣ** таъмин кардани ҷавонон (Тоҷикистон). Ё: **Рӯзи** якуми **корӣ** («Фараж»)

Мардуми мо мегӯянд: «Мо гуфтем..., Онҳо гуфтанд:...» Аммо вобаста ба ин тарзи баён қолабе роиҷ шудааст, ки хилофи қоида аст:

Дар куҷо мушкилӣ? – андешаманд **гуфт ӯ.** («СМ») То охири соли 2008 аз Ироқ камаш 100 ҳазор низомии амрикоӣ бароварда мешавад, – **гуфт Президенти Ироқ...** («Ҷумҳурият»)

Ба ҷумлаи зер таваҷҷуҳ кунед, ки дар он се (!) унсури бегона, ки аз забони русӣ омадааст, ба назар мерасад:

Ба хотири фаҳмонидани бемориҳо **гузаронидани** маърӯзаю (ву – М.А.) сӯҳбат ва вохӯрию **баромадҳо** тавассути радиё ва телевизиони маҳалӣ **дар мо** ба ҳукми анъана даромадааст. («СМ»)

Ҳарчанд мубориза бурдем, «ҳайвони калони шохдор» дар сурати «моли шохдор» (?!) имрӯз ҳам дар забони мо мавҷуд аст:

Аммо баъди аз миён рафтани сохти шӯравӣ дар ин ферма ягон сар **моли шохдор** намонд(«СМ»).

Ё худ калимаи «майдон», агарчи нодуруст аст, намехоҳад, ки ҷои худро холӣ кунад:

Тибқи иттилои ӯ то 5 октябри соли равон чинакчиён (булъаҷаб ҳарфе! – М.А.) **аз майдони** 429 **гектари** пахтазор зиёда аз 300 тонна тиллои (тилои – М.А.) сафед ҷамъоварӣ карданд(«СМ») .

Чанд сол аст мо бе он ки аз маънову вазифаи калимаи «вобаста» огоҳ бошем, онро ба шакли «вобаста аз» ба ҷои «вобаста ба» менависему талаффуз мекунем:

...ҳунари фолклорсароӣ **новобаста аз** эътироф кардан... рушду такомул меёфт. («Ҷумҳурият») Чунки **аз** ҳолати рӯҳии шумо табъи атрофиён **вобастагӣ** дорад.(«Оила») Ҳама чиз **аз** хоҳиш **вобаста** аст. («Омӯзгор») ...аз марказҳои барқу гармидиҳӣ **вобаста аст.**(«Тоҷикистон»)

Дигар калимаи «**баромад»** аст, ки солҳо қабл бо роҳи тарҷумаи ғалат аз забони русӣ вориди забони мо гаштааст. Мутаассифона, он бо вуҷуди пофишориҳои зиёди забоншиносони мо ҷои худро тарк накард, агарчи дар забони тоҷикӣ муродифҳои зиёде дорад. Аз ин ғалатнависиҳо танҳо ду намуна меорем:

Бо суханони ифтитоҳӣ **баромад намуданд.** («Тоҷикистон»)

Инчунин дар чорабинӣ (?) ... **баромад намуда...** («Ҷавонони Тоҷикистон»)

Қолаби дигаре, ки аз забони русӣ гузаштааст, чунин аст:

Рӯзи душанбе ба сардор **ёрӣ расонида истода**(?!) Ӯро аз ҳолати ногувор мебароред.

Аз тарҷумаи булъаҷабе таркиби «воқеъ дар» пайдо шудааст, ки имрӯзҳо корбурди васеъ дорад:

... заводи шаробтайёркунии (шаробкашии – М.А.) «Хайём» **воқеъ дар...** аз фаъолият бозмонда буд. («СМ»)... боғчаи бачагонае (бачагон – М.А.) **воқеъ дар Рӯшон** («Фараж»).Дар фабрикаи **воқеъ дар Лондон** таркиши сахт ба амал омад. («Оила»).

Дигар таркиби «**нигоҳ накарда»** аст, ки ба ҷои «**бо вуҷуди**», «**бо он ки**» аз тарҷумаи ҳарфбаҳарфи русӣ сар задааст:

Мо ба нобиноиямон **нигоҳ накарда...** («Оила»).

Бо душвориҳо нигоҳ накарда иттифоқ мавқеу нуфузихудро... то имрӯз нигоҳ медорад («ҶТ»).

**«Ба сифати»** чунон машҳур шудааст, ки имрӯз касе намехоҳад онро тағйир диҳад:

... Шумо **ба сифати** як меҳмон... («Оила») Хонаи холаи Шарофат барояш танҳо **ба сифати** ҷои хоби муфту беосеб хидмат мекард. («Тоҷикистон»)

Дигар таркиби **«бахшида ба»** мебошад, ки низ аз қолаби русӣ берун омадааст:

**Бахшида ба** рӯзи муаллимон; **бахшида ба** иди касбӣ («Омӯзгор»).

Имрӯз дар зеҳни мо чунон нишастааст, ки наметавонем ба ҷои **«қабул карда шуд», «санад ба имзо расид»** (**имзо шуд**) бигӯему бинависем:

Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО оиди (оид ба – М.А.) ҳифзи Яғноб муроҷиатнома **қабул карда шуд.** («Тоҷикистон»)

Мутаассифона, ин ғалати ом имрӯз дар тамоми санадҳои давлатию ғайридавлатӣ ба кор бурда мешавад.

Дигар қолаби **«хабар дода мешавад, ки», «гуфта мешавад, ки»** мебошад, ки дар расонаҳои хабарӣ корбурди фаровон дорад:

**Хабар дода мешавад, ки...** ҳалок шудааст. («Тоҷикистон»).

Ҳатто дар протоколи ҷаласаҳо (аз калимаи қабеҳи «**суратмаҷлис»** парҳез мебояд – М.А.) аз боло то поён ҳамин қолаби ғалатро, ки ба забони мо бегона аст, ба мисли «ба муовини аввали Вазир (Раис) **супорида мешавад, ки**»-ро дучор меоем, ки ҷои андеша аст. Дар ин маврид маълум нест, ки супоришро ба шахсони масъул (муовинон ё каси дигар) кӣ медиҳад, ё бояд бидиҳад.

Таркиби «**оид ба»**-е, ки аз қолаби русӣ ба мо расида, чунон дар забони навишторамон реша давондааст, ки имрӯз бе мурооти он ҷумлаву баён ба назарамон хато менамояд:

9 октябр Академияи шоҳии илми Шведсия ҷоизадоронро **оид ба** физика ... интихоб мекунад.(«Ҷумҳурият»)

Таркибҳои **«оид ба футбол», «оид ба шоҳмот»**... аз ҳамин дастанд,ки бо дарки андаки нозукиҳои забони модарӣ метавон онҳоро ба шакли дуруст даровард.

Фишори забони русӣ ба забони мо чандон бузург аст, ки наметавонем «**Қонун дар бораи маориф»** ва **«Қонун дар бораи матбуот»**-ро **«Қонуни маориф»** ва **«Қонуни матбуот»** бигӯем. Ё аз калимаи **«назди»**-и унвони кумитаҳои давлатиямон даст бикашем. Ман намефаҳмам, ки ин **«назди»** дар унвони «Кумитаи давлатии... Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ хидматеро метавонад адо кунад?! Воқиан чунин номгузорӣ ҷои таассуфу андеша аст!

Дигар таъсири қолабу таркибҳои туркист, ки имрӯз дар забони мо каму беш ба назар мерасад. Ин чиз чи дар сохтани баъзе калимаву ибораҳо ва чи дар ҷумлаҳо намоён аст. Калимаҳои қабеҳи **забончӣ, адабиётчӣ, маорифчӣ...**-ро аз ин даст метавон мисол овард, ки гӯшхарошанд.

Калимаи **«бошад»**, ки бидуни зарурат дар гӯишу китобати чи олимон, чи нависандагон (хулоса, қариб ҳама) ҷой гирифтааст, наметавонад дар ҷумлаҳои мавриди назар вазифаеро анҷом диҳад:

Оғози корҳои сохтмонӣ (сохтмон – М.А.) дар нақби Шаҳристон **бошад,** аз он башорат медиҳад, ки...(«СМ»)

Дар вохӯрии сардори давлати Тоҷикистон Э.Раҳмон бо Президенти Федератсияи Русия В.Путин **бошад,** як қатор масоил мавриди баррасӣ қарор гирифт.(«Ҷумҳурият»)...он ҳам **бошад**, андешидани чораҳои ҳуқуқии маҷбуркунӣ мебошад. («Тоҷикистон»)... духтаракро ба шавҳар медиҳанду писарон **бошанд**, баъди хатми синфи 9 ба оворагӣ машғул мешаванд. («Тоҷикистон») Дар Қазоқистон **бошад**... («Омӯзгор»). Дар амал татбиқ кардани онҳо **бошад...** («ҶТ»).

Дигар таркиби «**дида баромадан**» аст, ки низ бо таъсири қолаби туркӣ дар забони мо пайдо шудааст. Мутаассифона, он имрӯз ҳам дар матбуот ва ҳам асноди расмӣ корбурди васеъ дорад:

...**дида бароед**. («ҶТ»)

Ҷавони хуб, эълони худро **хонда бароед**! (ТВТ)

Маводҳои дигари ҳуқуқиро **дида баромада**... («Тоҷикистон»).

Қолабҳои дигаре, ки аз туркӣ гузаштаанд, ба мисли **«шуда мондан» «нафаҳмида мондан», «гуфта додан»** низ хеле серистеъмол шудаанд, ки боиси таассуф аст:

... ба ӯ одат **карда монданд.** («ҶТ»). Ӯ дигар Баҳром нею Боря **шуда монд.** («ҶТ»). Ман ба ӯ дӯст **шуда мондам.** («Тоҷикистон»).

Ҳоло ба ҷои «**муаллим буд**» «**муаллим шуда кор кард»** мегӯем, ки ба забони мо бегона аст:

11 сол сармуҳаррири Ҷавонони Тоҷикистон **шуда кор кард.** («ҶТ»)

... **гап зада мондаанд.** («Фараж»).

Дигар таркибест, ки бо феъли **«дидан»** сохта шудааст ва ба забони мо бегона мебошад: Аз адабиёти бадеӣ **дида** ба нақд зиёдтар мутаваҷҷеҳ мегардиданд. («АС»)

Акнун чанд сухан дар бораи ғалатҳои дигаре ки дар забон ҷой доранд, мегӯем. Нахуст ҷамъбандии нодурусти исмҳост, ки ҳамарӯза ба назар мерасад.

**Се классикони** ӯзбак («Миллат»).... **100 нафар иҷоракорон** («СМ») **Чандин марказҳои** фарҳангӣ («МХ»). **Чандин манзилҳо** («Оила»). **Ягон хел андозу монеаҳо** нест («ҶТ»). **Чандин шоирон, чандин... мадрасаҳо** («АС») **Ҳарду шабакаҳо** («Фараж»).

Намедонам, сабаб чӣ бошад, ки қаламкашони мо солҳои ахир ба ҷои «**доир ба», «оид ба», «нисбат ба»... «доири», «оиди», «нисбати»...** менависанд ва баҳри ислоҳи ғалати худ намекӯшанд. Таъсири забони онҳо имрӯз ба аксари мардум, хусусан соҳибмансабҳо гузаштааст ва инҳо ба шеваи нигорандагон пайравӣ мекунанд, бе он ки аз ғалат будани ин тарзи баён огоҳ бошанд.

Имрӯзҳо ба ҷои **«чунон ки», «чуноне ки»** ё **«чуноне»,** ё ба ҷои «**вақте ки», «вақте»**-ро ба кор мебарем, ки ба назар ғалат менамояд:

**Чуноне** аз маълумоти кумитаи омор бармеояд... («Ҷумҳурият»). **Вақте** ба ҷамоат, ба чашм эълони «ҳама ба пахтачинӣ!» бархӯрд. («Ҷумҳурият»). **Чи тавре** роҳбари комиссияи интихоботии кишвар қозӣ Муҳаммад Фаррух (Муҳаммадфаррух – М. А.) эълом дошт... («Ҷумҳурият»).

Дигар **«инҷониб»** аст, ки имрӯзҳо ба тобиши замон ба кор бурда мешавад. Баъзе қаламкашон намедонанд, ки он танҳо ба шахси якум нисбат дорад:

... аз соли 1989 **инҷониб**. («ҶТ»)... аз соли 1992 **инҷониб** («СМ»), 25 сол **инҷониб.** («Омӯзгор»)

Ғалати дигар номувофиқии муайянкунандаву муайяншаванда мебошад, ки гоҳ-гоҳ ба чашм мерасад:

Ҳизбу давлат танқиди адабиро аз муҳимтарин васил**аи** (василаҳои – М.А.) ёрирасони худ корбаст(?) менамуд. («АС»)

Президентҳои **кишвар.** («Фараж»)

Қаламкашони мо бо истифода аз калимаи **«буда**» калимаҳои гӯшхароше месозанд,ки ба ҳеч ваҷҳ қобили қабул наметавонанд буд. Аммо, мутаассифона, ин шеваи нигориш хеле густариш ёфтааст ва то соҳибони забон ғалат будани онро дарк накунанд, наметавон аз он халос ёфт:

...террорист яке аз афсарони дар дохили автобус**бударо** ба шубҳа овард.(«СМ»). Минтақаи аз тамаддун **дурбуда** («Тоҷикистон»).

Ин гуна таъбирҳои булъаҷабро дар аксари расонаҳои хабарӣ дучор меоем; таваҷҷуҳ кунед:

шоколади шакли **дилдошта**, шоколади расми **гули сад-баргдошта**, атри занонаи шакли (?) **шамшердошта**, телефони мобилии **рангаш металлӣ**, олами барои ӯ **афсонабуда**, дирӯзакак таҳқиру беҳурматии дар сарҳади Самарқанд – Панҷакент аз сар **гузаронида** («Тоҷикистон»), чорабиниҳои ... **аҳамияти байналмилалӣ дошта** («Омӯзгор»), Рӯдакии дар садаи Х умр **ба сар бурда** ва **эҷодкарда,** мисраҳои (мисраъҳои – М.А.) сохтаи аз шаҳди шоҳбайтҳои Рӯдакӣ **нишонае надошта**, тарҷумони тоҷику эрониро чашми **дидан надошта**, Адиб Собири ҳар суханаш рӯҳи ноби (?) **тоҷикдошта,** ба дарди Рӯдакию дарди халқи тоҷик **об намехӯрда** («Миллат»), адабиёти ба ин мавзӯъ **мансуббуда** («ҶТ»), филмҳои ба дарди касе **марҳамнамешуда** («ҶТ»), **гурги борондидаи ба пои худ гирифтори домшуда** («Тоҷикистон»).

Намунаҳои аз ин бадтарро ҳам метавон дучор омад: хонаи сӯхта хокистар **шудагӣ,** хонаҳои **сӯхтагӣ** («Оила»)

Акнун ба калимаҳое таваҷҷуҳ мекунем, ки ба маънии ғалат истеъмол мешаванд. Калимаи **«шомил»**, ки маънии **фарогиру дарбаргиранда** дорад, мутлақо нодуруст ба кор меравад:

...ва ба рӯйхати коргоҳи рассомони флорентӣ **шомил** гашт. («Ҷумҳурият»)...ноҳияи Рӯдакӣ ба он барнома **шомил** аст. («Тоҷикистон»)

...кишвари моро ба гурӯҳи 10 мамлакати пешрафтаи коррупсионӣ (?) **шомил** сохтаанд. («Тоҷикистон»)... ба он Чин ҳам **шомил** аст. («Фараж»).Дар ин тазкира боз чандин шоироне (?) **шомиланд**... («АС»)

Калимаи **«иҷро»** дар шакли **«иҷроиш»,** ки низ ғалат аст:

Мафҳуми «Чормодарон» ва тарзи **иҷроиши** он туфайли

(ба туфайли – М.А.) ӯ ошкор гашт.(«Ҷумҳурият»).Тарзи **иҷроишашро** бо нозукиҳояш дар хотир бигиранд. («Ҷумҳурият»).

Дигар калимаи **«мусбат»** аст, ки барғалат ба гунаи «**мусбӣ»** (дар қиёс бо **«манфӣ»**)истеъмол мешавад:

...дар равнақи фалак нақши **мусбии** худро мегузорад. («Ҷумҳурият»).

Калимаҳои **«имкон»** ва **«қатъан»**-ро ба гунаи **«имконият», «қатъиян»** истеъмол мекунем, ки бояд дуруст гардад:

Дар баробари ин намояндагони БЮТ ва НУНС **имконияти** ҳамкорӣ бо... ро **қатъиян** рад месозанд. («Ҷумҳурият») Мактабҳо **имконияти** ғунҷоиши (гунҷонидани – М.А.) бачаҳоро надоранд.(«Омӯзгор»).

Ҳатто аз ноогоҳӣ телевизиони «Сафина» барномаеро бо унвони ғалати **«Имконият»** ба роҳ мондааст, ки хуб нест.

Мисли ин калимаи **«саҳеҳият»**-ро сохтаанд, ки маншааш номаълум аст:

... **саҳеҳият** вуҷуд надорад. («Ҷумҳурият»)

Калимаи **«навозиш»** танҳо маънии меҳрубонӣ дорад. Аммо дар намунаи зайл он дар нисбати сози мусиқӣ ба кор рафтааст, ки чандон саҳеҳ нест:

Зеро **навозиши** ин асбоб танҳо аз дасти вай меомад. («Ҷумҳурият»)

Чанд сол аст, ки калимаи **«бурдбор»**-ро ба маънии **«комёбу муваффақ»** ба кор мебаранд, ки ғалати маҳз аст:

Имсол натиҷаи меҳнати **бурдборонаи** пахтакорони мо самар (?) бахшид. («Ҷумҳурият»). **Бурдборӣ** рӯ ба ҷониби шумо овардааст. («Тоҷикистон»). Ба шумо **бурдборӣ** мехоҳам. (ТВТ)

Чандин сол аст, ки мо калимаи ғалати **«зӯрӣ»**-ро ба маънии **«тавоноӣ»** истеъмол мекунем ва **«зӯр»**-ро ба маънии **«тавоно»**, ки комилан нодуруст аст ва бояд аз ин тарзи ғалат даст бикашем:

истифодаи **зӯрӣ** ба муқобили Эрон («Тоҷикистон»).

Бо истифода аз расонаҳои хабарии русӣ **Сайидалии Хоманаӣ** ва **Ҳилмандро** ба гунаи хандаовар менависем:

**Саид Алӣ Хоменеӣ** («Тоҷикистон»), **Гелменд** (ТВС)

Баъзе қаламкашони мо бидуни зарурат ду калимаи ҳаммаъноро паиҳам овардаву назокати каломро аз байн мебаранд. Ба гунаи мисол ҳар ҷо ки **«сол»** ҳаст, **«син»**-ро низ ба қалам медиҳанд ё пасоянди **«ро»**-ро бе зарурат ба кор мебаранд:

...аз **синни** 12-**солагӣ** рӯзадорӣ **менамоям**(?!) («Оила»)

Бибинед, дар як ҷумла истифода аз такрори калима ва феъли **«намудан»** баёнро дурушту қабеҳ кардааст. Ё:

Одам дар умри худ 60 ҳазор литр об**ро** менӯшад. («ҶТ»)...50 маротиба кӯшиши ғарқшави**ро** кард. («ҶТ»)

Дар ҷумлаҳои зер калимаи **«мутаносибан»** бемавқеъ аст ва умуман ҷою муносибат надорад:

Чунки **назар** (?) ба соли гузашта имсол ҳаҷми воридоти орд ва маҳсулоти гандумӣ **мутаносибан** беш аз 68 ҳазор тонна зиёдро ташкил медиҳад. («Тоҷикистон»).Ин нишондод **мутаносибан** аз санҷишҳои соли гузашта 652 адад камтар буда... («Тоҷикистон»).

Дар ҷумлаи зер аз калимаҳои ишорашуда яке зиёд афтодааст, ки набуданаш беҳтар менамояд:

**Ҳарчанд** миқдори муайяни гази табиӣ ба нақша гирифта шуда бошад **ҳам**, **вале** ин сӯзишворӣ ба корхонаҳо мӯътадил интиқол дода намешавад.

Дар ҷумлаи зайл калимаи **«ҳамчун»**, ки тарҷумаи таҳтуллафз аст нолозим менамояд:

...водии Яғноб **ҳамчун** мавзеи нодири умумиҷаҳонии башарият ҳисобида шавад. («Тоҷикистон»)

Баъзе рӯзноманигорон бе огоҳӣ аз маънии калима онро ба шакли нодуруст зикр мекунанд, ки дар натиҷа маънӣ дигар мешавад. Дар мисоли зайл ба ҷои калимаи **«мусоҳилакорӣ»** **«мусолиҳакорӣ»** омадааст, ки маънии дигар дорад:

Лекин боз ҳам бесуботӣ, бесалоҳиятӣ, **мусолиҳакорӣ,** бемасъулиятӣ боис гардида... («Тоҷикистон»)

Аз навиштаҳои баъзе наметавон бардошти дурусте кард:

Пахтакорони ҷумҳурӣ **ҷамъоварии ҳосилро** муташаккилона идома **доранд.** («Ҷумҳурият»). Айёми мусоид барои **корҳои** шахсиву (-ю – М.А.) **корӣ** фаро мерасад. («Оила»)

Фаҳмида нашуд, ки **«корҳои корӣ»** чӣ бошад.

Моҳи рамазон ҳам сохтмон **рафта истодааст** (ба куҷо? – М.А.) («Оила»).

Ба ҷои **«қаноатманд»** ба кор бурдани **«қаноатбахш»** расм шудааст:

Натиҷаи соли 2006 низ роҳбарону заҳматкашонро **қаноатбахш** накард. («Ҷумҳурият»)

**«Инобат»** дар навиштору гуфтори мо мутлақо ба маънии дигар ба кор меравад, ки саҳеҳ нест, зеро он маънии тавбаву пушаймонӣ ва даст кашидан аз гуноҳ дорад:

... эроду дархостро **ба инобат гирифта**...(«ҶТ»)

Дигар калимаи **«қимат»** аст, ки ҳам шаклан (қиммат) ва ҳам маънан (гаронбаҳо) ба кор бурда мешавад ва он бояд ба ислоҳ расад:

...**қимматшавии** нон боиси норизоияти (?) мардуми зиёд хоҳад гашт. («ҶТ») равған хеле **қимат** шудааст. («Тоҷикистон»)

Имрӯзҳо расм шудааст, ки ба ҷои **«харидániям»** **«харидорӣ карданиям»** ё чизе монанд ба ин бигӯем, ки дуруст нест:

30 тонна мазут **харидорӣ карданӣ аст.** («Тоҷикистон»)

Калимаи **«нафар»,** ки то имрӯз барои ифодаи шумораи одамон (се нафар, даҳ нафар...) ба кор мерафт, ба худ пасванди ҷамъбандии **«-он»** гирифтаву дар забони баъзе рӯзноманигорони ғалаткори мо дар гардиш аст. Ҷои таассуф аст, ки ин **«нафарон»** тамоми радиёву телевизион ва рӯзномаҳои моро ба тасарруфи худ даровардаанд:

... дар фаъолияти баъзе **нафарон** («Тоҷикистон»). Он **нафароне,** ки ...(«ҶТ»).

Кор ба ҷое расидааст, ки баъзе рӯзноманигорон **«ворид»-ро** бо **«вуруд»** ҳаммаъно медонанд:

Ман рӯзи аввали моҳи шарифи Рамазон **вуруди** Тоҷикистон шудам. («Оила»)

Ҳатто вақте ки суханронии як бародари эрониро гӯш мекунанд, **«роҷеъ ба»**-ро **«воҷиби»** (?) мешунаванду менависанд:

... як миқдор **воҷиби** ашъори Мавлоно, Ҳофиз ва аҳодиси набавӣ сӯҳбат бикунам. («Оила»)

Ҳанӯз ба **синни шавҳарбарой** нарасидааст. («ҶТ»).

Маълум нашуд, ки калимаи «**шавҳарбарой»** аз кадом забон бошад.

Дар яке аз роҳҳои Олмон аз боиси себ **ҳаракати автомобилӣ** (чӣ? – М. А.) рӯй дод (?) (ҶТ).

... **гум (?!) кардани** шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд. («Тоҷикистон»).

Ва хоҳишманди ҳарчи тезтар ба яғнобиён **кӯмаки** (?) мушаххаси давлат ва башарият мебошам. («Тоҷикистон»).

Дигар дастони то оринҷ ба хун олудаи Шералии қотил **ба куштору ғорат** ва аз ин ҳисоб **кайфу сафо** намудан **одат карда буд**. («Тоҷикистон»)

Агар ин ҷумларо мухтасар кунем, хандаовар хоҳад шуд: **дастон ба куштору ғорат ва кайфу сафо (?) одат карда буд.**

... **Мазмунаш** аз бемории сахти хушдоман **ҳадс** (?) **мезад.** (Тоҷикистон).

Магар, «изтироб»-ро баён мекунанд? –

**... изтироб баён карда буд**. («Омӯзгор»).

Ҳусни **тасхирпазири** (?) Кохи Сомон («Фараж»).

... **истифодаи** заминҳои наздиҳавлигӣ **муайян карда шуда буд.** (Тоҷикстон).

... ба онҳо саломатӣ ва дар хизмати ояндаашон зиракӣ таманно намуда, сипас ба онҳо (аз кӣ – М. А.) тӯҳфаҳои хотиравӣ (?) тақдим карда шуд. («ҶТ») Чизе нафаҳмидам!

Рӯзи душанбе **натарсида** (?) ба **қарорҳои даркорӣ омада** метавонед. («Тоҷикистон»).

Имрӯзҳо ба ҷои феъли «**кардан»** «**намудан» ва «сох-**

**тан»** серистеъмол шудааст. Аммо ба назари ин ҷониб, ҳар яке агар дар мавқеи худ ба кор равад, зебост. Ба сабаби корбурди нодурусту бемавқеъ метавон ҳусни суханро аз даст дод. Мисол:

Вақте ки дар ин бора **сӯҳбат менамудем**... («Ҷумҳурият»).

Рӯзи истироҳат ба мағозаву бозор рафтанро **фаромӯш насозед.** («Тоҷикистон»).

Дар бораи (?) оилаи худ **фаромӯш насозед.** («Тоҷикистон»).

Қаламкашони мо баъзан калимаҳое месозанд, ки гӯшхарошанд.

Ба калимаҳои ишорашуда таваҷҷуҳ мекунем:

Рӯзҳои истироҳат илҳоми **эҷодкуниятон** зиёд мегардад. («Оила»).Беҳтараш суръати **коркуниятонро** камтар созед. («Тоҷикистон»).

Аз баъзе ҷумлаҳо ду маънӣ метавон бардошт. Баъзе дигар бе дарки маънии калимаҳо навишта шудаанд:

Ин ҷо ширинӣ мехӯрданду он ҷо **заҳри талх**. («Тоҷикистон»).

Коррупсияро барҳам заданӣ **нестем.** («Тоҷикистон»).

Аз ҷумлаи дувум бармеояд, ки гӯянда гӯё намехоҳад, ки он решакан шавад. Ҷумлаи дигар:

... хушо, ки ин **рӯзҳои сиёҳи** таърихи мо ниҳоят **ба сар омад.** («А.С.») Муаллиф аз он хурсанд аст, ки рӯзҳои шум аз сари мардум рафт. Аммо баёнаш маънии баръакси хостаашро низ мерасонад.

**Мабодо** ягон нафаре (нафар – М.А.) аз Русия баргашта ояд, зуд назди ӯ рафта, аз ӯ Баҳромро пурсон мешуд. («ҶТ»).

Дар ин ҷо бояд ба ҷои «**мабодо**» «**агар**» ба кор мерафт, то андеша нишонрас бошад.

Чандин даҳсола аст, ки баъзе калимаҳову таъбирҳои ғалати сохта дар гуфтору навиштори мо ба кор меравант, ки касе аз паиислоҳашон нест. Ин калимаҳо чунон маънус

гаштаанд, ки ғалат буданашонро чандон эҳсос намекунем, ба мисли: **пурра (пуррагӣ), осоишта, сафарбар**, **ғайримақсаднок, зарбдор, фаъолнокӣ, шаффофият, фаъолияти корӣ афзалиятнок, фарқият, нағз дидан, гоҳо, хело, чиптаҳои ҳавопаймоӣ, адабиёти тоҷик, фарҳанги тоҷик, иқрор шудан, фаҳмондадиҳӣ, хӯрока, пӯшока, либоса** ва мисли инҳо ба кор мераванд, ки чунин тарзи баёни ғалатро мо бояд ҳарчи зудтар бартараф намоем ва гунаи дурусту саҳеҳи онҳоро истеъмол кунем. Инак чанд намуна аз ин даст:

**Ба пуррагӣ** ба нота даровардани ин мусиқӣ дар нақша ҳаст? («Ҷумҳурият»).

«Аммо **муҳокимаи** ҳуқуқи халқи эронӣ ба истифодаи **осоиштаи** нерӯи ҳастаӣ кори беҳуда аст» – таъкид дошт (?) сарвари Эрон («Ҷумҳурият»).

Аввал ин ки сохти ин ҷумла тоҷикӣ нест. Дувум ин ки ҳеч бовар карданӣ нест, ки эроние дар ин маврид калимаи «**муҳокима**»-ро ба кор бурда бошад ва худо накунад, ки **«осоишта**» гӯяд.

Пеши роҳи... харҷи **ғайримақсадноки** маблағу мавод баста шудааст. («Ҷумҳурият»)... барои тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо 5 экскватор **сафарбар шуд.** («Ҷумҳурият») Барои ихтиёрӣ **сафарбар намудан** ба Артиши миллӣ аз ҷавонон даъват ба амал оварданд. (?) («ҶТ»). бригадаҳои **зарбдори** ҷавонон («ҶТ»), асоси **фаъолияти кории** худ қарор дод. («ҶТ»)

Ман намефаҳмам, ки ин калимаву таъбирҳои воқиан хунук аз куҷо омада бошанд.

Расм шудааст, ки ба ҷои «**нисбат ба**» **«назар ба»** бигӯем, ки бемаънист:

... **назар ба** дигар компютерҳо безарар мебошад. («Оила»)

Соҳибони забон бидуни огоҳӣ аз маънию тобиши калом «**ташриф овардан**» ва «**кӯшиш ба харҷ додан**»-ро нодуруст ба кор мебаранд. Ин таркибҳо нисбат ба шахси дигар

гуфта мешаванд, ки дурусту бамавқеъ аст. Аммо таркибҳои мавриди назарро аксаран нисбат ба шахси аввал (ман, мо) ба кор мебаранд, ки комилан хатост:

Мо ташриф овардем. Кӯшиш ба харҷ додем.

Ин тарзи баён ба ҷуз миннат чизе наметавонад буд.

Бояд гуфт, ки дар сатҳи ҳукумат низ унвонгузориҳои ғалат, ки ба табиати забони мо бегона аст, фаровон ба назар мерасад ва кас намедонад, ки қолаби онҳо аз кадом забон бошад. Ба калимаву ибораҳои **«Тоҷиксодиротбонк», «Барқи тоҷик», «Гази тоҷик», «Равғани тоҷик»...** чун амиқ таваҷҷуҳ кунем, ба ҳоли ин забон ва соҳибони он хоҳем гирист.

Воқиан, имрӯз вақти ислоҳи чунин ғалаткориҳову ғалатнависиҳост. Агар мо дар воқиъ дӯстдору ғамхори ин забони тавонманд, ки дар умқи қарнҳо реша дорад, бошем, даст ба дасти якдигар медиҳем ва барои бартараф намудани хатоҳое, ки дар забонамон ҷой доранд, аз дилу ҷон мекӯшем. Кӯшиши мо бояд ба он равона гардад, ки забони форсии Тоҷикистонро дар баробари Эрону Афғонистон рушд диҳем ва ба ояндагон бо асолату зебоияш бирасонем. Дар акси ҳол оянда ин кӯтаҳии моро нахоҳад бахшид ва дар назди таърих абадан шармандаву шармсор хоҳем монд!

*2007*

# ҶАБР БАР ОВОЗҲО

Чанде пеш дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (№ 11, 15 марти соли 2007) мақолае бо номи «Овозҳои ҷабрдида» ба чоп расид,ки ба қалами шоир Ато Мирхоҷа тааллуқ дорад. Муаллиф дар он асосан ба масъалаи имлои забон дахолат кардаву доир ба мушкилоти мавҷудаи он андешаҳои ҷолибе баён намудааст.

Бояд гуфт,ки нигорандаи мақола бо дарки нозукиҳои забони мо вобаста ба имло фикру пешниҳодҳои хубу ҷолибе ироа доштааст, ки аксаран қобили дастгирию пазиришанд. Бинобар ин зарурате ба иқтибосу тавзеҳи онҳо намемонад.

Аммо дар баробари андешаҳои пазируфтанӣ дар ин мақола нуктаҳои баҳсноке ҳам мавҷуданд, ки инҷониб мехоҳам ба онҳо ишора кунам. Ин ҳам қисмати поёнии мақолаи Ато Мирхоҷа – ҷоест,ки ӯ ба ҳуруфи арабӣ дар қофия диққати хонандаро ҷалб менамояд.Ӯ дар баробари пешниҳоди табдили баъзе аз ҳарфҳо дар алифбои имрӯзии мо дар мавриди ҳуруфи арабӣ, ки дар қофияи шеър меоянд, пешниҳоди нобаҷое кардааст.Ба андешаи ӯ имрӯз ки хатти мо дигар шудааст,эҳтиёҷе ба риояи навишти ҳуруфи арабӣ (сод,зод,итқӣ,изғӣ...) дар шеърамон надорем. Аммо худи ӯ аз гуфтаи гузаштагони суханшиносамон нақли мазмун мекунад: «Дар шеър аз замонҳои қадим то ба имрӯз сохтани қофия бо вожаҳое, ки ҳуруфи муқаффояшон «з», «с», «т» ё «ҳ»-ҳои мухталиф иборат мешуд, камоли беҳунарӣ ва надонистани забон маҳсуб мешавад. Ҳар як шоир бояд решаи вожаҳои арабиро бидонад ва қофияро бояд аз ҳуруфи якхела ба ҳам орад».

Муаллифи мақола баъди баёни сареъи таърихи хатти арабиро қабул кардани мардуми форсизабон ба хулосаи худ мерасад, ки ин аст:

«Ба назари мо имрӯз зарур нест, ки барои овозҳои талаффузнопазири арабӣ ҳарфҳои алоҳида дошта бошем ва дар шеър низ қофиябандии онҳоро риоят бикунем. Бародарони форсизабони эрониву афғонии (афғони – М.А.) мо низ бидуни нигароние метавонанд ҳарфҳои хосси арабиро аз алифбои миллии худ (?!) бадар андозанд... хулоса, дар алифбои ояндаи сирилик низ мо бояд ҳамон як те, як се, як зе ва як ҳе-и худро нигоҳ дорем ва дар илми арӯз низ ҳамин комёбиро (?) ҳамчун нуқсон маънидод нанамоем».

Бояд гуфт, ки мушкилоти қофия дар шеъри тоҷикӣ собиқаи чандинсола дорад. Пӯшида нест, ки сабаби вуқӯъи он табдили хатти форсӣ ба лотин ва сирилик аст. Огоҳон ва дӯстдорони фарҳангу адаби деринасоли мо хуб медонанд, ки ин иштибоҳ аз куҷо сар зад. Ва инро ҳам медонанд, ки шоирони нимаи аввали садаи бисти мо дар риояи қофияи шеър ба кадом хат такя мекарданд. Он некномон бештар ба он мекӯшанд, ки шеъри замони нав аз нигоҳи қолаб аз шеъри классикии форсӣ дур нагардад. Бад-ин манзур дар шеъри худ (агарчи ба хатти сириллик чоп мекаранд, ки зарурати замон буд) қолабу қофияро тавре муроот мефармуданд, ки гузаштагон мекарданд, яъне ҳамон ҳарфҳои «нолозим»-ро лозим медонистанд. Шояд онҳо хато мекарданд?!

Дар солҳои баъдӣ ба сабаби ҷабран аз хатти форсӣ канда шудани адабиёту фарҳанги мо баъзе аз шоирон ба харобкорию ғалатнависӣ мувоҷиҳ шуданд, ки он мутаасифона то имрӯз идома дорад. Ин ғалатҳо бештар дар вазну қофияи шеър воқеъ шуд, ки сабаби онро чунон ки дар навиштаи шоир Ато Мирхоҷа омадааст, бояд аз табдили алифбо донист. Натиҷа ин шуд, ки имрӯз ин нуқсонҳоро мо дар ашъори аксари шоирони сирилликнавис пайдо мекунем, ки дар байни онҳо ҷоизаву унвондорон кам нестанд. Аз навиштаҳои ин гурӯҳи шоирон метавон садҳо, балки ҳазорҳо мисол овард, ки дар онҳо нақси вазну қофия ҷилванамоӣ мекунад.

Ҷои таассуф аст, ки накди адабии мо дар бартараф намудани навоқиси мавриди назар натавонист кори шоистаеро анҷом диҳад. Ҳарчанд наметавон дар ин самт хидматҳои намоёни суханшиноси барҷаста зиндабаёд Тӯрақул Зеҳниро нодида гирифт, вазъи сиҳҳати шеъри мо аз он давра то ба имрӯз ташвишовар боқӣ монд...

Дар чанд соли ахир масъалаи вазну қофияи шеъри мо мавриди баҳсҳои ҷиддӣ қарор гирифт. Ҳамин кофист, ки аз мақолаи шоири хуби эронӣ Алиризо Қазва ёдовар шавем, ки дар миёни қаламкашони мо ҳангомае барпо кард. Агарчи адешаву эродҳои ӯ аксаран дурусту саривақтӣ буданд, дар муҳити адабии Тоҷикистон ранҷишеро боъис гашт ва ҷавобан ба навиштаи Қазва мақолаҳое ба кӯшиши сафед намудани шеъри тоҷикӣ ва музлам кардани шоири ҳамзабони мо ба чоп расиданд.

Ба андешаи ин ҷониб имрӯз дубора ба тақвияти он гуфтаҳо бархостан, ки қофияи классикӣ дар шеъри мо, чун алифбоямон дигар шудаст, шарту зарур нест, бемаънӣ ва бемавқеъ менамояд. Агар мо аз ин ақида ҷонибдорӣ ва пайравӣ намоем, эълом доштаем, ки Рӯдакию Саъдию Ҳофизу Соибу Бедил... аз мо нестанд. Даъвои тарк кардани қофияи классикӣ ба ҷуз ин маъниеро намерасонад.

Аз қадим забони мо бо забони мардуми Эрону Афғонистон ва қисми зиёди Узбакистони имрӯзӣ як буду ҳаст. Ягона чизе ки моро аз ҳамзабононамон ҷудо месозад, ҳамин хатти имрӯзии мост, ки бар асари сиёсатҳои фарҳангрӯбу фарҳангзудо рӯи кор омадааст. Бинобар ин, агар мо бихоҳем, ки асолати фарҳангу одати худро нигоҳ дорему ба реша баргардем, роҳи ягона (!) баргаштанамон ба хатти форсист. Агар мо бихоҳем, ки назму насрамон аз назму насри ҳамзабононамон ақиб намонад, ба ҷои беэътиборӣ намудан ба ҳуруфи арабӣ бояд онро биёмӯзем ва дар кори қалам пайраву нигаҳбони суннати пешиниён бошем. Чи ҷои парҳез аз омӯхтану истифодаи хатти форсист, ки бо он гузаштагонамон чандин садсола сари кор

доштаву падидаҳои зеҳнашонро ба тавассути ҳамин хат ба мо боқӣ гузоштаанд.

Баъди ба истиқлол расидани Ҷумҳурии мо роҳи адабиёту фарҳангамон ба кишварҳои ҳамзабонамон боз гашт. Ба дунболи ҳамкориҳои фарҳангӣ намунаи ашъори баъзе аз шоирони тоҷик дар Эрон ба хатти форсӣ ба табъ расид, ки ин иқдоми хеле хуб мебошад. Аммо нахустин мушкиле ки дар баргардонии ин ашъор пеш омад, норасоии вазн ва ак-саран қофияи шеъри шоирони мо буд. Камина борҳо шоҳиди тамасхури шоирону суханшиносони эронӣ дар мавриди қофияношиносии баъзе аз шоирони тоҷик будаам. Аммо чи метавон кард, ки ҳақиқат ҷои инкор надорад.

Воқиъан дар натиҷаи табдили алифбои форсӣ ба лотин ва сириллик шеъри форсии Тоҷикистон (ба истилоҳ «тоҷикӣ») зарари зиёде дид, ки намунаашро дар вазну қофияи ашъори баъдиинқилобӣ мебинем.

Агарчи имрӯз мо хатти дигар дорем, ҳамоно зарур аст, ки шоири тоҷик аз хатти форсӣ баҳраманд бошад ва бо он амали навиштан, ақаллан хонданро хуб анҷом бидиҳад. Шоири имрӯзи моро лозим аст, ки аз вартаи коҳилию заҳматгурезӣ берун биёяд ва бар он бикӯшад, ки суханаш ба сухани гузаштагон ҳарчи наздиктар гардад ва дар қолабу мазмун ҳеҷ норасоӣ надошта бошад. Агар мо рӯ ба берӯӣ ниҳему даъво кунем, ки имрӯз дар хатти мо риояи ҳуруфи арабӣ дар қофияи шеър ҳатмӣ нест, сахт иштибоҳ мекунем. Ин андеша барои ояндаи шеъри форсӣ дар Тоҷикистон хатари ҷиддие хоҳад дошт, ки паи ҷубронаш чанд даҳсола ё садсоларо ба бод хоҳем дод. Агар шеъри мо мутобиқу мувофиқи ҳамин андеша пеш равад, он замон дур нест, ки шеъри ҳамзабонамон бароямон бегона бигардад ва фосилаву дурии ашъорамон аз якдигар рӯз то рӯз бештар шавад.

Бинобар ин, агар мо бихоҳем, ки шеъри мо дар камоли ҳусну зебоӣ ба ҳамзабононамон пешкаш бигардад ва дар гӯшае танҳо намонад, бояд ҳамаи талаботеро, ки шоирони

Эрону Афғонистон дар офаридани шеър муроот мекунанд, ба ҷой оварем. Мантиқ куҷост, ду шоир ба як забон шеър бигӯянду яке ҳамқофия сохтани каламоте чун «сипоҳ» ва «силоҳ»-ро ғалат шумораду дигаре онро дурусту саҳеҳ бидонад?

Агар мо навишти ҳамон каламоти арабии таркиби забонамонро, ки бо ҳуруфи гуногунмахраҷ поён меёбанд, яксон бигирем, лозим аст, ки нахуст шеъри шоирони бузурги гузаштаамонро ба хосту равиши худ «тасҳеҳ» намоем. Биёед, боре бияндешем, ки оё ин амал ҳақиқату воқеият хоҳад дошт? Ё магар зеҳну андешаи он бузургон, ки хатти ба истилоҳ «арабӣ»-ро ба ин зебоӣ расониданд, аз зеҳну андешаи мо пасттар буд? Шукри Худо, ки ҳаргиз чунин набудааст.

Мо ҳақ надорем, аз ҳамсояи худ талаб кунем, ки хонаатро ба хости мо бунёд кун, ба ин маънӣ ҳақ надорем, ки ба расмулхатти ҳамзабонони худ ба муқтазои табъи худ «ислоҳот» ворид намоем, ба расмулхатте, ки дар тӯли таърихи худ баъд аз шакл гирифтанаш дигар ба ислоҳот ниёз надоштааст ва имрӯз ҳам ниёз надорад. Агар мо имконоти ифодаи ин ду расмулхат (форсӣ ва сириллик)-ро муқоиса намоем, ба ҳақиқати ин гуфта иқрор хоҳем кард; муқоиса ҳамеша бартарии хатти форсиро бар сириллик нишон хоҳад дод.

Бинобар ин мо набояд аз хатти форсӣ ва муроотиi шакли арабие, ки дар забонамон ҳаст, парҳез кунем, то ба ғалаткорию ғалатнависӣ мувоҷиҳ нагардем ва асолати шеърамонро аз даст надиҳем. Хоҳ – нохоҳ забони шеъри мо ҳамон забони Рӯдакию Ҳофиз ва хатти шеъри мо низ ҳамон хаттест, ки онҳо ба он сари кор доштаанд. Ин хатҳои лотину сириллик ва ё хатте дигар ба табиъати забону шеъри мо мувофиқу мутобиқ нест ва нахоҳад буд ва ҳеч вақт барои рушди адабу фарҳанги мо коро нест. Қаламкашони моро лозим аст, ки аз доираи хатти форсӣ ба дур нараванд, то дар олами адаби форсӣ «гӯшанишин» на-

гарданд.

Имрӯз ки давлату Ҳукумати Тоҷикистон баҳри эҳёи фарҳангу русуми миллии мо кӯшишҳои зиёд дорад, камина умедворам, ки масъалаи баргаштан ба хатти бобоиямон – хатти форсиро, ки барои зинда доштани анъанаҳои адабию фарҳангӣ дар кишварамон сахт зарур аст, ба миён хоҳад гузошт ва ба ҳалли он хоҳад кӯшид ва рӯҳи бузургони сухани форсиро шод хоҳад кард ва сухани Мавлонои бузургро эҳтиром хоҳад гузошт, ки гуфта буд:

*Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.*

Камина дар нигаҳдорӣ ва рушди ояндаи адабиёт ва фарҳанги мардуми тоҷик ба ҷуз ин роҳи дигареро намебинам. Танҳо дар ҳолати бозгашт ба хатти форсӣ мо метавонем зулму ҷабреро, ки ба сари фарҳанг, забон ва адабиётамон омадааст, бартараф намоем.

*2007*

## ҲАРЧИ ДУРУСТ АСТ, ҲАМОН АФЗАЛ АСТ

Тасҳеҳи ашъори боқимондаи поягузори адабиёти форсӣ-тоҷикӣ Одамушшуъаро Рӯдакӣ ва кӯшиши мураттаб сохтани девони сеҳеҳу асили устоди шоирон чанд даҳсола қабл аз ин шурӯъ шудаву то ба имрӯз идома дорад. Аз замони 1100-солгаии шоир то ҳол намунаҳои ашъори ӯ борҳо дар Тоҷикистон ва Эрон ба табъ расидаву дастраси ҳаводорони сухани баландаш гашт. Аммо дар мавриди мисраъу байтҳои алоҳидаи девони Рӯдакӣ баҳсҳо зиёданд. Ин аз он ҷост, ки ашъори бозмондаи шоир дар сарчашмаҳо ба шаклҳои гуногун зикр ёфтаву то ба имрӯз расидааст.

Солҳои ахир низ девони Рӯдакӣ борҳо ба хатти форсӣ ва сириллик чоп шуд, ки дар пиромуни онҳо фикру андешаҳои гуногун баён гаштанд. Вале ҳанӯз ҳам баъзе ашъори шоир, ки дар китобҳо омадааст, ба ҳадди комил солим наменамояд. Далел ин аст, ки чопҳои мавриди назар холӣ аз ғалатхонию тасарруф ба ашъори Султони шоирон набудааст. Ҳар гуна андеша бояд аз доираи таносуби калом ва мантиқи баён берун набошад. Агар мувофиқи ин талабот ашъори шоирони гузашта, аз ҷумла устод Рӯдакиро мутолиа кунем, бешакку тардид асолати онро метавонем барқарор созем.

Бад-ин манзур камина мехоҳам дар бораи нуктаҳои баҳсноки ашъори Одамушшуаро дар асоси чанд чопи девони ӯ – «Осори Рӯдакӣ» (1958), «Насими Мӯлиён» (1999), «Рӯдакӣ» (2000) ва «Девони Рӯдакӣ» (чопи Саъид Нафисӣ ва Ҷаҳонгири Мансур, Теҳрон) андешаҳои худро баён кунам. Инак, оғози андеша: Дар «Осори Рӯдакӣ» мехонем:

Пӯпак (е) дидам ба ҳаволии Сарахс...

Ин мисраъ дар чопҳои дигар дигаргуна аст:

Пӯпак дидам ба ҳаволӣ Сарахс (НМ)
Пӯпак (е) дидам ба ҳаволӣ Сарахс (Р)

Ба назари ин ҷониб мисраъи мазкур бояд чунин хонда шавад, ки мисолашро дар шеъри шоирони гузашта, аз ҷумла худи Рӯдакӣ фаровон дучор меоем:

Пӯпак дидам ба ҳаволий Сарахс...

Аммо мисраи чоруми ин пора дар «Насими Мӯлиён» чунин омадааст, ки ғалат менамояд:

Ранг ба сӣ гуна бар он чодаро.

Инак, шакли саҳеҳи ин пораи шеър пешкаш мегардад:

Пӯпак дидам ба ҳаволий Сарахс,
Бонгак барбурда ба абр-андаро.
Чодараке дидам рангин бар ӯ,
Ранг басе гуна бар он чодаро.

Яъне мақсад на шумораи рангҳо, балки зиёдии онҳост.

Байти дигар дар «Осори Рӯдакӣ» ва «Рӯдакӣ» мутаносибан ба чунин шакл омадааст, ки чандон саҳеҳ нест:

Чу Рӯдакӣ ба ғуломӣ агар қабул кунӣ,
Ба бандагӣ написандад ҳазор Дороро.
ва:
Чу Рӯдакӣ ба ғуломӣ қабул агар бикунӣ,
Ба бандагӣ написандад ҳазор Дороро.

Азбаски дар мисраи аввали ҳар ду нусха ду калимаи ҳаммаънову ҳамвазифа («чу» ва «агар») омадааст, яке аз онҳо зиёд мебошад. «Насими Мӯлиён» ба шакли дурусттаре зикр мекунад:

Ту Рӯдакӣ ба ғуломӣ қабул агар бикунӣ...

Аммо шакли саҳеҳи онро мо дар чопҳои Эрон пайдо мекунем, ки чунин аст ва оҳангнок ҳам аст:

Ту Рӯдакӣ ба ғуломӣ агар қабул кунӣ...

Пораи зер дар нусхаҳои дастраси сирллик ба чунин шакл аст, ки аз ҷиҳати маънию мантиқ тасҳеҳ мехоҳад:

Они малак бо малакӣ рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гӯӣ бимурд.
(ОР, Р) (НМ-намурд)
Қолаби хокӣ сӯи хоке фиканд,
Ҷону хирад сӯи самовод бурд. (ОР, Р, НМ)

Ба назари ин ҷониб аз пораи мазкур бояд калимаҳои «малакӣ» – «малаке» ва «хоке» – «хокӣ» навишта шаванд, то маънӣ дуруст ояд.

Дар пораи зер дар се маврид нуқсони вазн эҳсос мешавад, ки шояд ҳангоми баргардонидани матн аз хатти форсӣ сар зада бошад:

Хаз ба ҷои мулҳаму хиргоҳ
Бадали боғу бӯстон омад.
Мӯрд ба ҷое савсан омад боз,
Май ба ҷои арғавон омад.

Ба андешаи мо агар ба ҷои «ба» «беҳ» навиштаву хонда шавад, ки маънии хубу беҳтару хуштарро дорад, вазни шеър солим мегардад ва ҳам маънӣ халал намеёбад. Исботи ин он аст, ки агар устод Рӯдакӣ дар абёти мавриди назар «ба ҷои» гуфтанӣ мебуд, метавонист «ба»-ро бо «бар» иваз намояд, то вазн дуруст гардад, вагарна он ҳамчунон ноқис боқӣ мемонд. Мутаассифона, ин ду байт дар ҳамаи чопҳои сириллик чунин шакли ғалат дорад, ки ҷои андеша аст.

Сапеду симрада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд. (О.Р, Р)

Аз ин байт калимаи «қатраборон» дар «Насими Мӯлиён» ба шакли «қатри борон» омадааст, ки дуруст менамояд, чи дар ашъори Одамушшуаро мисолҳои зиёдеро дучор меоем, ки калимаҳоро ба шакли мухаффаф зикр мекунад. Масалан ин байт:

Гуфт бо харгӯш: Хона хони ман,
Хезу хошокат аз ӯ берун фикан!

Тавре ки мебинем, дар байти аввал шоир бо талаби вазн «қатраи борон»-ро «қатри борон» ва «хонаи ман»-ро «хони ман» гуфтааст. Ин чиз аз мухтассоти шеъри устод Рӯдакист, ки намунаҳои дигарашро баъд аз ин хоҳем дид. Ва ҳам агар мо ба маънии каломи мавриди баҳс дақиқан таваҷҷуҳ намоем, дармеёбем, ки «қатраборон» борони реза асту «қатраи борон» – чакраи борон ва ҳамин маънии дувум дар шеър ташбеҳи зебои шоъиронаест аз дандон.

Ба зулфи чавгон нозиш ҳаме кунӣ ту бад-ӯ,
Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулфчавгон буд.

Ин байт дар тамоми нусхаҳои сириллик ба ҳамин шакл омадааст, ки чандон саҳеҳ нест, зеро дар матнҳои адабӣ мо ҷое бо калимаи «зулфчавгон» рӯ ба рӯ намеоем. Барои дуруст шудани маънӣ бояд ҷузвҳои ин калимаро аз ҳамдигар ҷудо (зулф чавгон) хонд.

Ҷаҳон ҳамеша чунин аст, гирд гардон аст, (Р, девон)
Ҳамеша то бувад оин, гирд гардон буд. (ОР, Р)

Дар баъзе аз нусхаҳо мисраъи аввал ба гунаи зайл омадааст, ки низ чандон сеҳеҳ наменамояд:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирдгардон аст.

«Насими Мӯлиён» «гирдгардон»-ро ба шакли «гирду гардон», сабт мекунад, ки мантиқан дуруст аст, зеро шоир

ин ҷо ба ду сифати чашм, ки ба сифоти чархи гардун таносуб мувофиқат дорад, яъне гирдию гардонандагӣ ишора дорад, яъне ҳам фалак ва ҳам чашми ду сифати ба ҳамдигар монанд доранд – гирду гардонанд. Аз ин рӯ, агар байти мазкурро ба гунаи зайл бихонем, маънию мантиқ дар ҷояш менишинад:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирду гардон аст,
Ҳамеша то бувад оин-ш, гирдгардон буд.

Байти дигар, ки дар нусхаҳои девони устод Рӯдакӣ ба шаклҳои гуногун омадааст, ин аст:

Ҳамчу чашмам тавонгар аст лабам,
Он ба лаъл, ин ба лӯлӯи шаҳвор. (ОР, Р)

Мисраъи аввали ин байт дар «Насими Мӯлиён» ба чунин шакл омадааст:

Ҳамчу чашмаш тавонгар аст лабаш.

Пайдост, ки ҳарду нусха ғалати мантиқие дорад. Ин ҷо таносуби калом муроот нашудааст. Сухан ин ҷост, ки шоир дар оғози шеър то ин ки ба ин байт бирасад, худро аз баъзе ҷиҳатҳо ба ёри худ монанд мекунад:

Бар рухаш зулф ошиқ аст чу ман,
Лоҷарам ҳам чу ман-ш нест қарор.
Ману зулфайни ӯ нигунсорем,
Ӯ чаро бар гул асту ман ба хор?!

Бад-ин равиш таносубу мантиқи калом талаб мекунад, ки байти мавриди баҳс ба гунаи зайл хонда шавад, то дуруст гардад:

Ҳамчу чашмам тавонгар аст лабаш-
Он ба лаъл, ин ба лӯлуи шаҳвор.

Яъне ашки ман чун лӯлӯ асту лаби ӯ чун лаъл, ки дороии ману ӯст.

Шуд он замона, ки ӯ шод буду хуррам буд,
Нишоти ӯ ба фузун буду бим нуқсон буд. (ОР, Р)

Дар баъзе нусхаҳо «бими нуқсон» омадааст. Аммо шакли саҳеҳи он бояд «ғам ба нуқсон» бошад, зеро оғози мисраъ дурустии онро собит мекунад: «нишоти ӯ ба фузун буд», яъне «нишот ба фузун» ва «ғам ба нуқсон». Далели дигар муқобили ҳам омадани «нишот»-у «ғам» ва «фузун (ӣ)»-у «нуқсон» аст, ки дурустии ин фикрро нишон медиҳад.

Ҳамин шакли ифодаро дар қасидаи «Модари май» низ дучор меоем:

Давлати мирам ҳамеша бод **бар афзун**,
Давлати аъдои ӯ ҳамеша **ба нуқсон!**

Байти дигари устод дар тамоми нусхаҳои сириллик ба шакли зайл навишта шудааст:

Талъати тобандатар зи талъати хуршед,
Неъмати пояндатар зи Ҷудию Саҳлон.

Аммо ба назари ин ҷониб бе изофат овардани калимаҳои «талъат» ва «неъмат» дурусттар аст, чи ин байт идомаи мантиқии абёти моқабл асту оҳанги дуову орзумандӣ дорад, яъне:

Давлати мирам ҳамеша бод бар афзун,
Давлати аъдои ӯ ҳамеша ба нуқсон!
Сар-ш расида ба моҳ – бар ба баландӣ,
В-они муодӣ ба зери моҳӣ пинҳон!
Талъат тобандатар зи талъати хуршед,
Неъмат пояндатар зи Ҷудию Саҳлон!

Дар ин пора зарурати калимаи «бод!» ё «бошад!» дар охири мисраъҳо ва анҷомаи «-аш» баъд аз калимаҳои

«талъат»-у «неъмат» эҳсос мешавад, ки мантиқан дар худи матн мавҷуд мебошад. Аммо «бод!» танҳо дар оғози ин пора зикр шудааст, ки ба тамоми мисраъҳои баъдӣ низ тааллуқ дорад ва хонандаи шеърфаҳм инро ба осонӣ дарк хоҳад кард.

Ба ду пораи зер таваҷҷуҳ мекунем, ки ба ҷуз «Насими Мӯлиён» ҳамаи нусхаҳои дигари сириллик ба чунин шакл овардаанд:

Шоҳе, ки ба гоҳи разм аз родӣ
Заррин ниҳад ӯ ба тир-дар пайкон,
То куштаи ӯ аз он кафан созад,
То хастаи ӯ аз он кунад дармон.

ва:

Зайғаме насл пазируфта зи дев,
Оҳуе ном ниҳода якрон.
Офтобе, ки зи чобуккадамӣ
Бар сари зарра намояд ҷавлон.

Ба андешаи инҷониб ин пораҳо ситоишиянд ва ба мамдӯҳи мушаххаси шоир нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ калимаи «шоҳе»-ро аз пораи аввал «шоҳӣ» ва калимаҳои «зайғаме», «оҳуе» ва «офтобе»-ро аз пораи сонӣ «зайғамӣ», «оҳуӣ» ва «офтобӣ» бояд хонд, то мантиқу таносуб барқарор гардад, яъне ту он шоҳӣ, ки... (дар мисраъҳои баъдӣ сифатҳои он шоҳ (мандӯҳи шоир)) омадааст: «зайғамӣ», «оҳуӣ» ва «офтобӣ», ки сифотат чунин асту чунон. Дар акси ҳол дар ҳарду пора фикр нотамом мемонад ва агар мо ин пораҳоро дар шакли аввалашон ба наср баргардонем, нуқсони забонияшон аён мегардад, зеро ҷумла нотамом хоҳад монд. Бинобар ин бо «ӣ» хондани калимаҳои мавриди баҳс дурусттару саҳеҳтар менамояд.

Саҳоб астӣ қадаҳ гӯию май қатра саҳоб астӣ,
Тараб гӯӣ, ки андар дил дуои мустаҷоб астӣ. (ОР,Р)

«Насими Мӯлиён» «қатри саҳоб» зикр кардааст, аммо

миёни ин ибора ва «қатри борон» аз қасидаи «Пирӣ»-и устод Рӯдакӣ бояд фарқ гузошт, чун он ҷо вазн талаб мекард, ки ин ибора «қатри борон» хонда шавад. Аммо дар ин ҷо зарурати ба шакли «қатр» даровардани «қатра» мавҷуд нест, яъне вазн иҷозат медиҳад, ки «қатра» «қатра» хонда шавад, на чизи дигар. Аз ин рӯ метавон «қатраи саҳоб»-ро бо каме тахфифи овоз «қатрай саҳоб» хонд, ки гунаашро дар ашъори шоирони гузаштаамон фаровон мушоҳида мекунем. Аз он ҷумла худи устод Рӯдакӣ дар байте ибораи «рамаи рафташубон»-ро дар шакли «рамай рафташубон» ба қалам додаст, ки низ бо талаби вазни шеър сурат гирифтааст:

Хоста тороҷ гашта, сар ниҳода бар зиён,
Лашкарат ҳамвора ёфа чун рамай рафташубон.

Дар баъзе аз ашъори худ Одамушшуъаро бо тақозои вазн калимаҳоро мухаффаф зикр кардааст, аз ҷумла «дӯст» дар шакли «дуст», «пӯст» дар шакли «пуст» ва монанди инҳо, ки навишташон дар хатти имрӯзии мо бояд муроот шавад. Дар байти зер низ шоир калимаи «миёнакаш»-ро бо талаби вазн «м-ёнакаш» зикр кардааст, ки ин шакли дурустро танҳо дар «Насими Мӯлиён» мебинем. Дар нусхаҳои дигари сириллик калимаи мазкур ҳамоно «миёнакаш» ба чоп расида, ки вазни шеърро халалдор мекунад.

Эй види ғофил аз шумор, чӣ пиндорӣ,
К-ат холиқ офарид баҳри коре? (ОР,Р)

Дар «Насими Мӯлиён» ба ҷои «баҳри коре» «паи коре» омадааст. Пайдост, ки ҳар ду нусха носеҳеҳ аст ва дар мавриди дувум (НМ) дасткорию тасарруф ба шеъри шоир эҳсос мегардад. Ин амал шояд ба хотири он будааст, ки вазни шеър дуруст гардад, зеро дар шакли нахуст («баҳри коре») нуқсони вазн ҷой дорад. Аммо агар мо «баҳри коре»-ро аз нусхаи форсии он ба шакли «ба ҳар коре» бихонем, вазну маънӣ дуруст хоҳад шуд, «ба ҳар коре», яъне

«барои ҳар коре». Азбаски мисраи аввал аз дувум ду ҳиҷо зиёд дорад, дар баъзе нусхаҳо калимаи «вид»-ро аз он берун кардаанд. Шакли саҳеҳи байт шояд чунин бошад:

Эй ғофил аз шумор, чӣ пиндорӣ,
К-ат холиқ офарид ба ҳар коре?

Байти дигар аз шеъри машҳури устоди шоирон аст, ки дар аксари нусхаҳои сириллик чунин зикр шудааст:

Рӯди Омую дуруштӣ роҳи ӯ
Зери поям парниён ояд ҳаме.

Дар «Рӯдакӣ» «дуруштиҳои ӯ» омадааст. Аз баски дар аксари нусхаҳои девони шоир дар мисраи аввали ин байт калимаҳои «дуруштӣ» ва «роҳ» мавҷуданд, «дуруштиҳои ӯ» шакли аслии ибораи мавриди баҳс ба назар меояд. Ба фикри ин ҷониб онро ба шакли «дуруштий роҳи ӯ» бояд навишту хонд, то таносуби байни «дуруштӣ» ва «роҳ» барқарор гардад, тавре ки намунаи онро дар «ҳаволий Сарахс» аз шеъри худи устод Рӯдакӣ пайдо мекунем, яъне:

Реги Омую дуруштий роҳи ӯ
Зери поям парниён ояд ҳаме.

Дар аксари чопҳои сириллик байте ба чунин шакл омадааст:

Эй дареғо, ки хирадмандро
Бошад фарзанду хирадманд не.

Пайдост, ки вазни мисраи аввал ноқис аст. Он танҳо дар «Насими Мӯлиён» дуруст омадааст ва дар нусхаҳои форсӣ низ ҳамин шакл дорад:

Ой, дареғо, ки хирадмандро...

Пораи дигар:

Дил хаставу бастаи мусалсал мӯест,
Хунгаштаву куштаи бути ҳиндуест... (ОР,Р, НМ)

Дар ин марид калимаҳои «мусалсал» ва «мӯй»-ро бояд ба ҳам пайваст, то калимаи мураккаби «мусалсалмӯй» ҳосил гардад, ки сифати маҳбуба аст, яъне мавсуф на мӯй, балки соҳиби мӯй – маҳбубае мебошад, ки мӯй мусалсал дорад.

Дар беҳ зи худӣ назар макун, ғусса махӯр,
Дар кам зи худӣ назар куну шод бизӣ! (ОР, Р)

Танҳо дар «Насими Мӯлиён» калимаи «худӣ» дар шакли «худе» зикр шудааст, ки дурусту маънирасон мебошад, чӣ дар шакли аввал носаҳеҳу бемаънист.

Талхию ширинияш омехта аст,
Кас нахӯрад нӯшу шакар бо (ба) апюн. (НМ, Р)

Пайдост, ки ҳар ду мисраъ нақси вазн дорад. Барои дуруст шудани байт «омехта аст»-ро «омехта-ст» ва «бо(ба) апюн»-ро «бо пиюн» бояд хонд, ки дар нусхаи Саъид Нафисӣ чунин зикр шудааст, яъне:

Талхию ширинияш омехта-ст,
Кас нахурад нӯшу шакар бо пиюн.

Байти дигари устод Рӯдакӣ дар нусхаи Саъид Нафисӣ ба шакли зайл омада, ки дурусту саҳеҳ аст:

Гетит чунин ояд, гарданда бад-ин сон ҳам
Ҳам боди барин ояду ҳам боди фурудин.

Мутаассифона таҳиягарони девони шоир ба хатти сириллик дар сари калимаи «фурудин» иштибоҳ кардаву

маънию таносуби каломро хароб сохтаанд. Ин ғалат бешубҳа аз нафаҳмидани маънии калимаи «фурудин» ва хато пиндоштани он сар зада аст. Боди барин ва боди фурудин, ки муқобили якдигаранд, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтаанд: «Боди барин – боди салқин, к-аз тарафи шарқ мевазад, боди форам, муқобили боди фурудин».

Ин калима дар «Насими Мӯлиён» ва «Рӯдакӣ» ба шакли «Фаривардин» ва дар «Осори Рӯдакӣ» ба гунаи «фарива(р)дин» омадааст, ки ғалати маҳз аст. Дар ду нусхаи аввал (НМ ва Р) калимаи «ояд»-и мисраъи дувум «омад» сабт шудааст, ки ғалати дигар мебошад, зеро байти мазкур оҳанги дуову орзумандӣ дорад ва амалаш ҳанӯз иҷро нашудааст. Бинобар ин нусхаи саҳеҳи байт ҳамоно нусхаи Саъид Нафисист, ки ҳама калимоташ дар ҷойи худанд ва маънии дурустро мерасонанд.

Ин аст чанд андеша дар перомуни навоқисе, ки дар чопҳои девони Одамушшуаро Рӯдакӣ ба хатти сириллик ба назар омад. Воқеан тасҳеҳи ашъори Устоди шоирон, ки дар нусхаҳо ба шаклҳои гуногун то мо расидааст, корест сахт душвор. Аммо олимони матншинос ва шеършиноси мо бояд ба қадри тавони худ дар оянда паи иҷрои ин амали хайр камари ҳиммат бибанданд ва асолати падидаҳои табъи Султони шоирон – Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро барқарор намоянд ва нусхаи саҳеҳи девони шоирро дастраси фардоиён созанд.

*2007*

## ОРОСТАТАР, ҲАР ОН ЧИ ПЕРОСТАТАР

Шоири номвар Фарзона солҳост, ки дар ҷодаи адабу ҳунар собитқадам заҳмат мекашад. То имрӯз чандин маҷмӯаи шеъри ӯ чоп шудаву ба дасти ҳаводоронаш расидааст. Доир ба ҳунари шоирии ӯ ва офаридаҳояш суханшиносон ва дӯстдорони каломи мавзун андешаҳои худро ба ҳар восита баён кардаанд.

Инак гулчини ашъори шоира Фарзона бо номи «Як ғунча роз» (Хуҷанд, 2005) дар дасти мост ва дар ҳамин замина мехоҳем ба тариқи иҷмол андешаҳои худро баён кунем. Маҷмӯа асосан аз ғазал ва чанд шеъри озоду сафед фароҳам омадааст.

Ин суханвар дар офаридани ғазал, ки таърихи куҳан дорад, метавонад ҳамеша маҳорати худро нишон диҳад ва тамоми талаботи зоҳирии онро ба ҷой орад. Ӯ хуб медонад, ки дар ғазал ҳамнишинии каламот ва ҳамсадоии овозҳо чизи муҳиммест. Агар аз ҷиҳати зебоии маънавӣ ҳам назар кунем, метавонем аз дунёи ғазали ӯ байту мисраъҳои зебоеро берун оварем, ки хубу дилангезанд. Дар ашъори ӯ бозёфтҳое ба назар мерасанд, ки воқиъан наву зебоянд. То сухан дароз нашавад, чанд намуна аз ин дафтар ба таҳлил меоварем.

Шоира дар байте ба ҷону ҷисми худ, ки аз ҳам ҷудо нестанд, сифати маҷнунӣ ва лайлоӣ медиҳад, вале тааҷҷуб дорад, ки инон (ҷону тан) чун онон (Лайлӣ ва Маҷнун) натавонистанд, ки якдигарро дӯст доранд. Ин тарзи ифода ва ёфтани андешаи нав хеле зебост:

Ин аҷаб дорам, ки бо ҳам ҳеҷ гаҳ ошиқ нашуд
Ҷони маҷнунии ман бар ҷисми лайлоии ман.

Аммо бояд гуфт ки дар мисраъи аввал сухани «бо ҳам»

ҳашв аст ва барои зинати калом шояд чизе дигар гуфта мешуд, зеро ҳамон вазифаро дар мисраъи дувум калимаи «бар» иҷро мекунад ва ҳоҷат ба такрори сухан намемонад.

Дар байти дигар ба гунае зебо мегӯяд, ки аз танҳоии ман ҳатто гӯшаи танҳоӣ (инзиво) ба танг омад, аз ин рӯ боз маро ошное мебояд, то аз ин тангно раҳоӣ ёбам:

Ошноӣ охир омад, инзиво бояд маро,
Инзиво ҳам тангдил шуд, ошно бояд маро.

Шоира хуршедро абадан дар инҳисори танҳоӣ мебинад ва мардуми доноро дар танҳоию фардӣ (ягонагӣ) ба он монанд мекунад, ки дилнишин аст:

Танҳоии доноён бехотима хоҳад монд,
Ҳаргиз нашавад озод хуршед зи танҳоӣ.

Ҷиҳати дигари зебоии ин байт дар он аст, ки муаллиф бо лутфи зебо хуршедро гирифтор (пойбанд)-и танҳоӣ медонад ва намехоҳад, ки он аз ин қайд (танҳоӣ) озод гардад.

Шоирони гузаштаи мо ҳар ҷо ки сухан аз мижгону дил мерафт, аввалиро аксаран ба тир ва дувумиро ба ҳадафи он монанд мекарданд. Шоира Фарзона ба ҳамин манзара рӯҳи нав додаву онро хеле нозук ба тасвир кашидааст. Ӯ дили мухотаби худро ба лавҳ ва мижгонро ба хома, ки бар лавҳ нақш мегузорад, монанд мекунад. Аз ҷиҳати оҳанг низ ин тасвир бо тасвири гузаштагон мутафовит аст, ки баръакси манзараи ҷанг меҳрубониро таҷассум месозад:

Кист, ки дар лавҳи дилат соядаст
Монд бад-ин хомаи мижгон, бигӯ.

Шоира шахсонеро, ки ба ҷаҳони ғарб тақлид мекунанду андешаи бегона мепарваранд, вале барои баёни он воситаи баёнашон забони модарист, ба куҳандӯзи навпардоз монанд мекунад, ки дар ин байт садои дарднокашро мешунавем:

Каломам шарқию фикрам фарангӣ,
Аҷибам, кухнадӯзи навгароям.

Сухани ногаҳонии гӯянда, ки ба гуфтаи худаш намехост ба баҳори нав бирасад, вале шукуфтани гули олуча гӯё қасамашро шикаст, воқиан хотирмону зебост:

Гуфта будам, ба баҳорон нарасам, лек расид
Гули олуча ба табрики шикасти қасамам.

Ба табрики шикасти қасам омадани гули олуча сазовори таҳсину табрик аст. Ин байт сухани Хоҷа Ҳофизро бас ёд меоварад, ки гуфта буд:

Ба азми тавба саҳар гуфтам, истихора кунам,
Баҳори тавбашикан мерасад, чӣ чора кунам?

Шоира бе адоти ташбеҳ метавонад, ки калимоти гуногуни як мисраъ ё як байтро ба ҳамдигар мутаносиб ва муташобиҳ бисозад, ки ин бешубҳа маҳорату ҳунари чашмгиреро тақозо дорад. Ва ташбеҳи зебо ҳам ҳамон аст, ки бе воситаи ташбеҳ сурат бибандад. Дар байти зер шабро ба духтар ва ситорагонро ба пӯпаки кокулони ӯ монанд кардани гӯянда дар пеши назари хонанда манзараи зебоеро ҷилвагар месозад:

Тарҳ мерезад дубора духтариҳои маро,
Духтари шаб пӯпаки кавкаб ба кокул мезанад.

Дар байти дигар аз ҳамин ғазал «хун»-и вожаро ба оташ ва вараҷи дафтарро ба лавҳи мармар (ё баръакс) монанд мекунад, ки дилангезу шоирона афтодааст:

Баъди ман кай меравад ин хуни вожа аз варақ?
Оташи ман рӯи мармар боз ҳам гул мекунад.

Таносубу ҳамрангии хун, оташ ва гул, ки сифоти каломи шоиронаанд, таъсири суханашро боз ҳам афзудааст.

Дар ҷое шоира нигоҳи худ ва мухотабашро ба офтобу оина, ки «Бе забон сухан мегӯянд», монанд мекунад, ки дилнишин аст. Ӯ баръакси нигоҳи ногӯёи офтобу оина нигоҳҳои баъдиро гӯё (суханвар) ба қалам медиҳад:

Безабон сухан гӯянд офтобу оина,
Эй нигоҳи ту гӯё бо нигоҳи гӯёям.

Ин гуна байту мисраъҳо дар ашъори шоира Фарзона зиёданд, ки аҳли сухан ва шеърпарастонро ба худ ҷалб мекунанд. Ба хотири кӯтоҳии сухан бо овардани мисоле чанд аз ин даст иктифо меварзем ва баъд ба баррасии нуктаҳои дигари ашъори шоира мепардозем. Инак он абёт:

Аз дилат рафтаам он сон, ки паи поям нест,
Будани музҳики ман гум шуда аз беасарӣ.

* * *

Бар ишқи бузурги ту ҳаққо, ки сазовор аст
Ин синаи чун қулла хуршедпазири ман.

* * *

Лоиқи пои азизат остоне доштам,
Шабнами моро намепаймоӣ, эй дарёнаворд.

* * *

Чӣ гуна ноз фурӯшам, ки зери кафши замонам,
Бале, ба мотами ноз омадам, салом азизам.

* * *

Ту тарҷумони забони ситорарези шабӣ,
Шаб аст чашми ман, оре, шаби пурасрор аст.

* * *

Нигаҳи субҳнаварди ман
Ба тавофи дили хуршедии ту хоҳад рафт.

* * *

Эй дӯст, аз ин дарахти ҳарза
мевaҳои мантиқ бояд чид.

* * *

Ҷомаи ҳаё овар бар нигоҳи урёнам.

* * *

Садқаи дастори сабзат, хутбае хон, эй баҳор,
Рӯҳи бодиро бикун бар барги гул кобин, биё.

* * *

Биё ба чашми ғизолам, набераи Маҷнун,
Маро ба бар кашу хушбахт чун биёбон кун.

* * *

Дар бибастам, ки пур аз шаъшаъаи ёр шавам,
То ба гумномии ман рашк барад машҳурӣ.

Дар ин чанд мисоле қи оварда шуд, низ таносуби калом ва истеҳкоми ташбеҳ чашмгир аст. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки ин пораҳо дар асоси санъати тазоду муқобала хеле моҳирона офарида шудаанд ва дар онҳо воситаҳои ташбеҳ нонамоёнанд, ки бартарии ин навъи суханро пештар ёдовар шудем. Тавзеҳу таҳлили ин пораҳо аз дидгоҳи дигар дар ҳавсалаи ин чаҳорчӯб намегунҷад. Аз ин рӯ, бо ҳамин иктифо мекунем.

Ҷиҳати дигари шеъри Фарзона ҳамнишини овозҳо ва калимаҳо мебошад, ки яке аз воситаҳои зеботар шудани сухан мебошад. Масалан:

Ҳадя кардан **ёсаминиро** ба **бод,**
Кӯч додан **нозаниниро** ба **ёд.**

ва

Шукр, шукр, эй охирин **ҳарфи наҷот**,
Шукр, шукр, эй вопасин **лаҳни ҳаёт.**

Тавре ки мебинем, шоира барои зинати баён калимаҳои ҳамвазн кардан – додан, ёсаминӣ – нозанинӣ, бод – ёд (байти аввал) ва калимаҳои охирин – вопасин, ҳарф – лаҳн ва наҷот – ҳаётро (байти дувум)-ро дар рӯбарӯи ҳам қарор додааст, ки суханаш гӯшнавоз афтодааст.

Шоира дар баъзе аз пораҳои ашъори худ калимаҳои ҳамоҳангро паиҳам овардааст, ки боиси зебоии суханаш гаштааст. Намунаи онро дар байти зер мехонем:

Бо ту рафтан хешро нав кардан аст,
Ҳар **фурӯравро фарорав** кардан аст.

Аз муҳассоноти шеъри шоира Фарзона то ҷое чанд калима гуфта шуд. Инак лозим медонем аз баъзе навоқисе ки дар ашъори ин маҷмӯа ба назар расид, ибрози андеша намоем. Чун дар ашъори ин гӯянда мисли он ки дар офаридаҳои шоирони дигари тоҷик баъзан ноҳамвориҳо ба назар меояд, ногузир бояд аз онҳо ёдовар шуд, то ба манфиату адабиёт ва сухани бадеъ бошад. Инак, баъзе аз ин эродот:

Яке аз навоқиси шеъри Фарзона ки ба назар намоён мешавад, ҷо-ҷое норасоию ноҳамвории забонист.

Масалан дар ҷое бо тақозои вазн ба ҷои «ба унвони» – «ба унвонии» гуфтааст, ки хилофи қоидаи забон мебошад:

Номаҳои ғамам, эй вақт, ба унвонии туст,
Ихтиёри ту, ба фардо бибарӣ ё набарӣ.

Дар забон таъбирҳои «Ҳаст шудан» ва «нест шудан»-ро фаровон дучор меоем. Аммо «ҳастӣ кардан», ки шоира Фарзона мегӯяд, мутобиқи меъёри забон ва мантиқу таносуби калом нест:

Паёпай гиря кардам, ханда кардам,
Ҳамин ҳастии ноарзанда кардам.

Дар байти дигар феъли «танидан»-ро на дар ҷои худ ба кор бурдааст, ки ба ҷои сириштан омадааст:

Аз ҳарири сабост пираҳанам,
Аз сабоҳат танидаанд танам.

Ҳамчунин вобаста ба калимаи «гираҳ», ки баста ё кушода мешавад, феъли «кандан»-ро истифода кардааст, ки чандон хушоянд нест:

Оқибат теғи абрувон бикашам,
Гираҳи абрувони ту биканам.

Баъзан забони шеъри шоира сахт ба гӯиши омиёна мегарояд, ки аз ин чиз зебоии сухани ӯ мекоҳад. Дар мисоли зайл «манъ кардан» ба маънии «боздоштан» хосси забони гуфтугӯист ва ба шеър чандон намечаспад:

Манъ кун мошинаро, ман мефароям, эй ҳабиб,
Мисли гул маҳмилкаше ранги сабо бояд маро.

Норасоии дигаре ки дар шеъри Фарзона эҳсос мешавад, ғалати қофия аст. Ин чиз, агарчи ҷо-ҷо дар ашъори ӯ ба назар мерасад, ҳамоно падидаи нохубу номатлуб аст. Ин вайрониҳо ҳам аз нигоҳи хатти форсӣ ва ҳам аз нигоҳи хатти имрӯзи тоҷикӣ ба назар меоянд, ки намунаҳояшро дар зер хоҳем дид. Шоира баъзан калимаҳоеро ки махраҷ ва анҷоми гуногун доранд, ҳамқофия медонад, ки ин зебоии зоҳирии суханашро халалдор мекунад, ба мисли инзиво – иҷтимоъ, абас – ҳавас, қафас...; иҷтимоӣ – раҳоӣ, беинтиҳоӣ...; работ, эҳтиёт – ҳаёт, наҷот; тулӯъам – вузӯям, рӯям; видоъат – бемунтаҳоят; иҷтимоъам – ҷоям, дароям, кушоям; мамнӯъ – минӯ; рӯҳ – макрӯҳ ва ғайра. Инак ду-се намуна:

Шабихун зад ба танҳоӣ, баро аз **инзиво,** эй дил,
Баро аз инзиво охир ба самти **иҷтимоъ,** эй дил.

* * *

Ман нахурдам себи **мамнӯъи** туро,
Бӯ накардам атри **минӯи** туро.

* * *

Нoшири хуршед шав дар **рӯҳи** ман,
Шаъшаъа деҳ бар дили **макрӯҳи** ман.

Ноҳамвории дигар, ки дар ашъори шоира ба назар мерасад, ғалати вазн ва имолаву тахфифоти бемавқеъ аст. Ӯ дар баъзе мавридҳо кашиши нораворо ба кор бурда, ки гӯшнавоз нест. Инро бо овардани якчанд мисол баррасӣ мекунем. Дар байтҳои зер калимаҳои «таҳшин», «ҳафтум», «калима», «настаъин», «муъҷиза»-ро бо кашиш овардани шоира хилофи қоидаи арӯз аст:

Обхезии баҳорони балоғат паси сар монд,
Ончунон монд, ки **таҳшин** нашуд шӯру қиёмам.

* * *

Ман қитъаи ҳафт**у**мам, эй қитъакушои ишқ,
Бикшо ту маро, бикшо, паймо ту маро, паймо!

* * *

Атри кал**и**ма мешамӣ аз субҳи дафтарам,
Атри нафас шунав зи каломи муанбарам.

(Агарчи мисраи аввал зебост, ҳамоно нақси лафз дорад).

Бар лаб биёмад ҷони шаб, боди саҳар, ёсин бигӯ,
Чун шаб бимурд, алҳамд хон, иъёка(?) наст**а**ъин бигӯ.

* * *

Одӣ будан балки аз муъҷ**и**за будан низ болост.

Шоира дар муқоиса бо имола баъзан овозҳои дарозро дар шеър кӯтоҳ меорад, ки боиси нуқсони вазн мешавад.

Дар мисолҳои зайл ӯ ҳиҷои дувуми калимаи «берун»-ро фишурдааст, ки номатлуб аст:

Гар на қабули туям, ҳоҷати андӯҳ нест,
Ишқ ба сар мебарад берун аз ин анҷуман.

ва

Берун омад аз парда, бо нигоҳи ту омехт,
Ҷомаи ҳаё овар бар нигоҳи урёнам.

Воқиан байти зебост, агар бесакта бошад.

Дар байти зер ба ҷои калимаи «боз»-и дувуму севум ки овози дароз дорад, бояд калимаи дигар меомад, ки аз ду ҳиҷои кӯтоҳ иборат бошад, то вазн солим гардад. Дар ин шакле ки ҳаст, ноҳамвории талаффуз ошкор аст:

Баъд аз ин низ миёни ману ту хоҳад монд
Боз дурӣ, боз дурӣ, боз дурӣ, дурӣ.

Ин чанд нуқсоне ки дар шеъри шоира Фарзона эҳсос мешавад, чандон боиси паст рафтани мартабаи шоирияш намегардад, зеро ҳамаро метавон бо кӯшиши андак ё афзуне ба ислоҳ расонад. Аммо аз онҳо нодида ҳам наметавон гузашт, зеро ин нуқсонҳо дар пироҳани шеъри зебо чун лаккаи айбафзое ба назар меоянд, ки вуҷудашон мӯҷиби андеша ва бартараф гаштанашон боиси афзоиши завқи ҳам гӯяндаи шеър ва ҳам хонандаву шунавандаи он мегардад. Бад-ин манзур сухани мавзун ва шеъри воло ҳарчи перостатар, ҳамон қадр оростатар хоҳад буд ва мо инро ба тамоми шоирони асил сидқан орзумандем.

*2007*

# СУХАН РӮДАКИВОР НЕКӮ БУВАД

Ба шакли дуруст даровардани баъзе абёти норавшани устод Рӯдакӣ ва мантиқан тасҳеҳ кардани онҳо кори сангин аст. То имрӯз дар иҷрои ин амр олимони суханшиносу матншиноси эронӣ ва тоҷикистонӣ, аз қабили устод Саъид Нафисӣ, Ҷаҳонгири Мансур, Масъуд Қосимӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Расул Ҳодизода, Усмон Каримов, Абдулманнони Насриддин, Асрори Раҳмонфар, Алии Муҳаммадӣ ва дигарон кӯшишҳои судманде кардаанд.Аммо дар ҳамаи нусхаҳои девони Рӯдакӣ, ки номбурдагон омода кардаанд, баъзе норасоию ноҳамвориҳо ба назар мерасанд, ки аксар аз мушкилхонӣ ва матрукии баъзе аз вожаҳои матни ашъори шоир сарчашма мегиранд. Аз ин рӯ дар матбуот баҳсҳои зиёде дар перомуни ин ё он калима, ки дар шеъри Султони шоирон маҷҳул менамояд, сурат гирифтанд ва ҳар кӣ ба қадри донишу биниши худ андешаи худро барои сиҳҳати матни шоир баён намуд, ки аксар қобили таваҷҷуҳ буданд.

Ба наздикӣ девони Рӯдакӣ дар таҳия ва тасҳеҳи муҳаққиқи тоҷик Қодири Рустам бо теъдоди 1000 нусха (Олмотӣ – 2007) дастраси ҳаводорони шеъри Устоди шоирон гашт. Ҷои қадршиносист, ки таҳиягари «Девон» барои омода намудани матни он заҳмати зиёде кашидаву аз манбаъу сарчашмаҳои фаровон истифода кардааст. Ӯ бо дарки дурусти маънии баъзе калимаҳо ва тобиши маънои онҳо байтҳои баҳсноки устодро ба гунаи дурусттар ва қобили қабул даровардааст, ки сазовори таҳсин аст. Дар байти зер ӯ ба ҷои калимаи **«ёро» «боро»**-ро овардааст, ки мантиқан дуруст менамояд:

Ҷаҳон ин асту чунин аст, то буд,
Ва ҳамчунин бувад инанд **боро!** (23)

Дар аксари нусхаҳои девони Рӯдакӣ (чопи сириллик) шакли мухаффафи калимаи **«зуд»** ба гунаи **«з-ӯ»** омадааст. Аммо дар чопи мавриди назар ин калима ба шакли «**зу»** зикр шуда, ки саҳеҳ мебошад:

Ҳар гуле пажмурда гардад **зу** на дер,
Марг бифшорад ҳама дар зери ған. (48)

Дар мисраи зер ба ҷои калимаи **«гард» «курд»**-ро пешниҳод кардааст, ки бояд шакли дурусти калима чунин бошад:

... Чун **курд** бимондастам, танҳо ману ин боҳу! (89)

Ё ба ҷои «**лабам» «купам»** омадааст, ки қобили қабул мебошад:

Ман кунам пеши ту даҳон пурбод,
То занӣ бар **купам** ту зобгуре.

Муҳимтар аз ҳама дар байти зер **«сустбуда»-ро** ба гунаи **«сусту пуда»** тасҳеҳ кардани таҳиягари «Девон» ситуданист.

Об ҳарчӣ бештар неру кунад,
Банду варғи **сусту пуда** барканад. (98)

Дар байти дигар ба ҷои калимаи **«меш»** калимаи **«ҳишт»**-ро овардааст, ки мувофиқи мантиқу таносуб мебошад:

Пас биавборид ишонро ҳама
Не шубонро **ҳишт** зинда, не рама.

Дар байти зер ба ҷои калимаи **«боз» «бори»** овардаву маъниро дурустар кардааст:

**Бори** кажмардум ба кангарш андаро,
Чун аз ӯ суд асту мар шодӣ туро. (101)

Ба байте, ки мисраъи аввали он аз ҷиҳати вазн нотамом буд, **«аз бомдод»-ро** афзудаву онро комил кардааст:

Аз паи алфағдани рӯзӣ ба ҷаҳд **аз бомдод**
Ҷонвар сӯи сипанҷи хеш пӯёну давон. (87)

Дар байти дигар калимаи **«луч»**-ро ба ҷои **«фағ»**-у **«лағ»** овардааст, ки дар навишти форсӣ ба ҳам наздиканд. Бо дарки таносуби калом пешниҳоди охирро метавон пазируфт:

Чунки занро дид **луч**, кард уштулам,
Ҳамчу оҳан гашту надод эч хам. (106)

Агар тасҳеҳи матн ба ҳамин равиш идома меёфт, ин нусха нусхаи беҳтарини девони Устод Рӯдакӣ мегашт. Аммо мутаассифона, парешониҳое дар матн сар задааст, ки ҷои андеша дорад. Таҳиягари «Девон» бо салоҳдиди худ калимаҳои зиёдеро дар матн табдил кардааст, ки худ вобаста ба ин мегӯяд: «Тайи мутолиъаи мустамарри ашъори Рӯдакӣ он қадр ба ин шеър ва соҳиби он унс гирифтам, ки густох шудам, ҷуръат пайдо кардам ва бо иҷоза аз рӯҳи поки устод чанд байтро, ки маънои рӯшан надоштанд ва ё вожаҳои онҳоро хато донистам, ислоҳ кардам, яъне вожаҳои дигарро бадали калимаҳои мавҷуд дар маъхазҳо ниҳодам. Ва чун итминон дорам, ки ин ислоҳҳо савоб аст, онҳоро дар матн овардам ва ин мавоoriginal дар таъликот бозгӯ кардаам.

Ин маҷмӯаро ба ин умед, ки имтиёзҳое бар кутоби (кутуби – М.А.) то кунун мунташири ашъори Рӯдакӣ дорад, ба дасти чоп додам ва агар ин умед набуд, зарурате ба интишори он ҳам намемонд ва агар хонандагон ба чашми инсоф ва таҳқиқ бингаранд, албатта, худ ба ин нукта пай хоҳанд бурд». (21-22)

Аммо кор ба он шакле, ки муҳаққиқ мехоҳад, сурат нагирифтааст. Инак, аввал ба табдили калимаҳо дар матн, ки таҳиягар анҷом додааст ва баъдан ба дараҷаи сиҳҳати матни «Девон» таваҷҷуҳ мекунем. Қодири Рустам бо ин ки баъзе аз абёти девони шоирро ба гунаи қобили қабул даровардааст, бо тағйири баъзе калимот дарки маънии абёти дигарро душвор ва нопазируфтанӣ кардааст. Ба гунаи мисол, дар байти зер «**чунинӣ ту бо баччагон**»-ро ба «**чӣ бинӣ ту аз баччагон»** бадал кардааст, ки қобили қабул наметавонад буд, чи он таъкид, ки дар баёни аввал (**чунинӣ)** ҳаст, дар дувум **(чӣ бинӣ)** эҳсос намешавад:

Ҷаҳоно, **чӣ бинӣ** ту аз баччагон,
Ки гаҳ модарӣ, гоҳ модандаро! (24)

Дар байти дигар ба ҷои **«зулфи пуршикасту шикаст» «зулфаки шикасту микаст»** омадааст, ки баёнаш ғалат мебошад:

Ой аз он чун чароғ пешонӣ,
Ой аз он **зулфаки шикасту микаст**! (74)

Ё дар байти зайл калимаи «сарпош»-ро, ки маънишиносон **«гурзи бузург»** маънӣ кардаанду сохташ зебову шоирона аст, ба гунаи «**сарпос**» зикр шудааст, ки саҳеҳ нест:

Ту чи гуна ҷаҳӣ, ки дасти аҷал
Бар сари ту ҳамезанад **сарпос!** (82)

Дар ҷои дигар «**бонги рӯду чанг шунав!»,** ки дар нусхаҳои дигар ба назар мерасад, шакли ғалати «**бонги рӯду май бишнав!**» ба чоп омадааст, ки аз ҷиҳати таносуби калом дуруст наменамояд, зеро **«бонги чанг»**-ро метавон шунид, на «**бонги май**»-ро! Ҳамчунин, ба хотири қофия «**бишнав» «бишнув»** зикр шудааст, ки муҳол аст ба тарзи баёну забони Рӯдакӣ наздик бошад:

Чун ба бонг омад аз ҳаво бахну (в)
Май хуру бонги рӯду май бишнув! (119)

Ҳамчунин бе ҳеч далел дар байти зайл ба ҷои «**эй писар» «моҳи ман**»-ро овардан чандон дуруст нест:

Бубахшо, **моҳи ман**, бар ман бубахшо,
Макуш дар ишқ хира чун манеро! (25)

Мисраи дувуми байти зер, ки дар ҳама нусхаҳо «**фурӯ монӣ чу хар ба м-ёни шилко!**»-ст, дар «Девон» ба табдили нораво сабт ёфтааст, зеро ин ҷо таъкид маҳз дар калимаи «миён» аст:

Чу гирд оранд кирдорат ба маҳшар,
**Фурӯ монӣ ҳаме чун хар ба шилко**. (72)

Ё дар мисолҳои дигар бе далел калимаи **«қасиб»** ба **«қашиб»** ва «**хеш»** ба **«худ»** табдил шудааст, ки зарур наменамояд:

Борони мушкбӯй биборид нав ба нав
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи **қашиб.** (26)

* * *

Он рахту куёни **худ** ман рафтаму пардахтам... (89)

Дар байтҳои зер чунин тасҳеҳоти қиёсиро мушоҳида мекунем, ки чандон пазируфтанӣ нестанд, зеро мантиқи сухан намегузорад, ки дар онҳо калимаҳои «**тез**»-у «**равон»-**у «**бегуноҳӣ»**-ро ба «**шер**»-у **«завон**»-у «**бегиёҳӣ»** табдил кунем:

Хор намояд-т жандапил бад-он гоҳ,
Гарчи бувад масту **шергаштаву** ғуррон! (52)

* * *

Нест шигифтӣ, ки Рӯдакӣ ба чунин ҷой
Хира шавад бе **завону** монад ҳайрон. (54)
Вобаста ба ин байт Рӯдакӣ гуфта:
Забони ман ба равӣ гардад офарини туро!

Яъне устод **«забон»** мегуфт, на **«завон»**!

* * *

Ҷаҳоно, ҳамоно к-аз ин бегиёҳӣ,
Гунаҳкор моему ту беканозӣ! (93)

Дар байти дигар ба ҷои «**Дод пӯшида ҷавобам»** баёни сусти «**Мар маро гуфтӣ ба тозӣ»** омадааст, ки ба гумон аст, рӯдакивор бошад:

Остин бигрифтамаш, гуфтам: «ба меҳмони ман ой»,
**Мар маро гуфтӣ ба тозӣ**: «мӯрду анҷиру кулӯх!» (30)

Дар байти зер калимаи «**сахт»,** ки сифати андӯҳ аст, ба «**бахт»** ва **«бибарам»** ба «**набарам»** иваз шудааст, ки маъние намедиҳад:

Аз баҳри он куҷо набарам номаш,
Тарсам зи **бахт** андуҳу душворӣ! (59)

Дар ҷои дигар «**ҳоли хуб он буд»,** ки дар **«хуб»** таъкид аст, ба гунаи «**ҳол чунон буд»** зикр гаштааст, ки сусту ноҷаспон мебошад:

В-аз авлиёш пароканда низ ҳашт ҳазор
Ба ман расид, бад-он гаҳ **ҳол чунон буд**! (38)

Дар байти зер ба ҷои «**бипардозад» «набардорад»** омадааст, ки аз сиёқи баёни устод Рӯдакӣ фарсаххо дур аст,чун худи ӯ мегӯяд: Кас барнадоштаст ба дасте ду харбуза! (91)

Ҳамчунин дар мисраи дувум ба ҷои «**ранҷаш» «ранҷиш»** сабт шуда, ки маъниро ғалат мекунад:

Девори куҳангашта набардорад подир,
Як рӯз ҳама паст шавад **ранҷиш** бигзор! (42)

Аз чӣ бошад, ки «**ҷазм бигӯӣ»** дар «Девон» ба гунаи аҷиби **«хуррам бигрӣ»** даромадааст, ки маъние намедиҳад:

В-ар-ш ба садр андарун нишаста бибинӣ,
**Хуррам бигрӣ**, ки зинда гашт Сулаймон! (52)

Нафаҳмидем, ки «**хуррам гиристан**» чӣ бошад!

Ҳамчунин «**ба ҳар коре»,** ки дар нусхаҳо ба шакли ғалати «**баҳри коре»** ва **«паи коре**» омада буд, дар «Девон»-и мавриди баҳс бо иловаи пешоянди **«ба»** гунаи **«ба бекорӣ**»-ро гирифтааст, ки пазируфтанӣ наменамояд:

Ай ғофил аз шумор, чӣ пиндорӣ,
К-ат холиқ офарид **ба бекорӣ?** (60)

Дар байти зер таъбири зебои «**сар ниҳода бар зиён»,** ки ба **«хоста»** тааллуқ дорад, ба **«судҳоят бар зиён**» иваз шудааст, ки шубҳанок менамояд. Ҳамчунин дар мисраи дувум аз «**рама рафта шубон»** чизе наметавон фаҳмид:

Хоста тороҷ гашта, судҳоят бар зиён,
Лашкарат ҳамвора ёфа чун **рама рафта шубон**! (86)

Дар ҷои дигар **«осону рост»** ба **«к-ӯ рост аст»** бадал шудааст, ки ҷое ба назар нарасид:

Роҳе, к-**ӯ рост аст**, бигзин, эй дӯст
Дур шав аз роҳи бекаронаву тарфанҷ! (75)

Ё дар байти зер ба ҷои **«барваз» («парваз»)** бедалел калимаи **«бардамад»** зикр ёфтаву фоъилро аз байн бурдааст:

Аз Хуросон **бардамад** товусваш,
Сӯи Ховар мешитобад шоду каш. (107)

Дар байти дигар, мисраи дувум, ки дар нусхаҳо шакли зебову дурусташ (**Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст**) мавҷуд аст, ба гунаи сусту бетаъсири **«Замона чун нигарӣ, сар ба сар ҳама панд аст»** омадааст:

Замона панде озодвор дод маро,
**Замона, чун нигарӣ, сар ба сар ҳама панд аст.** (28)

Суханшиносон медонанд, ки кадоме аз ин нусхаҳо шоиронатару муассиртар аст.

Акнун ба чанд байте, ки дар «Девон» ба гунаи шубҳанок омадааст, таваҷҷуҳ мекунем. Дар байти зер «**мадҳи касеро»** бояд **«мадҳ касеро»** хонда шавад, то маънӣ дуруст ояд:

Гарчӣ бикӯшанд шоирони замона,
**Мадҳи касеро** касе нагӯянд монанд. (34)

Дар мисоли зайл ба ҷои **«чашмам» «чашмаш»** зикр шудааст, ки аз ҷиҳати таносуб ғалат мебошад:

Басо нигор, ки ҳайрон будӣ бад-ӯ – дар чашм,
Ба рӯи ӯ – дар **чашмаш** ҳамеша ҳайрон буд. (37)

Дар байти дигар, дар ҳар ду мисраъ ба ҷои **«зӣ» «зи»** омадаву маъниро дигар кардааст:

Ҳамеша шеъри варо **зи** мулук девон аст,
Ҳамеша шеъри варо **зи** мулук девон буд. (38)

Дар ҷои дигар ибораи изофии «**дидаи хирад» («дидай хирад»)** ба гунаи ғалати «**дида хирад»** сабт гаштааст:

Магар як сӯ афкан, ки худ ҳамчунин,
Биандешу **дида хирад** баргумор. (41)

Дар аксари нусхаҳо дар мисраи дувуми байти зер «**нагӯӣ к-аз чӣ**» омадааст, ки аз чиҳати таносуби калому мувофиқати замон дуруст мебошад, – **«нагӯӣ»,** яъне **«намепурсӣ».** Аммо дар ин нусха ба гунаи ғалат зикр шудааст:

Кунун ҳамонаму хона ҳамону шаҳр ҳамон,
Маро **нагӯй**, ки аз чӣ шудаст шодӣ сӯк! (45)

Дар байти зер «**пайки мураттаб**»-ро бояд бе изофа хонд, то таносубу маънӣ дуруст гардад, чаро ки **«мураттаб»** тааллуқ ба **«давидан»** дорад, на ба **«пайк»:**

Худ бидавидӣ ба сони **пайки мураттаб,**
Хидмати ӯро гирифта ҷома ба дандон! (54)

Ба ин монанд «**навбаҳори ҷаҳон»-ро** «**навбҳор ҷаҳон»** бояд хонд, яъне ҳангоми навбаҳор...

Ҳарчанд **навбаҳори ҷаҳон** аст ба чашм хуб,
Дидори хоҷа хубтар, он меҳтари ҳасиб. (26)

Калимаи «**зулфайн»** дар чанд байт ба гунаи **«зулфин»** омадааст, ки ба ҷуз ҳангоми қофия бастан ва дигар мавридҳо чандон дуруст нест:

Гирифт хоҳам **зулфини** анбарини туро... (23)

* * *

Он ки **зулфину** гесуят пирост... (28)

* * *

Ману **зулфини** ӯ нагунсорем... (40)

Дар ин «Девон» ғалатҳои ҷиддие ба назар мерасанд, ки ҳангоми баргардони матн сар задаанд. Масалан дар мисраи зер калимаи **«биялфахт»,** ки аз феъли «**алфахтан»** аст, барғалат «**билфахт»** сабт шудааст:

... Ҳар кӣ бихӯрду бидод, аз он чӣ **билфахт.** (27)

Дар байти зер дар охири калимаи **«шумарӣ»** анҷомаи **«-иш»** зиёд ва нолозим афтода, зеро дар оғози мисраъ пасоянди «**-ро**» мавҷуд аст:

Ҳар киро, рафт, ҳаме бояд рафта **шумариш,**
Ҳар киро, мурд, ҳаме бояд мурда шумаро! (24)

Дар ҷои дигар «**фасонаворӣ шав!**» «**фасона дору шуд**» сабт шуда, ки ғалат мебошад ва маъниеро намерасонад:

Неки ӯро **фасона дору шуд,**
Бади ӯро камар-т сахт битанҷ! (30)

Дар мисоли зер «**малакӣ**»**-ро** бояд «**малаке**» хонд:

Они малак бо **малакӣ** рафта боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гӯӣ бимурд. (32)

Дар байте бе зарурат калимаи **«ҳеч»** ба шакли «**эч**» омадааст, ки дар нусхае аз девони Одамушшуаро мавҷуд нест:

Ҷуз он ки мастии ишқ аст, **эч** мастӣ нест,
Ҳамин балот бас аст, ай ба ҳар бало хурсанд! (34)

Бидуни зарурат **«сапед»-у** «**симрада»,** ки ду сифати дандон аст, ба гунаи «**сапеди симрада**» зикр ёфтааст:

**Сапеди симрада** буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатра борон (?) буд. (36)

Дар байти зер «**нуҳуфтӣ**»**-ро** бояд «**ниҳуфте**» хонд, то маънии дуруст ба даст ояд:

Зери замин хезу **нуҳуфтӣ** биҷӯй,
Пас ба фалак бар шав бе нардбон! (55)

Калимаи **«хушшӣ»** (бо талаби вазн), агарчи дар қофия нест, ба шакли «**х(в)ашшӣ»** зикр ёфтааст, ки дуруст нест:

... Ба **х(в)ашшӣ**, гӯӣ, андар ҷом монанди гулоб астӣ. (58)

Ҳамчунин аз ин шеър «**қатра саҳоб»-ро** бояд «**қатрай саҳоб»** хонд, то таносубу алоқаи калимот баҷо ояд:

Саҳоб астӣ қадаҳ гӯийиву май **қатра саҳоб** астӣ... (58)

Таркиби «**ба руни»** (ба сабаби) дар ду мавврид «**бируни»** қаламдод шудааст, ки ғалати маҳз аст:

Ҷаъдмӯён-т ҷаъд канда ҳаме,
Бибурида **бируни** ту пистон. (55)

Ва:

Худ ғами дандон ба кӣ тавонам гуфтан?!
Заррин гаштам **бируни** симин дандон! (87)

Дар порае **«ме»** барғалат «**май»** хондаву навишта шудааст, ки боиси ғалат шудани маънӣ мегардад:

Ба сухан **май** ба забон бошу ба шамшер бирез
Хуни аъдову ба тавқеъи қалам деҳ рӯзӣ. (60)

Ҷои дигар калимаи **«хай»** ба гунаи **«х(в)ай»** омадааст, ки низ ғалат мебошад:

То **х(в)ай** абар гули рухи ту карда шабнамӣ,
Шабнам шудаст сӯхта чун ашки мотамӣ. (61)

Дар мисоли зер таҳиягар калимаи **«буд**»-ро «**бувад»** дониставу онро ба гунаи мухаффафи «**був-д»** овардааст, ки нодуруст аст, чи ин тарзи баён (бо **«буд**») имрӯз ҳам роиҷ аст, яъне **«буд**» ба маънии **«бошад»:**

Бар рӯи пизишк зан маяндеш,
Чун **був-д** дуруст песёрат. (73)

Дар байти зер **«ёрӣ ба ёрӣ»-ро** бояд **«ёре ба ёре»** хонд, то матлаб ба даст ояд:

Чӣ неку сухан гуфт **ёрӣ ба ёрӣ**,
Ки то кай кашем аз хусур зуллу хорӣ ?! (93)

Дар байти зер калимаи **«фарбӣ»** ба гунаи **«фарбеҳ»** омадаву боиси харобии вазн шудааст, зеро ҳиҷои дувуми калимаи **«фарбеҳ»**-ро бо кашиш хондан дуруст нест:

Шуд ба гармоба дарун як рӯз ғӯшт,
Буд **фарбеҳу** калону хубгӯшт.

Аз мушкилоти маъно ки бигзарем, ба мушкилоти вазн дар «Девон» мувоҷиҳ мешавем. Инак, баъзе аз ғалатҳоеро, ки ба вазн марбутанд, бармешуморем. Дар байтҳои зер калимаҳои **«каф», «тар», «биё», «дирам», «парад», «пар», «хам», «умедворам», «хушаш», «аспяле», «дум»-ро** бояд мушаддад хонд, то вазн дуруст шавад:

Дасту **кафу** пои пирон пуркалахҷ,
Риши пирон зард аз бас дуди нахҷ. (108)

* * *

Ай хоҷа, ин ҳама, ки ту бармедиҳӣ шумор,
Бодоми **тару** секию баҳмону бостор. (41)

* * *

**Биё** дилу ҷонро ба худованд супорем,
Андӯҳи **дираму** ғами динор надорем. (48)

* * *

Чуғд, ки бо бозу (?) кулангон парад,
Бишканадаш **пару** болу гардад лат-лат. (75)

Аз ин байт баъди **«бозу»** калимаи **«бо»** афтодааст.

Ба ҳаққи он **хами** зулфи ба сони минқор боз,
Ба ҳаққи он рӯи хуб, к-аз ӯ гирифтӣ бароз. (81)

Барои дуруст шудани вазну маънӣ мисраи аввалро чунин хонд:

Ба ҳаққи он **хамми** зулф, ба сони минқори боз.

* * *

Аз ҳамолон в-аз бародар ман фузун,
З-он ки ман **умедворам** низ юн. (97)

* * *

Кабт ногаҳ бӯи нилуфар биёфт,
**Хушаш** омад, сӯи нилуфар шитофт. (100)

* * *

**Аспяле** омад он гаҳ нарм-нарм,
То барад мар аспро ӯ гарм-гарм. (106)

* * *

**Думи** саг бинӣ або батфузи саг,
Хушк гашта, к-аш начунбад ҳеч раг. (110)

Баръакс дар ҷое, ки ташдид лозим нест, ташдид омадаву вазни баъзе абётро сактадор кардааст, ки намунаашро дар калимаҳои **«зар»** ва **«дур»** мебинем:

Шоир зи ӯ равад фақиру тиҳидаст,
Бо **зарри** бисёр бозгардаду ҳумлон. (52)

* * *

Аз ҳаҷри маҳи рухи ту, эй мояи ҷон,
**Пурдурр** карданд чун даҳони ту ҷаҳон. (68)

Ғалати дигари вазн дар натиҷаи афтодани ҳарфу калимаҳо аз таркиби мисраъу байтҳо сар задааст. Аз ин рӯ барои дуруст шудани матн ҳарфу калимаҳои афтодаро дар қавсайн менависем:

Касе, ки дом кунад номи нек аз паи нон,
Яқин бидон **(ту)**, ки дом аст нон-ш мар ҷонро! (25)

* * *

Аз дӯст ба ҳар чиз чаро бояд**(а)**т озард,
К-ин ишқ чунин бошад, гаҳ шодию гаҳ дард. (30)

* * *

Дер зиёд он бузургвор худованд,
Ҷони гиромӣ ба ҷон**(а)**ш андар пайванд. (31)

* * *

Ба базми айшу тараб бод некхоҳи ту шод,
Ҳасуди ҷоҳи ту бод**(о)** зи ғусса зору нажанд! (34)

* * *

Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ б**(у)**вад,
Дилам нишоту тарабро фарох майдон буд. (37)

* * *

Боз ту беранҷ бошу ҷони ту хуррам
Бо наю бо рӯду **(бо)** набиди Фанорӯз! (44)

* * *

Турк ҳазорон ба пой пеши саф андар,
Ҳар як чун моҳи ба**(р)** ду ҳафта дурафшон! (50)

* * *

В-ар ту бихоҳӣ фаришта**(е)** ки бибинӣ,
Инак ӯяст ошкоро Ризвон! (51)

* * *

Фармон кунӣ **(ва)** ё накунӣ тарсам,
Бар хештан зафар надиҳӣ боре. (60)

* * *

Маъзурам доранд, к-андӯҳ **(ки андӯҳ)** вағеш аст.
Андӯҳи вағеши аз он ҷаъди вағеш аст. (74)

* * *

То зиндаам, нарафта маро номи ту зи ёд,
Ҳаргиз нагуфт**(а)**ӣ, ки маро ошиқест зор! (78)

* * *

Аё нигори Тароз, аз бутони Туркистон
Наёмад эдар чу**(н)** ту бут аз баҳори Тароз. (81)

* * *

Чун барги лола буда**(а)**му акнун
Чун себи пажмурида бар овангам!

Баръакси намунаҳое ки баршумурдем, дар «Девон» ба мисраъу байтҳое бармехурем, ки ба сабаби зиёд афтодани баъзе ҳарфу калимаҳо вазнашон хароб шудааст. Барои дуруст шудани вазн дар охири мисраъ ё байти ғалат шакли дурусти калимаро дар қавсайн нишон медиҳем. Инак чанд намуна:

Бар рухаш зулф ошиқ аст чу ман,
Лоҷарам, ҳамчу **манаш** нест қарор. (40) – **(ман-ш)**

* * *

Басо касо, ки **бара асту** фарахша бар хонаш,
Басо касо, ки ҷавин нон ҳаменаёбад сер. (43) **(бара-сту)**

* * *

Гӯӣ **гумоштааст** балое ӯ,
Бо ҳар ки ту дил бар ӯ бигморӣ. (60) – **(гумоштаст)**

* * *

Шери олағда, ки берун ҷаҳад аз хона ба сайд,
То ба чанг орад **оҳурову** оҳубараро! (72) – **(оҳуву)**

* * *

Рӯза ба поён расиду омад навъид,
Ҳар рӯз бар **осмонат** бодо мурво! (72) **– (осмон-т)**

* * *

Мурда нашавад зинда, зинда ба сутудон шуд,
Ойини ҷаҳон чунин то **гардуни** гардон шуд. (77) **– (гардун)**

* * *

Талхию шириниаш **омехта аст, – (омехта-ст)**
Кас нахӯрад нӯшу шакар **ба апюн!** (88) – **(бо пиюн)**

* * *

Ай бирри ту расида ба ҳар тангчорае,
Аз ҳоли **мани заъиф** биандеш порае! (92) **– (ман – заъиф)**

* * *

Тан-т яку ҷон якеву чандин дониш,
Ай аҷабо, мардумӣ **ту** ё дарёӣ?! (92) – **(мардумиӣ ё дарёӣ)**

* * *

Тани хингбед **гарчи** бошад сапед,
Ба таррию нармӣ набошад чу бед. (113) **– (арчи)**

* * *

В-ар на маро Бӯумар диловар кардӣ
В-он гаҳ дастурии **баргузидаи** Аднон. (54) – **(гузидаи)**

* * *

Ай булбули хушово, ово деҳ,
Ай соқӣ, он **қадаҳро** бо мо деҳ. (122) **– (қадаҳ)**

Ҳамчунин дар намунаҳои зер бо табдили овозҳо вазни байтҳо хароб шудааст:

Ай турки камарбаста, чунонам зи фироқат,
Гӯянд қабои ту маро **пироҳан** ояд. (39) – **(пираҳан)**

* * *

**Ай** дареғо, ки хирадмандро
Бошад фарзанду хирадманд не. (62) – **(Ой)**

* * *

Бар ҳабк ниҳода ҷоми бода
В-он **гаҳ** зи ҳабк нӯш кардаш. (82) – **(гоҳ)**

* * *

Аз меҳри ӯ надорам бе ханда кому лаб,
То сарв сабз бошаду **бор** н-оварад пада! (90) – **(бар)**

* * *

Дева ҳарчанд **абрешум** биканад,
Ҳарчи он бештар ба хеш танад. (117) – **(абришум)**

Акнун ба пораҳое таваҷҷуҳ мекунем, ки аз нигоҳи вазн ғалати боз ҳам бештар доранд. Масалан:

Бихуру бидеҳ, куҷо пушаймон набвад,
Ҳар кӣ бихӯрду бидод, аз он чи билфахт. (27)

Ҳар ду мисраъ сактаи вазн дорад. Гунаи дурусти байтро аз саҳифаи 224-и ҳамин «Девон» метавон пайдо кард:

Худ хуру худ деҳ, куҷо набуд пушаймон,
Ҳар кӣ бихӯрду бидод, аз он чи биалфахт.

Манбаъ ва шакли дурусти байти зер, ки мисраъи аввалаш хароб аст, маълум нашуд:

Ҷаҳон ҳамасола (?) ба коми кас наравад,
В-агар равад, надиҳад ҳар чӣ рой дориву ком. (47)

Дигар:

Бибин (?) то ки ҷаҳонат чӣ гуна гом ниҳод,
Ҳаме гузор ту он сон, ки ӯ гузорад гом. (47)

Дар байти зер калимаи **«майе»** бояд **«майи»** хонда шавад, то вазн дуруст гардад:

Бо **майе** чунин, ки сол хурда бувад чанд,
Ҷома бикарда фарози панҷаҳ хулқон. (50)

Байти ғалати дигар ин аст, ки дар нусхаҳои девони Одамушшуаро шакли дурусти онро пайдо мекунем:

Халқ **ҳама аз** хоку обу оташу боданд,
В-ин малик аз офтоби гавҳари Сосон! (51)

Инак шакли дурусти мисраи аввал:

Халқ зи хоку зи обу оташу боданд...

Дар байти зер калимаи **«пазирад**»-ро бояд **«бипзирад»** хонд, то вазн дуруст гардад:

Пӯзиш **пазираду** гуноҳ бибахшад,
Хашм наронад, ба афв кӯшаду ғуфрон. (53)

Байти зер, ки ғалати вазн дорад:

**Бурд духтари мадҳу** арҷа кард замоне,
В-арчи бувад чира бар мадоеҳи шоҳон! (53)

– дар баъзе нусхаҳои девони устод Рӯдакӣ ба гунаи зайл омадааст, ки дурусттар аст:

Бурд чунин мадҳу арза кард замоне...

Дар байти зер ба ҷои калимаи **«бошад»** омадани **«бувад»** боиси харобии вазн шудааст:

Барои парвариши ҷисм ҷон чи ранҷа кунам,
Ки ҳайф **бувад** руҳулқудус ба сагбонӣ. (61)

Дар мисоли дигар бидуни зарурат калимаи «ҷавоният» ба гунаи «ҷавонӣ-т» зикр шудааст:

Тақдир, ки бар куштанат озарм надошт,
Бар ҳусну **ҷавонӣ-т** дили нарм надошт. (64)

Беҷо афтодани чунин тахфифро рубоии дигари устод Рӯдакӣ нишон медиҳад:

Чун кушта **бибиниям** ду лаб гашта фароз,
Аз ҷон тиҳӣ ин қолаби фарсуда ба оз...

Берун аз матни «Девон», дар боби ҳошия ва таъликот низ баъзе абёт, ки аз маъхазу сарчашмаҳо гирифта шуда-анд, ғалат омадаанд. Масалан, дар байти зер ба ҷои кали-маи **«нигаҳ» «нигоҳ»** омадаву вазнро сактадор кардааст:

Хуб агар сӯи мо нигоҳ накунад,
Гӯ, макун, шав, ки мо намуна шудем. (125)

Дар байти дигар калимаи **«хостӣ»,** дар қофия бо **«биёростӣ»** барғалат **«сохтӣ»** сабт шудааст:

Ба ҳар ҷойгоҳе биёростӣ
Маю рӯду ромишгарон **сохтӣ**. (127)

Дар байти зер ҳам дар мисраи аввал (б-вад) ва ҳам дар мисраи дувум ғалат (вазн) ба назар мерасад:

Гуфт ҳакиме, ки муфарраҳ б-вад,
Оби равиву лаҳни хушу бӯстон. (141)

Дар байти дигар калимаи «**парид**»-ро бояд бо ташдид хонд ва шояд ба ҷои **«маъдан» «маъман»** гуфт, ки ба матн мувофиқтар аст:

Чун танаш руҳ гашт, тез чун ӯ
Боз парид сӯи **маъдани** хеш. (152)

Дар ин қисм байте аз Фаррухӣ зикр шудааст, ки ҳарду мисраъаш аз нигоҳи вазн ноқис афтодааст. Дар мисраи аввал калимаи **«испарғам**»-ро бояд ба талаби вазн «**испарағм**» хонд, то дуруст гардад. Ва ҳам дар мисраи дувум ҳиҷое намерасад:

Ба вақти баҳор **испарғами** баҳорӣ,
Ба вақти хазон (?) асири хазонӣ.

Дар байти зер калимаи «**рӯй»**-ро бояд **«рӯ»** хонд, то равон бошад:

Касон, ки талхии ҳоҷат наёзмудастанд,
Туруш кунанду битобанд **рӯй** зи аҳли суол. (169)

Дар байти дигар калимаи **«умед»**-ро мушаддад бояд хонд:

Ба **умеди** қабулат бикр фикрам,
Чу баҳри Юсуфи мисрӣ Зулайхо. (175)

Дар мисраи дувуми байти зер калимаи **«бо**»-ро бояд гузошт, то вазн комил гардад:

Духтаронанд хотирамро бикр
Ҳама бо шаклу (?) шамоили ҳур. (175)

Дар пораи дигар калимаи **«ба»-ро** ба хотири вазн «бар» бояд хонд:

Дӯшизагони хотири ман бин, ки ғунчавор
**Ба** рух гирифтаанд зи ту шармсор даст. (175)

Мисраи аввали байти зерро бо тақозои вазн **«дил ба ту додамму дилат** настадам» метавон хонд:

Дил ба ту **додаму дил-т** настадам
Мардум диди̣ ту бад-ин бейди̣? (177)

Мисраи дувуми байти дигар сахт ғалат хонда шудаву боиси норасоии вазн гаштааст. Аз ин рӯ **«бештар-ш хурад»-ро** бояд **«бештараш хурд»** хонд:

Ҳаётро чи гуворандатар зи об валек,
Касе, ки **бештар-ш хурад**, бикшад истисқош. (210)

Дар байти зер калимаи **«худойгон**»-ро **«худойгони**» ва «**назир-ш»-ро** «**назираш»** бояд хонд. Ин ҷо зарурате ба тахфиф нест:

**Худойгон** салотин, ки рӯзгор надид,
**Назир-ш** аз чи басе ҷусту кард хушкомор. (229)

Дар байти дигар «**з-орзуи**»-ро бояд **«зи орзуи**» хонд, то вазнаш дуруст шавад:

**З-орзуи** кафи роди ту зи кони гуҳар
Гуҳар баромад бе кӯҳкону бе метин. (241)

Аз нигоҳи аломатгузори̣ ва навишти калимот низ дар «Девон» баъзе ғалатҳо ба чашм мерасанд. Ин ҷо шакли

ғалати навишти баъзе калимаҳо ва баъд шакли дурусти онҳоро меорем: ал-Тӯсӣ – ат-Тӯсӣ (5), иттако – иттико (5, 19), маҳфуз – маҳзуф (8), таъин – таъйин (8, 13), вайҳнома – ваҳйнома (34), кафш – кашф (13), аққал – ақалл (13), бархе маъхаз – бархе маъхазҳо (19), мутаъаддад – мутаъаддид (20), Айнулқуззот – Айнулқузот (21), кутоб – кутуб (21), таззод – тазод (159), тавсиъан – тавассуъан (182), бисутудам – биситудам (36), кирдугор – кирдгор (36), авф – афв (53), ҳисом – ҳусом (65), мункир – мункар (115), бахсонӣ – бихсонӣ (95), фажапир – фажаҳпир (24), ҳама – ҳаме (25), бисеч – басеч (224).

Аз мутолиъаву баррасии «Девон»-и ҳозир ба хулоса метавон расид, ки тасарруфу дасткорӣ ва ворид кардани ислоҳоти қиёсӣ ба шеъри устод Рӯдакӣ корест нораво ва барои иҷрои он танҳо рӯдакивор бояд сухан гуфт.

*2008*

## ҲУНАР ХУД БИГӮЯД, НА СОҲИБҲУНАР!

Камина мақолаи ҷавобии матншинос Қодири Рустам («Адабиёт ва санъат», 7 феврали соли 2008, № 6) бо номи «Шеъри Рӯдакӣ, завқи Акбарзод ва мантиқи ман»-ро ба тақризи худам ба «Девон»-и Рӯдакӣ (таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам, Олмотӣ, 2007) таҳти унвони «Сухан рӯдакивор некӯ бувад» («Адабиёт ва санъат», 10 январи соли 2008, № 2) ба унвони баҳси илмӣ истиқбол кардам. Чун аз мутолиаи он фориғ гаштам, ба сабаби вуҷуди чанд нуктаи баҳснок, ки дар мақола ба назар омад, ба худ андешидам, ки ба хотири равшан кардани ҳақиқати ҳол аз рӯи инсоф ба он ҷавоб бояд гуфт, то ба манфиати кор бошад.

Тавре ки хонандагони ҳафтанома дар ёд доранд, инҷониб дар оғози тақризи худ бартариҳои нусхаи таҳиякардаи Қодири Рустамро нисбат ба дигар нусхаҳои девони Одамушшуаро мунсифонаву одилона баршумурда будам ва баъд ба баррасии баъзе ағлот, ки дар «Девон» ҷой дошт, пардохтам. Амали дувумро маҳз бо даъвати худи таҳиягари «Девон» савоб донистам, ки дар сарсухани китоб нигошта буд: «Ин маҷмӯаро ба ин умед, ки имтёзҳое бар кутоби (кутуби – М. А.) то кунун мунташири ашъори Рӯдакӣ дорад, ба дасти чоп додам ва агар ин умед набуд, зарурате ба интишори он намемонд ва агар хонандагон ба чашми инсоф ва таҳқиқ бингаранд, албатта, худ ба ин нукта пай хоҳанд бурд.

Ва аммо баъид нест ва балки бадеҳист, ки китоб шомили нукоти мавриди баҳс низ ҳаст ва низ эҳтимол, иштибоҳ ва хатоҳое зимни таҳия ва шарҳи осор ва вожагон аз роқими ин сутур сар зада. Зеро, ҳеч хато накард он кӣ ҳеч кор накард. Ин ҷониб аз пажуҳандагоне, ки мулоҳиза ва андешаи хешро дар мавриди навоқиси маҷмӯъа ва саҳву хатоҳои

мумкини он аз тариқи нашриёҳо ё номаи хусусӣ иброз медоранд, хеле сипосгузор хоҳад буд ва албатта, эродҳои мантиқӣ ва илмиро дар нашри ояндаи китоб дар назар хоҳад гирифт» (с. 21-22).

Аммо матншиноси мо ба аҳди худ ноустуворӣ кардаву ба умеди сафед кардани худ дар аксар мавориди ба сиёҳ кардани инҷониб пардохтааст. Ӯ каминаро ба гуноҳи «фиреб додани хонанда» ва «саргарми ҷустани хатову ғалат» будан муттаҳам кардаву баъзе эродҳоямро «хурдагирие беш» надонистааст. Ӯ барои сабук кардани бори худ баъзе норасоиҳояшро ба дӯши чопхонае, ки «Девон» дар он ҷо ба табъ расида, афкандааст: «...Ин ғалатҳо сабабҳои мухталиф доранд: бархе аз фарти нодонӣ (масалан, аҷамии банда дар арабӣ) содир шудаанд, баъзе натиҷаи камтаваҷҷуҳиям будаанд ва низ қисме ғалатҳои чопианд. Имлои ғалати бештари вожаҳо (?-М. А.) ва табдилу уфтодагии баъзе ҳарфҳо, ки боиси харобии вазн шудаанд, ба чоп шудани китоб дар Олмотӣ, ки чопхонаҳояш ҳуруфи тоҷикӣ надоранд ва пас аз ба матбаа супоридани матни китоб имкони ғалатгирӣ (корректура) вуҷуд надорад, вобаста аст».

Чи ҳарфи булъаҷабе ва чи гурези моҳиронае!

Ба гуфти худаш Қодири Рустам аз хондани тақризи банда ба «китоб»-аш ду таассуф ҳосил кардааст, яке барои худ ва дигаре барои камина. Ӯ менависад: «Таассуф бар худам натиҷаи эҳсоси шармзадагиест, ки аз дидани костиҳову афзуниҳо дар вазни абёт ва имлои нодурусти бархе калимаҳо, ки Акбарзод намудааст ва дар бештар маврид (маворид – М.А.) ҳақ ҳам ҳаст, бароям рух дод... Ва аммо таассуфи ман бар Акбарзод ба ин далел аст, ки ӯ дар бисёр маворид аз роҳи таҳқиқ берун рафтааст, довариҳояш мунсифона нестанд ва низ гоҳе эродҳояш хурдагириҳои беасосу бедалеланд».

Баъди ин матншиноси мо ба баҳс перомуни навиштаи камина расида, ба тавзеҳу ташреҳи калимаи «зулфайн» (ба таъбири худаш «зулфин») дар асоси луғатномаҳо ва навиштаҳои донишмандони нуктасанҷи эронӣ пардохтааст. Ӯ сахт муътақид аст, ки истифодаи «зулфайн» ғалат аст ва

онро метавон танҳо ба гунаи «зулфин» хонду навишт. Ҳамчунин чанд байт аз шуарои пешин далел овардаву исбот карданист, ки «зулфайнакон» ё «ду зулфайн» (ба гунаи тоҷикитар «зулфҳогон» ва «ду зулфҳо») гуфтану навиштан бемаънист. Модом ки чунин аст, пас гунаи дурусти ин калима «зулфин» аст».

Инҷониб барои исботи дар шеъри шоирон «зулфайн» будани «зулфин» аз «Луғатнома»-и Деҳхудо чанд мисол меорам. Он ҷо дар идомаи тавзеҳи калимаи «зулфин» омадааст: «...Маъа ҳозо гоҳе ба сиғаи тасния ҳам бар хилофи асл истеъмол шуда:

Эй ваъдаи ту чун сари **зулфайни** ту на рост,
Он ваъдаҳои хуш, ки ҳаме кардаӣ, куҷост?
(Фаррухӣ)

* * *

Дил ҷароҳат кард, он **зулфайни** чун зулфин-шро
Бар ҷароҳат барниҳӣ, роҳат падид орад Худой.
(Манучеҳрӣ)

Ба матншиноси мо расида бод, ки дар байти аввал шоир ваъдаи ёрро ба ваҷҳи норостӣ ба сари зулфайни ӯ, ки низ каҷ аст, монанд кардааст, яъне чизе зеҳнӣ (ваъда)-ро ба чизе айнӣ (зулф) ба ҷиҳати каҷӣ ташбеҳ кардааст. Далели дигар ин аст, ки «сари зулфайн»-ро шунидаему «сари зулфин»-ро на!

Дар байти дувум шоир сареҳан «зулфайн»-ро ба «зулфин» (ҳалқаи дар) монанд кардааст. Агар мувофиқи фармудаи матншиноси Рӯдакӣ дар ин байт ҳар ду калимаро «зулфин» бихонем, маъние ҳосил намегардад: зулфини чун зулфин, яъне чӣ? Далели дигар:

Ду морафсой айнайнаш, ду мор астанд **зулфайнаш,**
Ки ҳам мор асту морафсою ҳам заҳр асту тарёқаш.
(Манучеҳрӣ)

Аз ин байт «зулфайн»-ро ба ҳеч ваҷҳ наметавон «зулфин» хонд, зеро он бо калимаи «айнайн» ҳамқофия аст ва

агар матншиноси мо «зулфайн»-ро «зулфин» бихонад ҳам, «айнайн»-ро ба хотири «зулфин» «айнин» наметавонад хонд, чи забони араб аз ин даст (ҷамъи дугона) калимоте мисли «ядайн»-у «раҷулайн»-у «баҳрайн» хеле фаровон дорад ва онҳоро намешавад ба хости як аҷамӣ талаффуз кард.

Далели дигари дурустии «зулфайн» ҳамин бас аст, ки дар абёти зер агар онро «зулфин» бихонем, сактаи вазн эҷод мешавад, агар ба забони арӯзӣ бигӯям, ба ҳеч ваҷҳ ҳарфи «н»-и ин калимаро бо кашиш (имола) хондан мумкин нест. Матншиноси мо, ки бо нозукиҳои арӯз чандон ошноӣ надоштааст, дар ин маврид ҳатман ба иштибоҳ хоҳад рафт. Инак он абёт:

Он зангии **зулфайн** бад-он рангин рухсор
Чун сори сиёҳ асту гул андар даҳани сор.

Ва:

В-он **ду зулфайн** бар он оризи ӯ гӯӣ рост,
Бар гули сурӣ-бар ғолия афшонд насим.

Барои рафъи шубҳаи таҳиягари «Девон» ин ду байтро тақтеъи арӯзӣ мекунам:

1. Он-зан-гӣ-и-зул-фай-н-ба-дон-ран-гин-рух-сор
   – – V/ V – – V / V – – –/ – ~
   Мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлун/ фаълон

2. Вон-ду-зул-фай-н-ба-ро-но-ри-зи-ӯ-гӯ-ӣ-рост
   – V– – / V V – – / V V – – /– ~
   Фоъилотун/ фаъилотун/фаъилотун/фаълон

Тавре ки мебинем, Қодири Рустам ҳамчунин даъвогари ғалат будани таркиби «ду зулфайн» аст, аммо барои исботи «ду зулфайн» будани «ду зулфин» низ далелҳо фаровонанд. Дар осори шуарои гузаштаи мо таркиби «ду чашмон», «ду дастон», «ду зулфон» корбурди фаровон доштанд ва имрӯз низ мустаъмаланд, агарчи чашмону дастону

зулфон ҳамин маъниро мерасонад. Бад-ин далел «ду зулфайн» ҳамвазну ҳаммаънои «ду зулфон» аст ва ба ҳеч ваҷҳ «ду зулфин», ки матншиноси мо мехоҳад, нест. Инак чанд намуна:

В-он **ду зулфайн** бар он оризи ӯ гӯӣ рост,
Бар гули сурӣ-бар ғолия афшонд насим. (Маъруфӣ)

* * *

Беқимат аст шаккар аз он **ду лабони** ӯй,
Косид шуд аз ду зулфаш бозори шоҳбӯй. (Рӯдакӣ)

* * *

Насими **ду зулфайни** ӯ бигзарад
Баромехта бо насими сабо. (Ғазоирӣ)

Калимаи «зулфайнакон» низ аз ҳамин даст аст ва тавре ки ашъори шуаро шаҳодат медиҳад, «зулфинакон» нест ва дар ин қолаб худи устод Рӯдакӣ «ду сиёҳ чашмакон» гуфтааст:

Фахри раҳӣ бад-он **ду сияҳ чашмакони** туст,
К-омад падид зери ниқоб аз бари ду хад.

Магар мешавад падари шеъри порсиро ба далели ин байт ба надонистани забон муттаҳам кард?

Ногуфта намонад, ки дар «Луғатнома»-и Деҳхудо зайли калимаи «зулфин» ҳеч байте оварда нашудааст ва ҳарчи ҳаст, марбут ба «зулфайн» аст ва ин далел ба дурустии он бас аст, яъне ҳеч шоир дар шеъри худ ба ҷуз дар қофия «зулфайн»-ро ба гунаи «зулфин» ба кор набурдааст.

Қодири Рустам дар бораи хароб будани вазни мисраи аввали байти зер эроди инҷонибро қабул кардаву барои дуруст кардани вазн калимаи «ҳамасола»-ро ба гунаи «ҳаммасола» пешниҳод кардааст. Аммо банда мегӯям, ки ин тасҳеҳи нораво низ вазни шеърро дуруст наметавонад кард. Инак он байт:

Ҷаҳон ҳамасола ба коми кас наравад,
В-агар равад, надиҳад ҳарчи рой дориву ком.

Матншиноси мо дар мавриди байти зер, ки камина ба ғалат будани вазнаш ишора намудаву шакли дурусташро пешниҳод карда будам, маро ба «ҷустану ёфтани хатову ғалат» ва «хатои дигаронро бар савоби худаш бартарӣ додан» муттаҳам кардаву ҳамин шакли байтро асаҳҳ медонад. Инак он байт:

Шери олағда, ки берун ҷаҳад аз хона ба сайд,
То ба чанг орад оҳурову оҳубараро.

Ба ҷуз ғалати вазни мисраи дувум дар мисраи аввал барои дуруст шудани маънӣ ва таносуби сухан калимаи «шер»-ро бояд беизофат хонд: шер олағда, яъне шер олағда аст. Дар мисраи дувум баъди калимаи «оҳу» пасояндаи «-ро» аз вазн берун омадааст ва шакли дурусти байтро матншиноси мо метавонад аз «Девон»-и Рӯдакӣ (нусхаи Ҷаҳонгири Мансур, Теҳрон, 1383, с. 183) пайдо кунад, ки камина онро пешниҳод карда будам. Тавре ки мебинем, дар як байт ду ғалат ба чашм мерасад, аммо таҳиягари «Девон», ки аз нозукиҳои арӯз ва таносуби калом чандон хабар надоштааст, ин эродро қабул надорад ва навиштаи худро дурусттар мешуморад: «Аммо ин байт дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», ки танҳо маъхази он мебошад, чунин аст ва вазнаш ҳам нисбат ба гунаи дигари он, ки дигарон овардаанд (шояд дар маъхази устод Нафисӣ чунин буда ва дигарон онро такрор кардаанд), дурусттар мебошад».

Чи ҳарфи худбоваронае! Донандагони арӯзро равшан аст, ки дар мисраи дувуми байти мазкур як ҳиҷо аз вазн берун аст, пас, чӣ ҷои пофишорӣ?! Баъдан матншиноси мо ба эроди банда, ки ӯ ба девони шоир ислоҳоти қиёсии зиёд ворид кардааст, эътироз кардаву иброз медорад, ки танҳо дар чаҳор маврид ин корро «бо иҷоза аз руҳи поки устод» анҷом додаст. Аммо касе, ки бо шеъри устод Рӯдакӣ ва нусхаҳои девони он ошноии комил дорад, метавонад ба

хубӣ дарёбад, ки ин кор (тасҳеҳи қиёсӣ) дар бисёр ҷоҳои «Девон» ба назар мерасад.

Баъдан ӯ чанд «асл»-и кори худро баршумурда, бо киноя навиштааст, ки «бо завқи имрӯзиён мувофиқ гардонидани абёти устод дар байни ин аслҳо ҷойгоҳ надорад».

Касе аз Қодири Рустам тақозо накардааст, ки шеъри Рӯдакиро ба завқи имрӯзиён мувофиқ гардонад ва ӯ ба ин ҳақ ҳам надорад, ки «бо иҷоза аз рухи поки устод» ба шеъри ӯ тасарруф кунад. Номбурда ишора ба эроди камина дорад, ки тасҳеҳоти ӯ – «чӣ бинӣ ту аз баччагон» ва «зулфаки шикасту микаст»-ро ба ҷои «чунинӣ ту бо бачагон» ва «зулфи пуршикасту микаст» инкор карда будам, зеро касе ки шоир аст ё шеършинос, хуб медонад, ки гунаи охири ин таркибот аз аввал зеботару шоиронатару рӯдакивортаранд ва ҳам «зулфи пуршикаст» равшану фаҳмост, аз «зулфаки шикаст» чӣ маънӣ метавон бардошт? Ҳамин далели маънӣ кофист, ки нусхаи охирро офаридаи табъи султони шоирон бидонем. Барои огоҳии хонандагон бори дигар шакли дуруст абёти мавриди баҳсро, ки дар тақризам аз нусхаҳои девони Одамушшуаро оварда будам, пешниҳод мекунам, то суханшиносон худ қазоват фармоянд, ки асл кадом аст:

Ҷаҳоно, чунинӣ ту бо баччагон,
Ки гаҳ модарӣ, гоҳ модандаро!

Яъне шоир ба хитоб ба ҷаҳон мегӯяд, ки ту бо баччагон (фарзандон)-и худ гоҳе мисли модар (меҳрбон) ва гоҳе чун модарандар (дурушту дағал) ҳастӣ! Ва дигар:

Ой аз он чун чароғ пешонӣ,
Ой аз он зулфи пуршикасту микаст!

Аммо чӣ бояд кард, ки матншиноси мо ҳамоно нусхаи мунташираи худро «ғалат намешуморад», яъне дуруст меҳисобад.

Ҳамчунин ӯ «бонги рӯду чанг шунав»-ро ба «бонги рӯду май бишнув» (?) иваз кардаву ба ин шакл омадани мис-

раъро ғалати чоп медонад. Камина ҳайронам, ки чӣ гуна ду калимаи мутафовитулҳуруф – «чанг» ва «най»-ро дастгоҳи чоп «огоҳона» иваз карда бошад? Агар манзури матншинос ба ҷои «май» овардани «най» ҳам бошад, қобили эътимод наметавонад буд, чи дар аксари нусхаҳои девони шоир ин мисраъ бо «чанг» аст, на бо «най»-у «май»!

Дар мавриди «бардамад», ки ба ҷои «барваз» («парваз»)-и баъзе нусхаҳо дар «Девон» омадаасту таҳиягараш ҷонибдори он аст ва мутмаин аст, ки фоъили байт шояд дар байтҳои қаблӣ, ки аз байн рафтаанд, мавҷуд бошад, бояд бигӯям, ки чандон муътамад нест, чи дар ин шакл таносуби замонии байни мисраъҳо – «бардамад» ва «мешитобад» халал меёбад, магар ки «бардамад»-ро «медамад» бихонем.

Матншиноси мо ба андешаи инҷониб, ки устод Рӯдакӣ «барнадорад» мегуфт, на «набардорад», лабханд мезанад, аммо агар амиқтар ба тарзи баёну забони Рӯдакӣ ва шоирони ҳамзамони ӯ таваҷҷуҳ намояд, ба иштибоҳи худ пай хоҳад бурд.

Мутаассифона ӯ натавонистааст байни калимаҳои «ранҷаш» ва «ранҷиш» дар мисоли байти мавриди бас тафовути маъноро дарёбад, аз ин рӯ дувумро бар аввал тарҷеҳ додаву дуруст шуморидааст, ки мутлақо хатост. Намефаҳмам, ки ин ҷо ранҷиш ба хотири чӣ бошад?! Ба фаҳми матншинос мерасонам, ки шоир ба таври содаву фаҳмо гуфтааст: подир (подиз) наметавонад девори куҳангаштаро нигоҳ дорад ва анҷоми корро низ пешгӯӣ кардааст, ки ин девори куҳан рӯзе фурӯ хоҳад рехт. Аз ин рӯ ранҷу азоби ту баҳри нигаҳдории он корест беҳуда ва баҳтар он аст, ки ранҷашро фурӯ гузорӣ ва аз баҳраш бигзарӣ: Як рӯз ҳама паст шавад, ранҷаш бигзор!

Қодири Рустам дар мисраи «Бибахшо, эй писар, бар ман бибахшо!» «эй писар»-ро ба «моҳи ман» иваз кардаву муддаъист, ки ин кораш дуруст аст ва «муътақид аст, агар ин шеър аз Рӯдакист, дар он вожаи «писар» ҷой дошта наметавонад».

Чӣ хулосаи булъаҷабе! Бо вуҷуди ин ки ӯ дар ин маврид ба китоби «Пешоҳангони шеъри форсӣ» истинод мекунад,

ки «моҳи ман» дар он ба ҷои «эй писар» омада будааст, азбаски сарчашмааш маълум несту ин мисраъ то имрӯз дар ҳамаи нусхаҳои девони устод ба гунаи «бибахшо, эй писар» зикр шудааст, агарчи матншиноси Рӯдакӣ сахт ҷонибдораш аст, наметавон онро қобили эътимод донист.

Дар мавриди «шергашта» камина андешаи матншиносро наметавонам бипазирам ва мутмаинам, ки он «тез гашта» аст, зеро ин ҷо «маст»-у «тез»-у «ғуррон» се сифатест, ки шоир ба жандапил нисбат медиҳад, яъне гарчи жандапил масту тезу ғуррон аст, дар чашми ту хору нотавон аст.

«Хуррам бигрӣ» низ, ки таҳиягари «Девон» бадали «ҷазм бигӯӣ» овардааст, қобили қабул наметавонад буд, зеро мантиқи калом онро рад мекунад.

Қодири Рустам мутмаин аст, ки «Мар маро гуфтӣ ба тозӣ»-ро ба ҷои «Дод пӯшида ҷавобам» оварданаш ба далели ин ки он луғзгунаест, амри савоб аст. Аммо суоли банда ин аст, ки магар дар луғз пӯшида сухан намегӯянд? Бад-ин манзур баёни сониро бар аввал авлотар медонам, яъне:

Дод пӯшида ҷавобам: мурду анҷиру кулӯх.

Матншиноси мо даъво дорад, ки баъзе эродҳои Акбарзод хурдагирие беш нестанд. Чунончи, эрод гирифта, ки чаро дар мисраи «Он рахти (дар «Девон» «рахту» – М. А.) куёни худ ман рафтаму пардахтам» ба ҷои «хеш» «худ» овардаам. Ва боз аз ин насақ мегӯяд: «...дар байте бе заурат калимаи «ҳеч» ба шакли «эч» омадааст, ки дар нусхае (?) аз девони Одамушшуаро мавҷуд нест:

Ҷуз он ки мастии ишқ аст, эч мастӣ нест,
Ҳамин балот бас аст, ай ба ҳар бало хурсанд».

Камина то ҷое ки хабар дорам, ин ду калимаи мавриди баҳс дар нусхаҳои девони устод, ки дар Эрону Тоҷикистон мунташир шудаанд, ба гунаи «хеш» ва «ҳеч» омадааст. Магар амонатнигаҳдориеро, ки бар хилофи тасарруфу табо-

дул, ба хотири сиҳҳати шеъри падари шеъри форсӣ сурат мегирад, метавон хурдагирӣ гуфт? Агар мо ҳар яке даъво кунем, ки шеъри ӯро ба таври худ «тасҳеҳ» мекунем, баъди чанде аз асолати он нишоне боқӣ нахоҳад монд!

Таҳиягари «Девон» мепурсад, ки «магар ба ҷои «ҳеч» овардани «эч» иштибоҳ аст? Оё дар ашъори бозмондаи худи устод «эч» мукаррараран истеъмол нашуда?»

Инҷониб мегӯям, ки «эч» дар шеъри шуаро табдили «ҳеч» аст, ки бо тақозои вазн сурат мегирад. Дар дигар маворид, агар имкони ҷой гирифтани «ҳеч» мавҷуд бошад, ҳоҷат ба табдили он намемонад, ки намунааш ҳамин байти мавриди баҳси мо ва чанд байти дигар аст:

Бонги зилла кард хоҳад карр гӯш,
В-эч н-осояд ба гармо аз хурӯш. (Рӯдакӣ)

* * *

Маёз эч бо озу бо кина даст,
Ба манзил макун ҷойгоҳи нишаст. (Фирдавсӣ)

* * *

Қавл чун ёри амал гашт, мабош эч ба ранҷ,
Мард чун гашт шиновар, нашикӯҳад зи убоб.
(Носири Хусрав)

* * *

Дурӯғ эч масгол, азеро дурӯғ
Суйи оқилон мар забонро зиност. (Носири Хусрав)

Қодири Рустам байти зерро, ки инҷониб ба харобии вазнаш ишора доштаму шакли дурусти онро пешниҳод кардам, агарчи ғалат аст, ба сабаби бехабарӣ аз арӯз дуруст мешуморад:

Тан-т яку ҷон якеву чандин дониш,
Ай аҷабо, мардумӣ ту ё дарёӣ!

Ӯ ба «Тарҷумонулбалоға» истинод мекунад, ки ин байтро аз он гирифтааст. Аммо ҳеч имкон надорад, ки устод Рӯдакӣ ва муаллифи «Тарҷумонулбалоға» дар офаридан ва истинсохи байти мавриди назар ба ғалати вазн роҳ дода бошанд, зеро яке шоири тавоно ва дигаре донандаву муҳаққиқи дараҷаи аввали илми арӯз будаанд.

Азбаски дар калимаи «мардумӣ» сакта ҷой дорад ва он марбут ба ҳарфи «ӣ» асту ҳиҷои дароз ба шумор меравад, вазни шеър хароб гаштааст. Аз ин рӯ ин мисраъро ба гунае, ки қаблан пешниҳод карда будам, хондан дурусту равову равон аст:

Ай аҷабо, мардумиӣ ё дарёӣ!

Қодири Рустам мутаҳаййир аст, ки чаро «бархе ҳукмҳои мунтақид қобили фаҳм нестанд, чун ҳеч далеле барои таъйиди назараш намеорад ва фақат эъломи ҳукм мекунад. Чунончи овардааст: «дар байти зер «нуҳуфтӣ»-ро бояд «ниҳуфте» хонд,то маънои дурусте ба даст ояд:

Зери замин хезу нуҳуфтӣ биҷӯй,
Пас ба фалак бар шав бе нардбон!»

Чун ба навишти «нуҳуфтӣ» ва «ниҳуфте» менигарад, тафовути китобати онҳоро дармеёбад ва барои рафъи ҳайрат ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ» муроҷиат менамояд ва аз он ҳар ду навишти калимаро пайдо мекунад, вале боз гич мемонад, ки «агар «нуҳуфтӣ»-ро «ниҳуфте» хонем, чи маънои дурусте ба даст меояд» ва баъд «калид»-е барои раҳоӣ аз ҳайрати худ пайдо мекунад, ки он ба гуфти худаш «Ашъор»-и Рӯдакӣ будааст, ки гӯё «Акбарзод пайваста гӯшаи чашм ба он дорад ва гоҳе манзураш «аз ҳама нусхаҳои девони шоир» танҳо ҳамин маҷмуъа мебошад».

Чи фикри ботиле, чи занни беҷое! Каминаро лозим аст, ки баъди ҳайронии тӯлонии таҳиягари «Девон» ва гумонҳои ботили ӯ ба тавзеҳу ташреҳи калимаи мавриди баҳс бипардозам. Нахуст бояд бигӯям, ки шакли дурусти навишти калима «ниҳуфт» аст, на «нуҳуфт», ки матншино-

си мо аз луғат ҷуставу пайдо кардааст, чи ба он монанд чандин калима дорем, мисли «нигюшидан», «нигоштан», «нигаристан», «нишондан», ки «ниҳуфтан» ҳам аз ин даст аст ва «ниҳуфт» маъхуз аз он мебошад. Вале инҷониб ҳаргиз даъво накардаам, ки Қодири Рустам «ниҳуфт»-ро «нуҳуфт» навишту ғалат кард, ин дар ихтиёри ӯст. Аммо баҳси банда марбут ба ҳарфи охири калима аст, ки бояд «ӣ» бошад ё «е» («э»).

Агар маънишиносон ба маънии ин калима таваҷҷуҳ кунанд, ба ғалат будани «нуҳуфтӣ» ва дуруст будани «ниҳуфте» иқрор хоҳанд кард, зеро дар осори гузаштагон ва луғатҳо наметавон ба «ниҳуфтӣ» ё ба навишти матншиноси мо «нуҳуфтӣ» дучор шуд. Агарчи таҳиягари «Девон» манзури шоирро дарёфтааст, ҳамоно дар имлои калима ғалат кардааст, ҳол он ки на дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва на дар «Луғатнома»-и Деҳхудо калимаи «нуҳуфтӣ» мавҷуд нест. «Луғатнома»-и Деҳхудо калимаи «ниҳуфт»-ро ба касри «нун» нишон додааст ва чанд байт, аз ҷумла байти мавриди баҳси моро намуна овардааст. Пас, маълум мешавад, ки шакли дурусти калима «ниҳуфте» аст, на «нуҳуфтӣ»:

Канизак биёмад, ба деҳқон бигуфт,
Ки марде ҳамехоҳад аз мо ниҳуфт. (Фирдавсӣ)

* * *

Макун хӯ ба пур хуфтан андар ниҳуфт,
Ки бо коҳилӣ хоби шаб ҳаст ҷуфт. (Асадӣ)

* * *

Хоҳӣ, то марг наёбад туро,
Хоҳӣ, к-аз марг биёбӣ амон,
Зери замин хез, ниҳуфте биҷӯй,
Ё ба фалак бар шав бе нардбон! (Рӯдакӣ)

Қодири Рустам навиштааст: «мунтақид хеле талош карда (? – М. А.), то хатоҳои инҷонибро ҳарчи бештар вонамуд

кунад ва дар ин роҳ ҷуз аз хурдагириҳои беарзиш (? – М.А.) ба мисли «эч»-у «худ», ду бор шумурдани бархе аз «гуноҳони» (? – М.А.) ман боз нукотеро меоварад, ки ман худ қаблан пешниҳод карда будам. Чунончи, менависад, «ба ҳар коре», ки дар нусхаҳо (?) ба шакли ғалати «баҳри коре» ва «пайи коре» омада буд, дар «Девон»...бо иловаи пешоянди «ба» гунаи «ба бекорӣ»-ро гирифтааст, ки пазируфтанӣ наменамояд:

> Ай ғофил аз шумор, чӣ пиндорӣ,
> К-ат холиқ офарид ба бекорӣ?

Дар ҳеч нусхае сурати «баҳри коре» вуҷуд надорад, балки таҳиякунандагони ашъори устод ба ҳуруфи кирилӣ онро чунин хондаву навиштаанд. Ман ин ғалат ва вожаҳои дигари ғалат дар ин қитъаро дар мақолаи «Шеъри саҳеҳи Рӯдакӣ» нишон дода будам ва баъид ҳам нест, имрӯз ки Акбарзод байти саҳеҳи қитъаро бар рухи ман кашидааст, натиҷаи ҳамон мақолаи ман бошад».

Чӣ кунам, аз бадгумонӣ ва туҳматҳои таҳиягари «Девон», ки асосе надоранд, ба танг омадам. Ростӣ, камина то ҳол аз ин мақола хабар надоштам ва акнун донистам, ки Қодири Рустам доир ба ғалатҳое, ки дар шеъри Рӯдакӣ пайдо шудаанд, ибрози андеша кардааст. Вале ҳатман онро дастрас кардаву мехонам ва Худо накунад, ки мисли матни «Девон» пурғалат бошад!

Аммо дар баҳс перомуни байти мавриди назар ҳамоно дар ақидаи худ ҳастам, ки «ба ҳар коре» дурусттар аст. Дар мавриди нусхаҳо, ки ӯ суол гузоштааст, манзурам нусхаҳои кирилист ва каси огоҳ, агарчи Қодири Рустам ишора накардааст, дармеёбад, ки ӯ нусхаҳои форсии девони шоирро дар назар дорад. Суол гузоштани ӯ баъди калимаи «нусхаҳо» бемаънист, зеро хонандаи хатшинос хуб медонад, ки манзури банда нусхаҳои кирилист, ки дар онҳо «баҳри коре» ва «ба ҳар коре» навишти мутафовит доранду дар хатти форсӣ навишти яксон.

Матншиноси мо пешниҳоди инҷонибро дар бораи «са-

педу симрада» навиштани «сапеди симрада» қабул надорад ва онро «ҳарфи аҳли таҳқиқ намешуморад» ва аз калимаи «зарурат» ғашаш омадаву ҳукм кардааст, ки «аслан мафҳуми «зарурат»-ро бояд аз улуми инсонӣ хориҷ кард».

Нахуст аз «сапеду симрада» сухан меронем. Таҳиягари «Девон» андешаи худро тарзе баён кардааст, ки аз ҷумлааш наметавон фаҳмид, ки ӯ ҷонибдори «сапеду симрада» аст ё «сапеди симрада». Инак он ҷумла: «Сапеду симрада» низ дар маъхази шеъри устод омадааст, дар ин мисраъ шиддати эҳсосро хубтар мерасонад, дар адаби форсӣ бо изофат барчидани сифоти як чиз амри маъмулист, чунонки дар байти зайли Фаррухӣ:

> Хоса бо рӯйи **сапеди пок** чун тобанда рӯз,
> Хоса бо мӯйи **сиёҳи тира** чун торик шаб».

Оҳ, оҳ аз дасти саррофони гавҳаршинос! Қодири Рустам мутаассифона худ маънии байти Фаррухиро дуруст дарк накардааст, ки ин ҷо калимаи «пок» на ба «рӯй», балки ба «рӯз» ва калимаи «тира» на ба «мӯй», балки ба «шаб» нисбат дорад, яъне рӯйи ёр ба ваҷҳи сафедӣ мисли рӯзи равшан пок асту мӯйи ӯ аз фарти сиёҳӣ чун шаби торик тира! Ба таъбири дигар, рӯйи сафед ба рӯзи равшан (пок) ташбеҳ шудаасту мӯйи сиёҳ ба шаби тира. Дар акси ҳол, агар шоир рӯйро ба сафедию покӣ тавсиф мекард, ҳатман «сапеду пок» мегуфт ва агар мӯйро ба сиёҳию тирагӣ сифат мекард, ҳатман «сиёҳу тира».

Ва аммо дар байти устод Рӯдакӣ кори шоирӣ дигаргуна аст ва ӯ дандони худро ба чаҳор сифати ҷудогона тавсиф мекунад, ки «сафед буд, симрада буд, дур буд, марҷон буд». Аз ин рӯ ба эътибори таносуби ин чаҳор калима бояд онҳоро бо пайвандак хонд, на бо изофат, яъне:

> Сапеду симрада буду дурру марҷон буд.

Акнун бибинем, ки сухани кӣ «ҳарфи аҳли таҳқиқ» набудааст?

Ва ҳам дар мавриди «зарурат» аз Қодири Рустам бояд пурсон шуд, ки агар ӯ ба ин калима нафрат дорад, чаро дар навиштаи худ онро ба кор мебарад? Инак нақл аз сарсухани «Девон» ба қалами ӯ ба гунаи мухтасар: «...ва агар ин умед набуд, **зарурате** ба интишори он ҳам намемонд...» (с. 21-22).

Матншиноси мо ба эроди камина дар мавриди ин ки «чун хар ба шилко»-ро «чу хар ба м-ёни шилко» бояд хонд, ки таъкид дар калимаи «миён» аст, бе он ки назокати шеърро дарёбад, тамасхур кардааст. Ба фаҳмиши банда «миёни шилко» марказ ва мобайни гилест, ки часпону гирост. Устод Рӯдакӣ мефармояд, ки агар кирдори туро рӯзи маҳшар баршуморанд, мисли харе, ки дар мобайни гил дармондаасту илоҷи раҳоӣ надорад, дархоҳӣ монд. «Таъкид дар миён аст» гуфтанам бад-ин манзур аст ва беҷо ҳам нест. Ва боз мегӯям, ки «фурӯ монӣ ҳаме чун хар ба шилко» сухани шоирона нест ва ба гумон аст, ки устоди шоирон чунин баёни суст дошта бошад.

Ва аммо аз ҷумлаи аввали матншиноси мо вобаста ба ин эрод наметавон маъние бардошт, зеро аз ҷиҳати сохт нақсе дар ниҳод дорад, ки боиси торик мондани матлаб мегардад: «Вай ҳамчунин дар байти

> Чу гирд оранд кирдорат ба маҳшар
> Фурӯ монӣ ҳаме чун хар ба шилко

мисраъи дуюмро, ки дар «Девон» ба ҷои «фурӯ монӣ чу хар ба м-ёни шилко» дар соири маҷмӯаҳои чопии шеъри устод омада, нораво медонад...»

Нигорандаи ҷавобнома эроди каминаро дар ин маврид, ки дар байти зер таъбири «сар ниҳода бар зиён»-ро бо «судҳоят бар зиён» ба иллати нодуруст фаҳмидани маънии байт инкор кардааст. Аммо бояд бигӯям, ки баръакси фаҳмиши ӯ «тороҷ гаштан» ва «бар зиён сар ниҳодан»-и хоста ҳар ду амали ҳамзамонанд ва дувумӣ ба тақвияти аввал омадааст. «Судҳоят бар зиён» маъниеро намерасонад ва бархилофи «сар ниҳода бар зиён» ғайримантиқист. Ин

шакли мисраъро метавон аз нусхаи девони шоир (чопи Теҳрон, 1373, с. 204) пайдо кард. Матншиноси мо дар мавриди «рамай рафташубон» низ метавонад ба ҳамон саҳифа аз ин китоб, ки калимаи «рама» бо аломати ҳамза омадааст ва барои пайдо кардани шакли дурусти «қатрай саҳоб» ба саҳифаи 154 ҳамин китоб мурочиат фармояд, ки он низ бо ҳамза аст.

Камина фикри матншиносро дар бораи ба гунаи «ҳисом» ҳам навишта шудани «ҳусом»-ро наметавонам бипазирам, зеро хуб медонам, ки он арабист ва калимоти арабӣ танҳо як шакли навишту талаффуз доранд. Матншиноси мо барои рафъи шубҳа ба «Луғатнома»-и Деҳхудо мурочиат кунад, ки дар он ин калима ба замми «ҳ» (ҳу-) сабт шудааст:

Бар лаби бом нигорида ғуломеро,
Дода дар дасташ оҳихта ҳусомеро. (Манучеҳрӣ)

* * *

Чун дар кафи ту гашт кашида ҳусоми ту,
Ояд ба гӯши давлати олӣ паёми ту. (Масъуди Саъд)

Дар мавриди дуруст будани «биситудан» низ дар ақидаи худ устворам, зеро калимаи «ситоиш» баргирифта аз он аст, на «сутоиш»!

Аммо эродҳои таҳиягари «Девон»-ро дар бораи дуруст будани калимаҳои «ёрӣ», «завон», «пайки мураттаб» ба чон мепазирам ва аз ин ки иштибоҳи бандаро дар ин маворид нишон додааст, аз ӯ самимона сипосгузорам.

Каминаро як чиз дар ҳайрат гузошт, ки чаро таҳиягари «Девон» бо ин ки иштибоҳоти зиёдашро ошкор кардаву тасҳеҳи матни онҳоро нишон додаам, аз яке ҳам ба гунаи мисол ёдовар нашудааст. Ӯ бояд аз рӯи инсоф чанд намуна меовард, ки Акбарзод онҳоро дуруст кардааст, ба мисли: сарпос – *сарпош*, набарам – *бибарам*, нагӯй, ки аз чӣ – *нагӯйӣ, к-аз чӣ*, билфахт – *биялфахт*, шумариш – *шуморӣ*, фасона дору шуд – *фасонаворӣ шав*, малакӣ – *малаке*, би-

руни – *ба руни*, май – *ме*, був-д – *буд*, фарбеҳ – *фарбӣ*, ма-наш – *ман-ш,* бара асту – *бара-сту*, гумоштааст – *гумош-та-ст*, осмонат – *осмон-т*, гардуни гардон – *гардун гар-дон*, омехта аст – *омехта-ст*, ба апюн –*бо пиюн*, гарчи – *арчи,* баргузидаи – *гузидаи*, майе – *майи*, пазирад – *бипзи-рад*, бувад – *бошад*, ал-Тӯсӣ— *ат-Тӯсӣ*, бештар-ш хурад – *бештараш хурд*, назир-ш – *назираш*, з-орзуи – *зи орзуи* ва даҳҳо ғалати вазну маънӣ.

Таҳиягари «Девон» мебояст пеш аз ҳама ба ин силсилаи ғалатҳо ҷавоб мегуфт. Бо ин ҳама аглот боз ҳам даъво дош-тан, ки ман чандон кори қобили мазаммат накардаам ва ду-бора ба эътироз бархостану тарафи дигарро ба нодонию хурдагирию ғалатҷӯӣ муттаҳам кардан кори оқилон нест. Албатта, натиҷаи донишу фаҳмиши ҳар кас аз сухани ӯ ҳувайдо хоҳад шуд. Агар навиштаи касе арзишманд бошад, бо «бад» гуфтан эътибораш кам намешавад ва агар бад бо-шад, бо «хуб» гуфтан хуб нахоҳад шуд. Ба ин маънӣ бузур-гон фармудаанд:

> Агар ҳаст мард аз ҳунар баҳравар
> Ҳунар худ бигӯяд, на соҳибҳунар!

Ва ҳам гуфтаанд:

> Ҳунари дигарон надидан айб,
> Дидани айби хештан ҳунар аст.

Баъди мутолиаи ҷавобномаи Қодири Рустам инҷониб бо мақсади дарёфтани ҳақиқати ҳол дубора рӯ ба «Девон» овардам. Аммо мутолаи навбатӣ боз ҳам мутаассифам кард, зеро ин навбат ҳам дар китоб ба аглоти зиёд, ки мар-бут ба баргардони калимаҳо, харобии вазн, костии маънӣ ҳастанд, дучор омадам. Инак, намунае чанд аз он ғалатҳо:

Дар байти зер калимаи «арӯс»-ро бояд бидуни изофат хонд, то маънии дуруст ҳосил гардад:

> Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
> Чун панҷаи арӯси ба ҳинно шуда хазиб. (26)

Дар акси ҳол «ҳино» ба арӯс таносуб пайдо мекунад, на ба панҷаи ӯ.

Ба иллати нодуруст хондани калима дар байте сактаи вазн эҷод шудааст, ки дар он бояд ба ҷои «гуҳар» «гавҳар» меомад:

Бар маволи-т бипошад ҳама дурру гуҳар,
Бар аъоди-т биборад ҳама шахкосаву хор. (41)

Дар байти дигар ба ҷои «То ки», ки дар нусхаҳо ҳаст, «Т-от» омадааст, ки ҳам табдили нораво ва ҳам навишти ғалат мебошад ва аз ин табдил чизе наметавон фаҳмид:

Хуб нигаҳ кун бад-он латофату он рӯй,
Т-от бибинӣ, бар ин ки гуфтам бурҳон! (51)

Дар байте калимаи «биситой»-ро бояд «бистой» хонд, то ғалати вазн дуруст гардад:

Ба навбаҳорон биситой абри гирёнро,
Ки аз гиристани ӯст ин ҷаҳон хандон! (86)

Дар мисраи аввали байти зер калимаи «ҳар» ба такрор омадааст, ки албатта, ғалати чоп аст, аммо дар мисраи дувум калимаи «ман»-ро бояд бидуни изофат хонд, ки вазнро хароб кардааст, яъне «ман – заъиф»:

Ай бирри ту расида ба ҳар ҳар тангчорае,
Аз ҳоли мани заъиф биандеш порае». (99)

Дар байти дигар «буд» ба «шуд» табдил шудаву радиф аз байн рафтааст:

Зан чу ин бишнида шуд, хомӯш шуд,
Кафшгар конову марде лӯш буд. (99)

Дар мисраи дувуми байти зер ҷои калимаҳо иваз шудаву қофия аз байн рафтааст. Бояд «гашт» баъд аз «маст» гузошта мешуд:

Бо курузу хуррамӣ оҳу ба дашт,
Мехиромад чун касе к-ӯ гашт маст. (103)

Баъзе хонишҳои ғалат дар «Девон» ба назар мерасанд ва азбаски дар чопҳои пешини кирилӣ мавҷуд буданду камина дар мақолаи худ «Ҳарчи дуруст аст, ҳамон афзал аст» («Адабиёт ва саънат», 2 августи 2007), ба баъзе аз онҳо ишора карда будам, барои такрор нашудани андеша ин ҷо ба баррасияшон напардохтам. Дар ин маврид яке аз намунаҳоро аз «Девон» меорам, ки такрори ҳамон ғалатҳост:

Талъати тобандатар зи талъати хуршед,
Неъмати пояндатар зи Ҷудию Саҳлон! (54)

Камина иброз дошта будам, ки азбаски ин байт ва чанд байти моқабли он оҳанги дуъову орзумандӣ дораду хитобааш («бод!») дар мисраи аввали ин пора мавҷуд аст, он ба ҳамин чанд мисраи баъдӣ низ тааллуқ дорад. Модом ки чунин аст, калимаҳои «талъат»-у «неъмат»-ро бо изофат хондан маъние намедиҳад.

Матншиноси мо ба иллати ноошноӣ бо баъзе калимот онҳоро аз хатти форсӣ нодуруст хондаву баргардон кардааст, ки дар натиҷа маънии шеъри шоирро дигар мекунад. Ин гуфтаро калимаи «ифзол» аз рубоии устод Рӯдакӣ, ки Қодири Рустам чун таҳиягарони дигари шеъри устод ба хатти кирилӣ барғалат «афзол» хондааст, собит менамояд:

Воҷиб набувад ба кас-бар афзолу карам,
Воҷиб бошад ҳароина шукри ниъам.
Тақсир накард хоҷа дар новоҷиб,
Ман дар воҷиб чӣ гуна тақсир кунам?!

Матншиноси мо барои дарёфтани ҳақиқати ҳол метавонад ба шарҳи калимаи «ифзол» аз «Луғатнома»-и Деҳхудо муроҷиат фармояд, ки ҳам ин рубоии устод қабл аз дигар абёт дар зайли он оварда шудааст. Он ҷо ҳамчунин чанд байт аз Мавлавӣ сабт шуда:

Ман ғуломи он ки нафрӯшад вуҷуд
Ҷуз ба он султони боифзолу ҷуд.

* * *

Даст зан дар зайли соҳибдавлате,
То зи ифзолаш биёбӣ рифъате.

Бояд гуфт, ки берун аз матни девони устод, дар бобҳои баъдӣ низ харобии вазну маънӣ дар бархе абёт боз ҳам ба назар расид. Аз ҷумла харобии вазн дар мисраи аввали байти зер ба иллати афтодани калимае:

Нуз номурда, шигифтии кор,
Рост бо мурдагон ба гуна шудем. (125)

Дар байти дигар калимаи «чу»-ро бояд «чун» бихонем, то вазн солим гардад:

Бинӣ он зулфинагон чу чанбари болон ба ҳам,
Бар балахч андар занӣ, эдун шавад чун обнус. (138)

Ҳамчунин вазни байти зер дар мисраи аввал хароб афтодааст:

Чун ду зулфини ту бар каманд бувад,
Шояд ар дил асири банд бувад. (139).

Дар байти зер таъбири «буни обон» бо «сари обон» иваз шудааст:

То нахурад шир ҳафт маҳ ба тамомӣ,
Аз сари урдибиҳишт то сари обон. (153).

Шакли дурусти байтро дар саҳифаи 49-и «Девон» пайдо мекунем.

Байти дигар низ дар саҳифаи 49 ба шакли дуруст, аммо дар саҳифаи 153 ба гунаи ғалат ва бо сактаи вазн сабт шудааст:

Он гаҳ агар нимшаб дар-ш бикшойӣ,
Чашмаи хуршедро бибинӣ тобон!

Дар байти зер аз калимаи «дастат» анҷомаи «-ат» афтодаву боиси нобаробарии вазни мисраъҳо шудааст:

Чун аз фасод боз кашӣ даст,
Он гаҳ кунад салоҳ туро даста. (206)

Шакли дурусти байт аз «Луғатнома» ба даст омад.

Таҳиягари «Девон» байтеро аз асари устод Нафисӣ ба гунаи ғалат хондаву дар вазнаш сакта эҷод кардааст ва надонистааст, ки калимаро чӣ гуна бихонад:

Бар ту (ё: бирри ту?) расида ба ҳар дилтанг чорае,
Аз ҳоли мани заъиф биандеш чорае. (209)

Тавре ки мебинем, матншиноси мо ба сабаби ғалат хондани чаҳор калима вазни ҳар ду мисраъро хароб кардааст. Чун ба асари пурарзиши устод Саъид Нафисӣ «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» (Теҳрон, 1341, с. 529) муроҷиат кардем, ки Қодири Рустам байтро аз ҳамон ҷо гирифтааст, он бад-ин гуна ба чашм омад:

Бар ту расида баҳри дили танг чорае,
Аз ҳоли ман-заъиф бияндеш чорае.

Аммо бояд дар асл калимаи «чорае»-и мисраи дувум саҳвулқалами «порае» бошад, ки ҳамқофия бо «чорае» мебошад.

Инчониб чун дубора аз мутолиаи «Девон» фориғ гаштам, хеле мутаассиф шудам, ки ин қадр ғалати фаровон дар матни андак ва он ҳам дар шеъри устоди шоирон, падари шеъри порсӣ роҳ ёфтаасту таҳиягари он боз ҳам мехоҳад ин ҳамаро нодида бигирад. Натиҷаи кори муҳаққиқе, ки ба таҳияи ашъори бузургон даст мезанаду худ бо имлои калимаву иборахо ошноии комил надорад, баъзан ҳуруфи шамсиро аз қамарӣ намешиносад ва бо нозукиҳои вазну қофия, мантиқу таносуби калом бегона аст, ба ҷуз афсӯс чизе наметавонад буд, тавре ки намунаи онро дар пурғалаттарин нусхаи девони шоир дар таҳияи Қодири Рустам мебинем, ки таҳиягар мехоҳад ба унвони беҳтарин нусха муаррифияш намояд. Камина бар ин ақидаам, ки омода намудану ба чоп расонидани ғалатномае бо номи «Девони Рӯдакӣ» хидмати хирсонаест дар остонаи ҷашни 1150-солагии Одамушшуаро. Агар шоир медонист, ки баъди ҳазору сад сол шеърашро ба ин ҳол гирифтор мекунанд, шояд ҳаргиз шеъре намегуфт!

*2008*

# ДАР ФИКРИ ОН МАБОШ, КИ МАЗМУН НАМОНДААСТ![1]

*Ба чашмат – андар болор нангарӣ ту ба рӯз,*
*Ба шаб ба чашми касон – андарун бибинӣ коҳ.*
*(Устод Рӯдакӣ)*

Дуруд, матншиноси муҳтарами Рӯдакӣ! Инак, баъди баҳсҳои тӯлонии пасипардагӣ тасмим гирифтам, ки бо шумо рӯ ба рӯ баҳс ороям. Аслан аҳд карда будам, ки агар ин навбат Қодири Рустам посухе қаноатбахшу илмӣ дар доираи одоби баҳси илмӣ бигӯяд, дигар чизе нахоҳам навишт. Аммо, чун шумо ин ду рукни асосии баҳси илмиро муроот нафармудед, маҷбур ба баҳси дигар шудам ва он ҳам баҳси охирин.

Аз ҳар ду навиштаатон аён мегардад, ки шумо на ба мақсади равшан кардани ҳақиқати илмӣ, балки пайи сафед кардани худ қалам ба даст гирифтаед, то бад-ин восита битавонед «бесаводӣ»-и Акбарзодро ба хонанда нишон диҳед. Ин аз оғози ҳар ду посухномаатон ошкор аст, ки гӯё камина «на ба дунболи дарёфти ҳақиқат» бошам, балки «бо исрор» мехоста бошам, ки «андешаву мулоҳизоти иштибоҳии худро ҳақиқати илмӣ» ҷилва бидиҳам. Аммо дар ин баҳс ба шумо собит менамоям, ки заннатон ботил аст. Шумо гумонбар ҳастед, ки банда «барои ноил шудан ба ҳадаф аз васоили мухталиф, аз ҷумла, таҳрифи суханони банда ва нодида гирифтани суханони соҳибназарон ва ё хомӯшӣ гузидан дар баробари онҳо ёрӣ» ҷустаам. Аммо касе, ки аз баҳси мо огоҳ аст, хуб медонад, ки гуфтаи шумо ба ҷуз туҳмат чизе нест. Ин масъаларо тадриҷан равшан хоҳам кард.

---

[1] Ин навишта посухи навбатии камина буд, ки бояд ба чоп мерасид. Аммо ба сабаби он ки ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» баҳсро мунқатиъ кард, аз интишор бебаҳра монд. – М.А.

Дар посухномаи аввалатон, дар баҳси «зулфайн»-у «зулфин» баъди овардани андешаҳои донишмандон навишта будед: «модом, ки чунин аст, пас гунаи дурусти калима «зулфин» аст... Пас дар шеъри қадими форсӣ, ба ҷуз дар мавориди истисноӣ, вожаро танҳо «зулфин» бояд навишт, на «зулфайн».

Аммо вақте ки камина менависам: «Қодири Рустам муътақид аст, ки истифодаи «зулфайн» ғалат аст ва онро метавон танҳо ба гунаи «зулфин» хонду навишт», маро ба дурӯғ гуфтан муттаҳам месозед.

Ба ин ҳам қонеъ нестед ва мекӯшед, ки бандаро ба амдан таҳриф намудани суханони худатон ва донишмандон гунаҳкор донед, ки гӯё «мутобиқ ба ҳадафи мунтақид» бошад. Ва ҳам гумони ботил кардаед, ки Акбарзод «ба ҳамин далел аст, ки аз Луғатномаи Деҳхудо асли матлабро фурӯ гузошта, танҳо ҷоеро, ки ба гумонаш (?-М.А.) бо хости (?-М.А.) ӯ мувофиқ аст, иқтибос намудааст, ки ин аст: «Маъа ҳозо гоҳе ба сиғаи тасния ҳам бар хилофи асл истеъмол шуда».

Ин ҷониб ҳайронам, ки чаро шумо сухани худро инкор мекунед ва маро ба дурӯғгӯӣ муттаҳам? Ҳеч вақт гуфтаи шумо ва донишмандонро таҳриф накардаам. Аз ҷумлаи охири шарҳи луғат истифода карданамро сабаб ин аст, ки оғозашро шумо батафсил зикр карда будед ва ишораи камина ба он танҳо ба хотири аввалу охири ҷумла буд, ки ин аст: «Маъа ҳозо...истеъмол шуда». Ҳамин «истеъмол шуда» аст, ки ба он такя кардаам ва дуруст ҳам кардаам. Таассуф шуморост, ки дар ин маврид аз нияти банда хулосаи нодуруст кардаед.

Камина бар ин ақидаам, ки «дар «Луғатнома»-и Деҳхудо зайли калимаи «зулфин» ҳеч байте оварда нашудааст ва ҳарчи ҳаст, марбут ба «зулфайн» аст ва ин далел бар дурустии он бас аст, яъне ҳеч шоир дар шеъри худ ба ҷуз дар қофия «зулфайн»-ро ба гунаи «зулфин» ба кор набурдааст».

Аммо шумо, ки матлаби «Луғатнома»-ро дуруст нафаҳмидаед, ҳукм мекунед, ки «Акбарзод дар бораи Деҳхудо нодуруст менависад». Ҳамчунин меафзоед: «Ва аммо дар Луғатнома зайли «зулфин» сию чаҳор шоҳид

омада, ки танҳо дар чаҳор шоҳид ба сурати ҷамъи дугонаи арабӣ аст ва таҳиякунандагони фарҳанг дар ҳошия ин мавридҳоро таъкид кардаанд...».

Аммо ба шумо зарур аст, ки шарҳи калимаро бори дигар бодиққат бихонед. Шуморо маълум бод, ки ҳамон сию чаҳор шоҳиде, ки дар назар доред, ҳама баъди ҷумлае оварда шудаанд, ки зикраш рафт, яъне «Маъа ҳозо гоҳе ба сиғаи тасния ҳам бар хилофи асл истеъмол шуда» ва баъд зикри он абёт. Пас, чӣ ҷои шубҳа аст, ки дар ин сию чаҳор маврид навишту талаффузи калима «зулфайн» аст, на «зулфин»?

Шумо мутмаинед, ки мисраи аввали байти зайлро:

Дил ҷароҳат кард, он зулфайни чун зулфин-шро
Бар ҷароҳат барниҳӣ, роҳат падид орад Худой –

ба гунаи дигар бояд хонд, яъне:

Дил ҷароҳат кард он зулфин, чун зулфин-шро.

Аммо иштибоҳ мекунед, агар дар ин маврид «зулфайн»-ро «зулфин» бихонед, зеро вазни байт хароб мегардад. Дар ин маврид номумкин будани табдили «зулфайн» ба «зулфин»-ро камина дар мақолаи қаблиям дар асоси тақтеи абёт нишон дода будам:

1. Он-зан-гӣ-и-зул-фай-н-ба-дон-ран-гин-рух-сор
– – V/ V – – V / V – – –/ – ~
Мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлун/ фаълон

2. Вон-ду-зул-фай-н-ба-рон-о-ри-зи-ӯ-гӯ-й-рост
– V– – / V V – – / V V – – /– ~
Фоъилотун/ фаъилотун/фаъилотун/фаълон

Аммо шумо, ки илми арӯз намедонед, шояд хароб шудани вазни шеъри шуаро бароятон чандон арзиш надошта бошад.

Агар байти фавқро ба фаҳмиши шумо маънӣ кунем ҳам, «зулфайн»-ро наметавон «зулфин» хонд, зеро ин ҷо бар хилофи дарки шумо санъати таҷнис нест ва ҳам вазн хароб мегардад. Баъдан шумо ба ин умед аз як мисраи Камоли Хуҷандӣ ва як байти Қатрони Табрезӣ мадад ҷуставу мисраи Шайх Камолро ғалат навиштаед:

Гуфто давот чӣ бинависам, давот нест.

Шакли дурусти он ин аст:

Гуфто: Давот **чун** бинависам? Давот нест.

Шумо боз ҳам пофишорӣ доред, ки «ду зулфайн» ғалат аст ва бояд «ду зулфин» гуфту навишт. Аммо баррасии чанд байт аз ҳамон 34 байти «Луғатнома» мерасонад, ки гунаи дурусти он «ду зулфайн» аст.

Ба гумони шумо Акбарзод «дарк накардааст, ки миёни «ду чашмон» ва «ду зулфон» то «ду зулфайн» тафовут аз замин то осмон аст, «зулфон»-у «чашмон» гунаи ҷамъи «чашм»-у «зулф» ҳастанд ва бо адади «ду» овардани онҳо роиҷ будааст ва роиҷ ҳаст, вале «зулфайн» ҷамъи дугонаи арабӣ аст ва боз онро бо адади «ду» овардан на танҳо дур аз фасоҳату балоғат ва усули забон аст, балки ғайримантиқӣ низ мебошад. Ва ин ҳам далели он аст, ки асли вожа «зулфин» аст ва шоирони мо ба ҳеч ваҷҳ «ду зулфайн» нагуфтаанд, чунонки «ду айнайн»-у «ду ядайн» низ нагуфтаанд!»

Қурбони фасоҳатшиносию балоғатшиносию забоншиносию мантиқшиносии шумо шаванд ин ҳама ношиносон! Чӣ гуна ба шумо бифаҳмонам, ки маънии «зулфайн» ҳамон «зулфон» аст, ки чизе дугона мебошад, яъне «ду зулф»?! Ва аммо дар шеъри шуаро, агарчи худ ҷамъ аст, боз ҳам ҷамъ баста мешавад, мисли ин ки «ду зулф»-ро ҷамъбандӣ мекунанд:

Бе қимат аст шаккар аз он **ду лабон**и ӯй,
Косид шуд аз ду зулфаш бозори шоҳбӯй. (Рӯдакӣ)

* * *

**Ду зулфонат** бувад тори рубобам,
Чӣ мехоҳӣ аз ин ҳоли харобам?
Ту ки бо ман сари ёрӣ надорӣ,
Чаро ҳар нимашаб ойӣ ба хобам? (Бобо Тоҳир)

Бад-ин манзур «ду зулфайн» саҳеҳ аст:

Офарин бод бар он орази покиза чу сим
В-он **ду зулфайн**и сиёҳи ту бад-он шакли **ду ҷим**.
(Аскофӣ)

* * *

То бод **ду зулфайн**и туро **зеру забар** кард,
Аз оташи ғайрат дили ман **зеру забар** шуд. (Хоқонӣ)

Ва аммо далели «ду зулфайн»-у ду «ядайн» нагуфтани шуарои форс ин аст, ки ин калимаҳо дар забони мо корбурд надоштанду надоранд ва мо ба ҷои «айн» «чашм»-ро ба кор мебарему ба ҷои «яд» «даст»-ро. Вале ба ҷои «зулф» чӣ метавон гуфт?

Ҳукми шумо, ки баъди шарҳи содалавҳонаву ғалати байти Манучеҳрӣ «зулфин» (дурусташ «зулфайн» – М. А.)-ро ифодагари як зулф донистаед, иштибоҳи дигар аст. Инак он байт:

Ба дасти рост шаробу ба дасти чап зулфин,
Ҳаме хурему ҳаме бӯса медиҳем ба данг.

Агар мувофиқи фаҳмиши шумо фикр кунем ҳам, магар намешавад ба як даст шароб дошту ба дигаре ду зулф? Чи хулосаи бемаъние кардаед аз ин байт?! Барои равшанӣ андохтан ба хостаи шоир метавонед ба «рӯҳи пок»-и ӯ мурочиат фармоед.

Барои исботи исми ҷамъ будани «зулфайн» аз «Луғатнома» чанд шоҳид меорам:

Гар ӯ лахте аз зар барорад ба дӯш,
**Ду лахт**ест **зулфайн**и ман гирди гӯш. (Низомӣ)

* * *

**Зулфайн**и сиёҳи ту ба дилдории ушшоқ
**Доданд** қарорею **бибурданд** қарорам. (Ҳофиз)

* * *

**Зулфайн**и мусалсалаш гираҳгир,
Печида чу **ҳалқаҳо**и занҷир. (Низомӣ)

Магар «ду лахт»-у «доданд»-у «бибурданд»-у «ҳалқаҳо» ба ҷуфт будани «зулфайн» далолат намекунанд? Магар ҳанӯз ҳам аз таносуби калом бехабаред?

Таҳлилу баррасии ин абётро ба шумо ва суханшиносон ҳавола мекунам.

Дар мавриди «шергашта»-ву «хуррам бигрӣ» андешаи шуморо наметавонам бипазирам, чи он абёте, ки барои тақвияти фикратон аз шуаро овардаед, ба матлаби мо наздикӣ надорад. Шумо ки мантиқшинос ҳастед, бояд бори дигар дар ин маврид хуб бияндешед. Хуб медонед, ки кори сухангустарон кори фолгирон нест!

Кори хубе мекунед, ки ба «ҷумлаҳои бемантиқ»-и банда ишора менамоед ва худро ҳақ мешуморед. Шумо ки мантиқшиноси варзида ҳастед, албатта, ба ин ҳақ доред, ки «бемантиқиҳо»-и «мантиқношиносон»-ро ба ислоҳ оред.

Дар мавриди «худ»-у «эч» андешаатон қобили қабул нест ва камина боз ҳам бо далоиле, ки аз шеъри устод Рӯдакию шоирони дигар дар баҳси қаблӣ оварда будам, содиқам. Барои он ки шумо ба ин андеша муттафиқ шавед, бояд баъди дарси мантиқ баъзан аз дарси арӯз ҳам баҳрае бигиред.

Камина ду бор ба харобии вазни байти зер ишора кардам, аммо шумо ҳамоно нусхаи пешниҳодкардаи худро дуруст мешуморед ва дар шеър ҷой доштани ғалатро ба чашми кам мебинед. Ин равиш аз ҷониби касе, ки бо мутуни куҳан сари кор дорад, айб аст ва нобахшиданист. Инак, он байт:

Тан-т яку ҷон якеву чандин дониш,
Ай аҷабо мардумӣ ту ё дарёӣ!

Дар сари байти зер дубора бияндешед, то мантиқаш хароб нагардад. Ва камина дар ин маврид дар ҳамон ақида ҳастам, ки будам, яъне:

Лола миёни дашт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯс ба ҳинно шуда хазиб.

Дар мавриди нораво будани табдили «зулфи пуршикасту микаст» ба «зулфаки шикасту микаст» ва «чунинӣ ту бо баччагон» ба «чӣ бинӣ ту аз баччагон» дар ақидаи худ устуворам, зеро он бофтаи ман нест ва дар нусхаҳои девони шоир мавҷуд асту аз ҷиҳати забону баён дурусттару шоиронатар.

Шумо дар посухи аввалатон ба тақризи банда барои исботи дуруст будани «сапеди симрада» аз байти Фаррухӣ мадад ҷуста будед. Ин ҷониб ишора доштам, ки «Қодири Рустам мутаассифона худ маънии байти Фаррухиро дуруст дарк накардааст, ки ин ҷо калимаи «пок» на ба «рӯй», балки ба «рӯз» ва калимаи «тира» на ба «мӯй», балки ба «шаб» нисбат дорад, яъне рӯйи ёр ба ваҷҳи сафедӣ мисли рӯзи равшан пок асту мӯйи ӯ аз фарти сиёҳӣ чун шаби торик тира! Ба таъбири дигар, рӯйи сафед ба рӯзи равшан (пок) ташбеҳ шудаасту мӯйи сиёҳ ба шаби тира». Инак, он байт:

Хоса бо рӯйи сапеди пок чун тобанда рӯз,
Хоса бо мӯйи сиёҳи тира чун торик шаб.

Аммо шумо шарҳи каминаро нодуруст фаҳмидаву маро ба суханношиносӣ муттаҳам кардаед. Боз ҳам мегӯям, ки покӣ ваҷҳи ташбеҳи рӯй ба рӯз дар мисраи аввал асту сифати рӯз аст ва тирагӣ ваҷҳи ташбеҳи мӯй ба шаб дар мисраи дувум асту сифати шаб ва шумо дар дарки маънии байт иштибоҳ мекунед. Дарк накардаед, ки шоир рӯю мӯйро ба рӯзу шаб монанд кардааст, на сифоташонро! То ки қонеъ

шавед, метавонед ба луғатномаҳои муътабар руҷӯъ намоед, ки ҷое таъбири «рӯйи пок»-у «мӯйи тира» ба чашм намерасад. Аз ин рӯ, ин байт ба «сапеди симрада», ки ҷонибдораш ҳастед, муносибате надорад. Байте ҳам, ки аз Қатрон овардаеду дар он бар хилофи байти Фаррухӣ мавсуф яктост ва сифатҳояш бо изофат чида шудаанд, ҳамчунин наметавонад дар ин маврид мададгоратон бошад.

Шумо байтеро ба сабаби хатношиносию маънишиносӣ ба гунаи музҳик сабт карда будед:

> Бар ту (ё: бирри ту?) расида ба ҳар дилтанг чорае,
> Аз ҳоли мани заъиф биандеш чорае.

Ва камина шакли дурусту равони онро аз китоби устод Саъид Нафисӣ «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» бароятон хонда будам:

> Бар ту расида баҳри дили танг чорае,
> Аз ҳоли ман – заъиф биёндеш чорае.

Ва афзуда будам, ки «Аммо бояд калимаи «чорае»-и мисраи дувум саҳвулқалами «порае» бошад, ки ҳамқофия бо «чорае» мебошад».

Шояд дар хотир дошта бошед, ки вобаста ба ғалатҳои ин байт камина нигошта будам: «Матншиноси мо ба сабаби ғалат хондани чаҳор калима вазни ҳар ду мисраъро хароб кардааст».

Аммо шумо чаро ба эроди ин ҷониб посухи қаноатбахш намедиҳед ва танҳо аз мисраи аввали байт ёдовар мешавед? – «Аз мисраи зайл низ, ки Акбарзод маро ба нодуруст хонданаш муттаҳам карда ва «ислоҳ» кардааст, маъние наметавон берун овард:

Бар ту расида баҳри дили танг чорае».

Вале сабаб чист, ки аз мисраи дувум, ки низ ғалати вазн дораду камина ислоҳаш кардам, ёдовар намешавед? Ё шояд онро «фаромӯш» карда бошед?!

Камина ин байтро ба гунае, ки дар китоб ҳаст, дуруст

хондам ва дарки маънию мантиқашро ба шумо ва суханшиносон ҳавола мекунам.

Баъдан шумо ба тақризи нахустини банда ба «Девон» руҷӯъ намудаву дар сари чанд байт андешаронӣ кардаед, ки яке ин аст:

Аз баҳри он куҷо набарам номаш,
Тарсам зи бахт андуҳу душворӣ.

Вобаста ба он ин ҷониб навишта будам: «Дар байт... калимаи «сахт», ки сифати андӯҳ аст, ба «бахт» ва «бибарам» ба «набарам» иваз шудааст, ки маъние намедиҳад».

Аммо шумо мутмаинед, ки «ҳам «сахт»-у ҳам «набарам» дуруст аст, баръакс агар бадали «набарам» «бибарам» оварем, маънӣ муғлақ мешавад».

Ва баъдан ба шарҳи байт пардохтаед, ки хилофи хости шоир сурат гирифтааст. Ва боз афзудаед: «Сахт» ва «бибарам» дар байти Рӯдакӣ бидъати муаллифон ва котибони қарнҳои баъд аст, ки «набарам» ва «бахт»-ро мутобиқ бо завқ ва фаҳмиши худ тағйир додаанд».

Ва аммо, агар шумо ба маънии байт дурусттар таваҷҷуҳ фармоед, ба ғалат будани нусхаи мунташираи худатон иқрор хоҳед кард. Маънии байт ин аст, ки аз андӯҳи сахт метарсам, агар он (ҳодисаи нохуш)-ро ба ёд орам.

Дар мавриди байти зер низ эроди ин ҷонибро қабул накардаед, ки ба ҷои «малакӣ»-и нусхаи шумо «малаке»-ро пешниҳод карда будам:

Они малак бо малакӣ рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гӯйӣ бимурд.

Далели нодуруст будани «малакӣ» ҳамин байт бас аст, ки худ дар боби тавзеҳоти «Девон» овардаед:

Аз малаке бо малаке рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гуфтӣ ки мурд. (151)

Байти зер низ, ки шумо бадали «фасонаворӣ шав»-и нусхаҳои девони шоир «фасона дору шуд» овардаед, чандон пазируфтанӣ нест, чи дар анҷоми ҳар ду мисраъ мутобиқи таносуби калом бояд феъли амр қарор дошта бошад ва маъние, ки аз байт берун кашидаед, ба он мувофиқ нест:

> Неки ӯро фасона дору шуд,
> Бади ӯро камар-т сахт битанҷ!

Дуруст аст, ки касе бехато нест. Камина ҳам дар ду навиштаи қаблии худ ба чанд хато роҳ дода будам, ки ба он иқрор дорам. Бад-ин манзур эродҳои шуморо дар бораи ғалат будани калимаҳои «ёре», «забон», «лашкарӣ» ва «пайк мураттаб» ба ҷон мепазирам ва аз ин ки иштибоҳи бандаро дар ин маворид нишон додаед, хеле сипосгузорам.

Аммо тааҷҷуби камина дар ин аст, ки чаро шумо дар баъзе мавридҳо хомӯшӣ ихтиёр кардаед ва маълум нест, ки эродҳои ин ҷонибро пазируфтаед ё на. Масалан, дар мавриди «шери олағда» – «шер олағда», «оҳурову» – «оҳуву», «бонги рӯду май бишнув» – «бонги рӯду чанг шунав», «ранҷиш» – ранҷаш», «нуҳуфтӣ» – «ниҳуфте», «сапеди симрада» – сапеду симрада», «фурӯ монӣ ҳаме чун хар ба шилко» – «фурӯ монӣ чу хар ба м-ёни шилко», «ҳисом» – «ҳусом», «дурру гуҳар» – «дурру гавҳар», «т-от бибинӣ» – «то ки бибинӣ», ки шакли авввал аз шумосту гунаи дувум ислоҳи камина аст, ҳамчунин ба сабаби табдили калимаҳо ва ҷои онҳо аз байн рафтани қофияву радиф дар абёт ва хароб шудани вазни абёт чаро посухе нагуфтаед?

Ба андешаи ин ҷониб шумо бояд муайян мекардед, ки вобаста ба эродҳои фавқ чӣ андеша доред. Дур рафтан аз доираи баҳси илмӣ ва сухани ҳаққи ҷониби дигарро нодида гирифтану амдан «фаромӯш» кардан шеваи ҷавонмардон нест. Мо бояд на барои худ, балки баҳри дарёфти ҳақиқат талош дошта бошем, дигар ҳеч!

Мутолиаи мукаррари «Девон» каминаро ба ин хулоса расонд, ки таҳияву ба хонандаи шеършинос пешниҳод на-

мудани осори манзум, бахусус ашъори падари шеъри порсӣ – устод Рӯдакӣ кори ноозмудагоне чун шумо набудааст. Ба ин кор касе бояд даст бизанад, ки бо илми арӯзу қофия, таносуби калом, тобиши маънои калимот ва корбурди дурусти онҳо дар шеър ва дар маҷмӯъ бо шеършиносӣ ошнойии комил дошта бошад. Дар акси ҳол натиҷаи кораш ҳамон хоҳад буд, ки намунаашро дар таҷрибаи шумо дидем.

Матншиноси муҳтарами Рӯдакӣ! Шояд ғалатҳои «Девон», ки воқиан пурғалаттарин нусхаи ашъори шоир аст, ба назари шумо чизе нанамояд. Аммо барои касе, ки ба каломи мавзун ва махсусан ба шеъри устод Рӯдакӣ ишқу алоқаи доимӣ дорад, ин нукта хеле дарднок ва ин хато нобахшиданист. Шумо ки ба хотири сафед кардани худ бо соҳиби ин қалам дар мавриди чанд калима баҳс мекунеду дар аксар мавორид худро ҳақ мешуморед, намедонам ба даҳҳо ғалати дигари вазну маънӣ, ки камина дар навиштаҳои худ («Адабиёт ва санъат». №2 ва №8, 2008) ишора намудавуислоҳашон карда будам, чӣ посух мегуфта бошед? Вале боз ҳам мушаввашам, шумо ки «бо иҷоза аз рӯҳи поки устод» девонашро дар остонаи ҷашни пуршукӯҳаш пурғалат омодаву пешкаши ворисони султони шоирон кардаед, дар назди рӯҳи поки ӯ чӣ гуна посух мегуфта бошед?!

Агар шумо фаромӯш карда бошед, баъзе аз ин ағлотро, ки дар натиҷаи ғалат хондани матн сар задаанд, мехоҳам дубора ба ёдатон расонам, ки ислоҳашонро дар қавсайн нишон додаам:

1. Гарчи бикӯшанд шоирони замона,
   **Мадҳи** касеро касе нагӯяд монанд. (мадҳ)

2. Биандешу **дида хирад** баргумор. (дидай хирад)

3. Ҳарчанд **навбаҳори ҷаҳон** аст ба чашм хуб.
   (навбаҳор ҷаҳон)

4. Ҳар кӣ бидоду бухӯрд, аз он чи **билфахт**.(биялфахт)

5. Саҳоб астӣ қадаҳ гӯйиву май **қатра саҳоб** астӣ. (қатрай саҳоб)

6. Бибурида **бируни** ту пистон. (ба руни)

7. Заррин гаштам **бируни** симин дандон (ба руни)

8. Ба сухан **май ба забон** бошу ба шамшер бирез. (ме ба забон)

9. То **х(в)ай** абар гули рухи ту карда шабнамӣ. (хай)

10. Чун **був-д** дуруст песёрат. (буд)

11. Баҳор аст ҳамвора **ҳар рӯзиям**,
Ба **мункир** фаровон ба маъруф кам.
(ҳар рӯзеам, мункар)

12. Ба ҳаққи он **хами зулфи** ба сони **минқор боз**
(хамми зулф, минқори боз)

13. Маъзурам доранд, **к-андӯҳ** вағеш аст. (ки андӯҳ)

14. Маро **нагӯй, ки аз чӣ** шудаст шодӣ сӯк!
(нагӯӣ к-аз чӣ)

15. Лоҷарам ҳамчу **манаш** нест қарор. (ман-ш)

16. Басо касо, ки **бара асту** фарахша бар хонаш. (бара-сту)

17. **Шери олағда,** ки берун ҷаҳад аз хона ба сайд,
То ба чанг орад **оҳурову** оҳубараро.
(шер олағда, оҳуву)

18. Ҳар рӯз бар **осмонат** бодо мурво! (осмон-т).

19. Ойини ҷаҳон чунин, то **гардуни гардон** шуд.
(гардун гардон)

20. Талхию шириниаш **омехта аст,**
Кас нахурад нӯшу шакар **ба апюн.**
(омехта-ст, бо пиюн)

21. В-он гоҳ дастурии **баргузидаи** Аднон. (гузидаи)

22. Ай соқӣ он **қадаҳро** бо мо деҳ. (қадаҳ).

23. **Ай дареғо**, ки хирадмандро
Бошад фарзанду хирадманд не. (ой дареғо)

24. Бо **майе** чунин ки сол хурда бувад чанд,
Ҷома бикарда фарози панҷаҳ хулқон (майи)

25. Пӯзиш **пазираду** гуноҳ бибахшад. (бипзираду)

26. Ки **ҳайф бувад** рӯҳулқудус ба сагбонӣ. (ҳайф бошад)

27. Ба вақти баҳор **испарғами** баҳорӣ. (испарағми)

28. Касон, ки талхии заҳри талаб намедонанд,
Туруш шаванду битобанд **рӯй** зи аҳли суол. (рӯ)

29. Ҳаётро чӣ гуворандатар зи об валек,
Касе ки **бештар-ш хурад**, бикшад истисқош.
(бештараш хурд)

30. **Худойгон салотин**, ки рӯзгор надид,
**Назир-ш** аз чӣ басе ҷусту кард хушкомор.
(худойгони салотин, назираш)

31. **З-орзуи** кафи роди ту зи кони гуҳар
Баромад бе кӯҳкону бе метин.(зи орзуи)

32. Ба навбаҳорон **биситой** абри гирёнро (бистой)

33. **Рӯ** ба оғолиш андарун махрош. (рав)

34. Ҳар киро рафт, ҳамебояд мурда **шумариш**. (шумарӣ)

35. **Халқ ҳама аз хоку обу** оташу боданд
(халқ зи хоку зи обу).

Ба ҷуз ин ағлот даҳҳо ғалати вазн ва табдили ҷои калимот, ки сабаби хароб шудани қофияву радиф гаштаанд, дар «Девон» ҷой доранд, ки қисми зиёди онҳоро ба шумо вонамудаву ислоҳашонро нишон дода будам, ки ба сабаби ноогоҳиятон аз илми арӯзу қофия сар задаанд. Аммо фикр мекунам, ки ин ҳама иштибоҳот барои матншиносе чун шумо ҳоизи аҳамият нест ва инро ҳар касе аз натиҷаи коратон эҳсос менамояд.

Ба ҳар ҳол, ин ҳамаро ба виҷдони шумо ҳавола мекунам ва бароятон дар роҳи омӯхтани арӯзу қофия ва фасоҳату балоғати сухан тавфиқ мехоҳам, то дар таҳияи девони шоири дигаре чунин ғалаткории гӯшношунидро, ки дар омода сохтани девони устоди шоирон – Одамушшуаро Рӯдакӣ роҳ додаед, такрор накунед!

*2008*

## ШАҲРЁРИ КИШВАРИ ЗЕБОИ ШЕЪР

Устод Муҳаммадҳусайни Шаҳрёр яке аз шоирони тавонои имрӯзи Эрон мебошад, ки аз худ осори пурарзише боқӣ гузоштааст. Адабиёти садаи бисти ин сарзаминро наметавон бе ҳузури ин марди ҳунар ва ашъори дилангезаш тасаввур кард. Ӯ бо ҳунари воло ва шеъри равону зебояш тавонист дар дили ҳаводорони шеъри асил ҷо бигирад ва номи худро барои солиёни дароз дар маҷлис ва маҳфилҳои суханварону сухандӯстон зинда дорад. Шеъри ин шоир чун ашъори диловези Саъдиву Ҳофиз он қадар дилнишин ва сеҳрангез аст,ки дар ошноии нахуст хонанда ва шунавандаи худро мафтун мекунад.

Дар ин мухтасар тасмим гирифтем дар бораи се паҳлӯи асосии кори шоирӣ – ҳунари шоирӣ, ҳунари суханварӣ ва лутфи сухан дар мисоли намунаҳои ашъори шоири гиронқадр Шаҳрёр андешаи худро баён кунем, ки аз гузидаи ғазалиёти шоир интихоб шудаанд.

Шаҳрёр шоирест, ки дар тасвир ва баёни андеша дасти тавоно ва зеҳне гиро дорад. Ӯ мисли Ҳофиз ба оҳангу зебоии калимот ва тобиши маънои онҳо таваҷҷуҳи бештаре дорад ва бо таъсирпазирӣ аз ҳолате шеъре зебо меофарад, ки воқиан дархури ситоиш аст. Масалан ба ин байт таваҷҷуҳ кунем, ки дар он шоир ҳолати ба ёд омадани каси наздикашро дар ҳолате диданӣ ва қобили мушоҳида тасвир мекунад, ки зебову дилангез аст:

> Ту аз даричаи дил меравию меоӣ,
> Вале намешунавад кас садои пои туро.

Дар байти дигар чашми осмонии ёрашро, ки дар гардиш аст, балои ҷон мехонад ва таманнову илтиҷо мекунад, ки ин балои осмонӣ, яъне чашми худро аз ман магардон. Ин

ҷо калимаи «бармагардон» ба ду маънӣ аст, яъне ба «гардиш» маёр» ва дигар «рӯгардон макуну матоб». Ҳамин ду тобиши маъно ин байтро ба маротиб зебову шуниданӣ кардааст:

Ба чашми осмонӣ гардише дорӣ балои ҷон,
Худоро, бармагардон ин балои осмониро.

Калимаи «осмонӣ» ин ҷо ҳам ба «чашм» ва ҳам ба «бало» таносуб дорад.

Дар ҷое дили гирифтаи худро, ки гиря дар гулӯ дорад, ба ҳавои гирифта, ки борон ба доман дорад монанд мекунад ва роҳи раҳоӣ аз ин гирифториро ҳам барои худ ва ҳам барои ҳаво дар гиристан (боридан) мебинад:

Ҷуз дар сафои ашк дилам во намешавад,
Борон ба доман аст ҳавои гирифтаро.

Дар байте ба гунаи зебо худро ба кӯзагар ва дили худро ба кӯзаи шикаста нисбат медиҳад:

Беҳ, ки хурад Шаҳрёр хуни дил, оре
Кӯзагар аз кӯзаи шикаста хурад об.

Шоир ба гуфтаи худ, пас аз ёр гиряро ихтиёр мекунад, яъне ба гиря менишинад, аммо чи кунад, ки он (гиря) ҳам наметавонад дар ихтиёраш бошад:

Ман ихтиёр накардам пас аз ту ёри дигар,
Ба ғайри гиря, ки он ҳам дар ихтиёрам нест.

Азбаски худ бо дили доғдор аст, ҳамин монандиро дар лолаҳои чаман мебинад ва аз канори чаман бо чашми баста мегузарад, зеро ки тавони дидани доғи диле надорад:

Ба лолаҳои чаман чашмбаста мегузарам,
Ки тоби дидани дилҳои доғдорам нест.

Дар ҷое маҳбуби худро ба донаи ашк, ки ҷояш мижгон аст, монанд мекунад ва боз аз сари меҳр мехоҳад, ки онро ба домани худ нишонад:

Ту гавҳари сиришкию дурдонаи сафо,
Мижгон фишонамат, ки ба доман нишонамат.

Ҳам ин ҷо ҳамоҳангии «фишонамат» бо «нишонамат», ки оғозу анҷоми як амаланд, хеле зебост.

Дар байте бо истифода аз ташхис «хуни мазлумон» (киноя аз худ)-ро, ки ташбеҳе аз лаълу ашки хунин аст, «гиребонгир»-и ёр медонад. Гиребон гирифтан киноя аз овезон будани лаъл дар гардан аст:

Ба гарданбанд лаъле доштӣ, чун ашки ман хунин,
Набошад хуни мазлумон, кӣ мегирад гиребонат?

Дар ҷои дигар ифтихорро тоҷе медонад, ки аз озодагӣ ба даст меояд ва онро танҳо махсуси сарв, яъне инсони озоду саркаш мешуморад:

Созиш ба ҳар саре накунад тоҷи ифтихор,
Озодагӣ ба сарви сарафроз медиҳанд.

Ба мушоҳидаи шоир фалак чарогоҳ асту ситорагон галлаи ғизолон ва моҳ шубон аст, ки ин манзараи зебоеро пеши чашм ба ҷилва меорад:

То чарогоҳи фалак ҳасту ғизолони нуҷум,
Духтари моҳ бар ин галла шубон хоҳад буд.

Дар байти зер калимаи «нарехтамаш» ҳам тобиши айнӣ ва ҳам тобиши зеҳнӣ дорад, ки ба ашк ва обрӯ мутааллиқ аст:

Чу обрӯи ту буд ашки ман, нарехтамаш,
Чу ғунча пардагӣ аз поси обрӯст ҳанӯз.

Яъне ашки худро ба поси обрӯи ту дар парда ниҳон медорам ва намерезам.

Дар намунаи зайл ташбеҳ ва таносуб миёни чашму ашку борон ва ҳам дилу оҳу бод хеле қавӣ ва ҳайратангезу ситуданист, яъне ашк зодаи чашм аст, ки ба борон монанд шудааст ва оҳ зодаи дил аст, ки ба бод нисбат ёфтааст:

Ту к-аз чашму дили мардум гурезонӣ, чӣ медонӣ,
Ҳадиси ашку оҳи ман, бирав, аз боду борон пурс!

Шоир дар ҷои дигар мегӯяд, ки ба поси дидор ашки чун дурри худро аз доман ба пеши поят хоҳам рехт, ашкеро, ки бо хуни дил ҳосил шудааст. Ҳамчунин «хуни дил» низ киноя аз ашк аст, ки ташбеҳи зебост:

Доманафшон ҳама дар пои ту хоҳам андохт,
Дурри ашке, ки ба сад хуни дил андӯхтаам.

Дар байти дигар бо истифода аз назокату зебоии забон калимаи «кашидаам» ду тобиши маъно – ҳам берун овардан ва ҳам кашондани обро аз ҷое ба ҷое гирифтааст. Таносубу ташбеҳи «ду чашм»-у «ду чашма» ва «сели ашк»-у «об» хеле дилнишин афтодааст:

Аз сели ашки шавқ ду чашмам муъоф дор,
К-аз ин ду чашма об фаровон кашидаам.

Дар ҷои дигар калимаи «кашидан» ҳам ба «доман» ва ҳам ба «ҳиҷрон»-у «ноз» муносибат дорад, ки дилнишин аст:

Доман макаш ба ноз, ҳиҷронкашидаам,
Нозам бикаш, ки нози рақибон кашидаам.

Худро ба гул ва рӯзгори худро ба рӯзгори гул монанд кардани шоир ба гунаи дилкаш сурат гирифтааст ва «гулоб»-ро гиря (ашк)-и гул ба шумор овардан воқиан шоиронаву зебост:

Пайдост аз гулоби сиришкам, ки ман чу гул
Як рӯз ханда кардаму умре гиристам.

Дар воқеъ умри гул ва хандаи он ҳамин чанд рӯз аст ва баъдан он дар сурати гулоб хоҳад монд. Ҷиҳати дигари зебоии ин тасвир дар он аст, ки шоир ашки худро аз ҷиҳати ранг ва аз фарти сурхӣ ба ашки гул, яъне гулоб монанд кардааст.

Шоир шамъу ситораро, ки шоҳиди шабзиндадорияш буданд, соҳибчашм мебинад ва аз хомӯш шудани онҳо мутаассиф мегардад, ки ба ҷуз ин ду кас бо чашме шоҳиди шабзиндадорияш нест:

Шамъам тамом гашту чароғи ситора мурд,
Чашме намонд шоҳиди шабзиндадориям.

Дар ҷое мегӯяд, ки азбаски замин (манзур аҳли замин) дар пастисту ман парандаи осмонӣ, яъне баландошёнам, наметавонад нолаи маро бишнавад:

Гӯши замин ба нолаи ман нест ошно,
Ман тоири шикастапари осмониям.

Дар байти зер таносубу монандии «бӯи зулф»-у «насим» ва ҳам «ҷон»-у «чароғи умр» хеле қавӣ афтодааст:

Ба бӯи зулфи ту ҷон ваъда додаам, инак,
Чароғи умри ниҳодам ба раҳгузори насим.

Ҷои дигар ташбеҳу тазоду муқобала миёни «чароғ»-у «шамъ»-у «айвон»-у «кошона», «хандидан»-у «гиристан» иттифоқ афтода, ки бо риояти таносубу мантиқи калом аст:

Охир, на чароғем, ки хандем ба айвон,
Шамъем, ки дар гӯшаи кошона бигирйем.

Дар байте шоир рӯзгори тираи худро бо сиёҳии чашми маҳбуб дар мақоми қиёс ва монандӣ мегузорад ва мегӯяд,

ки аз чашми худ сиёҳӣ вом гирифтӣ, то магар дилат аз тирагии рӯзгори ман тиратар бошад:

Аз чашми худ сиёҳдилӣ вом мекунӣ,
Хоҳӣ магар, гарав барӣ аз рӯзгори ман?

Шоир дар байте ба гунаи зебо «табъи ҳазин»-и худро ба «бӯстон» монанд мекунад ва аз «гулъизор»-и худ хоҳиш менамояд, ки чун аз ин бӯстон гузар мекунӣ, аз неши хораш бипарҳез. «Бӯстони табъ» ишора ба ашъори шоир аст ва худ мегӯяд, ки албатта гуле бехор нест, яъне бе айб ва ин нишони фурӯтании гӯяндаи он аст:

Дар бӯстони табъи ҳазинам чу бигзарӣ,
Парҳез неши хори ман, эй гулъизори ман.

Дар ду байти зер синаи худро ба хонаи хароби шикаста ва шахси шикастаҳол, яъне худро ба осиёби шикаста ва табъи равонро ба об, ки гардонандаи ҳамин осиёб аст, монанд кардааст, ки дилпазир ва хотирмон мебошад:

Бас аст сина сипар карданам ба сели ҳаводис,
Дило, бурун шав аз ин осиёби хароби шикаста.

Ва ҳам:

Шикастаҳол шудӣ Шаҳрёру табъи равон рафт,
Чаро ки об намонад дар осиёби шикаста.

Дар байте хобро ба киштӣ ва ашкро ба дарёча қиёс кардаву дар хитоб ба мухотаби худ мегӯяд, ки агар ту ҷасорат дорӣ, яъне дили чун дарё дорӣ, ба чашмам ҷойгузин хоҳӣ шуд. Ва ҳам «дили дарё дорӣ»-ро ба маънии «дар дили дарё хоҳӣ нишаст» метавон фаҳмид:

Киштии хоб ба дарёчаи ашкам гум шуд,
Ту ба чашмам, ки нишинӣ, дили дарё дорӣ.

Шоир маҳбуби худро ба сайёд ва зулфи ӯро ба каманди сайёдӣ монанд мекунад ва манзараи зебоеро пеши назар меорад, ки ин ба ҳунармандияш далолат менамояд:

Биё, равем ба саҳро кунун, ки бар сари дӯш
Каманди сайди ғизолони мушкмӯ дорӣ.

Дар ҷое мегӯяд, ки азбаски ту моҳ астию моҳ тааллуқ ба шаб дорад, ман ба ғами ту (ба ёди ту) рӯзи равшани худро чун шаби сиёҳ медорам, то ба ту наздик бошам:

Ман аз он сиёҳ дорам ба ғами ту рӯзи равшан,
Ки ту моҳию тааллуқ ба шаби сиёҳ дорӣ.

Дар байти дигар наздик ба ҳамин маънӣ мефармояд:

Рӯзи равшан ба худ аз ишқи ту кардам шаби тор,
Ба умеде, ки ту ҳам шамъи шаби тор оӣ.

Дар ҳарду байт ҳам истифода аз тазод ва ҷойивазкунию табдили ҳолат шоир ва мухотабаш хеле зебо афтодааст. Шоир дар ҷое худро ба шубон, ки бо най менолад ва сиёҳчашмонро ба ғизол ташбеҳ кардаву аз унсу ошноии худ бо онон сухан мегӯяд. Ин тасвири дилкаш ҳолати зебо ва диданиро ба ҷилва меорад:

Нолаи нойи дилам гӯши сияҳчашмон навозад,
К-ин парешонмӯ ғизолонро басе кардам шубонӣ.

Ин буд намунае чанд аз абёти зебо ва шоиронаи устод Шаҳрёр. Чун аз боргоҳи ҳунари шоирии ӯ бигзарем, ба коргоҳи суханварияш хоҳем расид. Дар ин сафар низ аз бӯстони пурранги табъи ӯ дидоре хоҳем дошт ва бардоште дилхоҳ хоҳем кард. Вақте ки шеъри Шаҳрёрро мехонему калимотро ба бозӣ ва гардиш дароварданашро мушоҳида мекунем, бегуфтугӯ ҳунари суханварии Хоҷаи Шерозро ба ёд меорем, ки метавонист чандин калимаи ҳамнишин ва ҳамовозро дар байте ё мисрае паиҳам биёварад. Шаҳрёр ки

аз мактаби адабии Хоҷа Ҳофиз гузаштааст ва ба ӯ ихлосу эҳтироми хоссе дошта, дар кори суханварӣ низ чун дар шоирӣ хеле муваффақ гаштааст. Зеҳни ӯ ва гӯши ҳуши ӯ он қадр бо садои калимот ошноии хуб дорад, ки метавонад ба осонӣ калимаҳое ҳамнаворо дар шеъри худ силсила бандад. Ин ҳамнишинӣ ва ҳамнавоии калимотро мо дар абёти зайл мушоҳида мекунем:

талоқ – талоқӣ – лиқо:

Хушо талоқи тану дилкушо талоқии рӯҳ,
Ки дода бо дили ман ваъдаи лиқои туро.

сӯфиёна – сафо:

Ба обу оинаам ноз мекунад сурат,
Ки сӯфиёна ба худ бастаам сафои туро.

ҳилол – ҳола:

Зи оҳи ман ба ҳилоли ту ҳола мехоҳанд,
Бадар намекунад аз сар дилам ҳавои туро.

сина – Сино:

Ҷилвае кун, ки сухан бо ту кунам чун Мӯсо,
Синаам сӯхта дар ҳасрати Сино гаштан.

шаҳри ёр – шаҳрёр – шаҳр ёр:

Ҷуз ман ба шаҳри ёр касе шаҳрёр нест,
Шаҳре ба шоҳпарварии шаҳри ёр нест.
Ҷонпарвар аст зиндагии шаҳри ёр, лек
Ҷуз ғам ба Шаҳрёр дар ин шаҳр ёр нест.

истабл – истабр:

Пояҳои кулбаи ман чун дилам ларзону резон,
Лек истабли фулонӣ пояи истабр дорад.

хумор – хумра, манӣ – арманӣ, кибр – габр:

Ин хумори хоксорӣ дар хуму хумхонаи мост,
Хумраи кибру маниро арманию габр дорад.

сарварон – сарви равон:

Сарваронат магар аз сарви равонат зоданд,
Ки дар офоқ баландандию баном, эй Шероз?!

ду бист – дивист:

Тай шуд ду бист соламу ангор кун дивист,
Чун бахту ком нест, чӣ суд аз дивистам?!

хон – хун, шакар – ҷигар:

Хони шакар ба хуни ҷигар даст медиҳад,
Меҳмони ман, чаро ба сари хон наёмадӣ?

Ва байте дорад, ки дар он ҷавонӣ кардан ҳам ба маънии ҷавон будан ва ҳам ба маънии кӯтаҳӣ кардан омадааст:

Ҷавонӣ кардан, эй дил, шеваи ҷонона буд, аммо
Ҷавонӣ ҳам паи ҷонон шуду бо ман ҷавонӣ кард.

Устод Шаҳрёр баъзан бо маҳорати чашмгире бо такрор ва табдили ҷои калимот аз мисраи аввал мисраи дувумро месозад бо ҳамон маънию мазмун аст. Намунаи ин корро дар ғазале, ки ба Хоҷа Ҳофиз нисбат медиҳанд ва матлаъаш ин аст, мебинем:

Дилбари ҷонони ман бурд дилу ҷони ман,
Бурд дилу ҷони ман дилбари ҷонони ман.

Ба ҳамин монанд ба ду байти устод Шаҳрёр таваҷҷуҳ мекунем:

Ҷавонӣ, ҳасрато, бо ман видоъи ҷовидонӣ кард,
Видоъи ҷовидонӣ, ҳасрато, бо ман ҷавонӣ кард.

Ва:

Маро ҳар гаҳ баҳор ояд, ба хотир ёди ёр ояд,
Ба хотир ёди ёр ояд маро, ҳар гаҳ баҳор ояд.

Аммо кӯшиши ин шоир ҳамвора баҳри суханбозӣ нест, ки худ ба ин нукта бармегардад:

Шаҳрёро, дигар ойини сухандонӣ чист,
Лафз бигзоштану дар паи маънӣ гаштан.

Бо ин чанд байт, ки хонда шуд, метавон ба дараҷаи ҳунармандии ин шоир дар ҷодаи суханварӣ баҳо дод. Акнун ба намунаҳое аз абёти ӯ мутаваҷҷиҳ мешавем, ки шираву шарбат ва лутфу зебоияшон бештар аст ва барои касе, ки аз шинохти сухан баҳра дорад, воқиъан дар хониши аввал ногаҳонист. Зебоии ин абёт аз як ҷиҳат дар он аст, ки онҳо бе ширкати воситаи ташбеҳ сурат бастаанд ва талоши дарёфти маънияшон касро ба андеша водор мекунад. Ин абёт ҳам аз он шевову дилангезанд, ки дар онҳо лутфу хушбаёнӣ афзунтар аст. Ба чанд байт аз ин даст таваҷҷуҳ менамоем:

Шояд аз гарду ғубори сафарам нашносӣ,
Шаҳрёрам, ба дари Хоҷа ғулом, эй Шероз.

Аз хондани ин байт подшоҳе ба назар меояд, ки аз тахт рафтаву ба гадоӣ афтодааст ва он қадр дар зери гарду ғубори сафар аз сафар бозгаштааст, ки шинохтанаш чандон осон нест. Ҳамин калимаи «нашносӣ» ширинии сухани шоирро афзудааст.

Шоир дар байте бо изҳори тааҷҷуб мегӯяд, ки агарчи парӣ ба девона ром мешавад, аҷаб аст, ки ту паривашию аз девона (ман) парҳез мекунӣ:

Парӣ ба дидани девона ром мегардад,
Паривашо, ту зи девона мекунӣ парҳез.

Ба хотири кӯтоҳ шудани риштаи сухан боз чанд байт аз ин даст ёдовар мешавем, аммо бидуни шарҳу тавзеҳ:

Бо сад ҳазор захми забон зиндаам ҳанӯз,
Гардун гумон надошт ба ин сахтҷониям.

* * *

Коса, гӯ, оби ҳаромат кун ба махмурон сабил,
Суфра пинҳон мекунад нони ҳалоли хештан.

* * *

Ман шоҳбози аршаму мискин тазарви хок
Бахташ баланд нест, ки бошад шикори ман.

* * *

Рӯзгор ин сон ки хоҳад бекасу танҳо маро,
Соя ҳам, тарсам, наёяд дигар аз дунболи ман.

* * *

Фардо ки раҳзанони дай аз роҳ мерасанд,
На булбуле ба ҷой гузоранд, на гуле.

* * *

Эй ғам, бигӯ, аз дасти ту охир куҷо бояд шудан?
Дар гӯшаи майхона ҳам моро ту пайдо мекунӣ.

* * *

Найи маҳзун магар аз турбати Фарҳод дамид,
Ки кунад шиква зи ҳиҷрони лаби Ширине?

* * *

Чашме ба раҳат дӯхтаам боз, ки шояд
Боз оию бирҳониям аз чашмбароҳӣ.

## ШЕЪРЕ, КИ ДИЛКАШ АСТ

Шеъри нав, агарчи чандон таърихи тӯлонӣ надорад, дар олами шеъри форсӣ ҷойгоҳи худро соҳиб шудааст. Аз даврони Нимо Юшиҷ то имрӯз шоирони зиёди форсизабону форсигӯй дар ин арса қувваозмоию қаламфарсоӣ кардаанд. Ҷойи тазаккур аст, ки ин навъи шеър дар кишвари Эрон нисбат ба дигар кишварҳои форсизабон беҳтар густариш ёфт ва хонандагон бо чакидаҳои хомаи шоирони навпардоз ба қадри имкон ошно ҳастанд. Баршумурдани номи ҳамаи ин шоирон аз маҷол берун аст ва мо дар ин фишурда тасмим гирифтем, ки доир ба ҳунари шоирии яке аз суханварони ин тарзи шеър Ҳасани Сафдарӣ (Эрон) ва муаррифии ӯ ба хонандаи тоҷик ибрози андеша намоем.

Сафдарӣ шоирест, ки танҳо ба офаридани шеъри сапед таваҷҷӯҳ дорад ва то имрӯз маҷмӯаҳои зиёди шеър, ба монанди «Зери чатри ту хоб рафтаам», «Ман дигаре ҳастам», «Беруни панҷара бод аст»... ба чоп расондааст.

Аз мутолиаи ашъори шоир бармеояд, ки ӯ дар роҳи шоирӣ шахсе огоҳу озмуда аст. Вай бо истифода аз таҷриба, ки аз омӯзиши шеъри ҳазорсолаи форсӣ ба даст овардааст, бо диду нигоҳи нав ба зиндагӣ ва падидаҳои он, иртиботи инсону кайҳон тавонистааст, ки ашъоре дилнишин биёфарад. Инак, бо намунае чанд аз офаридаҳои табъи ин шоир ошно мешавем.

Дар шеър ишқ мавзӯъест, ки ҳамеша мавриди ситоиши шоирон ва умуман аҳли қалам будааст. Сафдарӣ онро ба ситора, ки воқиан дастрасамон нест, монанд мекунад, агарчи ҳамеша дар тавсифи он ҳастем:

Ишқ
Ситораест
Пинҳону ошкор,
Ки ҳамеша меситоӣ,
Бе он ки ба он даст биёбӣ.

Ҳамин дастнорасии ситора аст, ки мӯҷиби ба он монанд кардани ишқ гаштааст, яъне ваҷҳи ташбеҳи ин (ишқ) ба он (ситора) ҳамин як сифат – дастнорасии онҳост.

Шоир дар ҷое шеърро ба хоби кӯдак монанд мекунад ва барои огоҳӣ аз ин хоб шоирро воситае медонад, ки ин кӯдак (соҳиби хоб)-ро бедор мекунад ва аз ӯ баёни хобашро мешунавад:

Шеър
Хоби маъсумонаи кӯдакест,
Ки шоир ӯро бедор мекунад,
То аз хобҳояш
Бароямон бигӯяд.

Дар пораҳои зайл шоир аз дарахте сухан мегӯяд, ки шоху баргаш андеша (шеър) асту меваааш танҳоӣ. Агарчи оғози матлаб дар ин ду шеър мутафовит аст, ҷамъбасти онҳо ҳамоно яксон мебошад. Ин тасвир ду чизро пеши назар меорад: дарахту шоху баргу мева ва шоиру шеъру танҳоӣ, ки воқиан иттифоқи монандии хеле аҷибу зебост ва дарёфтани ин монандиро зеҳне гиро ва чашме бино мебояд. Инак, он шеърҳо:

Мехоҳам ба дарахте такя диҳам,
Ки шоху баргаш андешаи ман бошаду
Меваааш танҳоиям.

* * *

Ман дарахтеро дӯст дорам,
Ки тануманд бошад,

Меваааш танҳоӣ,
Баргаш шеър.

Ин шоир аз хурдарезаҳои зиндагӣ шеъре қобили дарк эҷод мекунад. Дар тасаввури ӯ соат бо тик – тики худ садои дили инсонҳоро мешуморад ва ғиёби касеро намепазирад:

...Касе ғоиб аст,
Соат аммо
Ғиёби касеро муҷоз намедонад,
Садои қалби маро мешумарад.

Дар шеъре аз сари меҳр хитоб ба маҳбубаи худ мегӯяд:

Мисли рӯз равшанӣ!
Шабе, агар ба дурӯғ туро бихоҳанд,
Моҳ мешавам,
Намегузорам!

Яъне дар роҳи ишқи ту ҳарчи дилхоҳи ман аст, сомон медиҳам, то ту бо ман бимониву ман бо ту. Ба таъбири дигар, ҳар ҷо ки ту ҳастӣ, ман он ҷо хоҳам буд! Ин ҷо тазоди рӯзу шаб ва равшанию торикӣ (зимнан) ҳусни шеърро афзудаву таъсирашро бештар кардааст.

Дар ҷое чашм кушодани маҳбубаашро шоир ба оғоз шудани рӯз (равшан шудани дунё) ва ба хоб рафтанашро фаро расидани шаб (тира гаштани офоқ) монанд мекунад, ки манзараи хеле зебову дилангез аст. Таъбири зебои шоиронаи «Бедор шудани шаб» ҳусни шеърро афзудааст:

Дар чашмҳои ту
Чашм мекушояд рӯз.
Пилк ки мебандӣ,
Бедор мешавад шаб.

Ин шоир деҳқонест, ки замини дафтарро бо испори қалам шудгор кардаву тухми калима мекорад:

Шухм мезанам,
Калима мекорам.

Дар шеъри зер тасвири зебоеро мебинем, ки зеборӯе шона бар гесувони худ мезанаду бад-ин восита рӯи худро намоён мекунад ва дили дилдори ӯ аз таҷаллии рӯи маҳбуб об мешавад:

Рӯ ба ман ки шона мекунӣ гесувонатро,
Оҷу абрешим ба ҳам меомезад.
Офтоб қатра-қатра бар нигоҳам мечакад,
Диламро об мекунад.

Дар ин ҷо ташбеҳи шона ба оҷ ва гесу ба абрешим хеле дилнишин афтодааст.

Шоир боридани тагарг ва ба сурати дарё нишастани онро ба гунае зебо тасвир мекунад. Ба таъбири шоиронаи ӯ силки тагарг ресмонест (риштаест), ки бо он дастмоле дар сурати дарё бофта мешавад:

То уқобони осмонҳои дигар бубинанд,
Чӣ гуна аз ресмони тагарг
Дастмоле аз дарё мебофам.

Дар шеъре худро ба раҳнаварде монанд мекунад, ки ба ҳавзи обе мерасаду худро чун моҳӣ, ки ба об фурӯ меравад, дармеёбад:

Тамоми танатро давидам,
Ба обии амиқи чашмонат расидам,
Моҳӣ шудам.

Шоир дар шеъре пайдо шудани майро натиҷаи аз сари меҳр ба ҳам нигоҳ кардани ду ҳабба ангур медонад. Ҳам ин ҷо дорои биноию андеша будани ҳаббаҳои ангур, ки шоир ба қалам додааст, ситуданист:

Ду ҳабба ангур
Бо чашмҳои равшан
Ба ҳам нигоҳ карданд.

Хушае аз май
Токро ба рақс даровард.

Ду ҳабба ангур
Ба ҳам андешиданд,
Шароб ба дунё омад.

Ӯ дар ҷое гесувони ёрашро ба ҷангале дастнохӯрдаву ноошно, чашмони ӯро ба дарёча ва вуҷуди ин манзара (муъҷиза)-ро ба шеъре ноб монанд мекунад ва ба хулоса меояд, ки аз он ки шоирон аз ин падидаи зебо огоҳ нестанд, беҳуда дар пайи ҷустуҷӯи он дар кӯчаҳо саргардонанд:

Ҷангале ношинос аст гесувонат,
Чашмонат дарёчае.
Ҳузури муъҷизае сода
Шеъре ноб.

Шоирон
Беҳуда дар кӯчаҳо саргардонанд.

Дар шеъре ба мухотаби худ мегӯяд, ки ашки ту ғами маро ошкор месозад ва ин ашк, ки аз домани ту ҷорист, хотири парешони ман аст, ки домангират мебошад:

Гиря аз домани ту
Таклифи маро маълум мекунад.

Ин обе, ки бо об меравад даруни баҳор,
Хотири парешони ман аст,
Ки дар домани ту ҷараён дорад.

Бо тавзеҳи ин чанд пора шеър ба поёни гуфтор аз ҳунари шоирии Ҳасани Сафдарӣ мерасем. Ӯ шоирест, ки баёну тасвири мушаххасу муассир дорад ва аксар мекӯшад, ки аз истифодаи одоти ташбеҳ дурӣ гузинад. Ва хуб медонад, ки ин тарзи баён, ки собиқаи дерин дорад, зебоию дилнишинии суханашро боз ҳам бештар мекунад. Тавре ки дидем, ашъори ин шоир аксар кӯтоҳанд, вале ӯ дар ин лафзи андак тавонистааст маънии бисёрро ҷой диҳад.

*2008*

# БАЪЗЕ АЗ ВИЖАГИҲОИ ВАЗНИ АШЪОРИ РӮДАКӢ

Ашъори Устод Рӯдакӣ дар вазнҳои маъмули арӯзи форсӣ ба мисли баҳри ҳазаҷ, рамал, мутақориб, музореъ, хафиф ва ғ. суруда шудаанд. Аз баррасии осори боқимондаи шоир бармеояд, ки ӯ дар офаридани анвоъи гуногуни шеър, маснавӣ, қасида, ғазал аз вазнҳои мувофиқи матлаби худ хуб истифода кардааст. Дар ин равиш бештар оҳангу садои ҳар як вазни шеърӣ барояш судманд намудаанд, ки ӯ барои баёни ҳолатҳои гуногун аз вазнҳои ба мавзӯъ мувофиқ кор гирифтааст.

Перомуни вазни ашъори Одамушшуаро ва гурӯҳбандии онҳо метавон ба таври муфассал андешаронӣ кард. Аммо мақсади мо дар айни ҳол анҷом додани чунин коре нест, чун аз доираи имкони як мақола бурун аст. Дар ин фишурда азм шуд, ки нуктае чанд танҳо роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои вазни шеъри Устоди шоирон баён карда шавад.

Аз намоёнтарин хусусиёти вазни шеъри Рӯдакӣ ба ҷои ду ҳиҷои кӯтоҳ омадани як ҳиҷои дароз аст. Дар намунаҳои зер ба ҷои зиҳофҳои «муфтаъилун» ва «фаъилун» омадани «мафъӯлун»-ро мушоҳида мекунем:

Пӯпак дидам ба ҳаволий Сарахс,
Бонгак барбурда ба абр-андаро.

ва:

Гирифт хоҳам зулфайни анбарини туро...

ки тақтеъашон чунин сурат мегирад:

– – – I – V V – I – V ~
мафъӯлун муфтаъилун фоъилон

ва:

V – V – I – – – I V – V – I V V –
мафоъилун мафъӯлун мафоъилун фаъилун

Аммо дар мисраъҳои дигари ашъори мавриди назар вазни асосии онҳо риоя шудааст, ки ба шакли зайл тақтеъ мешаванд:

... Ранг басе гуна бар он чодаро.

ва:

... Ба бӯса нақш кунам барги ёсамини туро.

– V V – I – V V – I – V –
муфтаъилун муфтаъилун фоъилун

ва:

V – V – I V V – – I V – V – I V V –
мафоъилун фаъилотун мафоъилун фаъилун

Ба ҷои ҳиҷои кӯтоҳ омадани як ҳиҷои дароз дар бисёр шеърҳои Султони шоъирон мушоҳида мешавад. Ҳамин ҷиҳат аст, ки шеъри ӯро дар нигоҳи аввал сактадор нишон медиҳад. Аммо вақте ки дурусттар мутаваҷҷеҳ мешавем, дармеёбем, ки ноҳамворӣ дар он ҷой надорад. Инак ба намунаҳое аз ин даста ашъор таваҷҷуҳ фармоед:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.

ва:

Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб.

Пайдост, ки мисраъи аввали байти нахустин ва ҳарду мисраъи байти дувум аз вазни маъмулӣ як ҳиҷо кам доранд, яъне дар онҳо ба ҷои ду ҳиҷои кӯтоҳ як ҳиҷои дароз омадааст ва ба ҷои

– – V – I – V – V I V – – V I – V ~

аз

– – V I – V – – I – – V I – V ~

истифода шудааст.

Хусусияти дигари вазни шеъри Устод Рӯдакӣ ҳамчун садоноки дароз омадани овози «а» мебошад. Барои мисол чанд пораро зикр менамоем, ки дар онҳо ин овоз бо талаби вазн дароз хонда мешавад, ки инро дар калимаҳои «хоҷа», «зинда», «рафта» ва «мурда» аз намунаҳои зайл дучор меоем:

Ба номи неки ту хоҷ**а** фирефт**а** нашавам,
Ки номи неки ту дом асту зарқ мар нонро.

ё:

Мурда нашавад зинд**а**, зинд**а** ба сутудон шуд,
Ойини ҷаҳон чунин, то гардун гардон шуд.

ва:

Ҳар киро рафт, ҳамебояд рафт**а** шуморӣ,
Ҳар киро мурд, ҳамебояд мурд**а** шумаро.

Ҷои тазаккур аст, ки чунин тарзи ифода дар ашъори шоирони баъдӣ низ ҷо-ҷо ба назар мерасад.

Бо тақозои вазн кӯтоҳ гирифтани овозҳои дароз яке аз вожагиҳои шеъри ин шоир аст. Агарчи дар ашъори суханварони баъд аз Рӯдакӣ ба шакли «хомуш», «фаромуш», «куҳ» зикр шудани «хомӯш», «фаромӯш», «кӯҳ»-ро мушоҳида мекунем, метавон гуфт, ки дар шеъри ӯ шумори чунин калимаҳо аз он ки пасовандонаш ба кор бурдаанд, бештар аст. Дар мисолҳои зер мебинем, ки вай танҳо бо талаби вазн калимаҳои «фарсудан», «ғамгинӣ», «ӯ», «миён», «борик», «пӯст», «фарҳехта», «дӯст», «н-омӯхт», «рӯзбеҳӣ», «ҳуда», «абрешим», «мадеҳаш»-ро ба шакли мухаффаф ба қалам додааст:

На ба охир ҳама бифарсояд,
Ҳар кӣ анҷомрост, **фарсуданист**.

Маро дилест, ки аз **ғамгинӣ** чу дур шавад,
Ба **ғамгинон** шаваду ғам фароз гирад вом.

* * *

Гӯӣ гумоштаст балое ӯ,
Бар ҳар ту дил бар **ӯ** бигмори.

* * *

Чу гирд оранд кирдорат ба маҳшар,
Фурӯ монӣ чу хар ба **м-ёни** шилко.

* * *

Ҷаъд ҳамчун наварди об ба бод
Гӯиё ончунон шикастастӣ.
**М-ёнакаш** нозукак чу шонаи мӯ,
Гӯӣ аз якдигар гусастастӣ.

* * *

Халлухиён хоҳию ҷаммошчашм,
Гирдсурин хоҳию **борикмиён**.

* * *

Чу **пусти** рӯбаҳ бинӣ ба хони вотгарон....

* * *

Зишту **нофарҳихтаву** нобихрадӣ,
Одамирӯию дар ботин бадӣ.

* * *

Маялфанҷ душман, ки душман яке
Фузун асту **дуст** ар ҳазор, андаке.

* * *

Мору ғунда, карбаша бо каждумон
Хӯрда эшон **пусти** рӯи мардумон.

* * *

Ҳар кӣ **н-омухт** аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.

* * *

Ёр бодат тавфиқ, **рузбеҳӣ** бо ту рафиқ,
Давлатат бод ҳариф, душманат ғешаву нол!

* * *

Меҳр хоҳӣ зи ману бемеҳрӣ,
**Ҳуда** хоҳӣ зи ману беҳудай.

* * *

Дева ҳарчанд **абришим** биканад,
Ҳар чӣ он бештар, ба хеш танад.

* * *

Ончи бо ранҷ ёфтию ба зул,
Ту ба осонӣ аз газофа **мадеш!**

Ва баръакс устод Рӯдакӣ бо талаби вазн ба баъзе калимаҳо овозе афзудаву шаклашонро дигар кардааст, ки инро дар табдили «хирадманд» ба «хирадуманд» ва «китф» ба «китиф» мебинем:

Бо **хирадуманд** бевафо бувад ин бахт,
Хештани хешро бикӯш ту як лахт.

* * *

Аз бузургӣ ки ҳастӣ, эй хаштук,
Чокарат бар **китиф** ниҳад дафнук.

Дар охири баъзе мисраъҳои шеъри Рӯдакӣ аз вазни умумии он як ҳиҷо зиёд ба мушоҳида мерасад:

Ҳанӯз бо манию аз ниҳеби рафтани ту
Ба рӯз вақт шуморам, ба шаб ситора шуморам.

Бо тақтеъи ин байт ба дурустии фикр мерасем:
V – V – I V V – – I V – V – I V V –
V – V – I V V – – I V – V – I V V – –

Байти дигарро вобаста ба ин андеша бо тақтеъашон зикр мекунем:

Гетит чунин ояд гарданда бад-ин сон ҳам
Ҳам боди барин ояд, ҳам боди фурудин.

– – V I V – – – I – – V I V – – –
– – V I V – – – I – – V I V – –

Дар баъзе мисраъҳои шеъри Одамушшуаро ба ҷои ҳиҷои фаъ (–) фоъ (~) мушоҳида мешавад, ки талаффузро душвор месозад:

В-ар ба булӯр – андарун бибинӣ, гӯӣ
Гавҳари сурх **аст** ба каффи Мӯсин Имрон.

ё:

Ҳарчанд навбаҳори ҷаҳон **аст** ба чашм хуб,
Дидори хоҷа хубтар он меҳтари ҳасиб.

Равшан аст, ки дар намунаҳои мазкур як ҳиҷо аз вазн берун аст ва ин шояд ба давраи оғозини арӯзи форсӣ ихтисос дошта бошад.

*2008*

# СУХАНРО ЗЕВАРЕ БОЯД

Дар давоми соли 2007 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» намунаҳои офаридаҳои манзуми суханварони тоҷик ба чоп расиданд, ки аз ҷиҳати баёну забону ҳунари шоирӣ дар пояҳои гуногун қарор доштанд. Дар ин фишурда мекӯшам ба қадри фаҳмиши худ ҳусну қубҳи онҳоро арзёбӣ намоям. Дар ин сол дар саҳифаҳои ҳафтанома навиштаҳои зиёде, чи аз қаламкашони солдида ва чи аз насли ҷавонтари мо ба чоп расиданд. Бад-ин манзур хостам онҳоро шартан аз рӯи синни муаллифон ба ду гурӯҳ ҷудо намоям. Хушбахтона, дар қадру гурӯҳ шоирони соҳибистеъдод, ки суханашон ба дил нишинад, дорем ва баҳси мо асосан дар ҳамин доира хоҳад буд.

Дар гурӯҳи аввал (ба тартиби чопи ашъорашон дар ҳафтанома) метавон шоироне мисли Муҳаммад Ғоиб, Гулназар, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Иззатбеки Раштӣ, Муҳтарам Ҳотам, Гулрухсор, Низом Қосим, Рустами Ваҳҳобиён, Аскар Ҳаким, Раҳмат Назрӣ, Сайид Ғоиб, Муҳаммад Холиқро ном бурд, ки дар чакидаҳои хомаашон ҷое кам ва ҷое бештар сухани шоирона ва тасвиру баёни зебо ҷилва мекунад. Ин шоирон тавонистаанд, ба қадри маҳорату истеъдоди худ сухане бигӯянд, ки метавонад ба дили хонандаву шунаванда чанг бизанад. Албатта, таҳлилу баррасии ин масъала маҷоли бештаре мехоҳад. Аммо чун мушт намунаи харвор лозим медонам, чанд пора аз эҷоди ин суханваронро ба унвони далел ин ҷо ёдовар шавам:

Дар он соат, ки мадҳуш одамон аз бодаи нобанд,
**Чароғи рӯзро** аз **тоқи** тори **шаб** намеёбанд.

* * *

**Дарёи ғами** ишқ дилам кард хароб,
Эй **сел**, маё, дар ин **замин** хок намонд.

(Муҳаммад Ғоиб)

* * *

... Баъд аз ин падруд, падруд,
Эй шаб, эй **шаб, ҳамнишини зангии** ман!

* * *

Дар лабаш **шамъи табассум** мурда буд,
**Сабзаи ҳусни** тараш **афсурда** буд.

(Гулназар).

* * *

Базми хуршед аст дар шабҳои ту,
**Хуни** сад **ток** аст дар лабҳои ту.

* * *

Аз **лаби таърихи** ман хун меравад.

* * *

Гашта сурх аз хуни ман **лабҳои марг**.

(Муҳаммадалии Аҷамӣ)

* * *

Бе ту чун кабки пойдарбандам,
Балки як марди маҳбасияму бас,
Менамоям гуноҳи худ такрор,
То наоям бурун аз ин маҳбас.

(Иззатбеки Раштӣ)

* * *

Ман чаҳор фасли як нафасро
Дар вуҷуди хеш
Наметавонам бетааммул эҳсос кунам:
Вақте ки ҳанӯз нафас наомада,
Дар димоғи ман ҳавои зимистон аст.
Бо омадани нафас
Дар дилам баҳор мерасад.
Биншастанаш чу тобистон,

Фасли хурӯшонӣ бо шарёнҳост.
Ва аммо рафтанаш
Тирамоҳ аст,
Оҳ аст.

(Муҳтарам Ҳотам)

* * *

Дар он фасле ки анбӯҳи дарахтон **барг мегирянд,**
Башорат деҳ ту аз наврӯзи фардои наоянда.

(Гулрухсор)

* * *

Фаластин,
Хонаи бе бому дар.
Эй хони беноми замон,
Эй давлати бемарз ҷовидон,
Нигоҳи хаставу уммедворат бар самост,
Эй мурғи парбишкастаи таърих.

(Низом Қосим)

* * *

... **Нишаста** дар таҳи як хирмани гул боғи хубонӣ
**Тани худро** ба **шири моҳ** мешӯяд.

(Рустами Ваҳҳобиён)

* * *

Агар ой, чаро по бар замин монӣ,
маро чашме чу бар роҳ аст.

* * *

Ва дар роҳат **чароғи лоларо** хоҳам фурӯзон кард,
Ки ту, шохи чаманорой, аз роҳи чаман ойӣ.

(Аскар Ҳаким)

* * *

**Пашшаи андешаам** то бомдод
Хор-хор аз **хоби** ман **хун** мемакад.

(Раҳмат Назрӣ)

* * *

**Ношод** зи ҳамсуҳбатии **шод** гурезад,
Чун **сайд**, ки аз шарфаи **сайёд** гурезад.

* * *

**Нахли байтам** аз **гили озори** ман рӯидааст,
Аз замини қалби оташбори ман рӯидааст.

(Сайид Ғоиб)

* * *

Бараҳнагӣ чӣ бипӯшам ба домане ки надорам,
Чароғи шуълакашам, оҳи равшане ки надорам.
Зи ҳаю ҳой гузаштам, зи дасту пой гузаштам,
Ниҳода бори гаронам ба гардане ки надорам.
Ба ранги оина сурат гирифтаам зи таҳайюр,
Куҷо равам зи хаёлат ба рафтане ки надорам?

* * *

Оина равшан аз нафаси гарми ҷавҳар аст,
Мавҷ аст дар ҷабини ям ожанги ошно.

(Муҳаммад Холиқ)

Агар пораҳои фавқро тавзеҳу ташреҳ кунем, вақти хонанда зоеъ хоҳад шуд. Аз ин рӯ дарку фаҳмидани онҳоро ба зеҳни хонандаи нуктасанҷ, ки мутмаинам худ шеършинос аст, ҳавола менамоям.

Аз байни шоирони ҷавон, ки низ ашъорашон дар ҳафтанома ба табъ расидааст, метавон аз соҳибистеъдодҳое чун Озар, Олиҳаи Хуҷандӣ, Султони Назришо, Адиба ва Шаҳноз ёдовар шуд, офаридаҳои зебое аз табъи худро ба ҳаводорони шеър пешкаш кардаанд. Инак чанд намуна бидуни шаҳру тавзеҳ аз эҷоди инон:

Гирифт **дафтари** ман ранги **арғавон** бе ту,
Ки **ҳарф-ҳарф** бувад захми **хунчакон** бе ту.

* * *

На дигар зард, на сурх,
Рухи ман пажмурдаст
Ва дукони рангаш
Ашк аз ҷо бурдаст.

(Озар)

* * *

Зиндагиям чист? –
Як ниҳоли ғарқи гул андар канори бод,
Дафтари шеъри хуше дар рӯд.
Як чаман ҳусну латофат пеши чашми кӯр.
Зиндагиям гавҳари ашк аст,
Мефитад аз шохаи мижгон.

* * *

Нависад **килки мижгон байти обӣ.**
(Олиҳаи Хуҷандӣ)

* * *

**Гулӯи шаб** ба зери **дасти хуршед**
Чу **сайде** буд аз **сайёд** навмед.
(Султони Назришо)

* * *

Агар зулмат либоси фитрати ӯст,
Ба фикри хеш кисват аз саҳар кун.

* * *

Қалби ман Каъба-сту ишқи ӯ мисоли Замзамаш.

* * *

Анҷуманро аҷнабӣ, бегонадил уфтодаам,
Ё маро девона кун, ё халқро ҳушёр кун!
(Адиба)

* * *

Тасвири оҳувонаи чашми сиёҳи кист
Дунболи сабзазори дили ночаридаам?
(Шаҳноз)

Тавре ки дидем, дар офаридаҳои табъи ҳамаи шоироне ки зикрашон рафт, ҳунари шоирӣ ба назар мерасад. Аммо ҳақиқат ин аст, ки кори ҳама яксон нест. Дар муқобили зебоиҳо, ки дар ашъори эшон эҳсос мешавад, сухани бархе гӯяндагон аз навоқиси забону баён, таносуби калом ва вазну қофия орӣ нест.

Нахуст ба норасоии забони баъзе аз пораҳо таваҷҷуҳ мекунем. Шоир Муҳаммад Юсуф ба хотири вазни мисраъ калимаи **«кишвар**»-ро ба гунаи **«кишварон»** ҷамъбандӣ кардааст, ки пазируфтанӣ нест, балки гӯшхарош аст:

**Кишварон** бикшодаӣ бо қудрати фарҳанги хеш...

Имрӯз дар шеър таъбироте мисли **«каси роҳи куҳан паймуда»** (Муҳаммад Ғоиб) фаровон ба кор меравад, ки барҳамзанандаи зебоии каломанд: Газад ангушт **каси роҳи куҳан паймуда.**

Ҳамчунин ин шоир **«тавлид»**-ро ба ҷои **«таваллуд»** истифода бурдааст, ки комилан ғалат аст:

**Тавлид** гиря бехабар аз ханда мешавад.

Ба ҷои **«муаттал»** ба кор бурдани **«маътал»** (?) низ яке аз иштибоҳоти ӯст:

Хунобхӯрда **маътали** ними ишора аст.

Калимаи **«сабӯён»** ки Алии Муҳаммадӣ сохтааст, низ қобили қабул намебошад:

Ошиқон базми **сабӯён** ҳама рафтанд, биё.

Дар навиштаҳои Раънои Мубориз калимаи «зӯр» ба маънии тавоноӣ аст, дар ҳоле ки он маънои тавонро дорад:

Чу ман, чу ман каси **зӯру** матин фидои ту бод!

Ҳамчунин ба ҷои **«ҳар даво»** **«ҳар давоҳо»** гуфтани ӯ хуб нест:

Чӣ гуна бе ту зиҳам, эй зи **ҳар давоҳо** зӯр?

Калимаи лаҳҷавии **«наход»**-ро ба кор бурдани Раъно низ аз ин даст аст:

**Наход** нест касе, ки ба базми мо ояд?

**«Аён гаштани симо»** қобили фаҳм аст. Аммо **«баён гаштани симо»**-ро, ки Раъно мегӯяд, нашунидаем:

**Симои** тоҷикияш зудат **баён бигардад.**

Ҳамчунин **«шеър»**-ро **«мавод»** гуфтан нописандида аст.

Бибин, ки **шеъри** ман аст, ин ки рӯбарӯи ту аст,
Ту ғофилона варо навтарин **мавод** магӯ.

Шоир Абдумалик Баҳорӣ хилофи талаботи забони шеър калимаҳои **«канӣ», «ҳамин хел» ва «мекофтӣ»**-ро истеъмол кардааст, ки хуб нест, зеро аввалӣ бегона аст, дутои баъди аслан маънии дигар доранд:

**Канӣ** акнун саломатро алекат?

* * *

**Ҳамин хел** авҷ мегирад ҷунунам.

* * *

Бо нигоҳат ту маро **мекофтӣ.**

Шоира Зулфия Атоӣ калимаи **«раҳм»**-ро ба хотири қофия шуданаш бо **«ҳалим»** ба гунаи **«раҳим»** овардааст, ки сахт норавост ва ҳам бемаънист:

Гаҳ суфтаю нарму ҳалим, гоҳе дурушту **бераҳим...**

Шоира Меҳринисо калимаи лаҳҷавии **«барин»**-ро ба маънии «монанд» истифода кардааст, ки дар шеър падидаи зишт аст:

Меҳварам гумшуда, бемеҳробам,
Зиндаву мурда **баринам,** ту биё!

Шоира Гулрухсор **«қимат»**-ро ба маънии «арзишнок» ба кор бурдааст, ки хилофи маънои луғавии калима мебошад:

Як сол зи умри **қиматам** буду набуд.

Шоир Раҳмат Назрӣ ҳамон шакли ибораеро, ки аз шеъри Муҳаммад Ғоиб мисол овардам, ба қалам додааст, ки хосси забони шеър нест:

**Дарвозаи содаи ба рӯям баста.**

* * *

Як **хонаи равшани чароғаш гирён.**

Ӯ ҳамчунин ҷое ба ҷои **«дӯст доштам» «нағз дидам»**-ро ба кор бурдааст, ки аз забони адабии мо дур аст:

Туро нодида ширин **нағз дидам.**

Агар аз дидгоҳи ҳунарӣ ва талаби аслии шеър бингарем, баъзе офаридаҳои ин шоир нақли содаи бепирояи ин ё он ҳолатанду бас. Масалан:

Вале ӯ номаи меҳри маро дар оташ афканд.
Барои содалавҳии дили худ хашмам омад.
Дареғи сӯзҳову созҳову розҳоям,
Чунон аз хашм хандидам, ки оби чашмам омад. (?)

Шоира Шаҳрия ба ҷои **«таслият» «тасаллият»** гуфтааст, ки дуруст нест:

Бари **тасаллиятам** кас накард ранҷа қадам.

Ин мисраъро метавон чунин тасҳеҳ кард:

**Барои таслиятам** кас накард ранҷа қадам.

Аз ғалати забону баён ки бигзарем, дар шеъри баъзе аз шоирон ба ғалати вазну қофия рӯбарӯ мешавем. Инон баъзан хилофи қоида овозҳои кӯтоҳро мекашанду овозҳои дарозро кӯтоҳ мегиранд, ки сахт норавост. Инак, чанд намуна аз имола (кашиш)-и овоз:

Ба як до**и**ра дар доираи соҳибҳунарҳо буд.
(Муҳаммад Ғоиб)

* * *

Зиндагиро ба рав**и**шу роҳи нав оғозем.
(Алии Муҳаммадӣ)

* * *

Ҷоме**ъ**а агар бе фару ҳанг аст, Муҳаммад...

* * *

Биё, фоҳ**и**ша дунёро ба ҳиммат кӯру кар созем.
(Муҳаммадалии Нуралӣ)

* * *

Худ ту аршӣ, манам ол**и**ҳаи ту.
(Олиҳаи Хуҷандӣ)

* * *

Аблаҳе шор**е**ҳи шеъри Рӯдакӣ.
(Гулрухсор)

Бештар аз ин тахфифи овоз дар навиштаҳои баъзе аз суханварон ба назар мерасад, ки доғе дар пайкари сухан аст.

Тоби раҳ по**и**дан аз пайкари маҳтоб равад.

* * *

Тор аз ҳисоби ёзиданаш канда мешавад.
(Мумаммад Ғоиб)

* * *

Мағр**у**р аз ҳусни накӯён ҳама рафтанд, биё.
(Алии Муҳаммадӣ)

* * *

Ту эй р**у**сто, чӣ медонӣ, дигар рустоадаб ҳастам.

(Раъно)

* * *

Нанг аст, агар одам**и**ро нанг набошад.

* * *

Фарҳанг фақат шеъру наво, рақсу сур**у**д нест.

* * *

Оқилон ончи нафасг**и**р шавад, эҷод кунанд.

* * *

Фурсати ислоҳу таҳв**и**лҳо гузашт.

(Муҳаммадалии Нуралӣ)

* * *

Об шуд обд**и**ҳоро пойбӯс.

* * *

Шаҳр**и**ҳо чун марди деҳқон нестанд.

(Гулрухсор)

* * *

Маро дар рӯди хотир нил**у**фар кун.

(Адиба)

* * *

Бар бӯи худ тапида х**у**н аз ранги ошно.

* * *

Масти зи ҳуш **рафтаем** аз банги ошно.

(Муҳаммад Холиқ)

* * *

Ман паршикаста **неста(м),** ман дилшикастаам.

* * *

Инак, шитоби **будана(м)** таҳрир кардаам.

(Шаҳрия)

Бояд гуфт, ки Киром Остонзода дар ин вазн шеъре дорад бо даҳ ғалати вазн. Инак чанд сатри ғалат аз он:

Ашъори **Бедилона(т)** парвозвар (?) ба арш.

* * *

Шеъре ки аҳли хобр**о** бедор мекунад.

* * *

Дар ваҳдати замонаҳ**о** ҳамкор мекунад.

Яке аз сабабҳои хароб шудани вазни шеъри шоирони мо ба назар нагирифтани ҳарфи «айн» (ъ) мебошад, ки худ ҳамсадост, на садонок. Инак чанд намунаи ғалат:

Ман охир **и**шқзамиру туӣ ҳавоболишт.
(Раъно)

* * *

Ба ҳавое **о**шиқам ман,
Ба навое **о**шиқам ман.
(Гулназар)

* * *

Эй дил, **у**мрест**,** ки дар қайди ғамаш побандӣ.
(Мирзо Шукурзода)

* * *

Хоҳам аз Парвардигор **у**мри дарози модарам.
(Меҳринисо)

* * *

Ман **ишқи** талхи ту дар дил мазор хоҳам кард.
(Муҳаммадалии Нуралӣ)

* * *

Маро дар ҷоми чашм **а**зб аст ёдат.
(Адиба)

* * *

Ва нақши қаср дар **о**лам шиносномаи мост.
(Салимшо)

Ғалати дигар бидуни ташдид овардани овозҳои мушаддад ва баръакси он мебошад. Мисол ин ба ҷои «тило» «тилло» ва ба ҷои «Ҳавво» «Ҳаво» ва ба ҷои «зарра» «зара» гуфтан аст:

Аз талоши Одаму **Момоҳаво** ёдест.
(Гулназар)

* * *

Бӯсаи Одам **Ҳаворо** маст кард.
(Муҳаммадалии Аҷамӣ)

* * *

Дар ҳар **зара** оғози туро мебинам.
(Гулрухсор)

* * *

Зи нақши нағмасароёни шаҳри **тиллоӣ**...
(Салимшо)

Ғалати дигар, ки баъд аз вазн аст, марбути қофия мебошад. Мутаасифона, дар ин самт низ ноҳамвории зиёде ба назар мерасад. Инак, чанде аз намунаҳоро пеш меорам. Дар шеъри шоира Зулфия **«куштӣ»** бо **«ангушти»,** ки ҳуруфи охирашон мутафовитанд, ҳамқофия дониста шудааст, ки саҳеҳ нест, балки нақсаш ба назар намоён аст:

Ту «муштипар» гуфтӣ маро, куштӣ маро, **куштӣ** маро...
Оё надидӣ, бехабар, зӯри **сарангушти** маро.

Қофияи ғалати дигар дар шеъри ӯ бо ҳам омадани **«шум»** ва **«қулзум»** аст, ки садоноки ҳиҷои охирашон фарқкунанда мебошад:

Туро гармоба бурданд он дами **шум,**
Шуд он гармоба аз хуни ту **қулзум.**

Шоира Меҳринисо низ **«дасти дарози»**-ро бо **«розӣ, намозӣ, «сарфарозӣ»** қофия бастааст, ки норавост. Гуфтанист, ки дар як байти шоира вазни мисраъҳо гуногун аст:

Модарам рафт ва бояд биравам,
Ҷустуҷӯяш, валек то ба куҷо?

Шоира Гулрухсор «**ӯст**»-ро ба «**нахуст»** ва «**хоин**»-у «**валекин**»-ро бо «**ширин**» қофия кардааст, ки иштибоҳ аст:

З-он нур к-аз **ӯст**, рӯй мебояд шуст,
Бо барфи **нахуст** рӯй мебояд шуст.

* * *

Ҳанӯзам талху **ширин** дӯстат дорам...
Ҳанӯзам бахти **хоин** дӯстат дорам...
Намеарзӣ, **валекин** дӯстат дорам.

Шоир Басир Расо «шаҳр»-ро бо «баҳр» ва «гуфтугӯ»-ро бо «вуқӯъ» ҳамқофия донистааст, ки мутлақо ғалат аст:

Муддате саргарми сайри **шаҳр** буд,
Дар назар кашшофи буму **баҳр** буд.

* * *

Ҳикмате волост андар **гуфтугӯ**:
Кун илоҷи воқиа пеш аз **вуқӯъ.**

Шоир Салимшо Ҳалимшо дар қофия бо калимаҳои «равшан», «сухан», «фан», «ман» калимаи «ҳатман»-ро овардааст, ки ҳарфи охираш дигар аст ва наметавон онро бо ҳарфи «нун» ҳамқофия донист.

Аз баррасии ашъори шоирони имрӯзи мо бармеояд, ки ҳанӯз аксарият бо алифбои шоирӣ – вазну қофия ошноии дуруст надоранд ва ин боиси афсӯс аст. Ҳайф аст, ки шоири форсизабон дониши одии шоирӣ надошта бошаду алифбои форсиро надонад. Мутаассифона, мо аз ин камбуд фаровон дорем.

Дар ин фишурда наметавон ҳамаи паҳлӯҳои навиштаҳои тамоми суханваронро, ки дар давоми соли 2007 дар

ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ба чоп расидаанд, таҳлилу баррасӣ кард. Аз ин баррасӣ шояд намунаи ашъори чанд тан аз шоирон берун монда бошад, ки ба иллати дастнорасии баъзе шумораҳои ҳафтанома иттифоқ афтод. Аммо дар маҷмӯъ аз баррасии намунаҳои дастрас метавон ба вазъи умумии шеъри имрӯзи мо баҳои сазовор дод. Танҳо зикри чакидаи хомаи тақрибан 25 нафарро, ки маъаттаасуф аз навиштаҳояшон чизе ба номи шеър ба даст наёмад, лозим надонистам, зеро нахостам вақти хонандаи нуктасанҷро ба ҷалби таваҷҷуҳ ба нукоти нолозим зоеъ намоям.

Агар аз навиштаҳои ин 25 нафар сарфи назар намоем ва аз доираи адабиёт ба шумор наёварем, дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки шеъри мо нисбат ба чанд даҳсолаи пешин хеле рушд кардааст. Умед ҳаст, ки шоирони ростине, ки ба майдони адабиёт омадаанду меоянд, вазъи онро боз ҳам беҳтар хоҳанд кард.

Аз ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» хоҳишам ин аст, ки минбаъд танҳо намунаҳоеро, ки воқиан хубу зебову бенақсанд, ба унвони шеър ба чоп диҳад, то ба суди оянда бошад.

*2008*

# ҲАЙФИ ЗАР БОШАД
# БА ДАСТИ МИСГАРОН

Ду сол қабл бо ибтикори Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон ҷаласае доир ба баррасии ҳусну қубҳи китобҳои дарсии забону адабиёти тоҷикӣ барои мактабҳои миёна баргузор шуда буд, ки дар он донишмандони зиёди соҳа, аз ҷумла Вазири маорифи ҷумҳурӣ ва намояндагони ин вазорат ширкат доштанд. Дар ҷаласа суханшиносон ба масоиле марбут ба китобҳои дарсӣ, алалхусус ба сифату муҳтавои китобҳои мавриди назар ибрози андеша намуданд ва ба аксари китобҳо эродҳои ҷиддии мантиқӣ гирифтанд. Гуфтанист, ки он ҷо баъзе таҳиягарони ин китобҳо низ ҳузур доштанд ва аз эродҳои сариватӣ огоҳ гашта буданд. Яке аз китобҳое, ки мавриди интиқоди ҷиддӣ қарор гирифт, «Адабиёти тоҷик» (синфи 5) дар таҳияи Тӯйчӣ Мирзод, Розиқ Ҳамидов ва Мирзохӯҷаи Пирзод буд.

Моҳе қабл чопи нави ҳамин китоб ба дастам афтод. Ба умеди ин ки таҳиягарон шояд баъди интиқодоти ҷиддии суханшиносон ғалатҳои онро ислоҳ карда бошанд, варақгардонаш кардам. Аммо ба фармудаи Пири Тӯсӣ «Умедам ба якбора барбод шуд».

Бо таассуф метавон гуфт, ки китоби мавриди назар асосан бо ҳамон ғалатҳое, ки дар чопи пешин дошт, ба табъ расидааст ва метавонад мағзи 125 000 (!) хонандаи покизамағзро хароб намояд ва эшонро бо устодонашон ба каҷравӣ раҳнамун гардад. Инак, баъди гурӯҳбандии ағлоти китоб ба таври ихтисор бастае чанд аз ин дастаҳоро ба қалам медиҳам, то хонанда ба худ тасаввур намояд, ки аҳволи китобу ҳоли мактаб чун аст.

Иштибоҳоте, ки дар ин китоб ба назар мерасанд, асосан марбут ба ғалатхонии мутуни куҳан аз хатти форсӣ, надонистани қавоиди вазну қофияи шеър, шарҳи нодурусту но-

комили иборaву каламот, табдили нораво ва афтодагию афзоиши овозу каламот дар матн мебошанд, ки аз ноогоҳӣ ва камҳавсалагии таҳиягарони ин мутун сар задаанд. Инак, намунае чанд аз ин ғалатҳо ба баррасии хонандаи нуктасанҷ пешкаш мешавад:

**1. Ғалатхонӣ.**

Таҳиягарон калимаи «бармало»-ро аз ду ҷузъ дониставу ҷудо навиштаанд ва дар қисми луғат танҳо «мало»-ро овардаву шарҳ додаанд:

Эй доя, рози ман **бар мало** афтодааст... (36)

Дар ҷои дигар эшон «нақл»-ро «нуқл» хондаву дар луғат нодуруст шарҳ додаанд: «Ақлу **нуқлро** ҳамчун тарозу рост дор... (40)

Аз байти машҳури зер калимаи «сарӣ»-ро ғалат овардаанд, аммо аз чӣ бошад, ки шакли дурусти онро дар ҷои дигар (с. 54) сабт кардаанд:

Гар **саре** ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,
Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ. (47)

Тааҷҷубовар ин аст, ки «бихарад»-ро, ки аз масдари «харидан» аст, бо «вов» зикр кардаанд ва «нахурад»-ро низ ҳамсони он, ки дар натиҷа маънию қофияи шеър ғалат шудааст:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам **бих(в)арад**...
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам **нахварад**. (49)

Дар байти дигар «ниҳонит»-ро «ниҳонат» ва «ниҳонӣ»-ро «ниҳон» ба қалам додаанд, ки боиси харобии вазн шудааст:

Бад-ин ошкорат бубин ошкор,
**Ниҳонатро** бар **ниҳон** гумор. (49)

Дар ҷои дигар «ой»-ро дар ҳамон шакли ғалате, ки дар чопҳои пешин дошт, (яъне «эй») нигоҳ доштаву ба «бошад» овозе илова кардаанд, ки байтро хароб мекунад:

**Эй** дареғо, ки хирадмандро
**Бошаду** фарзанду хирадманд не. (49)

Калимаи «маҳиб»-ро барғалат «муҳиб» хондаанд, ки аз ҷиҳати вазну навишту маънӣ мутафовитанд:

Наффот барқи равшану тундар-ш таблзан,
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин **муҳиб.** (51)

Аз байти зайл «борик ваҳм»-ро ба гунаи «борикӣ ҳам» қаламдод кардаанд, ки вазну маънӣ хароб шудааст:

Агарчи бикӯшам аз **борикӣ ҳам,**
Дар ин парда андар маро бор нест. (54)

Байти зерро билкул «тасҳеҳ» кардаанд, ки дар ҷое мавҷуд нест. Барои дуруст шудани вазни он «чу натвонӣ кардан»-ро бояд «ки ҳеч натвонӣ кард» бихонем, ки аслаш ҳамин аст:

Имрӯз бикун чу метавонӣ коре,
Фардо чӣ кунӣ **чу натвонӣ кардан**. (60)

«Лафзи андак» ва «маонии бисёр»-ро бидуни изофат овардаанд, ки маънӣ намедиҳад: Мехоҳам сухане чанд муфид дар **лафз андак, маонӣ бисёр** ҷамъ созӣ... (64)

Аз байти зайл «сияҳ»-ро бояд «сиёҳ» хонд, то вазн дуруст шавад:

Аз қаъри гили **сияҳ** то авҷи Зуҳал
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал... (68)

Ҷои дигар таҳиягарон «бар сарат»-ро барғалат «ба сарам» хондаанд, ки боиси харобии вазну маънӣ шудааст:

Матоз бар сари мазлуми сокин, эй золим,
Ки дасти фитнаи айём **ба сарам** тозад. (73)

Аз ин байт «соҳибсарире»-ро бояд «соҳибсарирӣ» хонд, то таносуб барҷо бимонад, зеро «фархундаӣ» ва «огандаӣ», ки ба шахси дувум нигаронида шудаанд, ба ин далолат мекунанд:

Эй ки ту мағрури бахту давлати фархундаӣ,
Хоҷаи **соҳибсарире,** мафраши (?) огандаӣ. (74)

Бар асари дасткории таҳиягарон вазни ҳарду мисраи байти зер хароб шудааст:

Майосой **зи** омӯхтан як замон,
Зи дониш **дил маяфкан** андар гумон. (74)

Шакли дурусти байт ин аст:

Маёсой **з-омӯхтан** як замон,
Зи дониш **маяфкан дил** андар гумон.

«Ҳиял»-ро «ҳайл» хондан ва онро ба ҳамин шакл дар шарҳи луғот овардани таҳиягарони матн дараҷаи донишашонро нишон медиҳад: ... Бисёр достонҳои рӯбоҳон дида ва достонҳои **ҳайли** эшон шунида... (91)

«Риштагарони фитрат»-ро «риштаи гарон фитрат» ва «мутанаббиҳ»-ро «мутанба» хондан аҷиб аст: Бо худ гуфт: «Шоҳ дар ин паргор айби наққош кардааст ва надониста ки **риштаи гарон фитратро** дар коргоҳи фалак як сари сӯзан хато набошад. Ман ӯро ба сарриштаи ростӣ афкандам, то аз мавқеъи ин зилат (?) **мутанба** шавад...» (92)

Аз рубоии зайл «буд»-ро бояд «бувад» хонд, то таносуби замонӣ барқарор гардад:

Он к-ӯ ба саломате ноне дорад
В-аз баҳри нишаст ошёне дорад.
На ходими кас **буд,** на махдуми касе.
Гӯ: «Шод бизӣ, ки хуш ҷаҳоне дорад». (94)

Аз байти зер **«амри наҳийи подшоҳон»**-ро бояд «амру наҳйи подшоҳон» хонд, то вазн солим гардад:

**Амри наҳийи** подшоҳони ҷаҳон сар то ба сар,
Пеши наздикони вай гашта муғаррар, ҳеҷ аст. (98)

Аз байти зайл «садақа»-и аввалро «садқае» ва сониро «садқа» бояд хонд, то вазн солим гардад:

**Садақа** к-олуда гардад бо риё,
Кай бувад он садақа мақбули Худо? (101)

Калимаи «пурхӯрӣ», ки боиси харобии вазну қофия шудааст, дар асл «пурхорӣ»-ст:

Иллати мардум зи **пурхӯрӣ** бувад,
Хӯрдани пур тухми беморӣ бувад. (106)

Таҳиягарон ба иллати ноогоҳӣ аз арӯз ва қолаби калима «таҳайюр»-ро «таҳйир» хондаанд ва онро дар қисми луғат ба гунае аҷиб шарҳ додаанд:

Дар **таҳйири** тифл мезад дасту по,
Об бурдаш то ба нови осиё. (108)

Дар байти зер таҳиягарон ду ғалат «эҷод» кардаву «к-он»-ро «ки он» хондаанду дар мисраи дувум ҷои калимаҳоро тағйир додаанд, ки ин боиси харобии вазн шудааст:

Хост шуд дар нов, **ки он** модар бидид,
Шуд ба пеш, **аз пас рафт** рафт расид. (108)

Вазни мисраи аввали байти зер хароб аст ва аз мисраи дувум «бани дандон»-ро бояд «буни дандон» хонд:

Сад коса ангубинро як зарра бас бувад,
З-он чошнӣ, ки дар бани дандони арқам аст. (95)

Ҳарду мисраи байтҳои зайл ғалат омадааст, ки аслаш маълум нашуд:

Рӯзе нигар, ки тӯтии чашмам ба лабат,
Аз баҳри писта омаду бар шакар афтод. (94)

Ҷумла **раҳ ба раҳ** ҳам мурда буд,
Ними зинда **ним** мурда хӯрда буд. (108)

Дар байти дигар ба ҷои «ҳолӣ хар бирафт» «ҳоли хар бирӯфт» омадааст, ки ҳеч маънӣ намедиҳад:

Рафт сӯи осиёву хуш бихуфт,
Чун бихуфт он мард, ҳоли хар **бирӯфт**. (109)

Ҳарду мисраи байти зер низ аз нигоҳи вазн ғалат омадааст:

Гург он харро бидриду бихвард,
Рӯзи дигар товон хост он мард. (109)

Аз байти зер калимаи «гурусна»-ро «гурсуна» бояд хонд, то вазн дуруст шавад:

Мир гуфто: Ҳар кӣ гурги яктана
Сар диҳад дар дашту саҳро **гурусна**... (109)

Аз байти зер калимаи «вазирӣ»-ро бо изофат бояд хонд:

Рустозодагони донишманд,
Ба **вазирӣ** подшо рафтанд. (115)

«Шиками хира»-ро «шикамхора» хондани таҳиягарон боиси харобии вазну маънӣ шудааст:

Эй **шикамхора** ба ноне бисоз,
То накунӣ пушт ба хидмат дуто. (118)

Аз байти зер калимаҳои «лоғарӣ» ва «аблаҳи»-ро бояд «лоғаре» ва «аблаҳе» хонд, то маънӣ ба ҷо ояд:

Он шунидӣ, ки **лоғарӣ** доно,
Гуфт боре ба **аблаҳи** фарбеҳ... (123)

Дар мисраи зайл «мавҷуду» ба «мавҷуди» ва «нафасе» ба «нафас» табдил шудааст, ки ғалат мебошад:

Ғами **мавҷуди** парешонии маъдум надорам,
**Нафас** мезанам осудаву умре ба сар орам. (129)

Ҷои дигар «**Ҳотами Тоӣ**»-ро «Ҳотами Той» хондани таҳиягарон вазни шеърро хароб кардааст:

Ҳар кӣ нон аз амали хеш хурад,
Миннати Ҳотами **Той** набарад. (131)

Ба сабаби нодуруст хондани калимаҳо байтро маънан ва шаклан ғалат кардаанд:

Чӣ хуш гуфт золе ба фарзанди хеш,
Чу дидаш **паланг афканду** пилтан. (138)

Аз ин байт «паланг афканд»-ро «палангафкан» бояд хонд, ки дуруст аст ва он дар саҳифаи 134-и ҳамин китоб омадааст.

Байти:

Шоҳ гуфташ: Эй баландмақом,
Толиби илмро ба ҷиддӣ тамом. (145)

-ро ба гунаи зайл бояд хонд, то дуруст шавад:

Шоҳ гуфташ, ки «Эй баландмақом,
Толибӣ илмро ба ҷидди тамом».

Таҳиягарон байти зерро ба гунаи музҳик даровардаанд, ки боиси харобии вазну маънӣ шудааст:

Хонааш дур буд з-он манзил,
Бешае буд дар **миёни ҳоил**. (148)

«Миёни ҳоил»-ро бояд «миён ҳоил» бихонем, то байт дуруст гардад, на ба изофат, ки таҳиягарон дар луғат ба ҳамин гуна («миёни ҳоил») шарҳ додаанд. Ин ғалат аз надонистани маънии калимаи «ҳоил», ки хавфноку пурбим аст, маншаъ гирифтааст.

Аз байти зер «миёни шон»-ро бояд «миёншон» бихонем, то вазну маънӣ дуруст ояд:

Аз **миёни шон** саге гузар мекард,
В-аз ҳаёҳуяшон ҳазар мекард. (150)

«Гаве»-ро «кӯе» хондани таҳиягарон аз маънишиносии онҳост:

Аспи бадфеъл низ тарф набаст,
Пои вай дар **кӯе** фитоду шикаст. (150)

Намедонам «чархсарир»-ро «чархи сарир» хондан чӣ маънӣ дорад:

Гуфт, к- Эй офтоби **чархи сарир**,
Нест пӯшида бар замири мунир... (153)

Аз байти зер «ки эй»-ро бояд «к-эй» хонд:

Гуфт Баҳлул, **ки «Эй** ғалатбинон,
Сар ба сар сурати нуқатбинон...» (156)

Барои дуруст шудани вазну маънӣ аз мисоли зайл «сар занад»-ро бояд «саф зананд» бихонем, ки аслаш ҳамон аст:

Дар ҳалқаи сагони дараш меравам, ки боз
Аҳбоб **сар занад** ба гирди сарои дӯст. (159)

Асли мисраи аввали байти зер:

Омад **бӯи** хушдилам аз рангу бӯи гул,
Он беҳ, ки май кашам ду-се рӯзе ба рӯи гул. (159)

чунин аст:
Омад баҳору хушдилам аз рангу бӯи гул.

Дар байти зер «аз»-ро бояд «ба» хонд:

Баъд ояд ба дастбӯси падар,
Бӯса бахшад падар **аз** рӯи писар. (245)

«Афсурдаи беҷон»-ро «афсӯрда, беҷон» хондани таҳиягарони китоб вазни шеърро хароб кардааст:

Чанд гӯям ба ту фарзанди мусулмон, афсӯс,
Ба ту эй унсури **афсӯрда, беҷон** афсӯс. (249)

Аҷиб аст, ки эшон «ниҳонӣ»-ро «пинҳонӣ» навиштаву вазнро хароб кардаанд:

Чашм дар роҳи камоли дигаронӣ, то кай?
Ту ба ин пардаи торик **пинҳонӣ** то кай? (249)

Аз байти зер «сафшикане»-ро бояд «сафшикани» хонд:

Баҳри ватандасти тавоно шавӣ,
**Сафшикане** фирқаи аъдо шавӣ. (250)

Таҳиягарон дар ду байт ба сабаби ноогоҳӣ шакли мухаффафи калимаи «азамат» – «азмат»-ро «аъзамат» зикр кардаву вазнро хароб кардаанд:

Зинда кунӣ равнақи пешини мо,
Тоза кунӣ **аъзамати** дерини мо. (250)

Ва:

Қувваи дилҳои мусулмон туӣ,
**Аъзамати** ояндаи афғон туӣ. (250)

Нилгун будани лоларо бори аввал дар ҳамин китоб метавон пайдо кард, ки аслаш дар матн «нигун» будааст:

Он лола чӣ дида, ки **нилгун** медамад имрӯз,
В-он сабза чаро зарду забун медамад имрӯз? (252)

Аз мисраъҳои зер бо талаби вазн «бараҳна»-ро бояд «барҳана» ва бо тақозои маънӣ «душман шикану»-ро «душманшикану», яъне пайваст хонд:

Он **бараҳнапо** сарви сарафроз туӣ, ту...
**Душман шикану** фотеҳу сарбоз туӣ, ту. (252)

**2. Табдили овозу калимаҳо.**

Таҳиягарони китоби мавриди назар ба сабаби надонистани арӯз иваз шудани овозҳо ва ҷои баъзе калимаҳоро дар матн эҳсос накардаанд, ки боиси харобии вазну қофия шудааст. Дар зер шакли ғалати мисраъу байтҳо ва дар қавсайн гунаи дурусти ин калимотро нишон медиҳем:

1. Хусраво, **ногоҳ** хазоне даррасад гулзорро... (73) (ногаҳ)

2. Оҳи мазлумон **саҳаргоҳ бияфканад** кӯҳсорро. (73) (саҳаргаҳ, бифканад )
3. Ҳар кӣ ӯ густохи он **даргоҳ** шавад,
   Узр хоҳад боз чун **огоҳ** шавад. (109) (даргаҳ, огаҳ)
4. **Ногуфта** надорад касе бо ту кор... (133) (нагуфта)
5. Гуфт: Маншин **бадон табоҳкешон**... (140) (бад-он табаҳкешон)
6. То хурад з-он фатиру мирад зор,
   **Накунед** халқро дигар озор. (148) (накунад)
7. Ҳар кӣ номаш барад, **некӯ** гӯяд... (154) (накӯ)
8. Дар бару сар фиганд суфу катон,
   Рост Хоҷа **Носири** бозургон. (155) (Насири)
9. **Даҳони** остин дар ош ниҳод,.. (156) (даҳани)
10. Ба **дунё** ҳар касе бекор гардад... (168) (олам)
11. Ман **акнун** аз мулки хуррам омадам... (230) (кунун)
12. Даст дар горданаш кунад чун тавқ,
    Сару дасташ **бибӯсид** аз сари шавқ. (245) (бибӯсад)
13. **Роҳраве**, равшандиле аз Боязид
    Кард пурсиш: К-эй муроди ҳар мурид! (248) (раҳраве)
14. **Ҳола**, бархез зи ҷо, ғафлати беҷо, то кай? (249) (ҳала)
    Аҷиб ин аст, ки ин калимаро дар луғат низ ба ҳамин шакли ғалат («ҳола») зикр кардаанд.
15. Давраи **Аҳмадшоҳию** Акбарӣ. (250) (аҳмадшаҳию)
16. Сурх аст **бо** хун пову сари сарву суман, вой. (252) (ба)
17. Ин кинаварон боз **бо** найранги дигар, (ба)
    Даранд **фари** фитна **бо** оҳанги дигар. (252) (сари, ба)
18. Хурдию аз ту **гаҳвора** пур аст... (300) (гоҳвора)
19. Киро Рӯдакӣ гуфта бошад мадеҳ,
    Имоми фунуну суханвар бувад.
    Дақиқӣ мадеҳ оварад назди ӯ,
    Чу хурмо ба пеши Ҳаҷевар **барад.** (54) (бувад)
20. Боз оташ дар **ниҳоди** мо **ҷой** гирифт,
    Боз Аҳмад дар ҷаҳон мумтоз шуд. (99) (дили, ҷо)
21. Боз чун орӣ ҳадиси **рафтаро?**
    Кас нагардонад қазои рафтаро? (102) (ҳадиси гуфтаро)
22. Ҳар он ки тухми бадӣ кишту чашмӣ некӣ дошт,
    Димоғи беҳуда **пухта,** хаёли ботил баст. (122) (пухту)

23. Мард дар беша такзанон мерафт,
    Баста дар пушти **худ** нон мерафт. (148) (хеш)
24. Аз падар **кунӣ гар** савол, бирав... (151) (гар кунӣ)
25. Май зи ман **чу ақлро** бистонад,
    Сабаби қурби ман куҷо монад? (153) ( ақлро чу)

**3. Афтодагии овозҳо.** Қавсайну суол дар зер ишора ба ҳало дар мисраъҳост:

1. Эй писар, кам гӯй бо мардум дурушт,
   В-ар бигӯӣ бар ту гардона(?)д пушт. (103)
2. Мунъиме гар (?) кунад тарки закот,
   Дур аз вай бош, то дорӣ ҳаёт. (105)
3. Ҳар кӣ бошад (?) туршрӯй,
   Дӯстон аз вай бигардонанд рӯй. (107)
4. Ҳар ҷо(?) ки офтоб рахшон гардад,
   Пайдо бошад, ки соя пинҳон гардад. (107)
5. Модараш дар ҷаст ӯро баргирифт,
   Шир додаш ҳолеву дар (?) гирифт. (108)
6. Миёни ду кас ҷанг чу (?) оташ аст,
   Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст. (120)
7. Ҳама авбошу муфсид (?) ӯ пок,
   Покашон қалбу қалбашон нопок. (140)
8. Ҳар кӣ атвори неку бад гирад
   Ҳама аз ҳамнишин(?) х(в)ад гирад. (140)
9. Шуда аз сарди(?) дай афсурда,
   Сард з-он сон, ки гӯиё мурда. (141)
10. Ки аз он мева гар хура(?)д эшон,
    Зинда гарданд, ҷон баранд эшон. (144)
11. Гуфт меҳтар ба мардуми хона;
    К-ин (?) мард кист – девона? (148)
12. Ҷамъи фозилнажоду донишвар,
    Сар ба сар фозилони(?) кишвар. (152)
13. Агарчи рӯи ту хуршедвор ҷилванамост,
    Сиёҳрӯи (?) шабҳои торро чӣ кунам? (159)
14. Гирифтам ин ки шаб аз май даме биёсоям,
    А(?)ссабоҳ балои хуморро чӣ кунам? (159)

15. Сӯхт аз дарди ҷудоӣ дил ба ум(?)еди висол... (160)
16. Шоҳо, зи ман (?) гарон чӣ бар хоҳад хост? (207)
17. ... Духтаракони ба мис(?)ли парӣ? (233)
18. Дид сӯи ман (?), ларзонам чу бед... (248)
19. Надонам (?) куҷо шабхун зада гург
    Вале донам, ки нолад ошноe. (252)
20. Одамони оддии (?) кӯҳсор... (278)
21. Ҳар киро ёру дӯст бисёр аст,
    Ҳар кадомаш муносиб(?) ёр аст. (298)
22. Гумон дорӣ фақат аз туст сарсабзии (?) мо,
    Ҳазор оҳангу рангу бӯ, ҳавои нашъаноки мо. (298)

**4. Афзудани ҳарфу калимаҳо.**

1. Модареро тифл дар об уфтод,
   Ҷони модар дар **тафту** тоб уфтод. (108) (табу)
2. Подшоҳе писар ба мактаб дод,
   Лавҳи **симинаш** бар канор ниҳод. (115) (симин- ш)
3. **Чун** кам хӯрдан табиат шуд касеро,
   Чу сахтӣ пешаш ояд, саҳл гирад. (116) (чу)
4. Тавон шинохт ба як рӯз дар шамоили мард,
   Ки то **куҷояш расидааст** пойгоҳи улум. (121)
   (куҷош расидаст)
5. То тавонӣ даруни **касе** махрош... (130) (кас)
6. Ӯ **барҷо** монду рафт хар ба сақар... (141) (ба ҷо)
7. **Некӣ** бо бад бубин чӣ суд овард,
   Суд бин, к-аз хараш фуруд овард. (142) (нек)
8. Уқдаи баҳсро чунин букшод,
   Ки зи ҳар гӯша хост **раҳматобод**. (152) (раҳмат бод!)
9. Бода бо он ки гармбозор аст,
   Судаш андак **зиёнаш** бисёр аст. (153) (зиён- ш)
10. Ки бизан теғро **бар** гардани ман,
    Сари Ҳотам ҷудо кун аз тани ман. (154) (ба)
11. Ба ихтиёр тавонам, ки **рози дил накшоям**,
    Фиғону нолаи беихтиёрро чӣ кунам? (159)
    (роз накшоям)
12. Ӯ **нарезондааст** хуни нофи худ... (229) (нарезондаст)

13. Пӯсти рӯбоҳу палангон гирифт,
Ҳосили бечораи **деҳқонон** гирифт. (233) (деҳқон)
14. Қиссаҳо ширинтар аз шаҳду шакар,
**Нағмаҳои** ҷонбахш аз боди саҳар. (248) (нағмаҳо)
15. Аз **мардумони** кӣ оқилтар аст? (67) (мардумон)
16. Ҳазар намой аз он нолаи саҳаргоҳӣ,
Ки гар ба кӯҳ занад, **равзанае** дар он созад. (73) (равзане).
Бояд гуфт, ки таҳиягарон ин калимаро дар луғат низ ба гунаи «равзана» овардаву шарҳ додаанд.
17. Сад сол дар оташам агар **маҳал** бувад,
Он оташи сӯзанда маро саҳл бувад.
Бо мардуми ноаҳл мабодо сӯҳбат,
Аз марг **бадтар** сӯҳбати ноаҳл бувад. (74)
(маҳл, батар)
18. Дода ба қалам қарори давлат,
**Теғи** омада ёри ғори давлат. (93) (теғ)
19. Чун салобат **ӯ** дар вуҷуди шаҳ шавад,
Дасти мирон аз ситам кӯтаҳ шавад. (102) (салобат дар)
21. Маърифат дорӣ, гиреҳ дар **заҳр** мабанд,
Чун расад меҳмон ба рӯяш дар мабанд. (105) (зар)

Чӣ гӯям, ки ин гуна ғалатхонию ғалатнависиҳоро метавон дар ҳар саҳифаи китоби мавриди назар пайдо кард. Ба сабаби ноошноӣ бо мутуни куҳан таҳиягарон дар ҳар саҳифа ба чандин хато роҳ додаанд. Инак чанд намунаи дигари ғалатҳо бо тасҳеҳаш:

Ба тамъи обшихур – ба тамаъи обишхур (94), мушбаъ-мушаббаъ (95), манозилат – мунозалат (95), чашм истиқрор – чашми истиқрор (95), ба куштани мор тақриз кунам – таҳриз кунам (95), риштаи гарон фитрат – риштагарони фитрат (92), Умар ибни Алхаттоб – Умар ибн-ул-Хаттоб (80), пия – пиҳ (81) ва мисли ин ғалатҳои дигар.

Ин ғалатнависиҳоро таҳиягарон дар истинсохи ашъори шоирони имрӯз низ бо «маҳорати тамом» ба кор бурдаанд, ки намунаашро дар матни рубоиҳои шоир Гулназар мебинем. Эшон аз 14 рубоии шоир, ки дар китоб ҷой додаанд,

дар 10 маврид ба ғалат роҳ додаву вазну маънии офаридаҳои табъи суханварро хароб кардаанд. Инак, он намунаҳои ғалат:

1. Аз оташи **ҷони** ту гуфтам, гуфтам (ҷонии)
2. Аз сӯзи **ниҳони** ту гуфтам, гуфтам (ниҳонии)
3. Эй **суруди** (?) садои ман, ту овозам деҳ.
4. Оне ки **рабудаи** зи ман бозам деҳ. (рабудаӣ)
5. Ширин нашавад зи шаҳду **шакар**, ҳуш дор. (шаккар)
6. **Саде** ба раҳи нафс ба по бояд кард. (садде)
7. Аз рубоии зайл калимаи «бод!» афтодаву вазнро хароб кардааст. Инак онро айнан нақл кардаву баъдан шакли дурусташро зикр мекунам:

Пинҳони ман аз аёни ту хуштар,
Хомӯшии ман аз баёни ту хуштар.
Фарёди баланду ҳиммати паст чӣ суд?
Эҳсони ман аз они ту хуштар.

Дурусташ ин аст:

Пинҳони ман аз аёни ту хуштар бод,
Хомӯши ман аз баёни ту хуштар бод!
Фарёди баланду ҳиммати паст чӣ суд?
Эҳсони ман аз азони ту хуштар бод!

8. Номи туву номи ман намонад, эй дӯст,
**Ҳаёти** ману туро кӣ хонад, эй дӯст.

Ҳайронам, ки чӣ гуна мешавад «ҳазён»-ро «ҳаёт» хонд, ки он ҳам ба ҳамин хат асту борҳо чоп шудааст.

9. Аз мисраи зер ҳиҷое афтодааст:
Умри ту хуш (?) гузарад, ҷон ватанам!

10. Дар мисраи зер калима тағйир хӯрдааст:
Ошиқ ба **ҳаваси** марғзорони туам... (285- 286)

**5. Шарҳи луғот.** Дар ин боб ба падидаҳои аҷибтаре метавон бархӯрд, ки ҳама аз «маҳорат»-у «сухандонӣ»-ю

«маънишиносӣ»-и таҳиягарони китоб сар задаанд. Инак, ба чанд намуна аз ин аҷоибуллуғот таваҷҷуҳ фармоед:

1. **Мало афтодааст** – ба маънии ошкор шудани сир омадааст. (36)
2. **Ақлу нуқл** – аввал андеша кун, ақлатро кор фармо, баъд сухан гӯй, нақл кун. (41)
3. **Чашми хирад** – ба маънои бофаросат, боақлу заковат. (49)
4. **Мутаҳайир** – ҳайрон шудан, ба ҳайрат омадан... (64)
5. **Ҳайл** – макру ҳила. (96)
6. **Амри наҳӣ** – амри манъ кардан, боздоштан. (99)
7. **Чашми сар** – бофаросат, бо ақлу тамиз. (99)
8. **Суннати хайр- ул- башар** – расми одамони нек. (106)
9. **Козиб** – дурӯғ. (108)
10. **Таҳйири тифл** – дар халосии тифл, кӯдак. (111)
11. **Оҳаки тафта** – оҳаки ҳанӯз нагудохташуда(?) (119) Маълум нашуд, ки «нагудохташуда» аз кадом забон бошад.
12. **Мушк ё абир** – навъи растаниҳои(?) хушбӯй. (126)
13. **Иршод** – раҳнамоӣ намуд, равшан гардонид. (144)
14. **Миёни ҳоил** – бешаи хавфнок, ҳавлнок. (149)
15. **Фисурд** – сахт шуд. (249)
16. **Ҳола** – тез шав, бархез. (251)

Тавре ки дида мешавад, шориҳон аксаран исмро ҳамчун феъл ва феълро ҳамчун исм шарҳ додаанд ва он ҳам ғалат.

Ин буд ҳиссае чанд аз «эҷодкориҳо»-и таҳиягарони китоби «Адабиёти тоҷик» барои синфи 5. Дар ин мухтасар ба ғалатҳои ҷузъӣ, аз ҷумла аломатгузории мутун, ки низ иштибоҳоте дар зимн дорад, даст назадем ва намунаҳоро ба гунае ки чоп шудаанд, пешорӯи хонанда овардем, то худ қазоват фармояд, ки воқеият чист.

Вақте ки дар саҳифаи аввали китоб ба ҷумлаи зайл вомехуред, дар ҳайрат хоҳед монд: «Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст». Баъди мутолиаи китоб чун ба ин ҷумла бармегардед, дилатон сард хоҳад шуд, аммо чӣ илоҷ?! Дар воқеъ ҳар кӣ ба

дидаи инсоф ба ин силсилаи ғалатҳо нигарад, дилаш аз мактабу маориф хоҳад монд ва ба ҳоли устодону шогирдони мактаби миёна хоҳад гирист. Ҳайф аст, ки тақдири ояндагони миллат ба дасти нокордидагон, ки натиҷаи корашон ба ҷуз афсӯс нест, супурда шавад. Фардо аз ин шогирдон чӣ тақозо метавон дошт, чун роҳбаладашон хатокор аст?! Дареғ аст, ки маблағҳои зиёди давлат барои чопи чунин ғалатномаҳо масраф шаванд. Вақт аст, ки Вазорати маорифи ҷумҳурӣ барои ҷуброни иштибоҳи худ ҳарчи зудтар ин китобро аз китобхонаҳои мактабҳо ва рафи фурӯшгоҳҳо барчинад ва ба бойгонии таърих биспорад ва ҳамзамон китобе нав бо тасҳеҳи мутун ба дасти хонанда бирасонад. Дар акси ҳол вой бар ҳоли мактабу маориф ва ояндаи насли наврас бояд гуфт, зеро ба гуфтаи маъруф:

Тарсам, нарасӣ ба Каъба, эй аъробӣ,
Ин раҳ ки ту меравӣ, ба Туркистон аст!

# МУНДАРИҶА


Дар пайи нигоҳ ва ҳарфи хоса.................................... 3
Суханшинос наӣ ........................................................ 6
Шеъри дарду ишқу зебоӣ ......................................... 12
Шоирӣ ҳунармандист................................................ 20
Қалами сабзи пайкари шеър ..................................... 28
Шоиру шеъре агар ҳаст............................................. 36
Саҳл магиред суханофарӣ ........................................ 50
Пироҳани сабзи баҳор............................................... 59
Намозу саҷдаву дуъову шоире.................................. 68
Шеър бояд гуфт, дигар шеър бояд гуфт................... 75
Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан............................ 93
Ҳофизозорӣ............................................................. 101
Хӯшаи нуронии шеър.............................................. 127
Хат ғалат, маъно ғалат, имло ғалат, иншо ғалат ... 134
Ҷабр бар овозҳо ..................................................... 149
Ҳарчи дуруст аст, ҳамон афзал аст......................... 155
Оростатар, ҳар он чи перостатар ............................ 166
Сухан рӯдакивор некӯ бувад .................................. 175
Ҳунар худ бигӯяд, на соҳибҳунар........................... 197
Дар фикри он мабош, ки мазмун намондааст........ 219
Шаҳрёри кишвари зебои шеър................................ 233
Шеъре, ки дилкаш аст ............................................. 244
Баъзе аз вижагиҳои вазни ашъори Рӯдакӣ............. 250
Суханро зеваре бояд................................................ 256
Ҳайфи зар бошад ба дасти мисгарон...................... 270

**Мубашшир АКБАРЗОД**

**СУХАН З-ОСМОНҲО**
**ФУРУД ОМАДАСТ**
(Маҷмӯаи мақолаҳо)

Муҳаррири ороиш Р. Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М. Саидова
Ҳуруфчини компютер Т. Одинаева
Мусаҳҳеҳ З. Неъматова

Ба матбаа 15.12.2008 таҳвил гардид. Чопаш 18.12.2008 ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 17,0. Адади нашр 1000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а